ISSN 2074-1847

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**2022. № 6**

---

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

**2022. № 6**

---

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

**2022. No. 6**

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2022**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Муассиси маҷалла:**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Маҷалла соли 1990 таъсис ёфтааст.**



**САРМУҲАРРИР:**

*Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт* – *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** – *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Точикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Исмонов Кароматулло** – *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**ҲАИАТИ ТАҲРИРИЯ:**

***07.00.00 – Таърих ва археология***

**Акрамов Зикриё Иномович** – *Доктори илмҳои таърих, профессор*
**Искандаров Қосимшо** – *Доктори илмҳои таърих, профессор*
**Якубов Юсуфшоҳ** – *Доктори илмҳои таърих, профессор, академики АМИТ*
**Расулиён Қаҳҳор** – *Доктори илмҳои таърих, профессор*
**Мирзоев Ниёз Мирзобадалович** – *Доктори илмҳои таърих, профессор*
**Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** – *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
**Самиев Холмаҳмад Давлатович** – *Номзади илмҳои таърих, дотсент*
**Шарипов Раҳмоналӣ Ятимович** – *Доктори илмҳои таърих, профессор*

***09.00.00 – Фалсафа***

**Қурбонов Абдураҳмон Шерович** – *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Идиев Хайриддин Усмонович** – *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ*
**Олимов Кароматулло** – *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики АМИТ*
**Раҳимов Мухсин Ҳусейнович** – *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
**Ахмедов Саид** – *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*

***13.00.00 - Педагогика***

**Иматова Лутфия Маҳмадиллоевна** – *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**Файзализода Ҷумахон Хол** – *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**Раҷабзода Маҳмадулло** – *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**Ҳоҷиматова Гулчехра Масаидовна** – *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
**Мухамметов Гапур Бабаевич** – *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*



*Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*
*Дар маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои таърих, фалсафа ва педагогика барои чоп қабул мегарданд. Маҷалла мақолаҳои илмии муаллифонро аз рӯи ихтисосҳои зерин барои чоп қабул менамояд:*
***Таърих ва бостоншиносӣ:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15*
***Фалсафа:*** *09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14*
***Педагогика:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*
*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*
*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.*
*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.** – 2022. – №6
ISSN 2074-1847
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №180/МҶ-97, аз 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41



© ДМТ, 2022

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Учредитель журнала:**
**Таджикский национальный университет.**
**Журнал основан в 1990 г.**

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:**

***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета*

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** – *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета*

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА*:***

**Исмонов Кароматулло** – *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ**:

***07.00.00 – История и археология***

**Акрамов Зикриё Иномович** – *Доктор исторических наук, профессор*
**Искандаров Косимшо** – *Доктор исторических наук, профессор*
**Якубов Юсуфшох** – *Доктор исторических наук, профессор, академик НАНТ*
**Расулиён Каххор** – *Доктор исторических наук, профессор*
**Мирзоев Ниёз Мирзобадалович** – Доктор исторических наук, профессор
**Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** – *Доктор политических наук, профессор*
**Самиев Холмахмад Давлатович** – *Кандидат исторических наук, доцент*
**Шарипов Рахмонали Ятимович** – *Доктор политических наук, профессор*

***09.00.00 – Философия***

**Курбонов Абдурахмон Шерович** – *Доктор философских наук, профессор*
**Идиев Хайриддин Усмонович** – *Доктор философских наук, профессор,член-корр НАНТ*
**Олимов Кароматулло** – *Доктор философских наук, профессор, академик НАНТ*
**Рахимов Мухсин Хусейнович** – *Доктор философских наук, профессор*
**Ахмедов Саид** – *Доктор философских наук, профессор*

***13.00.00 – Педагогика***

**Иматова Лутфия Махмадиллоевна** – *Доктор педагогических наук, профессор*
**Файзализода Джумахон Хол** – *Доктор педагогических наук, профессор*
**Раджабзода Махмадулло** – *Доктор педагогических наук, профессор*
**Ходжиматова Гулчехра Масаидовна** – *Доктор педагогических наук, профессор*
**Мухамметов Гапур Бабаевич** – *Доктор педагогических наук, профессор*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016, №1925.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки и научным специальностям:

***История и археология:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15*
***Философия:*** *09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14*
***Педагогика:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
– 2022. – № 6
ISSN 2074-1847
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство № 180/ЖР-97 от 19.02.2021г.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

**© ТНУ, 2022**

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Founder of the journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 1990.**

**CHIEF EDITOR:**

| | |
|---|---|
| ***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** | *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University* |

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo** | *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD**:

***07.00.00 - Historical Sciences and Archeology***

| | |
|---|---|
| **Akramov Zikriyo Inomovich** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Iskandarov Kosimsho** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Yakubov Yusufshoh** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Rasulien Kahhor** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Mitzoev Niyoz Mirzobadalovich** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor* |
| **Samiev Kholmakhmad Davlatovich** | *Candidate of Historical Sciences, Associate Professor* |
| **Sharipov Rakhmonali Yatimovich** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |

***09.00.00 - Philosophical sciences***

| | |
|---|---|
| **Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** | *Doctor of Philosophical sciences, Professor* |
| **Idiev Khairiddin Usmonovich** | *Doctor of Philosophical sciences, Professor* |
| **Olimov Karomatullo** | *Doctor of Philosophical sciences, Professor* |
| **Rakhimov Mukhsin Khuseinovich** | *Doctor of Philosophical sciences, Professor* |
| **Akhmedov Said** | *Doctor of Philosophical sciences, Professor* |

***13.00.00 - Pedagogical sciences***

| | |
|---|---|
| **Imatova Lutfiya Makhmadilloevna** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Faizalizoda Jumakhon Khol** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Rajabzoda Mahmadullo** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Hojimatova Gulchehra Masaidovna** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Mukhammetov Gapur Babaevich** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1925.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science and scientific specialties:

**History and archeology:** 07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15

**Philosophical sciences:** 09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14

**Pedagogical sciences:** 13.00.01, 13.00.02, 13.00.08

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik and Russian languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin**
**of the Tajik National University.**
– 2022. – №6

ISSN 2074-1847

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

**The journal is being prepared for publication**
**in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ

УДК:13.41

# АМИРОНИ ЭЛКОНӢ ВА ҲУКУМАТИ ОНҲО


*Саидов Абдуқаҳҳор*

**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ**


Пас аз сукути давлати Элхониҳо дар қисмҳои гуногуни мамлакат ҳукуматҳои маҳаллии зиёди мустақил ва ниммустақил ба вуҷуд омаданд, ки барои тахту мансаб бар зидди ҳамдигар мубориза мебурданд. Яке аз чунин ҳукуматҳои маҳаллӣ амирони силсилаи Элконӣ буданд.

Асосгузори силсилаи Элкониён ё оли Ҷалоир Шайх Ҳасан ибни амир Ҳусайн ибни Оқбуқо ибни Элкон нуйони ҷалоир буда, бо номи Шайх Ҳасани Бузург маъруф аст. Падари Шайх Ҳасани Бузург амир Ҳусайни Гуракон буд, ки ӯ бо духтари Арғунхон издивоҷ намуд. Бобои Шайх Ҳасани Бузург аз қабилаи Ҷалоир буда, Элкон нуйон ном дошт, аз ин хотир ин силсиларо Элкониён ё оли Ҷалоир ном мебаранд.

Султон Абусаъид духтари амир Чӯпон - Бағдодхотунро, ки завҷаи Шайх Ҳасани Бузург буд, маҷбуран ба никоҳи худ даровард. Пас аз вафоти султон Абусаъид Шайх Ҳасани Бузург барои интиқоми худро аз ӯ гирифтан ҳамсари маҳбуби султон Абусаъид - Дилшодхотунро ба худ никоҳ кард [10,с. 295].

Дар ин муддат амир Темуртош писари амир Чӯпон дар Миср кушта шуд. Писари Темуртош амир Шайх Ҳасан маъруф ба амир Шайх Ҳасани Кучак соли 738 ҳ.қ. / 1337-1338 ғуломи туркеро, ки ба Темуртош шабоҳати зиёд дошт, Темуртош (Темуртоши дурӯғин) ном гузошт. Чӯпониён ва амирони қабилаи ойрат дар атрофи ӯ ҷамъ омада, бар зидди Шайх Ҳасани Бузург, ки дар Озарбайҷон буд, лашкар кашида, бар ӯ ғолиб омаданд. Темуртоши дурӯғин хост аз итоати Шайх Ҳасани Кучак баромада, мустақил шавад, вале оқибат Шайх Ҳасани Бузург ӯро мағлуб намуда, бо амирони қабилаи ойрат ба Бағдод фирор намуд. Шайх Ҳасани Бузург дар Султония қарор гирифт.

Чун кори амир Шайх Ҳасани Кучак бо Темуртоши дурӯғин натиҷае надод, ӯ қарор дод, ки ба Гурҷистон рафта, духтари Улҷойту султон -шоҳзода Сотибекро, ки дар ибтидо ҳамсари амир Чӯпон буд, ба салтанат бардошта, аз писари ӯ Суюрғон низ истифода барад. Ҳамин тариқ, соли 739 ҳ.қ. / 1338-1339 ӯ шоҳзода Сотибекро ба салтанат шинонда, хутба ва сикка ба номи ӯ кард. Ӯ хост, ки бо мадади шоҳзода Сотибек бар зидди амир Шайх Ҳасани Бузург лашкар кашад, вале миёни онҳо сулҳ баста шуд. Пас шоҳзода Сотибек ва Шайх Ҳасани Кучак ба Озарбайҷон ва Аррон рафтанд ва Шайх Ҳасани Бузург дар Султония монд [2,с. 69-73; 8,с. 919; 3,с. 170-171; 5,с. 545-547; 9, с.227-228].

Амир Шайх Ҳасани Бузург ба сулҳи Шайх Ҳасани Кучак ва Чӯпониён эътимоди зиёд надошт ва гурӯҳи амиронашро назди Тағо Темур ба Хуросон фиристода, даъват кард, ки ба Ироқ омада, ба тахт нишинад. Тағо Темур ба Ироқ омад, вале бо Шайх Ҳасани Бузург муносибати сард намуд. Дар ин ҳангом шоҳзода Сотибек, Суюрғон ва Шайх Ҳасани Кучак аз Аррон ба Уҷон омаданд ва Темуртоши дурӯғинро пеши онҳо оварда, ба қатл расонданд.

Шайх Ҳасани Бузург аз соли 740 ҳ.қ. / 1339-1340 то соли 757 ҳ.қ. / 1356 дар Ироқи араб ҳукмронӣ намуд. Аз сабаби он ки аз ҷониби модар бо Элхониён алоқаманд буд ва ҳамсари собиқи султон Абусаъидро ба никоҳаш дароварда, худро олимақом шуморида, ба ҳар кас сар намефаровард.

Ӯ дар давоми ҳукмронии худ борҳо бар зидди Шайх Ҳасани Кучак ва ҷонибдорони ӯ лашкар кашида, баъзан мағлуб ва баъзан комёб мегашт ва билохира ба ӯ муяссар гардид, ки ба асоси давлати ин хонадон поя гузорад.

Дар муддати ҳабдаҳ соли салтанати мустақили Шайх Ҳасани Бузург дар Ироқ аксари умурро ҳамсари ӯ Дилшодхотун идора мекард. Ин зан дар Бағдод ба тарбияи шуаро ва ободии шаҳр кӯшиши зиёд ба харҷ дода буд. Агар Шайх Ҳасани Бузург ба асоси давлати ин хонадон поя гузошта бошад ҳам, вале минбаъд фарзандони ӯ барои вусъати мамлакат ва эътибори низомиву сиёсии он чандон кӯшиш накарданд. Шуҳрати ин силсила бештар ба шеърдӯстӣ ривоҷ ёфтааст. Дар ин давра чанде аз шоирон, мисли Хоҷа Ҳофиз, Хоҷа Муҳаммади Исор, Шарафуддин Ромӣ, Хоҷа Ҷамолиддин Салмони Соваҷӣ, Убайди Зоконӣ ва дигарон дар арсаи адабиёт ба эҷодиёт машғул гашта, аксари ин шоирон дар мадҳияҳояшон хонадони Элкониро тавсиф намуда, онро маъруф сохтанд [1,с. 455-456].

Амир Шайх Ҳасани Бузург моҳи раҷаби соли 757 ҳ.қ. / июл-августи соли 1356 аз сабаби беморӣ дар Бағдод вафот кард [2,с. 90; 5, с.570; 9,с. 238].

Баъди вафоти Шайх Ҳасани Бузург писари ӯ султон Увайс (1356-1374), ҷойгузини ӯ гардид. Модари султон Увайс Дилшодхотун буд ва ҳангоми ба ҷойи падар нишастан, ҳудуди 19 сол дошт. Султон Увайс пас аз амир Шайх Ҳасани Бузург яке аз умарои машҳури хонадони Элконӣ ба шумор мерафт. Ӯ дар Ироқи Араб қарор гирифта, Диёрбакрро бо навоҳияш зери тасарруфи худ овард.

Баҳори соли 759 ҳ.қ. / 1358 султон Увайс бо сипоҳи анбуҳе аз Бағдод ба Озарбайҷон, ки Ахиҷуқ онро забт намуда буд, лашкар кашид. Байни онҳо задухӯрди шадид сар зад, ки дар натиҷа лашкари султон Увайс ғолиб омад. Пас султон Увайс ба Табрез омада, дар мавзеи Рубъи Рашидӣ қарор гирифт ва амирони Малик Ашраф ва сипоҳиён дар атрофи ӯ ҷамъ омаданд. Баъзе аз амирони Малик Ашраф хостанд, ки бар зидди султон Увайс суиқасд ташкил намоянд. Султон Увайс аз ин огоҳ гардида, моҳи рамазони соли соли 759 ҳ.қ. / август-сентябри соли 1358 чилу ҳафт амирро ба қатл расонд. Ахиҷуқ, ки дар Нахчавон буд, ин хабарро шунида, бо умарои боқимонда ба Қаробоғ ва Аррон фирор намуд. Султон Увайс амир Алӣ Пилтанро бар зидди онҳо фиристод, вале туркманҳои Қаробоғ ба лашкари Ахиҷуқ пайвастанд ва дар натиҷа лашкари амир Алӣ Пилтан мағлуб гардид. Султон Увайс, ки дар ин замон лашкари ӯ пароканда буд, ночор озими Бағдод гардида, сипоҳиёни Ахиҷуқ дар Табрез ба зулму ғорати аҳолӣ машғул шуданд ва пас он бо лашкари зиёд барои ғорати Курдистон раҳсипор гардиданд [2, с.298-299; 3,с. 316-317; 5, с.570-571; 9, с.239].

Баҳори соли 760 ҳ.қ. / баҳори соли 1359 амир Мубориздиддин аз Шероз ба Озарбайҷон лашкар кашид ва Ахиҷуқро мағлуб сохта, вориди Табрез гардид ва баъди чанде омадани султон Увайсро шунида, бе муқовимат аз Табрез берун шуд ва султон Увайс вориди Табрез гардид [2, с.302-305; 5,с. 571; 9,с. 240]. Пас аз ин Озарбайҷон, Аррон ва Муғон зери тасарруфи Элкониён даромада, ҳудуди қаламрави онҳо хеле васеъ гардид.

Дар соли 762 ҳ.қ./ 1360-1361 дар Табрез ба султон Увайс хабар расид, ки Темуртош писари Малик Ашраф мехоҳад бар зидди ӯ фитна хезонад. Султон Увайс бо андешаи он ки дар оянда барои ӯ муддаӣ пайдо нашавад, ба Хазаршоҳ фармуд, ки Темуртошро дастгир намуда, назди ӯ фиристад. Бо амри султон Увайс Темуртош ба қатл расонда шуд [2,с.322-323; 5; с.571-572].

Дар аввалҳои соли 766 ҳ.қ. / 1364 султон Увайс хост, ки ба Қаробоғ равад, вале ногоҳ хабар расид, ки ҳокими Бағдод Хоҷа Мирҷон исён бардоштааст. Пас озими Бағдод шуд. Хоҷа Мирҷон ва Кайхусрав аз омадани онҳо бохабар шуда, барои дар Бағдод монеа ба вуҷуд овардани лашкари султон Увайс садҳои Даҷларо кушоданд. Ҳокими шаҳри Восит Қаромуҳаммад, ки яке аз мулозимони султон Увайс буд, ба мадади ӯ 500 киштӣ фиристод. Султон Увайс ба воситаи ин киштиҳо

аз об гузашта, ба Бағдод омада, онро зери тасарруфи худ овард ва Хоҷа Мирҷонро дастгир намуд. Ӯ бисёре аз амирони исёнгарро ба қатл расонд. Пас Султоншоҳи Хозонро волии Бағдод таъин намуда, ба Табрез рафта, пас аз чанде ба Бағдод баргашт [2, с.389-392; 5, с.572-574; 9, с.240-241]. Дар соли 772 ҳ.қ. / 1370-1371 султон Увайс бар зидди амир Валӣ, ки ҳокими Астаробод буд, лашкар кашида, ӯро мағлуб намуд.

Соли 774 ҳ.қ./ 1372-1373 амир Валӣ бо лашкари зиёде аз Мозандарон озими Рай гашт [2,с. 463-464; 8, с.954; 5,с. 574-576; 9, с.241]. Ӯ Соваро забт намуда, духтари ҳокими он Мубоякшоҳро ба никоҳи худ даровард [2, с.483-484; 5, с.576-577; 9, с.241-242].

Дар охири соли 775 ҳ.қ. / 1374 бо амри султон Увайс мансаби волии Бағдод ва соири Ироқи Араб ба Хоҷа Сарвар вогузор гардид. Соли 776 ҳ.қ. / 1374-1375 сатҳи оби рӯди Даҷла боло рафта, Бағдодро хароб намуд ва қариб 40000 нафар зери девор монда, фавтиданд. Дар Бағдод ғайр аз иморатҳои баланд дигар осоре намонд. Хоҷа Сарвар аз алами вайронии шаҳр ва ғусса ранҷур гашта, оламро тарк намуд ва султон Увайс ҳукумати Ироқи Арабро ба амир Ваҷеҳуддин Исмоил писари амир Зикриёи вазир супорид [2,с. 489; 5, 577; 9, с.242]. Амир Ваҷеҳуддин барои ободи Бағдод кӯшиши зиёде карда, шаҳрро аз сари нав обод намуд.

Султон Увайс қарор дод, ки Соваро аз зери тасарруфи амир Валӣ озод намояд ва бо ин мақсад моҳи рабеъ-ул-охари соли 776 ҳ.қ. / сентябр-октябри соли соли 1374 аз Табрез ба иморати Рубъи Рашидӣ рафт, вале дар охири моҳи рабеъ-ул-охари соли 776 ҳ.қ. / аввалҳои октябри соли 1374 дар он ҷо ба бемории шадид гирифтор шуда, ҳис намуд, ки ба ҳаёташ рӯзҳои башумор мондааст. Ӯ бо амирон ва аркони давлат дар бораи салтанат ва умури мамлакат машварат карда, гуфт, ки салтанат ба писари хурдиаш Ҳусайн тааллуқ дорад ва ҳукумати Бағдод ба Шайх Алӣ ибни Муҳаммад дода шавад. Ҳозирин гуфтанд, ки шайх Ҳасан писари бузургтар аст ва ба сари ҳукумат омадани Ҳусайнро таҳаммул намекунад. Султон Увайс ҳалли ин масъаларо ба амирон супорид ва онҳо шайх Ҳасанро занҷирбанд намуда, ба ҳабс гирифтанд.

Султон Увайс шаби 2 моҳи ҷумоди-ул-аввали соли 776 ҳ.қ./ 9 октябри соли 1374 вафот кард ва худи ҳамон шаб шайх Ҳасанро ба қатл расонда, султон Увайсро дар атрофи Шервон ва шайх Ҳасанро дар иморати Димашқия дафн намуданд [2, с.489-490; 5, с.577-578; 9, с.242].

Султон Увайс шахси шеърдӯст ва ободгар буд ва барои ривоҷи роҳи тиҷорат байни Табрезу шаҳру мамолики ҳамҷавор кӯшиши зиёд ба харҷ дод. Ӯ дар Табрез иморатҳо сохт, ки яке аз онҳо Давлатхона ном дошт, ки он аз 20000 утоқ ва манзилгоҳ иборат буд. Дар замони ҳукмронии ӯ шоирони зиёде фаъолият дошта, шеърҳо эҷод мекарданд.

Пас аз фавти султон Увайс писари ӯ султон Ҳусайн (1374-1382) ҷойи падарро ишғол намуд [4,с. 96]. Дар ин замон байни Элкониён ва қабилаҳои туркмани Қароқуйюнлу низоъ сар зад, ки оқибат он бо сулҳ анҷомида, тибқи он туркманон ҳар сол ба султон Ҳусайн бист ҳазор гӯсфанд пешкаш менамуданд. Дар байни амирони султон Ҳусайн Одил оқо нуфуз ва қудрати зиёде дошт ва гурӯҳе аз амирони дигари султон бар зидди ӯ бархестанд. Пас Одил бо ҳамроҳии ҳокими Ҳамадон Шоҳмансур бар зидди амирони саркаш бархеста, онҳоро ба қатл расонд [2, с.536-541; 5, с.579-582].

Соли 780 ҳ.қ./ 1378-1379 бо иғвои шоҳзода Шайх Алӣ бародари султон Ҳусайн ҳокими Бағдод амир Исмоил писари амир Зикриё ва амир Масъуд кушта шуданд. Хоҷа Зикриё дар Табрез хабари марги писар ва бародарашро шунида, хеле ғамгин гашт, вале султон Ҳусайн ба ҷойи Шайх Алиро сарзаниш кардан, ҳукумати Бағдодро ба ӯ супорид. Шайх Алӣ ҳокими Шуштар хоҷа Пиралии Бодикро ба Бағдод даъват намуда, идораи умури мамлакатро ба зиммаи ӯ вогузор

намуд ва дере нагузашта, онҳо аз итоати султон Ҳусайн баромада, Ироқи Арабро тасарруф карданд.

Соли 782 ҳ.қ. / 1380-1381султон Ҳусайн ва Одил оқо барои ҷазо додани Шайх Алӣ аз Табрез озими Бағдод шуданд. Шайх Алӣ ин хабарро шунида, ҳамроҳи хоҷа Пиралии Бодик ба Шуштар рафт. Султон Ҳусайн дар Бағдод қарор гирифт ва Одил оқо ба таъқиби Шайх Алӣ ва Пиралии Бодик ба Хузистон рафт. Оқибат миёни онҳо сулҳ имзо шуд, ки тибқи он Шайх Алӣ танҳо бо Шуштар қаноат намуда, аз дахолат ба корҳои дохилии Ироқи Араб даст мекашид. Дар охир султон Аҳмад Бағдодро тарк намуда, ба Табрез рафт ва Шайх Алӣ Бағдодро ба даст овард [2, с.567-570; 5, с.582-586].

Соли 784 ҳ.қ. / 1382-1383 султон Аҳмад ба Табрез ҳуҷум намуда, бародараш султон Ҳусайнро дастгир карда, 11 моҳи сафари соли 784 ҳ.қ. / 26 апрели соли 1382 ӯро ба қатл расонд ва соҳиби тахт гардид [8, с.981, 7,с. 706].

Бародари дигари султон Ҳусайн султон Боязид аз ин ҳодиса ба тарс афтода, ба назди Одил оқо ба Султония шитофт. Одил оқо султон Боязидро дар Султония ҳоким таъин намуда, барои саркӯбии султон Аҳмад озими Табрез гардид. Дар ин асно хоҷа Пирзода ва писари дигари султон Увайс Шайх Алӣ низ бо лашкари сершумор озими Табрез шуданд. Султон Аҳмад гурехта, ба Нахчавон рафт ва бо Қаромуҳаммади туркман пайваст гардид.

Дар ин ҳангом шоҳзода Шайх Алӣ ва Пиралии Бодик барои таъқиби султон Аҳмад ба Табрез рафтанд. Қаромуҳаммади туркман ба султон Аҳмад ваъда дод, ки бо душманони ӯ мубориза мебарад, вале дар назди ӯ ду шарт гузошт. Яке он буд, ки султон Аҳмад бо лашкари худ дар ин кор мудохила намекунад ва шарти дувум чунин буд, ки тамоми ғаноими ҷангиро Қаромуҳаммад мегирад. Султон Аҳмад шартҳои Қаромуҳаммадро қабул кард.

Оқибат Қаромуҳаммад ғолиб гашта, шоҳзода Шайхалӣ ва Пиралии Бодикро дастгир намуда, ба қатл расонд ва тамоми амволи онҳоро соҳиб гашт. Пас аз он султон Аҳмад ба Табрез баргашта, сари Пиралии Бодикро пеши Одил оқо ба Султония фиристод.

Султон Аҳмад ва Одил оқо байни ҳам ба чунин қарор омаданд, ки Озарбайҷон дар тасарруфи султон Аҳмад монда, Ироқи аҷамро султон Боязид таҳти ҳимояи Одил оқо ба уҳда мегирад. Ироқи арабро султон Аҳмад ва Одил оқо бо ширкати ҳамдигар идора менамоянд. Баъди ин Одил оқо ба Султония баргашта, писари бародари модараш Турсунро ҳокими Бағдод таъин намуд ва вазоратро ба домодаш хоҷа Қивомуддини Алинҷақӣ супорид. Турсун баробари ба Бағдод омадан, ҳокими он Абдулмалики Тамғоҷиро ба қатл расонд. Султон Аҳмад ин хабарро шунида, аз Табрез озими Бағдод гардид ва Шоҳмансурро, ки дар қалъаи Каровту маҳбус буд, озод карда, ҳамроҳи худ ба Бағдод бурд. Онҳо Турсун ва хоҷа Қивомуддини Алинҷақиро дастгир намуда, ба қатл расонданд. Султон Аҳмад дар Бағдод қарор гирифт ва Шоҳмансурро ҳокими Ҳувайза ва Шуштар таъин кард. Шоҳмансур баъди ба ин вилоят омадан дигар ӯро надид ва аз итоати ӯ берун шуд [2,с. 581-589, 5,с. 587-591].

Дар баҳори соли 785 ҳ.қ. / 1383 байни султон Аҳмад ва Одил оқо низоъ сар зад, ки бо дахолати Шоҳшуҷоъ Одил оқо аз дахолат ба корҳои давлатӣ дур карда шуд ва султон Боязид ҳокими Султония таъин гашта, идораи он ба ихтиёри амирони Шоҳшуҷоъ супорида шуд. Бо ҳукми Шоҳшуҷоъ умарои Табрез бояд мулозими султон Аҳмад гашта, дигар барои машварат назди Одил оқо намерафтанд. Баъди анҷоми ин корҳо Шоҳшуҷоъ ба Хузистон рафт ва султон Аҳмад бошад, ба Табрез бозгашт.

Амирони Табрез аз итоати ба навкарони Шоҳшуҷоъ саркашӣ намуданд ва миёни онҳо мухолифат сар зада, оқибат амирони Шоҳшуҷоъ аз он ҷо фирор намуданд ва султон Боязид дар он ҷо монд. Пас аз чанде Султон Аҳмад ба Султония рафта, қалъаро бе муқовимат гирифт. Ӯ писари дусолаи худ Оқбуқоро

ба ҳукумати Султония таъин карда, зимоми давлатдориро ба ихтиёри шайх Маҳмуди Ҷондор супорид ва Чӯпон Қурчиро, ки аз авлоди хоҷа Алишоҳи Табрезӣ буд, фармондеҳи қалъа таъин намуд. Султон Аҳмад султон Боязидро ҳамроҳи худ ба Табрез бурд [2, с.601-602, 5, с.591-592].

Дар ин асно хабар расид, ки лашкари Темурланг аз Мовароуннаҳр ба Хуросон ворид шудааст. Пас аз як ҳафтаи лашкаркашии Темурланг ба Хуросон фиристодаҳои ӯ ба Табрез омаданд. Султон Аҳмад ин фиристодаҳоро ба Бағдод фиристода, қарор дод, ки бо онҳо дар он ҷо мулоқот намояд. Вақте ки султон Аҳмад озими Бағдод гардид, Одил оқо аз фурсат истифода бурда, ба Султония рафт ва онро зери тасарруфи худ даровард. Дар он ҷо ду ҳазор нафар дар атрофи ӯ ҷамъ омаданд. Султон Аҳмад инро шунида, аз Бағдод ба Табрез баргашт. Амир Валӣ, ки аз хавфи лашкари Темурланг гурехта буд, дар роҳи Гелон бо султон Аҳмад ҳамроҳ гардид.

Дар ин миён баҳори соли 787 ҳ.қ. / 1385-1386 Темурланг амир Аббосро бо чанд амирони дигар ба Султония фиристод ва онҳо қалъаи Султонияро забт намуда, Одил оқоро ҳокими он таъин карда, аз он ҷо берун шуданд. Пас, султон Аҳмад амир Синтойро ҳамроҳи амир Валӣ бар зидди Одил оқо ба Султония фиристод ва онҳо муддати тулонӣ онро ба муҳосира гирифтанд. Пас аз чанде онҳо шуниданд, ки Туқтамишхон аз Дашти Қипчоқ ба Озарбойҷон омадааст ва амир Синтой дарҳол бо панҷ ҳазор сипоҳиёни худ аз муҳосира даст кашида, озими Озарбойҷон шуд.

Ҳокими Дашти Қипчоқ Туқтамишхон бо султон Аҳмад пайваста мукотибот дошт. Темурланг дар ин ҳангом Астарободро забт намуда, дар мавзеи Сори Қамиши Рай қарор гирифта буд ва ин хабар дар Озарбойҷон паҳн гардид. Дар ин вақт қозии Сарой ба рисолат аз назди Туқтамишхон пеши султон Аҳмад мерафт ва ҳангоми ба Дарбанди Боку расидан ин хабарро шунида, ба иттилои Туқтамишхон аз фирори амир Валӣ ва амир Синтой аз Султония ва забти Астаробод аз ҷониби Темурланг расонд ва пайғом дод, ки ӯ бояд Дашти Қипчоқро муҳофизат намояд. Туқтамишхон 50 ҳазор лашкари савораро бо сардории амирони ботаҷрибаи худ ба муҳофизати Дарбанд фиристод.

Қозии Сарой барои адои рисолат ба Бағдод рафт, ки ӯро муғулбачаи зебое ҳамроҳӣ мекард. Султон Аҳмад бо ин муғулбача ишқ варзид ва ин воқеа дар Бағдод паҳн гардид. Қозии Сарой аз ин воқеа ноҳинҷор шуда, нисбат ба султон Аҳмад дар дил адоват пайдо намуд. Вақте ки ӯ назди Туқтамишхон омад, ӯро аз ин ҳодиса огоҳ кард. Туқтамишхон фармон дод, ки султон Аҳмадро дастгир намоянд. Вақте ки лашкариёни Туқтамишхон барои дастгир кардани султон Аҳмад ба Табрез омаданд, султон Аҳмад ва амир Валӣ аз Табрез фирор намуданд ва табрезиён, ки бе ҳоким ва фармондеҳ монда буданд, худашон ба дифои шаҳр бархестанд. Лашкариёни Туқтамишхон шаҳрро ба муҳосира гирифта, пас аз як ҳафта онро забт намуда, амволи мардумро ғорат карда, масоҷиду мадорисро хароб сохтанд [2,с. 627-635; 5, с.592-596].

Соли 796 ҳ.қ. / 1393-1394 ҳангоми ба Бағдод омадани лашкари Темурланг султон Аҳмад ба Ҳалаб фирор намуд. Дар он вақт султон Барқуқ дар Миср фармонфармоӣ мекард ва ӯ султон Аҳмадро ба назди худ ба Миср даъват намуда, пешниҳод кард, ки ӯ бо лашкари сершумори мисриён ба Ҳалаб равад. Султон Аҳмад дар Ҳалаб шунид, ки Темурланг ба ҷанги Туқтамишхон ба Дашти Қипчоқ рафтааст. Ӯ дарҳол мисриёнро бозгардонд ва худаш бо лашкари зиёд роҳи Бағдодро пеш гирифт ва бори дигар Бағдодро зери тасарруфи худ даровард. Ин воқеа дар соли 797 ҳ.қ. / 1394-1395 рӯй дода буд [2, с.796-797; 6, с.244-245].

Дар соли 800 ҳ.қ. / 1397-1398 Темурланг чанде аз амирони худро ба Хузистон фиристод, ки аз муътабартарини онҳо амир Шервон буд. Онҳо чанд муддат Шуштарро ба муҳосира гирифтанд, вале пас аз чанде амир Шервон аз муҳосира даст кашида, бо ҳазор савор озими Бағдод гардида, бо султон Аҳмад пайваст. Ӯ

аслан мақсад дошт, ки султон Аҳмадро дастгир намояд. Амир Шервон бо роҳи тақсими маблағи зиёд амирони султон Аҳмадро фирефта, ба ҷониби худ кашид. Ӯ ҳатто аммаи султон Аҳмад Вафохотунро низ ба иттифоқи худ даровард. Онҳо қарор доданд, ки якҷоя султон Аҳмадро дастгир намоянд. Оқибат султон Аҳмад аз суиқасди онҳо огоҳ гардида, ҳамаашонро ба қатл расонд.

Чун султон Аҳмад дарк намуд, ки ҳама наздиконаш ба ӯ хиёнат карданд ва касони содиқ намондаанд, бо шаш нафар аз маҳрамони худ аз Даҷла гузашта, назди Қароюсуфи туркман рафта, онҳоро ба Бағдод овард ва дар он сӯйи Даҷла манзил дод. Ба онҳо тамоми ашёву амволи заруриро дод, то ки ба ғорати Бағдод даст назананд.

Дар охирҳои соли 802 ҳ.қ. / 1400 хабар омад, ки Темурланг ба сӯйи Севос ҳаракат дорад. Султон Аҳмад аз тарс бо Қароюсуф ва зану фарзанду наздиконаш ба Ҳалаб рафт, вале ҳокими Ҳалаб онҳоро роҳ надод. Султон Аҳмад ва Қароюсуф аз он ҷо озими Рум шуда, назди Йилдирим Боязид рафтанд. Ӯ онҳоро бо хушнудӣ пазироӣ намуд [2, с.892-894; 6, с.342-345].

Соли 803 ҳ.қ. / 1400-1401 овозаи ҳаракати Темурланг бар зидди Йилдирим Боязид пахн гардид ва султон Аҳмад бо ҳамроҳии Қароюсуф аз Рум ба Ироқи Араб омаданд. Аз вақти ба зери тасарруфи Темурланг даромадани Озарбойҷон дар ихтиёри султон Аҳмад танҳо ҳудуди Ироқи Араб боқӣ монд. Баъдтар лашкари Темурланг Бағдодро низ ишғол намуд ва султон Аҳмад ва Қароюсуфи туркман ба Миср рафтанд. То марги Темурланг султон Аҳмад барои аз сари нав баргардондани қаламрави худ ягон иқдоми ҷиддие накард.

Темурланг ҳангоми лашкаркашиаш ба Хуросон писари султон Аҳмад Алоуддавларо бо ҷамъе аз амирони дигар ҳамроҳи худ ба Самарқанд овард. Пас аз фавти Темурланг амирони Ироқ аз Самарқанд озими Озарбайҷон шуда, Алоуддавларо ҳокими худ пешниҳод карданд. Вақти ба наздикии Астаробод расидан, Алоуддавла пинҳонӣ аз дигарон назди Пирподшоҳ, ки шавҳари хоҳари ӯ буд, қосиде фиристода, ба ӯ хабар дод, ки он ҷамоати ба Озарбойҷон сафар дошта, нуқуд ва амволи зиёд доранд ва ӯ бояд ин боигарии онҳоро тасарруф намояд. Пирподшоҳ бо лашкари худ пеши роҳи онҳо баромад. Гурӯҳе аз он ҷамоат гузашта, он чи бо худ доштанд, бурда буданд. Лашкари Пирподшоҳ амволи ҷамоати боқимондаро ғорат карданд. Алоуддавла чанде дар Астаробод монда, пас назди Қароюсуф рафт. Баъд амирони Ироқ ба қароре омаданд, ки Қароюсуф ӯро назди падараш султон Аҳмад фиристанд. Қароюсуф ӯро ба назди худ даъват намуда, гуфт, ки байни ӯ ва султон Аҳмад муносибати дӯстӣ вуҷуд дорад ва ба Алоуддавла лозим аст аст, ки ба хизмати падар ба Бағдод равад, вале зинҳор ба Табрез наравад, зеро дар он ҷо бадхоҳон дар атрофи ӯ ҷамъ омада, фитнаангезӣ менамоянд. Алоуддавла баъди аз назди Қароюсуф берун омадан бо иғвои баъзе аз мардуми бадомӯз ба Табрез рафт. Ҳокими Табрез Ҳоҷӣ Кучак ӯро дастгир намуда, назди Қароюсуф фиристод. Қароюсуф ӯро дар зиндони қалъаи Одил маҳбус кард.

Султон Аҳмад пас аз марги Темурланг ба Бағдод баргашта, ба истеҳкоми он машғул шуд. Замони ба ҷониби Бағдод лашкар кашидани Темурланг султон Аҳмад бисёре аз тилло ва зарри худро дар сандуқҳо андохта, дар ҷое, ки ҳеҷ кас гумон намекард, пинҳон намуда буд ва онҳоро пайдо намуда, ба ободии Бағдод ва истеҳкоми он сарф намуд. Ӯ фиристодаҳои худро ба назди Қароюсуф бо ҳадяҳои зиёд фиристода, дар бораи писараш Алоуддавла, ки маҳбус буд, чизе нагуфт ва пайғом дод, ки дар баҳори оянда, ба ҷиҳати гармоии Бағдод ба яйлоқи Ҳамадон меравад. Қароюсуфро ин пайғоми султон Аҳмад, ки дар бораи писараш чизе нагуфта буд, хуш наомад ва гуфт, ки миёни мо аҳду паймон воқеъ шуда буд, ки қасди мамлакати якдигар накунем ва ман то кунун ин аҳдро вайрон накардаам. Агар ӯ нақзи аҳд кунад, худаш медонад. Қароюсуф ба фиристодаи султон Аҳмад эътино накард [6, с.577-578].

Дар рӯзи 12 моҳи муҳаррами соли 813 ҳ.қ. / 17 майи соли 1410 султон Аҳмад аз Бағдод бо лашкари худ озими Озарбойҷон шуд. Ӯ ба Ҳамадон омада, онро забт намуд ва роҳи Табрезро пеш гирифт. Дар ин вақт Қароюсуф бо ҳокими Арзинҷон ба ҷанг машғул буд. Султон Аҳмад аз фурсат истифода бурда, рӯзи 28 рабеъ-ул-аввали соли 813 ҳ.қ. / 31 июли соли 1410 дар Давлатхонаи Табрез қарор гирифт. Қароюсуф пас аз ғалаба бар ҳокими Арзинҷон хабари ба Табрез ворид гаштани султон Аҳмадро шунида, озими Табрез шуд. Рӯзи 28 моҳи рабеъ-ул-охари соли 813 ҳ.қ./ 31 августи соли 1410 лашкари султон Аҳмад ва Қароюсуф бо ҳам рӯ ба рӯ гаштанд ва байни онҳо задухӯрди шадид сар зад. Дар ин набард Қароюсуф ғолиб гашт ва султон Аҳмад дистгир гардид. Қароюсуф пас аз азобу маломати зиёд гулӯи ӯро хафа намуда, ба ҳалокат расонд. Қароюсуф пас аз шикасти лашкари султон Аҳмад даст ба ғорат зада, ғаноими зиёд ва амволу аслиҳаи фаровонро зери тасарруфи худ даровард [2, с.399-403; 6, с.578-583]. Пас аз қатли султон Аҳмад ҷасади ӯро дар иморати Димашқия дар назди модар ва бародараш ба хок супориданд. Оқибат писари ӯ Алоуддавла низ ба қатл расонда шуд.

Султон Аҳмад яке аз охирин амирони силсилаи Элкониҳо ба шумор мерафт, ки барои барқарор ва устувор намудани қаламрави Элкониён кӯшиши зиёд ба харҷ дода, дар ин ҷода ба муваффақиятҳои муайяне ноил гашта буд.

Пас аз қатли султон Аҳмад вазъи Бағдод хеле муташанниҷ гардид. Барои ба зери тасарруфи худ даровардани Бағдод байни писари Қароюсуфи туркман Исфаҳоншоҳ ва амирони дигари Элконӣ мубориза давом ёфт. Оқибат дар соли 836 ҳ.қ./ 1432-1433 охирин намояндаи хонадони Элконӣ набераи султон Аҳмад - султон Ҳусайн, писари Алоуддавла аз ҷониби писари Исфаҳоншоҳ ба қатл расида, бо ҳамин идораи Ироқи Араб зери тасарруфи амирони туркман даромад.

**АДАБИЁТ**


1. Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Таърихи муғул ва авоили айёми Темурӣ. Ҷилди аввал ва дувум. –Теҳрон, 1376 ҳ. -654 с.
2. Абдуллоҳ ибни Лутфуллоҳ Ҳофизи Абрӯ. Зубдат-ут-таворих. -Ҷ. I. Муқаддима ва тасҳеҳи Сайид Ҷаводӣ. –Теҳрон: Созмони чоп ва интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1380 ҳ. -638 с.
3. Абдураззоқи Самарқандӣ. Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн. Ба эҳтимоми доктор Абдулҳусайни Навоӣ. –Теҳрон: Муассисаи мутолеот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1372. -443 с.
4. Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур (Аҷоиб-ул-мақдур фи ахбори Темур). Мутарҷим Муҳаммад Алӣ Наҷотӣ. Баргардонанда ба хатти кириллӣ номзади улуми таърих Аҳмадхон Муродзода. –Душанбе: Эр-граф, 2018. -399 с.
5. Мирхонд, Мирмуҳаммад ибни Сайид Бурҳониддини Ховандшоҳ. Таърихи Равзат-ус-сафо. Ҷилди 5. –Теҳрон, 1339 ҳ. -628 с.
6. Мирхонд, Мирмуҳаммад ибни Сайид Бурҳониддини Ховандшоҳ. Таърихи Равзат-ус-сафо. Ҷилди 6. –Теҳрон, 1339 ҳ. -886 с.
7. Рене Груссе. Императории саҳронавардон. Тарҷумаи Абдулҳусайни Майкада. Нашри 4. –Теҳрон, 1379 ҳ. –1016 с.
8. Фасеҳи Хавофӣ. Муҷмали Фасеҳӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Сайид Муҳсини Ноҷии Насрободӣ. Ҷилдҳои 1-3. –Теҳрон: Асотир, 1386 ҳ. -1472 с.
9. Хондамир, Ғиёсуддин Ҳимомуддин ал-Ҳусайн. Таърихи ҳабиб-ус-сияр. -Ҷилди саввум. Зери назари доктор Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. –Теҳрон, 1353 ҳ. -759 с.
10. Шабонкораӣ, Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад. Маҷмаъ-ул-ансоб. Ба тасҳеҳи Мир Ҳошими Муҳаддис. –Теҳрон: Амири Кабир, 1363 ҳ. -376 с.



**АМИРОНИ ЭЛКОНӢ ВА ҲУКУМАТИ ОНҲО**

Дар мақола дар бораи ташкилёбии ҳукумати силсилаи Элкониён ва ҳукумати онҳо сухан меравад. Асосгузори силсилаи Элкониён ё оли Ҷалоир Шайх Ҳасан ибни амир Ҳусайн ибни Оқбуқо ибни Элкон нуйони Ҷалоир буда, бо номи Шайх Ҳасани Бузург маъруф аст. Бобои Шайх Ҳасани Бузург аз қабилаи Ҷалоир буда, Элкон нуйон ном дошт, аз ин хотир ин силсиларо Элкониён ё оли Ҷалоир ном мебаранд. Шайх Ҳасани Бузург ба асоси давлати ин хонадон поя гузошт, вале минбаъд фарзандони ӯ барои вусъати мамлакат ва эътибори низомиву сиёсии он чандон кӯшиш накарданд. Соли 1356 пас аз вафоти Шайх Ҳасани Бузург писари ӯ султон Увайс ҷойи ӯро ишғол намуд. Ӯ дар Ироқи Араб қарор гирифта, Диёр Бакрро бо навоҳии онро зери тасарруфи худ даровад. Пас аз вафоти султон Увайс дар соли 1374 ҷойи ӯро писараш султон

Ҳусайн ишғол намуд. Дар соли 1382 султон Аҳмад ба Табрез хуҷум намуда, бародараш султон Ҳусайнро ба қатл расонд ва тахти Элкониёнро соҳиб гашт. Баъди Бағдодро ишғол намудани лашкари Темурланг султон Аҳмад ба Миср рафт ва то марги Темурланг барои аз сари нав баргардондани қаламрави худ ягон иқдоми ҷиддие накард. Пас аз марги Темурланг султон Аҳмад ба Бағдод баргашта, соли 1410 ба Табрез лашкар кашид. Байни лашкари султон Аҳмад ва Қароюсуфи туркман задухӯрди шадид сар зад, ки дар он лашкари султон Аҳмад мағлуб гардида, худи ӯ ба асирӣ гирифтор шуда, ба қатл расид. Барои Бағдод байни писари Қароюсуфи туркман Исфаҳоншоҳ ва амирони дигари Элконӣ мубориза давом ёфт, ки оқибат дар соли 836 ҳ.қ./ 1432-1433 охирин намояндаи хонадони Элконӣ набераи султон Аҳмад султон Ҳусайн писари Алоуддавла аз ҷониби Исфаҳоншоҳ ба қатл расонда шуд ва бо ҳамин идораи Ироқи араб зери тасарруфи амирони туркман даромад.

**Калидвожаҳо:** Элкониён, амир, Шайх Ҳасани Бузург, лашкар, султон Увайс, Ироқи Араб, султон Аҳмад, Темурланг, Бағдод, султон Ҳусайн, Йилдирим Боязид, Табрез.

## ИЛЬКАНСКИЕ ЭМИРЫ И ИХ ПРАВЛЕНИЯ

В статье рассматривается формирование правительства Ильканидов и их правление. Основателем династии Ильканидов, или династии Джалаиров являлся Шейх Хасан ибн амир Хусейн ибн Окбуко ибн Илькан, известный по имени Шейх Хасан Бузург. Дед Шейха Хасана Бузурга происходил из племени Джалаир и носил имя Илькан нуйана, отсюда и название Ильканидов, или династии Джалаиров. Шейх Хасан Бузург заложил основы государства этой династии, но его дети не приложили особых усилий для расширения страны и ее военного и политического престижа. В 1356 году, после смерти шейха Хасана Бузурга, его преемником стал его сын Султан Увайс. Он обосновался в арабском Ираке и захватил Дияр Бакр и его окрестности. После смерти султана Увайса в 1374 году его сменил его сын Султан Хусейн. Затем в 1382 году в Тебриз вторгся его брат Султан Ахмад, убивший его и занявший трон Ильканидов. После завоевания Багдада войсками Тамерланга Султан Ахмад отправился в Египет, и до смерти Темурланга он не предпринимал никаких серьезных шагов для возвращения своей территории. После смерти Темурланга Султан Ахмад вернулся в Багдад и в 1410 году двинулся на Тебриз. Между армиями Султана Ахмада и Караюсуфа-туркмана разгорелась ожесточенная битва, в которой войска Султана Ахмада потерпели поражение, а сам он попал в плен и был убит. Борьба за Багдад продолжалась между сыном Караюсуфа-туркмана Исфаханшахом и другими ильканидскими эмирами, в результате которой в 836 / 1432-1433 годах последний представитель династии ильканидов, внук Ахмад Султана Султан Хусейн сын Алоуддавлы, был убит Исфаханшахом, и правление арабского Ирака перешло к туркменским эмирам.

**Ключевые слова:** Ильканиды, эмир, Шейх Хасан Бузург, войско, султан Увайс, арабский Ирак, ссултан Ахмад, Тамерланг, Багдад, султан Хусейн, Йильдирим Баязид, Тебриз.

## ILKAN EMIRS AND THEIR RULE

The article examines the formation of the Ilkanid government and their rule. The founder of the Ilkanid dynasty or the Jalaiar dynasty was Sheikh Hasan ibn Amir Hussein ibn Okbuko ibn Ilkan, known by the name of Sheikh Hasan Buzurg. Sheikh Hasan Buzurg's grandfather came from the Jalair tribe and bore the name Ilkan Nuyana, hence the name Ilkanids or the Jalair dynasty. Sheikh Hasan Buzurg laid the foundations of the state of this dynasty, but his children made little effort to expand the country and its military and political prestige. In 1356, after the death of Sheikh Hasan Buzurg, his son Sultan Uvais succeeded him. He settled in Arab Iraq and captured Diyar Bakr and its surroundings. After the death of Sultan Uvais in 1374, he was succeeded by his son Sultan Hussein. Then in 1382 Tabriz was invaded by his brother Sultan Ahmad, who killed him and took the Ilkanid throne. After the conquest of Baghdad by the troops of Tamerlang, Sultan Ahmad went to Egypt, and until the death of Temurlang, he did not take any serious steps to return his territory. After the death of Temurlang, Sultan Ahmad returned to Baghdad and in 1410 moved to Tabriz. A fierce battle broke out between the armies of Sultan Ahmad and Karayusuf-Turkman, in which the troops of Sultan Ahmad were defeated, and he himself was captured and killed. The struggle for Baghdad continued between the son of Karayusuf-Turkman, Isfahanshah and other Ilkanid emirs, as a result of which in 836 / 1432-1433 the last representative of the Ilkanid dynasty, the grandson of Ahmad Sultan Sultan Hussein, son of Alowddawla, was killed by the Isfahan Arabian Iraqi Iraqi Khan.

**Key words:** Ilkanids, emir, Sheikh Hasan Buzurg, army, Sultan Uvais, Arab Iraq, Sultan Ahmad, Tamerlang, Baghdad, Sultan Hussein, Ildirim Bayazid, Tabriz.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Саидов Абдуқаҳҳор** – доктори илмҳои таърих, сарходими илмии Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. E-mail: **saidov.45@mail.ru.**

**Сведения об авторе*: Саидов Абдукаххор* -** доктор исторических наук, главный научный сотрудник Отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 33. E-mail: **saidov.45@mail.ru.**

**About the author: *Saidov Abdukahhor*** - Doctor of historical sciences, Senior researcher in the Department of ancient, medieval and modern history of the Institute of History, Archaeology and Ethnography named after A. Donish of the National Academy of Sciences of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki str., 33. E-mail: **saidov.45@mail.ru.**

УДК:930.1(575.3)

# НАҚШИ МАЗҲАБИ ҲАНАФИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ҲУВИЯТ ВА АРЗИШҲОИ МИЛЛИИ ТОҶИКОНИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН

*Шамолов А.А., Ғуломов Т.М.*
**Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Замони салтанати сулолаи Сомониён даврони ташаккули фарҳангу тамаддуни беназире барои халқи тоҷик ва тамаддуни Шарқ маҳсуб мегардад, ки ба даврони “Эҳёи Аҷам” таъсири бузург гузошта буд. Дар ин даврони хоси таърихӣ илму фарҳанги тоҷик ба сатҳи баланди шукуфоии хеш расида, мактабу ҳавзаҳои илмии мухталиф ва ҷараёнҳои диниву фалсафӣ барои пешрафту инкишофи он хидмат менамуданд, ки машҳуртарини онҳо: марқиюния, дайсония, зардуштия, монавия, беҳофаридиён, мӯътазила, каломи ҳанафӣ, асҳоби ҳаюло, машшоия, исмоилия, мурҷиия, тасаввуф ва ғайра ба шумор мерафтанд. Воқеаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва таълимоту ғояҳои динии ин фирқаву мактабҳо дар ҷаҳонбинии мардум ва ҳукуматдорони давр таъсири таърихии худро дошта буданд.

Лекин чи тавре ки гуфта шуд мақоми ҳанафия ва мактаби фиқҳии он бо номи мотуридия машҳур гашта, боиси пешрафти он гардид. Мутобиқ ба ахбори манбаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти мавҷуда Мотуридии Самарқандӣ, ки асосгузори ин мактаб аст, тахминан дар байни солҳои 850-870 мелодӣ дар яке аз деҳаҳои наздики Самарқанд бо номи Мотурид ба дунё омадааст. Дар ин бора Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ дар китоби «ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия» таъкид намудааст, ки «ба гумони ғолиб таваллуди Имом Мотуридӣ ҳудуди солҳои 238 ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 852 мелодӣ мебошад, зеро яке аз аввалин устодони ӯ Муҳаммад ибни Муқотили Розӣ соли 248ҳ./862м. вафот ёфтааст» [12, с. 19]. Дар осор ва китобҳои мутакаллимони асрҳои баъдӣ «Хилофоту-л-ашоира маа-л-мотуридия»-и Абдуллоҳ ибни Мӯсо, «Дору-л-кутуби-л-Мисрия», «ар-Равзату-л-баҳия фӣ мо байна-л-ашъарияти ва-л-мотуридия»-и Ҳасан ибни Абилҳусайн маъруф ба Абӯазба, «Усулу-д-дин»-и Абулюсри Паздавӣ, «Ишороту-л-маром мин иборати-л-имом»-и Баёзӣ ва ғайра, инчунин таҳқиқотҳои дигар [4; 15] номи пурраи Мотуридии Самарқандӣ Абӯмансур Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Мотуридӣ ал-Ансорӣ ал-Ҳанафӣ будааст. Мотуридии Самарқандӣ нисбаи мутафаккир буда, дар иртибот ба зодгоҳаш гирифта шудааст. Аллома Шиблии Нӯъмонӣ таъкид кардааст, ки «ӯ сокини қасабаи Мотурид аз музофоти Самарқанд будааст» [7, с. 71]. Ба қавли Алиакбар Деххудо «Мотурид мақоме аст ба Самарқанд ва онро Мотурит низ гӯянд» [6, с. 9].

Падари Мотуридӣ ҳангоми забти Хуросону Мовароуннахр ба сифати роҳбари низомию динӣ ба Самарқанд ворид гардида, ба қавли сарчашмаҳои таърихӣ ба модари Мотуридӣ, ки духтаре аз асилзодагони Самарқанд буд, издивоҷ намуд [11]. Пас, тибқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ насаби Мотуридӣ аз хонаводаи маъруфи Абӯайюби Ансории Мадинӣ, аз зумраи саҳобагони Пайғамбар, ки аслан аз аҳли Мадина буд, маншаъ гирифтааст [29, с. 196]. Баъд аз ба синни балоғат расидан Мотуридӣ бо дастури падар таҳти сарпарастии олимони

барҷастаи замони худ Шайх Абӯбакр Аҳмад ибни Исҳоқи Ҷузҷонӣ, Абӯнаср Аҳмад ибни Иёзӣ маъруф ба Фақеҳи Самарқандӣ ва Насир ибни Яҳёи Балхӣ улуми ҳадис, усул, ҷадал, фиқҳ, ҳикмат ва ғайраро аз бар мекунад. Онҳо аз пайравону шогирдони маъруфи Абӯҳанифа маҳсуб мегаштанд [10, с. 23].

Мотуридии Самарқандӣ дар баробари омӯзиш ва фаъолияти илмӣ шогирдони зиёдеро низ тарбия карда буд. Маъруфтарини онҳо Абулқосим Исҳоқ ибни Исмоил машҳур ба Ҳакими Самарқандӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Саиди Рустуғфанӣ, Абӯбакр Абдулкарим ибни Мӯсои Паздавӣ ва Абӯлайси Бухорӣ будаанд. Баъд аз он, ки Мотуридӣ дунёро падрӯд гуфт онҳо макатаби илмии «мотуридия»-ро дар Мовароуннаҳр тавсеъа доданд.

Шогирдони дигари Мотуридӣ Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Меҳрони Исфароинӣ, Меҳрони Исфароинӣ, Муҳаммад ибни Ямон Абӯбакри Самарқандӣ - муаллифи «Маолиму-д-дин», «ар-Радду ала-л-карромия» ва «ал-Эътисом», Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Абдулкарим ибни Мӯсо ибни Муҷоҳид Абулюсри Паздавӣ – муаллифи «Усулу-д-дин» [26], Абулмуин Маймун ибни Муҳаммади Насафӣ - муаллифи «Табсирату-л-адилла», Умари Насафӣ муаллифи «ал-Ақоиду-н-насафия» [24], «ал-Қанд фӣ зикри уламои Самарқанд», ки ин китоб бо кӯшиши Эраҷ Афшор дар Теҳрон ба чоп расидааст [1], Баёзӣ Камолуддин Аҳмад ибни ал-Ҳасан – муаллифи китоби «Ишороту-л-маром мин ибороти-л-имом» [10] дар шарҳи «Фиқҳи акбар»-и Имом Абӯҳанифа маҳсуб мешаванд. Онҳо мактаби ҳанафии “Мотуридия”-ро ташаккул ва такомул бахшидаанд.

Муҳаққиқи аврупоӣ Ҳенри Корбэн доир ба хизматҳои ин мактаб зикр сохтааст, ки «дар ҳамон асре, ки Ашъарӣ дар Басра ва Бағдод масоили мувоҷеҳи исломро матраҳ кард ва дар паи ҳалли онҳо афтод, мутафаккири дигаре бо номи Абӯмансури Мотуридӣ аз аҳли Самарқанд дар олами тасаннун зуҳур карда, ҳамон мақсудро ҳадаф қарор дод. Шогирдони наздики ӯ мактаби Ашъариро ба унвони якислоҳи ноқис ва номуваффақ шумурда, муҳофизакору муросокор будани мактабро интиқод мекарданд. Кӯшиши ашоира дар роҳ мутаваққиф монд ва шогирдони Мотуридӣ фасли нав кушуданд ва тасаннуни комилро эҳё ва равнақ бахшиданд» [33, с. 164].

Яке аз мотуридишиносони имрӯзаи араб Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ дар асари худ «ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия» [12, с. 22]. теъдоди осори боқимондаи Мотуридиро ба миқдори 17 китоб нишон додааст.

Дар байни осори вай «Китобу таъвилоти-л-Қуръон», «Китобу-л-мақолот» ва «Китобу-т-тавҳид» муҳимтарин китобҳо ба шумор меравад ва нусхаҳои хатти онҳо то замони муосир омада расидаанд. Онҳо дар радифи осори дигар уламо ва фарҳангсозони ҷаҳони андешаи ислом мақому манзалати хосса дошта, то кунун кутуби дарсии суннимазҳабони олам ба ҳисоб мераванд.

Шояд аз худшиносии миллӣ ва дуст доштани забони модарии хеш бошад, ки фасоҳати забонӣ дар осори Мотуридӣ, саршор аз мафҳумҳои тоҷикӣ ва форсӣ будани китобҳои вай аз ҷониби В.В.Бартолд ва У. Рудолф таъкид гардидааст. Дар ин бора як силсила шарқшиносони аврупоӣ ва муҳаққиқони осори вай зикр сохтаанд. Лекин гуфтаҳои Рудолф Улрих хеле асоснок мебошанд: «Забони модарии вай форсӣ (тоҷикӣ) буд, ки ҳамоно дар асри X дар импературии

Сомониҳо давраи “эҳё” (ренессанс)-ро аз сар мегузаронид. Ин дар баёни баъзе калимот хеле хуб зоҳир гаштааст, ки решаи онҳоро мафҳумҳои форсӣ (тоҷикӣ) ташкил медиҳанд. Мафҳуми «ҳа» ҳамеша аз ҷониби Мотуридӣ дар шакли «бале» навишта мешавад. (Масалан, «Китобу-т-тавҳид» саҳифаи 253, 284 ва ғ.). Мафҳуми «ҳастӣ» аз ҷониби вай дар шакли калимаи «вуҷуд» хеле кам навишта мешавад, вале ҳамеша аз мафҳуми «ҳастия» истифода мебарад. (Масалан, дар «Китобу-т-тавҳид» саҳифаҳои 7, 24, 41, 79, 104, 176 ва ғайра» [31, с. 133].

Асари калидии мазҳабии Мотуридӣ дар илми калом «Китобу-т-тавҳид»-и ӯ ба шумор меравад. Чуноне ки Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ овардааст «ин китоби асосӣ дар илми калом назди ҳанафимазҳабон мебошад» [12, с. 20]. «Китобу-т-тавҳид» бидуни шакку шӯбҳа таълифе мебошад, ки ба каломи ҳанафия бахшида шуда, дар он масъалаҳои офариниш, сифоти Худо, рӯъяти Худо, машият, қудрат, тақдири азалӣ, озодии ирода ва назарияи маърифати Ӯ шарҳу баёни худро ёфтаанд. «Маохизу-ш-шароеъ» ва «Китобу-л-ҷадал»-и Мотуридӣ [12, с. 20] низ ба масъалаҳои усули фиқҳи ҳанафӣ бахшида шудаанд. Вай дар ин таълифоти фиқҳии худ аз равиши таҳқиқотии Абӯҳанифа пуштибонӣ карда, ба масъалаҳои қиёс рӯ овардааст.

Дар баробари қиёс Мотуридӣ дар таълимоти фиқҳии худ ба райъ ва истеҳсон (неку шумурдан) низ диққати хос додааст. Дар «Китобу-л-усул»-и худ асоси фиқҳи ҳанафияро матраҳ сохта, дар он чаҳор усул: китоб, суннат, иҷмоъи уммат ва қиёсро таҳлил карда, бо далелҳои илмӣ аз фиқҳи ҳанафӣ дар баробари мухолифон дифоъ кардааст.

Асарҳои «Китобу баёни ваҳми-л-мӯътазила», «Китобу радди авоили-л-адилла ли-л-Каъбӣ», «Китобу радди таҳзиби-л-ҷадал ли-л-Каъбӣ», «Китобу радди ваиди-л-фуссоқил-л-Каъбӣ», «Радду-л-усули-л-хамса ли Абӣ Муҳаммад ал-Боҳилӣ», «Радду китоби-л-имомат ли баъзи-р-равофиз», «Китобу-р-радд ала-л-қаромита» ва ғайра таълифоти Мотуридӣ мебошанд, ки дар онҳо мутафаккир алайҳи бидъаткории фирқаҳои мухталифи исломӣ, аз қабили мактаби қарматия, рофизия, мӯътазила ва дигар ҷараёнҳои барои минтақаи Мовароуннаҳр бегона баромад кардааст.

Дар осори худ Мотуридӣ кулли ақидаҳои Абулқосими Каъбӣ (с.в.929), ки намояндаи муътазилаи Бағдод буд бо далелу бурҳон рад кардааст. Илова бар ин дар ин асари худ вай бо рофизиён, қарматиён ва соири фирқаҳо баҳсҳо ороста, аз арзишҳои умумиинсонии мазҳаби ҳанафия ва арзишҳои мазҳабию миллии минтақаро ҳимоят намудааст. Мотуридӣ хусусан дар «Радду китоби-л-имомат ли баъзи-р-равофиз» андешаҳои мухолифини худро дар боби имомат ва хилофат ботил шуморида, назарияи «имоми маъсум»-ро беасос медонад.

Доир ба масъалаҳои ҳикмати амалӣ ва ё таҳзиби ахлоқ ва ба сифоти зебои ботиниву зоҳирӣ оростани инсон «Пандномa» ихтисос дода, асоси меъёрҳои панду ахлоқии исломиро дар Мовароуннаҳр бунёд гузошт. Дар баъзе манбаҳои таърихӣ ин асар бо номи «Китоб дар боби насиҳат» [5, с 33] ёд мешавад. Мавзӯи «Пандномa» дар ҳикмату ахлоқ бахшида шуда, бо насри шевои пандноманависӣ ва “Насиҳату-л-мулук” ки хусусиёти сабки давраи аввали насри форсии қарни

чаҳоруми ҳиҷриро, ки даврони ташаккули забони муосири тоҷикӣ мебошад, қаламдод намудааст.

Дар маҷмӯъ осори боқимондаи Мотуридӣ ҳамчун саромади мактаби каломии ҳанафии Мовароуннаҳр нишон медиҳад, ки вай дорои зеҳни қавӣ ва истеъдоди баланди илмӣ буда, тавассути қувваи ақлониву тавонманди худ дар ташаккул ва пешрафти бисёре аз илмҳои давронаш саҳмгузор будааст. Аммо ҳамчун мутаккалими барҷаста, таҳқиқиқотҳои аслии худро ба илми калом ва усули фиқҳ бахшидааст. Аҳмад Ибн Авзуллоҳ Луҳайбии Ҳарбӣ, ки яке аз рақибони сарсахти ақидатӣ «ислоҳгарӣ мотридия» буд, доир ба бузургии Мотуридӣ овардааст: «Мотуридӣ дар таърихи андешаи исломӣ ҷойгоҳи азиме дорад, зеро вай муассиси яке аз макотиби каломӣ аст, ки дар ҷаҳони ислом интишор дорад ва ҳар касе, ки навиштаҳои ӯро мулоҳиза кунад… ва бар маонии нағз, дақиқ ва далоили устуворе, ки дар он аст, воқиф гардад…. дармеёбад, ки вай аз каромот ва мавоҳиби илоҳӣ бархӯрдор будааст» [8, с. 96-97].

Воқеан Мотуридӣ муассиси мактаби каломию фиқҳие мебошад, ки қисмати аъзами ҳанафиёни Мовароуннаҳру Хуросон пайравони вай буданд. Ҳатто бисёре аз ҷонибдорони ашъария ва шофеия аз ҷумла Абдулқоҳири Бағдодӣ, Имомулҳарамайн Ҷувайнии Боқилонӣ ва ғайра дар масъалаҳои исботи ҳудуси олам, вуҷуди Худо ва сифоти Ӯ, арзиши ақли инсон, зарурати ваҳй ва ғайра зери таъсири ақидаҳои каломии Мотуридӣ мондаанд [19, с. 382]. Ин мактаб дар Мовароуннахр бо мақсади ҳифзи арзишҳои миллии минатақа, ба монанди забони тоҷикӣ, урфу анъанаҳои мардуми маҳаллӣ ва фарҳанги ташаккулёфтаи минтақа дар муқобили арабкунонии иҷборӣ баромад менамуд.

Чуноне, ки аз фаъолияти илмии мактабҳои ҳавзаи илмӣ-фарҳангии Мовароуннахр бармеояд дар маҷмӯъ замони Сомониён замони эҳёи улуми асримиёнагии тоҷик буда, аз нигоҳи пешрафти илму маориф, зуҳуру ташаккули фирқаву мактабҳои фалсафӣ ва динӣ дорои мақоми бузург буданд. Мустафо Ҷавод доир ба ин даврон гуфтааст, ки некрафтортарин роҳабарон амирони Сомонӣ буданд, ки “ҳангоми додгарӣ, диндорӣ ва донишдӯстӣ, ақида доштанд, ки илм ҷуз дар сояи озодии баҳс ва осон гирифтану мудоро кардан, пешрафт ва рушд нахоҳад кард” [21, с. 505].

Шарқшиносони аврупоӣ низ ба илмдӯстӣ ва таҳаммулпазирии сиёсати Сомониён қоил буданд. Адам Метс дар «Тамаддуни исломӣ дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ» зикр месозад, ки «ниёз ба зиндагии муштарак ва лозимаи он, ки тафоҳум буд, навъе осонгирӣ ва мудоро дар ҷомеаи исломӣ падид оварда буд, ки дар Аврупои қуруни вусто шинохта нест. Намунаи ин тасомуҳ пайдоиши илми милалу ниҳал ва таҳқиқ дар адёни гуногунаст, ки бо шуру шавқ дунбол шуд» [18, с. 47].

Муҳаммадризои Ночӣ низ дар хусуси фирқаву гуруҳҳо ва дину мазҳабҳои гуногуни ин давра зикр месозад, ки «яке аз ҷанбаҳои шоёни таваҷҷӯҳ дар давлати Сомониён вуҷуди фирқаҳо ва наҳлаҳои гуногуни фикрӣ ва динӣ аст. Бо вуҷуди иқтидори давлат ва ҳам нуфузи уламо дар дастгоҳ ва дар миёни мардум, талоше дар ҷиҳати фишор ва сахтгирӣ бар адён ва фирақ (фирқаҳо) ва пайравони онҳо сурат нагирифт» [22, с. 699].

Агар ба шакли умумӣ гирем дар маҳдудаи Сомониён беш аз даҳ дину равияҳои қабл аз исломӣ ва беш аз даҳ мазҳабу фирқаҳои исломӣ ба таблиғи ақидаҳои худ машғул буданд: буддоӣ, яҳудӣ, масеҳият, марқиюния, дайсония, зардуштия, монавия, беҳофаридиён, муслимия, хуррамдинон, сафедҷомагон, шиа, исмоилия, карромия, хавориҷ, ҷаҳмия, мӯътазила, мурҷиа, каёмия ва ғайра. Муаррих ва ҷуғрофиёшинсои машҳури ин давра Муҳаммад Мақдисӣ дар асараш «Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим» хотирнишон месозад, ки дар давлати Сомониён, яҳудиён, масеҳиён ва гурӯҳҳои мухталифе аз аҳли маҷус пароканда буд, дар баъзе шаҳрҳо пайравони дину фирқаҳои мухталиф дар шакли мусолиматомез бо мусулмонон мезистанд [17, с. 323]. Ба қавли Абдулкарим Самъонӣ дар «ал-Ансоб» дар Нишопур шумораи зиёде аз аҳли китоб ва зардуштиён маскан доштанд. Дар ҳудуди панҷ ҳазор тан аз онҳо дар натиҷаи таблиғоти Ибни Яъқуби Исҳоқ ибни Муҳаммадшоди Карромӣ, ки пешвои карромиёни Нишопур маҳсуб мегашт, дини исломро қабул карданд [30, с. 62].

Новобаста аз он ки намояндагони динҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва миллӣ мазҳабу ва фирқаҳои гуногун дар ҷомеаи таҳаммулпазиру мусолиматомез зиндагӣ мекарданд, лекин дар байни баъзе гурӯҳҳои динӣ ихтилофоти ақидатӣ сар мезад. Дар ин бора Муҳаммад Мақдисӣ борҳо таъкид карда буд, ки кам минтақаҳо ва ҳавзаҳои илмӣ-фарҳангӣ буд, ки дар он ҷо таассуб ривоҷ нагирифта бошад. Масалан дар шаҳри Нишопур байни исноашариён ва карромия зиддиятҳои фикрӣ ба вуҷуд меомад. Дар Сиистон ва Сарахс миёни ҳанафиён ва шофеиён баъзе мухолифатҳо ва зиддиятҳо сар зада буданд [30, с. 336, 271]. Дар Ҳирот зиддиятҳои “амалия” ва “карромия”, дар Марв, миёни “маданиён” ва “сувқу-л-ақиқ”, дар Нисо, Абевард, Балх, Гургон ва ғайра байни “ҳасаниён” ва “карромиён” давраҳои чанд мухолифатҳо ҷой доштанд. Ба хотири нигоҳ доштани қудрат ва амнияти ҷомеа ҳукуматдорони сомонӣ мудохила мекарданд.

Доир ба мақсади пешгирӣ кардан аз ин мухолифатҳо Забиҳуллоҳ Сафо дар «Таърихи адабиёт дар Эрон» таъкид месозад, ки «ҳусни кор дар он буд, ки ҳукумати Сомонӣ дар ин асабиёт ворид намешуд, балки маъмулан аз шиддати ихтилофот ҷилавгирӣ мекард. Лекин аз қарни Vҳ.(XIм.) ба баъд тадриҷан шоҳон ва риҷоли давлатӣ худ дар ин гуна асабиёт ворид шуданд ва ба сахтгирӣ нисбат ба мазоҳибе, ки бо онҳо назари мусоиде надоштанд, мубодират карданд ва уламо ва фуқаҳо низ дар ин кор бо онон ҳамдостон гардиданд» [14, с. 324].

Раванди бошиддати ин ва дигар мухолифатҳои фикрӣ ва ақидатӣ мутафаккирони Мовароуннаҳрро водор сохт, ки барои дифоъ аз қудрати сиёсӣ баҳсу мунозираҳои дифоии худро оғоз карда, дар китобҳои хеш бобҳоеро дар масъалаҳои баҳсу мунозирот ва раду бадали андешаҳои бебунёд ихтисос диҳанд. Ҳамин радду бадалҳо буд, ки Ҳакими Самарқандӣ, Мотуридии Самарқандӣ ва дигарон ба майдони баҳсҳо баромада, дар муҷодалаву мунозирот шарафёб гаштанд.

Ақидаву андешаҳо ва таълимоти ин олимон аз хусусиёти чандгароии мактаби каломии Абӯҳанифа маншаъ гирифта, дар моҳияти баҳсу ҷадалҳои онҳоро усули эътиқодии ҳанафия ташаккул медод. Онҳо дар ҷадалҳои худ аз Қуръон ҳамчун сарчашмаи бунёдӣ дар кулли масъалаҳои каломӣ ва фиқҳӣ истифода мебурданд.

Ҳамчунин аз қавлу феъл ва тақрири пайёмовари навин, ки онҳоро суннати Пайғамбар медонанд, ҳамчун сарчашмаи дигари боэътимод истифода мекарданд. Зеро он барои ислоҳ ва ба танзим даровардани ҷомеъа хеле мутаассир буд. Ҳадисҳои «саҳеҳ»-и Аҳмади Насоӣ, Муҳаммад ибни Исои Термизӣ, Ибни Моҷаи Қазвинӣ, Абдуллоҳ Муҳаммад Ибни Исмоили Бухорӣ ва Муслими Нишопурӣ манобеи муътамади онҳо буданд. Дар раванди баҳсу мунозираҳо ва таҳияи асарҳои худ аз иҷмоъ ва қиёси фиқҳӣ, ки ду сарчашмаи боэътимоди дигари ақида ва фиқҳ (ҳуқуқи мусулмонон) маҳсуб мегаштанд, ҳамаҷониба истифода мекарданд. Ба хусус таъсири «Фиқҳи акбар»-и Имоми Аъзам Абӯҳанифа, «Китобу-л-хароҷ», «Китобу-л-махориҷ фи-л-хаёл» ва «Ихтилоф байна Абиҳанифа ва Ибни Абӣ Лайло»-и Абӯ Юсуф Яъқуб ибни Иброҳими Кӯфии Ансорӣ (731-804), «Ал-Мабсут» ё «Китобу-л-асл фи-л-фуруъ», «Китобу-з-зиёдот», «Китобу-л-ҷомеи-л-кабир» ва «Китобу-л-ҷомеи-с-сағир»-и Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ (749-805) ва ғайраҳо дар баҳсҳои ҷонибдорони мактабҳои илмии Мотуридӣ ва худи вай дар Самарқанду Бухоро хеле равнақ ёфта буд. Тасдиқи ин фикрро дар «Китобу-л-усул» ва «Китобу-т-тавҳид» дарёфт кардан мумкин аст, ки дар онҳо баррасии масъалаҳои ҷаҳонбинӣ ва инкори андешаҳои мӯътазила доир ба озодӣ, ихтиёр ва масъулияти башар ифода гардидааст.

Ҷои инкор ба шаку шубҳа нест, ки ҳанафиён дар ҳалли масъалаҳои умда ба ақл рӯй меоварданд. Ин тарзи масъалагузорӣ маънои онро надорад, ки таълимоти онҳо пурра хусусияти ақлгароӣ дорад. Дар баёни баъзе масъалаҳои ақидавӣ, ки дар Қуръону суннат ба онҳо ҷавоб пайдо намешуд, онҳо ба ақл рӯй меоварданд. Як идда аз муҳаққиқони муосир ба моҳияти низоми таълимоти ҳанафиён сарфаҳм нарафта, ақидиҳои онҳоро ҳамчун «ақлгарои соф» қаламдод мекарданд [2, с. 9].

Сарфи назар аз он ки ҳанафия дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳамчун ақидаи аксарияти аҳолӣ шинохта шуда буд, лекин боз як силсила гуруҳу фирқаҳои дигаре низ буданд, ки онҳоро на танҳо дар ин минтақа дучор омадан мумкин буд, ҳатто маълумот дар бораи фаъолияти онҳо то маркази Самарқанд низ расида буд. Аммо натиҷаи баҳсу мунозираҳо, радду бадалҳо ва муносибаташон нисбат ба ҳанафия боиси боз ҳам тавсеа ва инкишофи таълимоти ин мактаб гардид ва сафи ҷонибдорони онҳоро афзуда, боиси истиқрори ниҳоии ислом тавассусти ин мазҳаб мегардид.

Манбаи мӯътамаде, ки дар самти муборизаҳои мазҳабӣ дар Мовраоуннаҳр бахшида шуда, дастраси муҳаққиқин мебошад, «Китобу-т-тавҳид»-и Мотуридӣ аст. Мутафаккир дар мавриди ҳар як фирқаву ҷараёнҳои аҳди Сомониён маълумот дода, дар айни замон роҳҳои мубориза бо мактабу фирқаҳо масъалаҳои баҳснокро нишон додааст ва андешаҳои ҳарифони худро, ки барои низоми фикрии ҷомеаи онвақтаи Мовароуннаҳру Хуросон зарарнок ва хавфнок буданд баён кардааст. Вай дар мадди аввал ба ин гуруҳҳо: динҳои яҳудиён [20, с. 187], насрониён ва фирқаҳои гуногуни санавият-дутопарастонро (дуалистҳо) аз қабили зардуштиён, маннониён, (мурод аз фирқаи «маннониён» ҳамон фирқаи «монавиён» аст) марқиониён ва тарафдорони Бухтанаср (Бардесанес), инчунин осори эллинистиву фалсафие, ки онҳо бо калимаи «даҳрия» ифода ёфтаанд ва ҷараёнҳои фалсафии мутааллиқ ба онҳо аз қабили асҳобу-л-ҳайюло, асҳобу-т-табиа, «машшоиён»,

Арасту ва ғайраро шомил сохта, дар охири ин рӯйхат гуруҳҳои пароканда, ба мисли «сумания», «суфастоиҳо» ва «собииён»-ро [20, с. 421] дохил кардааст.

Мотуридии Самарқандӣ аз милалу ниҳали исломӣ аҳли хаворич, мӯътазила, карромиён, исмоилиён ва аз ҷумлаи уламои фиқҳ аз қабили Ҷаҳм ибни Сафвон, Муқотил ибни Сулаймон, ан-Наҷҷор, ал-Бургус, ан-Наззом, Ҷаъфар ибни Ҳарб, ал-Асамм, Муҳаммад ибни Шабиб, Абӯисо ал-Варроқ, Ибни Ровандӣ ва Абулқосими Каъбии Балхиро ба тартиб ном бурдааст [34? с/ 299]. Дар баробари ин дар «Китобу-т-тавҳид» баҳсу мунозираҳое низ ҷой доранд, ки онҳо ба ягон гуруҳи муайяну мушаххас тааллуқ надоранд. Мутафаккир дар ҳар як ҳолати мушаххас фирқаҳои алоҳидаро дар назар дошта, ба онҳо «ҳашавиён», «мушаббиҳа», «қадария», «ҷабрия» ва «мурҷиа»-ро шомил кардааст [34, с. 299-300].

Мотуридӣ байни собеиҳо ва монавиҳо фарқияте намегузорад ва монавиҳо дар шарҳи ӯ собеиҳо номида шудаанд. Хоссатан мутафаккир аз мафҳуми «собеӣ» ба сабаби он ки манбаи қуръонӣ дошт, истифодаи фаровон мебарад.

Мотуридӣ «Суманиҳо»-ро ба зумраи бутпарастон шомил кардааст. Ин ҷои шубҳа надорад, зеро пайравони буддизм дар асри X дар Хуросону Мовароуннаҳр хеле зиёд буданд ва онҳоро бо номи суманиҳо хитоб мекарданд [20, с. 221].

Қобили зикр аст, ки дар осори ҷонибдорони пешинаи мактаби ҳанафияи Мовароуннаҳр доир ба ихтилофоти онҳо бо суманиҳо иттилоъ вуҷуд надорад. Маълумоти мухтасаре доир ба аҳли буддоия дар навиштаҷоти Ҷаҳм ибни Сафвон ба чашм мерасад, ки он дар робита бо баҳсҳои вай баён ёфтааст. Аммо дар “Китобу-т-тавҳид”-и Мотуридӣ моҳияти ақидаҳои онҳо ва радду бадали таълимоташон дар саҳифаҳои 221 ва 222 инъикос ёфтаанд [38].

Дар маҷмӯъ таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ моро водор месозанд, ки дини буддоӣ дар ташаккули каломи Мовароуннаҳр чандон нақш надоштааст ва берун аз майдони андешаи мутафаккирони мактаби ҳанафия боқӣ мондааст. Сабаби аслӣ дар он зоҳир мегардад, ки аввалан дини буддоия ба зудӣ баъди ҷорӣ шудани ислом дар Мовароуннаҳр моҳияти худро аз даст дод [39, с. 498], вале новобаста ба ин баъзе муаллифони минтақа кӯшиш карданд, доир ба он иттилои мушаххасе манзур намоянд. Иддае аз гуруҳҳои илмиву диние, ки дар рӯйхати ҳарифони фикрӣ ва рақибони мактаби ҳанафия ҷой доштанд, вале дар ҳавзаи фикрӣ ва ақидатии Мовароуннаҳр чандон нақши муҳиме надоштанд, ин аҳли хаворич, ҷаҳмиҳо, карромиҳо, пайравони динҳои яҳудӣ ва насронӣ буданд. “Китобу-т-тавҳид” аз он хабар медиҳад, ки Мотуридӣ дар ин ё он шакл бо онҳо бархурди фикрӣ дошт.

Ҷои шакке нест, ки аҳли хаворич ва ҷаҳмиҳо аввалин рақибони ақидатии ҳанафиёни Мовароуннаҳр ба шумор мерафтанд. Баҳсу мунозироти ҳанафиён ҳанӯз дар асри IX ва аввали асри X шурӯъ гардида, ба як маҷрои муайян равона шуда буданд. Доир ба аҳли хаворич дар сарчашмаҳои эътиқодии ҳанафиён хусусан дар «Китобу-л-олим», «Фиқҳи абсат» ва дар «ас-Саводу-л-аъзам» дидан мумкин аст. Ба қавли Ҳакими Самарқандӣ: «Мехоҳам то номҳои эшонро баён кунам ва афъоли эшонро ҷудо-ҷудо шарҳ диҳам, то мардумон эшонро бидонанд ва парҳез кунанд аз эшон. Ҳама номҳои эшон ба тафсил ин аст: Аввал, мурҷиёнанд; Дуюм, қадариёнанд;… Бисту панҷум, ҷаҳмиёнанд;…» [32, с. 128] «Аммо «ҷаҳмиён»

қавмеанд, ки Қуръонро махлуқ гӯянд ва Худои азза ва ҷалларо дорои макон гӯянд ва бузургтар неъмати Худойро мункир шаванд» [32, с. 123].

Макҳули Насафӣ, ки аз ҳакимони барҷастаи ҳанафия буд, таъкид кардааст, ки аҳли хаворич ва ҳам ҷаҳмиҳо дар Мовароуннаҳр таъсиру нуфузи хеле зиёд доштанд. Макҳули Насафӣ дар асари худ «Китобу-р-радд» онҳоро ба ду гуруҳи «фитнагарони хавфнок» ва «бидъатгузорон» ҷудо кардааст. Муносибати душманонаи ин гуруҳҳо бо ҳанафиён ҳанӯз аз аввалҳои асри VIII шурӯъ гардида буд, зеро миқдори онҳо дар Хуросон хеле зиёд буда, дар Сиистон бошад, аҳли хаворич аксариятро ташкил медоданд ва онҳо муваққатан роҳбарии низоми фиқҳии минтақаро бар дӯш доштанд [37]. Ҷаҳмиён аслан дар Мовароуннаҳр зуҳур карда, фаъолияти онҳо баъд аз марги Ҷаҳм ибни Сафвон хеле густариш ёфт.

Дар баробари ҷаҳмиён Мовароуннаҳр ҳамчунин ватани карромиҳо ба шумор мерафт. Муборизаҳои ақидатӣ бо карромиҳо таърих ва решаву бунёди худро дошт, ки онҳо дар осори Абӯбакри Самарқандӣ, Ҳакими Самарқандӣ ва Абӯмансури Мотуридӣ инъикос ёфтаанд.

Муносибат нисбат ба яҳудиён ва насрониён каме ранги дигар дошт. Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки ин ду дин кайҳо боз дар минтақа реша давонда буданд. Насрониёни минтақа ба воситаи таълимоти хаворич шинос шуда буданд. Сарфи назар аз он, ки ҷонибдорони дини яҳудия аз рӯи шумораи худ дар минтақа хеле кам буданд, лекин таъсири андешаҳои онҳо ҳанӯз пеш аз зуҳури ислом паҳн гардида буд ва дар даврони густариши ҳанафия асри IX яке аз шахсиятҳои барҷастаи яҳудӣ Ҳивии Балхӣ буд, ки фаъолияти худро дар Балх ҳамчун фақеҳ ба роҳ монда буд [40, с. 43]. Баҳсу мунозирот бо онҳо нишон дод, ки яҳудиён дар таълимоту фаъолияти хеш нисбат ба “тавҳиди ҳақиқӣ” садоқатро ҳифз накардаанд. Ин тарзи баҳогузорӣ метавон дар асарҳои Абӯмуқотили Самарқандӣ аз он ҷумла дар «Китобу-л-олим» ба назар мерасад.

Ҳакими Самарқандӣ дар «ас-Саводу-л-аъзам» «мушаббиҳа»-ро ба ҷумлаи ҳафтоду се фирқаву мазҳаби исломӣ дохил кардааст: «Аммо мушаббиҳа қавмеанд, ки Худои азза ва ҷалларо дорои дасту пой ва чашму забон ва ангуштон гӯянд. Хазалаҳумуллоҳ» [32, с. 125].Вай «карромиён»-ро низ дар ҷои ҳафтоду дуюм қарор дода, таъкид менамуд, ки «карромия қавмеанд, ки имон ба забон гӯянд, ба маърифати дил нагӯянд. Ва гӯянд: «Ҳақ таоло шахс аст чун одамиён ва андом аст чун одамиён». Ва эшон аз ҳафтоду ду миллат бадтаранд ва ҷоҳилтар» [32, с. 125].

Дар раванди радду бадалҳо ва муборизаҳои ақидатии ҳанафиёни минтақа бо ҳарифони худ ин истифода аз мухолифати байни «қадария» ва «ҷабрия» дар хусуси ихтиёр ва озодии иродаи инсон маҳсуб меёфт. Ҳанафиён дар тафсир ва шарҳи паҳлӯҳои мухталифи масъалаи мазкур роҳи миёнаи ба мисли ашъариён байни ин ду ҷараёни динӣ-фалсафиро интихоб карда буданд. Таълимоти «қадария» ва «ҷабрия» инкори андешаҳои онҳо ҳанӯз тавассути Абӯҳанифа дар «Рисолаи ал-Баттӣ», Абӯмутеъи Насафӣ дар «Фиқҳи абсат», Макҳули Насафӣ дар «Радд», Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ дар «ас-Саводу-л-аъзам» баён ёфта буданд. Дар ин асарҳо кӯшиш ба харҷ дода шудааст, то мавқеи ақидатии ҳанафиён ва моҳияти таълимоти васатии онҳо шарҳу тафсир гардидаанд. Масалан Ҳакими Самарқандӣ дар асари зикршуда дар байни ҳафтоду се фирқаи мавҷудаи асри худ дар ҷои дуюм

«қадариён» ва дар ҷои ёздаҳум «ҷабриён»-ро қарор медиҳад ва таълимоташонро мазаммат кардааст. Қадариён мегӯяд вай «Худои азза ва ҷалларо офаринандаи хайрҳо» ва «Иблис алайҳи-л-лаъна офаринандаи шарҳо» номидаанд. Ба ибораи дигар Худоро сарчашмаи хайр ва Иблисро манбаи бадиҳо ба қалам додаанд. Ва тақдири бад аз Худои азза ва ҷалла набинанд» [32, с. 121].

Ҳакими Самарқандӣ баъд аз шарҳи масъала ба хулосае меояд, ки «бад-ин сабаб гумроҳ шуданд ва ҳалок шуданд» [32, с. 121]. Зеро пайравони «қадария» ва «ҷабрия» ба андешаи ӯ «қавмеанд, ки гӯянд: «Хайр ва шар ҳар ду аз сунъи Худояст ва моро дар он ҳеҷ феъле нест. Ва мо ҳамчун чӯби хушкем афканда ва мо натавонем, ки аз худ тоат кунем ва маъсият кунем». Бад-ин сабаб гумроҳ шуданд» [32, 122].Дар баробари «қадария», «ҷабрия», мутафаккир ҳамчунин доир ба ҷараёнҳои “мурҷиа” ва «ҳашавия», ки шохае аз суннатгароёни Мовароуннаҳр ба шумор мерафтанд, андешаҳои худро баён месозад. Қобили зикр аст, ки дар бораи ин мактаб таҳо Макҳули Насафӣ нуқтаи назари худро баён карда буд. Ва ба аҳли фирқаи «ҳашавия» вай гуруҳеро дохил кардааст, ки онҳо манбаъ ва сарчашмаеро ба ҷуз аз ҳадисҳои Пайғамбар эътироф намедоштанд. Макҳули Насафӣ дар хусуси онҳо дар асараш «Китоб-у-радд ало аҳли-л-бидъа ва-л-ҳаво» маълумот додааст [20, с. 164]. Як нуқта қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар асари худ Мотурудӣ доир ба ҷараёни исноашариён ва ё имомия чизе нагуфтааст. Дар доираи таҳқиқоти аврупоиён маълум мегардад, ки ҷараёни мазкур ҳанӯз дар байни асрҳои X ва XI аз ҷониби пайрави он Муҳаммад ибни Масъуд ал-Айёшӣ [37, с. 84], ки аслан худ Самарқандӣ ба шумор мерафт, ҳамаҷониба таблиғ карда мешуд. Ҳанафиёни минтақа, онҳоро ҳамчун пайравони фирқаи «рофизиҳо» эълон дошта, Абӯллайси Самарқандӣ дар навиштаҳои худ муқобили ақидаҳои онҳо мубориза бурдааст. Дар маҷмӯъ Мотуридӣ дар асари дигари худ «Китобу радди-л-имома ли баъзи-р-равофиз» [3, с. 207] ба радди таълимоти аҳли “равофизи имомия” даст мезанад ва қавли Макҳули Насафӣ, Мотуридӣ дар муносибат ба масъалаи имомат нуктаи назари хос доштааст [23, с. 359]. Кулли он гуруҳҳое, ки таълимоташон тавассути ҳанафиён мавриди баҳсу мунозираҳо қарор гирифтанд, аз нигоҳи ақидатӣ хусусияти хоси худро доштанд. Ба он гуруҳе, ки ба онҳо баҳси ҷидди сурат мегирифт ин намояндагони мӯътазила буданд. Бидуни кадом як истисно метавон гуфт, ки мӯътазила ҳамчун рақибони воқеии ҳанафиёни Мовароуннаҳр ном баровардa буданд. Рақобати фикрии ин ду гуруҳ ба хусус дар «Рисола ило Усмон ал-Баттӣ»-и Абӯҳанифа ва «ас-Саводу-л-аъзам»-и Ҳакими Самарқандӣ хеле равшан нишон дода шудаанд. Дар тамоми дастхатҳои боқимондаи ҳанафиён ин мубоҳисот дар шакли анъанавӣ ва бо усули ба онҳо маълум боқӣ монда буданд, анҷом мегирифт.

Дар иртибот ба ин дар мунозираҳои ҳанафиёни ин давра бо дутопарастон (дуалистон) ҷои хосса дорад. Ба хусус ҳанафиён ба таълимоти ҷараёнҳои монавия [23, 226] ва зардуштия [23, с. 243] диққати махсус медоданд. Онҳо дар радияҳои худ андешаҳои зардуштияро бо дигар фирқаҳо муқоиса мекарданд. Агар дар таълимоти онҳо андешаҳои хавфноки ақидатиро медиданд, аз он танҳо барои наздикӣ доштанаш бо ақидаҳои зардуштӣ шарҳу тафсил медоданд. Барои мисол дар «Китобу-т-тавҳид»-и Мотуридӣ таълимоти маннониён (монавия) дар иртибот

бо зардуштия баррасӣ гардидааст. Дар хусуси зардуштия мутафаккир ҳангоми баҳсҳояш бо санавия [23, с. 180] ва ё зандақа [23, с. 187] зикр кардааст.

Дар ин давра ҳанафиён ба муқобили «даҳрия» ва дар шакли умум бо тамоми он уламо ва мактабҳое, ки дар ин ё он шакле аз таълимоти "абадияти моддӣ" ҷонибдорӣ мекарданд [31], баҳс кардаанд. Дар осори ҳанафиён доир ба номҳои мушаххаси ҷонибдорони «даҳрия» ва макони ҷуғрофии зисти онҳо ба ҷуз аз андешаҳои онҳо маълумоте вуҷуд надорад.

Пайравони қадим ва азалӣ будани олам низ ба ду гуруҳ ҷудо карда шудаанд. Дар баробари ин ақидаҳои "Асҳобу-т-табиъа" ва гуруҳи дигаре ҳаюлои абадиро "Асҳобу-л-ҳаюло" ташкил медод, ки аз ҷониби ҳанафиён мавриди накӯҳиши сахт қарор гирифтаанд. Аслан ақидаҳои мазҳабии намояндагони «даҳриён», ки ба чор гуруҳ тақсим шуда, дорои таълимоти хоси худ мебошанд, аз ҷониби ҳанафиён мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд. Гуруҳи аввалӣ, онҳо чунин мешуморанд, ки Худо дунёро аз «тина» офаридааст. Гуруҳи дуввумӣ, ки асҳобу-н-нуҷум номида мешаванд, ситораҳоро мабдаи асосии дунё шуморида, гуруҳи саввумӣ - "асҳоби ҳаюло" материяро нахустасоси олами ҳастӣ гуруҳи чаҳорум дуалистҳо бошанд ба ду нахустасос боварӣ доштанд [20, с. 77-85].

Дар баробари дигар ҷараёнҳои фикрии Мовароуннаҳр дар асри X ҷараёни исмоилия мақоми баланд дошт. Аз ин фирқа ҳанафиён бо номи «қарматиҳо» ва "ботиниҳо" ёд кардаанд [20, с. 127]. Ақидаи исмоилиён қабл аз Мовароуннаҳр ба Хуросон ворид гашта буданд, ки он ба садаи нуҳӯми мелодӣ (III ҳ.) мутобиқат мекунад. Абдулқоҳири Бағдодӣ таъкид кардааст, ки ҳанӯз дар замони Муҳаммад ибни Тоҳир (тоҳириён) исмоилия дар Хуросон зуҳур карда буд [9, с. 19]. Дар даҳаи охири асри IX Абӯабдуллоҳи Ходим ҳамчун доъии исмоилӣ дар Хуросон фаъолият карда, таблиғгарони худро ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр низ фиристода буд [28, с. 12].Дар замони ҳукмронии Исмоил ибни Аҳмад, яке аз доъиёни исмоилия Абӯбилол вориди Мовароуннаҳр гашта, ба таблиғи мазҳаби исмоилӣ мепардозад. Ӯ маркази фаъолияти худро «дору-л-адл» ном гузошта, аҳли деҳоти атрофи Ҳиротро ба мазҳаби исмоилия шомил сохта буд [25, с. 299].Муболиғони исмоилия дар Хуросон Убайдуллоҳи Маҳдӣ, Абӯсаъиди Шаъронӣ, Ҳусайн ибни Алии Марврудӣ ва дигарон ба муваффақиятҳои беназир ноил шуданд. Дар натиҷаи таблиғоти онҳо аз навоҳии Толиқон, Маймана, Форёб, Ғарҷистон ва Ғур (Афғонистони муосир) ба мазҳаби исмоилия гаравиданд. Марврудӣ дар соли 915 м. қиёмеро бар зидди амир Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил созмондеҳӣ карда, саранҷом ба шикаст рӯ ба рӯ шуд.Баъд аз Марврудӣ доъияи исмоилиёни Мовароуннаҳрро Абулҳасан Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ҳамдуяи Баздавии Насафӣ таъйин шуд. Вай дар қалъаи Баздаҳи Насаф макони зист дошт. Ба қавли муҳаққиқи эронӣ Зарёбкӯӣ Аббос «исмоилия ҳамвора ақоиди мазҳабии худро бо истидлолоти фалсафӣ тавъам медошт ва он ҷо, ки ақида ва Қуръон ва ҳадис бо фалсафа бархӯрд дошт саъй мекард, ки завоҳири Қуръон ва ҳадис ва нусуси ақоидро ба нафъи фалсафа таъвил ва тафсир кунад. Фалсафаи исмоилиён бештар аз фалсафаи Форобӣ ва Ибни Сино ранги навафлотунӣ дошт ва аз фалсафаи Фисоғурис (Пифагор) низ таъсирпазир буд. Авҷи ин амр дар мактаби «Ихвону-с-сафо», ки дар садаи даҳуми мелодӣ дар Басра ва Бағдод зоҳир шуданд ва расоилро

дар баёни ақоиди худ мунташир сохтанд, намуд ёфт». Дар маҷмӯъ дар асри X дар Мовароуннаҳру Хуросон аз ҷониби доиён ва мутафаккирони исмоилияи ин минтақа кӯшишҳои зиёде карданд, то андешаҳои ақидатии ин фирқа паҳн гардад.

Дар минтақаи мазкур дар паҳлуи фирқаи исмоилия, ҳамчунин «монавиён» низ хеле сершумор буданд ва муваффақона таълимоти худро бо муваффақият таблиғ мекарданд. Суғд дар радифи Ироқ барои монавиён маркази дуввуми муҳими асосии тавсиаи фаъолият гардида буд. Густариши ин фирқа дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳанӯз ҳангоми дар ҳаёт будани асосгузори ин ҷараён Монӣ шурӯъ гардида, эҳтимоли зиёд меравад, ки онҳо дар асри V ба ин минтақа омадаанд [36, с. 178]. Ибни Надим доир ба шикасти монавиён, ки ҳанӯз дар асри VI ба вуқуъ пайваста буд, овардааст, ки бо саркуб гардидани монавиён дар Байнаннаҳрайн ва паноҳ ҷустани онҳо ба Мовароуннаҳр боиси ворид шудани тағйирот дар таълимоти ақидатӣ ва ҷаҳонбинии мардуми ин минтақа гардид [16, с. 334]. Баъд аз ду асри забткориҳои мусулмонон пайравони монавия боз ба фаъолияти худ шурӯъ карда, дар Мовароуннаҳр обрӯи зиёдеро касб карданд [11, с. 337]. Дар даврони баъдӣ «монавиён» дар соли 722 бо ҷанги мусулмонон рӯбарӯ шуда, бештари рӯҳониёни фирқаи монавия Самарқандро тарк карданд ва ба ҷониби Шарқи Мовароуннаҳр ба сарзаминҳои туркон рахти сафар бастанд [35, с. 237]. Дар «Ҳудуд-у-л-олам», ки соли 982-9833 навишта шудааст, ба мо маълум менамояд, ки дар шаҳри Самарқанд хонақоҳи монавиён арзи вуҷуд доштанд. Ба қавли Абӯрайҳони Берунӣ дар олами ислом ҷамъияти монавиёнро ба ҷуз аз Самарқанд дигар дар ҳеҷ куҷое пайдо кардан мумкин набуд [13, с. 209].

Дар ниҳоят баҳсҳои ҳанафиён бо ҷараёнҳову динҳои пешазисломӣ ва ҷарёнҳову фирқаҳои зиёди исломӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки барои онҳо шартҳои хусусияти минтақавӣ дошта, хеле кам аст. Новобаста аз он ки дар Мовароуннаҳр анъанаи инкишофи таълимоти даврони эллинӣ вуҷуд дошт, лекин ҳанафиён доир ба он чандон таъкид намекунанд. Дар иртибот ба таҳлилҳои боло метавон хулоса кард, ки ҳанафиёни Мовароуннаҳр дар таълимот ва баҳсҳои худ анъанаи қадимаи радду бадали фирқаҳо ва мактабу ҷараёнҳои диниву мазҳабӣ ва фалсафиро риоя намуда, бо бо аксари онҳо дар ҳолати таззоди фикрӣ қарор доштанд. Пешвоёни мазҳаби ҳанафия андешаҳои фирқаҳои мавҷударо ба доманаи баҳс кашида, дар чаҳорчӯбаи талаботи осори ба “милалу ниҳал” бахшида онҳоро таҳлил кардаанд. Онҳо худро аз хатари бунёдгароӣ ҳифз намуда, барои таҳким бахшидани ақида ва ҳифозати мавқеи худ саъю талош карда, амнияти сиёсӣ, ақидатӣ ва идеологии замони худро таъмин менамуданд. Ҳадафи онҳо ҳифзи мавқеи худ аз «бероҳон» ва “ифротгароён” буд. Онҳо хусусиёти миллии фарҳанги хоси Мовароуннаҳрро таблиғ карда, онро аз таъсири фарҳангҳои маънавии бегонагон нигоҳ медоштанд. Масалан, яке аз хусусиятҳои баҳсҳои фирқавии онҳо таҳлили тамоюли навафлотунигароёнаи исмоилиён ба ҳисоб мерафт. Дар робита ба мақоми монавиёну зардуштиён дар фарқият аз дигар фирқаҳо ва дину мазҳабҳо ба таҳлили ҷаҳонбинии онҳо таваққуф зиёдтар карда буданд. Бо ин мавқеъгирии худ онҳо кӯшиш намудаанд ҳадафи асосии худ, яъне қабули фиқҳ ва ақидаи ҳанафиро дар минтақа асоснок намоянд, зеро ин фирқа ҳанӯз дар Мовароуннаҳр ба таври ниҳоӣ ташаккул наёфта буд.

Баҳсу мунозирот бо аҳли мӯътазила низ барои ҳанафиёни минтақа мавқеи хоса дошт. Дар ин самт ҳадафи асосӣ на танҳо ҳифзи ақида ва мавқеи худ буд, балки онҳо бояд нуқсону норасоиҳои рақибони дохилидиниро низ бояд нишон медоданд. Аз ҳамин сабаб онҳо дар шакли намоишкорона бо таълимоти санавиён, даҳриён ва мӯътазила баёнот медоданд. Бартарияти фиқҳи Абӯҳанифа ва ақидаи онҳоро бар рақибонашон айёнан равшан сохта, хулоса мекарданд, ки танҳо ин ақида ва ин низоми фиқҳии онҳо метавонад ҳамчун андешаи фароқавмӣ барои тамоми аҳли ҷомеаи Мовароуннаҳр ва Хуросон, ки дар қаламрави Сомониёнанд хидмат кунад ва амнияту устувории ҷомеа ва пешрафти низоми давлатро таъмин созад. Воқеан чунин тарзи масъалагузориҳо сабаби он шуд, ки дар ҷомеа суботи ақидатӣ, амнияти аҳли ҷомеа таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ пирӯз гардад, ки ин худ дар маҷмӯъ пирӯзии андешаи ҷадиди тоҷиконро др асрҳои миёна дар назар дошт.

**АДАБИЁТ**


1. Абдулкарими Тоҷир. Қандия. Ба кӯшиши Эраҷ Афшор. – Теҳрон, 1367.
2. Абдурраҳмон Абдухолиқ. Шарҳи ақоиди Насафӣ.- Зоҳидон. –б/с. – С. 9.
3. Абӯлайси Самарқандӣ. Бустону-л-орифин. – С.207.
4. Абӯтоҳири Самарқандӣ. Самария. Теҳрон: Интишороти фарҳанги Эронзамин. 1343. – С.33;
5. Алӣ Абдулфаттоҳ ал-Мағрибӣ. Имому аҳли-с-сунна ва-л-ҷамоа Абӯмансур ал-Мотуридӣ ва ороҳу-л-каломия. –Қоҳира: Мактабату Ваҳба. 2009. – С.23.
6. Алиакбари Деҳхудо. Мотуридӣ. Луғатнома. – С.9.
7. Аллома Шиблии Нӯъмонӣ. Таърихи илми калом. – С.71.
8. Аҳмад Ибн Авзуллоҳ Луҳайбии Ҳарбӣ. Ал-Мотуридияту диросатан ва тақвиман. Риёз: дору-л-осима. 1413 ҳ. – С.96-97.
9. Бағдодӣ Абдулқоҳир ибни Тоҳир. Ал-Фарқ байн-ал-фирақ. Ба кӯшиши Муҳаммад Зоҳид ибни Ҳасани Кавсарӣ. –Миср, 1948. – С.19.
10. Баёзӣ Камолиддин Аҳмад ибни ал-Ҳасан. Ишороту-л-маром мин ибороти-л-имом. – Қоҳира.1949.-С.23.
11. Бартольд В.В. Сочинения. Т.IV. М., 1966.
12. Бассом Абдулвоҳиди Ҷобӣ. Ал-Масоилу-л-хилофия байна-л-ашоирати ва-л-мотуридия. – С.19.
13. Берунӣ Абӯрайҳон Муҳаммад. Ал-Осору-боқия ани-л-қуруни-л-холия. – С.209.
14. Забиҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. –Ҷ.I. Теҳрон, 1362 ш. – С.234.
15. Ибни Қатлубиғо. Тоҷу-т-тароҷим дар баёни авсофи табиӣ ва мазороти Самарқанд. Бағдод. 1912. – С.59 ва ғ.
16. Ибни Надим Муҳаммад ибни Исҳоқ. Ал-Феҳрист. –Қоҳира, 1960. –С.334.
17. Мақдисӣ Муҳаммад ибни Аҳмад. Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифати-л-ақолим. Лейдан, 1967. – С. 323.
18. Метс Адам. Тамаддуни исломӣ дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ. Тарҷумаи Алиризо Заковатӣ Қарогузлу. –Ҷ.I. Теҳрон, 1362ҳ. – С.47.
19. Миён Муҳаммади Шариф. Таърихи фалсафа дар ислом. Ҷ.1. – С.382.
20. Мотуридӣ Абӯмансур. Китобу-т-тавҳид. Ба кӯшиши Бакр Туполуғлӣ ва Муҳаммад Орӯшӣ. – Бейрут: Дору-с-содир. 2007 (1428 ҳ.). –С.187.
21. Мустафо Ҷавод. Ас-Сақофату-л-ақлия ва-л-ҳолату-л-иҷтимоия фӣ асри-л-раис Ибн Али бин Сино//Маҷаллату-л-ҷамъи-л-илми-л-ироқӣ. №4. Қ.II. Бағдод, 1956 (1375 ҳ.) – С.505.[1]
22. Муҳаммадризо Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. –С.699.
23. Насафӣ Абӯлмуъин Маймун ибни Муҳаммад. Табсирату-л-адилла. – Ҷ.1. Димишқ, 1990. – С.359.
24. Насафӣ Наҷмуддин Абӯҳафс Умар ибни Муҳаммад. Ал-Ақоиду-н-насафия. – Лондон, 1843.
25. Низомулмулки Тӯсӣ Ҳасан ибни Алӣ. Сияру-л-мулук (Сиёсатнома). –Теҳрон. 1355. –С.299.

26. Паздавӣ Абулюср Муҳаммад. Усулу-д-дин. Бо кӯшиши Ҳанс Петер Линсс. – Қоҳира, 1963 (1363 ҳ.).
27. Раббонӣ Гулпойгони Алӣ. Мотуридия // Кайҳони андеша. Теҳрон, 1381.
28. Рашидуддин Фазлуллоҳ. Ҷомеъу-л-таворих. (Қисмати Исмоилиён). Муҳаммад Тақии Донишпажӯҳ ва Муҳаммад Мударриси Зинҷонӣ. Теҳрон, 1356. – С.12.
29. Саид Муртазо. Шарҳи «Эҳё улуму-д-дин»-и Ғазолӣ. Қоҳира. 1893. – С.195.
30. Самъонӣ Абдулқарим ибни Муҳаммад. Ал-Ансоб. Ба кӯшиши Абдурраҳмон Муаллими Имонӣ. –Ҳайдаробод, Дакан, 1962-1982. Ҷ.11. – С. 62.
31. Ульрих Рудольф.ал-Матуриди и суннитская теология в Самарканде. – С.144.
32. Ҳакими Самарқандӣ. Ас-Саводу-л-аъзам. Тарҷумаи куҳан аз арабӣ. Хӯҷанд. Нуримаърифат. 2009. – С.128.
33. Ҳенри Корбэн. Таърихи фалсафаи исломӣ. Тарҷумаи Асадуллоҳ Митрӣ. – Теҳрон, 1358. – С.164.
34. Шамолов А.А. Каломи Мовароуннаҳр. – Душанбе, "Дониш", 2013 – С.299-300.
35. Haussig HansWilhelm. Die Geschich Zentralasiens und der Seidenstrabe in vorislamischer. Zeir, Darmstadt. –C.237.
36. Lieu Samuel IV.C. Manichaeism in the Later Roman Empire and Medieval China. A Historical Survey. Manchester 1985. –C.178.
37. Madelung Wilgerd. Religious Trends in Early Islamic Iran.Albany 1988 (Bibliotheca Persica. Columbia literatures on Iranian Studies,4).
38. Madelung Wilgerd. Derilmam al-Qasim ibn lbrahim und die Glaubensle hre der Zaiditen. Berlin, 1965 (Jtudien zvr Sprache, Geschichte und Kultur des islamishen Orients № F.I.).
39. Melikan-Chirvani. Buddism II. In Islamic Times // E Iran. IV. 498a.
40. Rosenthal J. Hiwi al-Balhi/ A Comparative Study.Philadelphia, 1949. – C.43.

## НАҚШИ МАЗАҲАБИ ҲАНАФИЯ ДАР ТАШАККУЛИ ҲУВИЯТ ВА АРЗИШҲОИ МИЛЛИИ ТОҶИКОНИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН

Дар мақола нақши мазаҳаби ҳанафия дар ташаккули ҳувият ва арзишҳои миллии тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар асоси омӯзиши маъхазҳо ва адабиёти сершумор муаллифон раванди ташаккули мақоми ҳанафия ва мактаби фиқҳии онро пайгирӣ карда, тасдиқ кардаанд, ки тибқи ахбори манбаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти мавҷуда Мотуридии Самарқандӣ асосгузори мактаб буда, дар баробари омӯзиш ва фаъолияти илмӣ шогирдони зиёдеро низ тарбия кардааст. Таъкид карда мешавад, ки осори боқимондаи Мотуридӣ ҳамчун саромади мактаби каломии ҳанафии Мовароуннаҳр нишон медиҳад, ки вай дорои зеҳни қавӣ ва истеъдоди баланди илмӣ буда, ҳамчун мутаккалими барҷаста, таҳқиқотҳои аслии худро ба илми калом ва усули фиқҳ бахшидааст. Хулоса карда мешавад, ки ҳанафиёни Мовароуннаҳр дар таълимот ва баҳсҳои худ анъанаи қадимаи радду бадали фирқаҳо ва мактабу ҷараёнҳои диниву мазҳабӣ ва фалсафиро риоя намуда, бо бо аксари онҳо дар ҳолати таззоди фикрӣ қарор доштанд. Пешвоёни мазҳаби ҳанафия андешаҳои фирқаҳои мавҷударо ба доманаи баҳс кашида, дар чаҳорчӯбаи талаботи осори ба "миналу ниҳал" бахшида онҳоро таҳлил кардаанд.

**Калидвожаҳо:** мазҳаби ҳанафия, ҳувият, арзишҳои миллӣ, тоҷикон, Моваруннаҳр, Хуросон, Сомониён, Абӯҳанифа, мактаби фиқҳӣ, худшиносии миллӣ, анъанаҳои миллӣ.

## РОЛЬ ХАНАФИТСКОЙ ШКОЛЫ МЫСЛИ В ФОРМИРОВАНИИ ИДЕНТИЧНОСТИ И НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ ТАДЖИКОВ МАВЕРАННАХРА И ХОРАСАНА

В статье рассматривается роль ханафитской школы мысли в формировании идентичности и национальных ценностей таджиков Мавераннахра и Хорасана. На основе изучения многочисленных источников и литературы авторы прослеживают процесс становления статуса ханафитской школы и ее школы правоведения и подтверждают, что согласно историческим источникам и исследованиям Мотуриди Самарканди является основателем школы, который наряду с изучением наук и начуной деятельностью воспитал много учеников. Подчеркивается, что сохранившиеся труды Мотуриди как основоположника школы ханафитского каляма свидетельствуют о том, что он обладал сильным интеллектом и высоким научным талантом, и как выдающийся мутакаллим посвятил свои оригинальные исследования науке калама и методу фикха. Делается вывод, что ханафиты Мавераннахра в своих учениях и диспутах следовали древней традиции отрицания сект и школ, религиозно-философских процессов и со многими из них находились в состоянии интеллектуального конфликта. Лидеры ханафитской школы мысли обсудили взгляды существующих сект и проанализировали их в контексте требований работы, посвященной «нациям и народам».

**Ключевые слова**: ханафитская школа, идентичность, национальные ценности, таджики, Моваруннахр, Хорасан, Саманиды, Абу Ханифа, школа исламского правоведения, национальное самопознание, национальные традиции.

**THE ROLE OF THE HANAFI SCHOOL OF THOUGHT IN SHAPING THE IDENTITY AND NATIONAL VALUES OF THE TAJIKS OF MAVERANNAHR AND KHORASAN**

The article discusses the role of the Hanafi school of thought in shaping the identity and national valuesof the Tajiks of Maverannahr and Khorasan. Based on the study of numerous sources and literature, the authors trace the process of establishing the status of the Hanafi school and its school of jurisprudence and confirm that, according to historical sources and research, Moturidi Samarkandi is the founder of the school, who, along with the study of sciences and scientific activities, brought up many disciples. It is emphasized that the surviving works of Moturidi as the founder of the Hanafi kalam school testify that he had a strong intellect and high scientific talent, and as an outstanding mutakallim devoted his original research to the science of kalam and the method of fiqh. It is concluded that the Hanafites of Maverannahr in their teachings and disputes followed the ancient tradition of denying sects and schools, religious and philosophical processes, and with many of them were in a state of intellectual conflict. The leaders of the Hanafi school of thought discussed the views of the existing sects and analyzed them in the context of the demands of the work on «nations and peoples».

**Key words**: Hanafi school, identity, national values, Tajiks, Maverannahr, Khorasan, Samanids, Abu Hanifa, school of Islamic jurisprudence, national self-knowledge, national traditions.

**Маълумот дар бораи муаллифон*: Шамолов Абдувоҳид Абдуллоевич* –** Филиали Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ламоносов дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Бохтар, 35/1.
***Ғуломов Тоҷиддин Мирзоалиевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 907827090** E-mail: **Tojiddini_82@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Шамолов Абдувохид Абдуллоевич*** - Филиал Московского государственного университета в городе Душанбе, доктор философских наук, профессор кафедры общественных наук. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Бохтар, 35/1.
***Гуломов Тоджиддин Мирзоалиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры историографии и архивоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907827090** E-mail: **Tojiddini_82@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Shamolov Abduvohid Abdulloevich*** - Branch of Moscow State University in Dushanbe, Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Social Sciences. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Bokhtar, 35/1.
***Gulomov Tojiddin Mirzoalievich*** - Tajik National University, Candidate of Philosophy, Associate Professor of the Department of Historiography and Archives. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17, Phone: **(+992) 907827090** E-mail: **Tojiddini_82@mail.ru**

УДК:903.1 (575.16)

# ТАЪРИХИ НИЗОМИ АНДОЗСИТОНӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА АВВАЛИ АСРИ XX ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ

*Мирзоалиева Муборак*
**Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон**

Аморати Бухоро пас аз истилои Русия, дар ҳамон ҳолати қафомондагӣ ва асримиёнагӣ боқӣ монд ва сохтори сиёсии он тағйир наёфт. Ҳукуматдорон аз шикасти артишашон дар муҳорибаҳо ва аз даст рафтани истиқлолияташон, барои худ хулоса набаровscore. Ягона коре, ки дар соҳаи сиёсӣ карданд, ин бо ёрӣ ва дастгирии қӯшунҳои Русия ба зери итоати худ даровардани мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ буд. Дар солҳои 70-уми асри XIX бекиигарии Ҳисор, Кӯлоб, Дарвоз ва Қаротегин пурра ба итоати Бухоро дароварда шуданд.

Дар аморати Бухоро, тамоми мансабдоронро амирону бекҳо таъин мекарданд. Бояд гуфт, ки усули идораи аморат, бе ҳеҷ тағйирот давом мекард ва амирон аз нокомиҳои сиёсатмадории худ, ки боиси истило шудани мулкҳояшон гардида буд, сабақ нагирифтанд. Баъди аз тарафи Русия кашида гирифтани як қисми мулкҳои давлати Бухоро, дар аморат 27 вилоят (бекигарӣ) боқӣ монда буд. Ҳамон тарзи куҳнаи идоракунӣ низ боқӣ монда буд.

Дар харҷу дахли мамлакат ягон тартибе ба назар намерасид. Ҳокимони вилоятҳо ба воситаи амлокдорони худ, дар корҳои моликият, молия, ҷамъ кардани хироҷи ушр ва ғайра худсариҳои зиёде нишон медоданд. Аз аҳолӣ чи ситонидан ва ба хазина чи супоридани онҳоро касе тафтиш намекард. Пас аз ба зери тасарруфи Русия гузаштани Бухоро, ягона ҳокиме, ки каме барои тағйироти иҷтимоиёти мардуми Бухоро, кӯшиш намуда буд, амир Абдулаҳадхон буд. Ӯ соли 1883 ба сафорати давлати Бухоро дар Русия сардорӣ мекард. Бо аҳли дарбор суҳбатҳо дошт, бо ҳаёти сиёсию ҷамъиятии Русия ошно шуд ва аз рӯйи шаҳодати рӯзномаҳои «Новое время» №20637 аз соли 1883 ва «Правительственный вестник» №80 аз соли 1883, дар ҳама ҷойи ҷамъияти русӣ хотираҳои нек аз хоксорӣ, ақлу зебоии зоҳириаш гузошт [4, с.38].

Саид Абдулаҳадхони 28-сола, пас аз марги падараш - амир Музаффархон ба тахт нишаста, барои дар мамлакат ҷорӣ намудани тартибу низом ҷидду ҷаҳд мекунад. Фармони аввалини интишорнамудаи ӯ, барҳам додани ғуломдорӣ ва ғуломфурӯшӣ дар Бухоро буд. Амири ҷавон ба ислоҳоти артиши худ даст зад ва теъдоди онро то 13000 оварда расонид. Соли 1886 Абулаҳадхон фармон дод, ки дар тамоми хонигарӣ зиндонҳо барҳам дода шаванд. Бо фармони ӯ ҳабсхонаи машҳури чоҳи сиёҳ ва канахона барҳам дода, бо хок пур карда шуданд. Сонитар, боз чанд фармоне интишор кард, ки барои пойдории ахлоқи ҷомеа равона карда шуда буданд. Аз ҷумла, истеъмоли нашъа, кукнор манъ карда шуда буданд. Дар бобати андозу андозгирӣ ҳам, тартиб ҷорӣ намуда, сабукиҳо эълон кард. Дигар амали ӯ сохтани канали калони обёрӣ аз Амударё буд, ки 6 миллион рублро ташкил мекард [12, с11-13].

Садри Зиё ба тарзи давлатдории амир Абдулаҳадхон чунин баҳо додааст: «Алғараз, амир Абдулаҳадхон ба як ҷой манзилу макон намекунад, имрӯз ба чаҳорбоғи Чармгарӣ шабона ба Қарияи султон, пагоҳ ба Сармич, фардо ба Хайробод ва ҳоказо. Арзачиён, ки аз вилоёт меомаданд, ҳама ҳайрону сарсон буданд. Аз аҳолии Кармина мепурсиданд, ба чуз «намедонам» дигар ҷавоб намешуниданд» [14, с.101].

Дар охири асри XIX ва аввали асри XX мубоӣризаи бекҳои Аморати Бухоро барои мустақилият давом мекард. Ба амирон лозим меомад, ки ҳар вақт лашкар кашида, ин ё он беки саркашро ба итоат даророанд ва ба супоридани хироҷ маҷбур созанд. Аз парокандагию бенизомӣ, худсарии ҳокимони маҳаллӣ аҳволи мардуми

бечора сангинтар мешуд. Ҳокимон барои беҳтар шудани иқтисодиёт дар кишвар кӯшиш намекарданд. Вале, дар фикри онҳо ҳамеша андози зиёдтаре ҷамъ кардан буд. Аз рӯйи маълумотҳои тадқиқотчии рус Логофет Д.Н., мадохилот аз андозҳои Аморати Бухоро 18 миллион рубли тиллоро дар як сол ташкил медод. Худи амир бошад, расман онро ҳар соле 25 миллион рубл эълон медошт. Вале, Логофет бо далелҳои мантиқӣ мегӯяд, ки вилоятҳои Бухоро соле то 9 миллион рубл ба хазинаи амир андоз равон мекарданд. Ӯ андози 25 вилояти Бухороро муайян кардааст [11, с.52-55].

Бинобар нишондоди ҷадвал вилоятҳои ободи мамлакат, ба монанди Ҳисору Бухоро, Қаршию Шаҳрисабз имконияти бештари андоздиҳӣ доштанд. Ба ин рақамҳо он ҳиссае, ки амалдорони вилоят ба худ нигоҳ медоштанд, дохил намешуданд. Инчунин, ба хазинаи амир соле то 5 миллион рубл андоз аз гумрук дохил мешуд.

Аз рӯйи ҳисоби олимон, дар нимаи асри XIX андозҳое, ки аз мардум ситонида мешуд, ба 40 то 60 намуд рафта мерасиданд. Инчунин, даромади хазинаи амир низ, ҳисоби муайяни худро надошт. Аз рӯйи ахбороте, ки намояндаи (агенти) дар Бухоро будаи Россия, ба генерал-губернатори Туркистон пешниҳод намудааст, чунин маълумотҳоро дидан мумкин аст:

Соли 1894, ҳаҷми умумии андози ҷамъшудаи аморат, 2. 159.250 сӯми русиро ташкил намуда будааст. Аз ин маблағ, 650.750 сӯм аз ҳисоби Бухорои Шарқӣ ворид гаштааст. Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур, ба ҳар як бекигарӣ маблағи муайяни пардохт пешниҳод гашта буд:

- Вилояти Бойсун- 18750 сӯм;
- Деҳнав – 45.000 сӯм;
- Қабодиён – 60000 сӯм;
- Қӯрғонтеппа – 6000 сӯм;
- Бекигарии Ҳисор – 400.000 сӯм;
- Вилоятҳои Кӯлоб, Балҷувон ва Дарвоз дар якҷоягӣ -100.000 сум;
- Қаротегин – 30.000 сум;

Дар соли 1912 бошад, даромади солонаи амир аз ҳисоби савдову тиҷорат 715.000 сӯмро ташкил медод. Закот аз ҳайвони хонагӣ – 510.000 сум, хироҷ (андоз аз замин) – 1850.000 сӯм, закоти савоим (андоз аз ҳисоби чорво) – 270.000 сӯмро ташкил менамуд. Ва дар маҷмуъ, ҳамаи андози яксолаи амири Бухоро аз 3345.000 сӯм иборат буд. Бо маълумоти Вазорати корҳои хориҷии Русия даромади ҳарсолаи аморат 2,5 млн сӯмро ташкил менамояд, ки чунин сарф мегардад: барои нигоҳдории қӯшун - 1,2 млн. сӯм; барои эҳтиёҷоти амир қариб 900 ҳазор сӯм; барои руҳониён – 100 ҳазор сӯм;

Вале, Садриддин Айнӣ даромади солонаи амирро дар соли 1913, 30 млн сӯм нишон додааст. С. Айнӣ мегӯяд, ки ин, танҳо маблағе ҳаст, ки аз аҳолӣ ситонида шудаанд ва ба хазина ворид мегардад, сарфи назар аз тухфа ва инъомҳои шахсии амир [14, с.390].

Ба ғайр аз андоз, ба дӯши мардуми заҳматкаш уҳдадориҳои дигар, ба монанди тоза кардани ҷӯйҳову каналҳо, таъмири роҳу кӯпрукҳо, ҳашарҳои гуногун ба фоидаи феодалон дида мешуд. Аҳолӣ, боз ба ҷабру истибдоди давлатдорон дучор мегардиданд. Барои кам адо намудани қарз (андоз) онҳоро ҷарима намуда, ҷазо медоданд. Дар маҳалҳои дурдасттари Бухорои Шарқӣ бештар мардум маҳалли аслии худро партофта, ба дигар ҷойҳо кӯч мебастанд. Ин аз он маълум гаштааст, ки агар дар Ховалинг чор сол пештар қариб 500 қӯш - ҷуфти гов бошад, акнун ҳамагӣ 40-50 қӯш ҷуфти гов мавҷуд аст [10, с.793].

Аморати Бухоро, Бухорои Шарқиро чун мустамликаи худ қарор дода, дар ин ҷо тартибот назар ба қисми ғарбии аморат сахттар буд.

Амир ба ивази маош ба сипоҳиён андози тамоми як деҳаро мебахшид. Сипоҳиёне, ки дорои чунин мукофот мегардиданд, «танхоҳ»-дор меномиданд. Деҳқонони чунин деҳаҳо ба фоидаи танхоҳ кор мекарданд. Танхоҳхӯр метавонист духтарони ин деҳаҳоро фурӯшад, ба занӣ гирад, ҳавлиҳои деҳқононро кашида гирад ва ҳарчи хоҳад мекард. Хариду фурӯши мансабҳо ба таври рӯирост авҷ мегирифт. Барои навкари одӣ шудан 1200-3000 танга ришва додан лозим буд. Агар ин гуна навкар дар шаҳр ё қалъае ба хизмати ҳарбӣ таъин мешуд, аз ҳар гуна андоз озод карда шуда, ғайр аз ин, барои таъмини маош ба ихтиёраш ду «буна»-у ҳавлӣ дошта бошад, хоҷагии деҳқонӣ дода мешуд.

Агар навкар замину боғ дошта бошад, дар ин сурат ба вай «буна» дода намешуд, вале ягон андоз аз ӯ ситонида намешуд. Мансаби қаровулбегӣ хеле қиматтар-2-4 ҳазор танга меистод. Ба ихтиёри қаровулбегӣ 4 «буна» дода мешуд. Қаровулбегие, ки дар хизмати амир бошаду дар айни ҳол молу мулку замин дошта бошад, уҳдадор буд, ки ба фоидаи хазинаи амир ушр – (даҳяки ҳосил) ва «амал», яъне 21 танга хироҷи заминро диҳад. Ҳамин тавр, тамоми мансабҳо, аз ҷумла мансаби мирохӯр – 3-5 ҳазор танга, ба ихтиёраш 4-10 «буна», ҳазор танга, ба туқсабо 5-10 ҳазор танга, ба ихтиёраш 100 «буна», мансаби эликбошӣ 6-15 ҳазор танга, ба ихтиёраш 150-200 «буна» фурӯхта мешуд.

Ниҳоят, мансаби «бий», ки онро худи амир медод (дигар мансабҳои аз ин поинро худи беки Қаротегин мефурӯхт ва аз ин хариду фурӯш ҳатто амирро хабардор намекард) то 300 буна мегирифтанд, ки онҳоро истисмор карда, хароҷоташонро мебароварданд. Амалдорон ва мансабдорон соҳибони замин буданд, ки ин заминҳо ба якчанд гурӯҳҳо тақсим карда мешуданд: Заминҳои амлокӣ- давлатӣ, заминҳои мулкӣ- шахсӣ, танхоҳ, заминҳои вақф. Заминҳои амлокӣ ба таври мерос аз даст ба даст мегузаштанд. Деҳқононе, ки дар заминҳои амлокӣ кор мекарданд, аз онҳо дар шаклҳои гуногун андозҳои зиёд ситонида мешуд. Инчунин, онҳо аз 3/1 ҳосили замин андоз месупориданд. Деҳқонони бекигарии Ҳисор аз заминҳои обӣ хумс яъне панҷяки хосилро андоз месупориданд, аз заминҳои лалмӣ ушр, яъне даҳяки ҳосилро медоданд.

Ғайр аз ин, амлокдор ҳангоми андозғундорӣ расман аз ҳар як батман (тақрибан -12 пуд) ҳосили замини обӣ як нимхӯрд (32 қадоқ) ва аз замини лалмӣ нимчоряк (8 қадоқ) ҳақ меситониданд. Доруға, ки ба ғундоштани хироҷ сарукор дошт, ба тариқи кавсан «муҳрона» мегирифт. Ҳиссаи мироб баробари ҳиссаи амлокдор буд. Оқсақол аз ҳар батман нимчоряки ҳосилро дарёфт мекард. Ниҳоят, домуллоимом ҳамагӣ ду ғалбери 64 қадоқа «ҳаққи Аллоҳ» гуфта мегирифт. Заминҳои мулкӣ бошад, ба таври озод аз насл ба насл ба мерос мегузаштанд. Заминҳои дар ихтиёри танхоҳдор буда муваққатӣ буданд. Заминҳои вақфӣ бошанд, асосан дар дасти руҳониён буданд. Дар чунин заминҳо деҳқонон меҳнат карда, ба фоидаи давлат ё шахсони алоҳида андоз месупориданд.

Идораи дохилии аморат пас аз тобеи Русия шудани он ҳам тақрибан дигар нашуда буд. Дар сари давлат амири манғит меистод. Баъд аз ӯ давлатро қӯшбегӣ идора мекард. Мансабҳои қозикалон, девонбегӣ, мударрис, муфтӣ, ҳоким, имом, бек, мулло, мироб, миршаб, амлокдор, доруға, закотчиён, раис ва ғайраҳо низ ҷой доштанд. Аморати Бухоро ба 25 вилоят ва 10 туман ҷудо мешуд. Вилоятҳо бошанд, ба амлокдорӣ ҷудо шуда, аз тарафи ҳоким, мир ва бекҳо идора мешуданд, ки дорои рутбаҳои девонбегӣ, додхоҳ, туқсабо, иноқ, бий ва ғайра буданд.

Дар ҳудуди ҳозираи Тоҷикистон, нуҳ вилояти тобеи Бухоро: Кӯлоб, Балҷувон, Қубодиён, Ҳисор, Қаротегин, Дарвоз, Шуғнон, Рӯшон ва Вахон ҷой доштанд. Дар ихтиёри ҳокими вилоят амалдорони сершумор ва дастаҳои 2-3 ҳазораи сипоҳиён хизмат мекарданд. Амлокдорон (сардори андозғундорон), ки дорои унвонҳои баҳодур ё қаровулбегӣ мешуданд, аз тарафи ҳокими вилоят таъин мегардиданд. Доруғаҳо, асосан, андоздиҳандагонро ба рӯйхат гирифта, андоз меситониданд.

Гурӯҳи закотгирон аз саршумори чорво андоз ҷамъ мекарданд. Аминҳо бошанд, дар сарҳади гумрукӣ аз тоҷирон боҷ меситониданд.

Дар Аморати Бухоро хариду фурӯши мансабу рутбаҳо васеъ паҳн шуда буд, ки аз он амиру амалдорон, ҳокиму бекҳо даромадҳои калоне ба даст медароварданд. Замин дар охири асри XIX ва аввали асри XX, дар Осиёи Миёна дар ихтиёри хону амирон буд. Хариду фурӯши замин асоси даромади феодалиро ташкил медод. Якчанд шаклҳои заминдорӣ, ба монанди амлокӣ, мулкӣ, хироҷ, вақф, танхоҳ ва ҷомеавӣ вуҷуд доштанд. Заминҳои амлокӣ, моликияти давлатӣ буда, ҳеҷ кас ҳақ надошт, ки онҳоро харад, фурӯшад, мерос гузорад, гарав монад ё ба вақф диҳад. Заминҳои амлокро абадӣ гирифтан мумкин набуд. Онҳоро дар асоси шартҳои вазнин ба иҷора медоданд. Он заминҳо бо унвони амлокӣ, подшоҳӣ, султонӣ ёд мешаванд. Хироҷи ин заминҳо ба хазинаи давлат ворид мешуд.

Мулки ҳурри холис, асосан, ба эшонҳо тааллуқ дошта, давлат аз онҳо андоз намегирифт. Инҳо заминҳои серҳосилу сероб буда, ба иҷора дода мешуданд. Онҳоро ба вақф додану мерос гузоштан мумкин буд. Меросхӯр васиқанома гирифта, аз ҳоким тасдиқнома дошт. Ин мулкҳоро баъзан харидан мумкин буд.

Танхоҳ барои хизмат дар назди давлат ва лашкар дода мешуд. Даромад ба нафъи танхоҳдор мерафт. Бидуни танхоҳ, танхоҳдор аз хазинаи давлат маблағи муайян ҳам мегирифт. Танхоҳ, як навъи нафақа ҳам буд. Ҳаҷми танхоҳ вобаста ба мартаба ва рутба буд. Танхоҳ аз 3 гектар то як деҳаи калонро ташкил медод. Агар ҷойи кори танхоҳдор иваз шавад, танхоҳҳояш низ иваз мешуд. Писаре, ки падарро иваз мекард, танхоҳҳояшро соҳиб мешуд. Баъзан, танхоҳ ба ворисони бесарпаноҳ ҳам дода мешуд. Танхоҳ гоҳо меросӣ низ мешуд. Деҳқонони иҷоракори танхоҳ сахт истисмор мешуданд. Аз замини танхоҳ ба хазинаи давлат чизе воридот намешуд.

Вақф ба муассисоти масҷиду мадраса, мактаб, хонаҳо ва мазорҳо тааллуқ дошт. Ин заминҳоро иҷоракорон истифода мебурданд. Вақф, дар Бухоро 24 фоизи тамоми заминҳои киштро ташкил медод. Хӯҷаини асосии вақф қозӣ, мутаваллӣ, мударрис, мулло ва эмом буда, аз он барои худ фоида мегирифтанд. Деҳқонони вақф аз 4 ё 5 як ҳиссаи ҳосилро соҳиб шуда, вобастаи мутаваллӣ ва аз озодӣ маҳрум буданд.

Заминҳои ба аҳолӣ вобастаро хироҷ меномиданд, ки теъдод ва ҳаҷми онҳо зиёд буд. Танҳо дар солҳои 60-ум онҳо дар Хуҷанд 83 ҳазор танобро ташкил медоданд. Асосан, заминҳои хироҷ лалмӣ буданд. Деҳқонони безамину камзамини болооби Зарафшон, Мастчоҳ ва Фалғар побанди феодалон буданд. Заминҳои ҷамъиятӣ бошанд, дар дашту кӯҳсорҳо - чарогоҳҳои тобистона ва зимистона ҷой доштанд. Барои чарогоҳҳо байни деҳаҳо мунoқишаҳо ба амал меомаданд. Ҳангоми хариду фурӯши замин қозӣ ба харидор васиқа медод. Нархи замин аз ҳосилнокӣ, серобӣ, масофа то шаҳру деҳа аз 200 то ду ҳазор сӯмро (дар Аморати Бухоро) ташкил медод. Нархи боғу токзорҳо низ баланд буд. Усули коркарди кишоварзӣ дар дараҷаи паст буда, усули истифодаи ҳашар ҷой дошт, ки онро феодалон васеъ истифода мекарданд. Дар Аморати Бухоро, каналҳои Ҷӯйи Хурмо (4 км), Ҷӯйи Саразм (3 км) то як метр чуқурӣ доштанд. Қазонариқ (40 км дарозӣ, 2 м. чуқурӣ) ба сӯйи Ургут ҷорӣ мешуд, ариқи Тайман (24 км дарозӣ, 1,5 м. чуқурӣ) заминҳои Шерозро шодоб мекард. Ариқи Тоғуз (24 км. дарозӣ, 2 м.чуқурӣ) тумани Суғутро аз об таъмин менамуд.

9. Всесоюзная перепись населения 1970 года. Городское и сельское население областей и краев РСФСР по полу и национальности // Демоскоп Weekly [Электронный ресурс]. – URL: http://www.demoscope.ru/weekly/ssp/rus_nac_70_gs.php (дата обращения: 17.04.2022).
10. Всесоюзная перепись населения 1979 года. Городское и сельское население областей и краев РСФСР по полу и национальности // Демоскоп Weekly [Электронный ресурс]. – URL: http://www.demoscope.ru/weekly/ssp/rus_nac_79_gs.php?reg=65 (дата обращения: 17.04.2022).
11. Всесоюзная перепись населения 1989 года. Национальный состав населения по регионам России // Демоскоп Weekly [Электронный ресурс]. – URL: http://www.demoscope.ru/weekly/ssp/rus_nac_89.php (дата обращения: 17.04.2022).
12. Всероссийская перепись населения 2002 года. Национальный состав населения по регионам России // Демоскоп Weekly [Электронный ресурс]. – URL: http://www.demoscope.ru/weekly/ssp/rus_nac_02.php?reg=61 (дата обращения: 17.04.2022).
13. Всероссийская перепись населения 2010 г. Население по национальности, полу и субъектам Российской Федерации // Демоскоп Weekly [Электронный ресурс]. – URL: http://www.demoscope.ru/weekly/ssp/rus_etn_10.php?reg=62 (дата обращения: 19.04.2022).
14. Государственный архив Ханты-Мансийского автономного округа – Югры (далее – ГА ХМАО–Югры). Ф. 6. Оп. 1. Ед. хр. 17. Документы о естественном и механическом движении населения по районам округа за 1932–39 годы (сведения, таблицы, списки, контрольные листы). Единовременные статистические отчеты сельских Советов районов округа о возрастном и половом составе населения в 1943 г. 1932–39 гг., 1943 г. Л. 78.
15. ГА ХМАО–Югры. Ф. 6. Оп. 1. Ед. хр. 97. Сведения о национальном составе населения районов округа в 1945 г. Динамика роста населения по районам округа за 1931–44 г. Л. 2.
16. ГА ХМАО–Югры. Ф. 6. Оп. 1. Ед. хр. 932. 65 лет Ханты-Мансийскому автономному округу (информационно-статистический справочник. Л. 2.
17. Итоги Всероссийской переписи населения – 2002: Стат. сб. в XI-ти частях. Ч. III. Национальный состав населения в Тюменской области / Территориальный орган Федеральной службы государственной статистики по Тюменской области. – Т., 2005. – 427 с.
18. Итоги Всероссийской переписи населения – 2010: Стат. сб. в 10-ти частях. Ч 3. Т. 2. Национальный состав и гражданство населения в Тюменской области. Ханты-Мансийский автономный округ – Югра. Ямало-Ненецкий автономный округ. – Тюмень: Территориальный орган Федеральной службы государственной статистики по Тюменской области, 2013. – 238 с.
19. Левиков А., Переведенцев В., Смирнов-Черкезов А., Травинский В. Путешествие к феномену («ЛГ на берегах Оби») / А. Левиков, В. Переведенцев, А. Смирнов-Черкезов, В. Травинский // Литературная газета. – 9 мая 1967 г. – № 19. – С. 2–20.
20. Мокшин Н.Ф. Религиозные верования мордвы / Н.Ф. Мокшин. – Саранск: Мордов. кн. изд-во, 1998. – 232 с.
21. Мордва юга Сибири / Л.И. Никонова [и др.]. – Саранск: НИИ гуманитар, наук при Правительстве РМ, 2007. – 312 с.
22. Мордва Дальнего Востока / Л.И. Никонова, Л.Н. Щанкина, Н.Н. Авдошкина, В.П. Савка. – Саранск: НИИ гуманитар, наук при Правительстве РМ, 2009. – 312 с.
23. Мордва Западной Сибири: в 2 ч. Часть 1. Село Калиновка: сибирская история и мордовские традиции / Л.И. Никонова, Л.Н. Щанкина, Ж.В. Шерстобитова. – Саранск: НИИ гуманитар, наук при Правительстве РМ, 2009. – 112 с.
24. Мордва Циркумбайкальского региона и Республики Хакасия / Л.И. Никонова, Л.Н. Щанкина, Т.В. Гармаева. – Саранск: НИИ гуманитар, наук при Правительстве РМ, 2010. – 268 с.
25. Мордва Урала и Зауралья / Л.И. Никонова, Т.В. Аксенова, Т.Н. Охотина, В.П. Савка, М.М. Фадеева – Саранск: НИИ гуманитар, наук при Правительстве РМ, 2012. – 464 с.

26. Мордва Саратовской области / Л.И. Никонова, С.А. Махалов, Т.Н. Охотина, В.П. Савка, Л.Н. Щанкина. – Саранск: НИИ гуманитар, наук при Правительстве РМ, 2013. – 252 с.
27. Мордва Владимирской области / Л.И. Никонова, Т.В. Аксенова, Т.Н. Охотина, М.М. Фадеева, Е.Г. Чибирева. – Саранск: НИИ гуманитар, наук при Правительстве РМ, 2013. – 184 с.
28. Мордва Калининградской области: ист.-этногр. исслед. / Л.И. Никонова, Е.Ю. Захватова, В.В. Митина, Т.Н. Охотина, М.М. Торопова. – Саранск: НИИ гуманитар, наук при Правительстве РМ, 2017. – 184 с.
29. Мордовская мифология: энциклопедия / науч. ред.: В.А. Юрчёнков, Г.А. Куршева, Н.Г. Юрчёнкова, И.В. Зубов; редкол.: Г.А. Куршева (пред.) [и др.]. – Саранск: НИИГН, 2020. – 1020 с.
30. Народы Пермского края. История и этнография. Том 2 / Д.И. Вайман, Т.Г. Голева, М.С. Каменских, С.А. Шевырин, А.В. Черных. – Пермь: Издательство «Пушка», 2014. – 424 с.
31. Очерки истории Ханты-Мансийского автономного округа – Югры (к 90-летию со дня образования Ханты-Мансийского автономного округа – Югры и 900-летию первого упоминания Югры в русских летописях) / под ред. Р.Г. Пихои. – Москва, Ханты-Мансийск; проект «Академическая история Югры», 2020. – 610 с.
32. Первая всеобщая перепись населения Российской Империи 1897 г. Распределение населения по родному языку и уездам Российской Империи кроме губерний Европейской России // Демоскоп Weekly [Электронный ресурс]. – URL: http://www.demoscope.ru/weekly/ssp/rus_lan_97.php (дата обращения: 18.04.2022).
33. Разговор со старшими. РОО Мордовский НКЦ «МасторАва» [Электронный ресурс]. – URL: https://www.youtube.com/watch?v=ELqhmOmN9CA (дата обращения: 17.04.2022).
34. Садиков Р.Р. Финно-угорские народы Республики Башкортостан (история, культура, демография) / Р.Р. Садиков. – Уфа: ООО «Первая типография», 2016. – 276 с.
35. Садиков Р.Р. Мордва-мурза Башкирии: история формирования и этнокультурные особенности этносословной общности / Р.Р. Садиков // Гуманитарий: актуальные проблемы гуманитарной науки и образования. – 2020. – Т. 20. – № 3. – С. 237–248.
36. Словарь национальностей для разработки Всесоюзной переписи населения 1937 года: Редакционно-издательское управление ЦУНХУ Госплана СССР и в/о «Союзоргучет». – М., 1937. – 26 с.
37. Сургутская «Масторава». Информационно-аналитическая редакция «Рузаевские новости» [Электронный ресурс]. – URL: http://ruzgazeta.ru/2016/01/29/%D1%81%D1%83%D1%80%D0%B3%D1%83%D1%82%D1%81%D0%BA%D0%B0%D1%8F-%D0%BC%D0%B0%D1%81%D1%82%D0%BE%D1%80%D0%B0%D0%B2%D0%B0/ (дата обращения: 17.04.2022).
38. Устно-поэтическое творчество мордовского народа. Т. 2. Лирические песни. – Саранск: Науч.-иссл. ин-т. яз., лит., истории и экономики при Совете Министров Мордов. АССР, 1965. – 372 с.
39. Финно-угорские народы России / науч. ред. проф. В.А. Юрчёнков. – Саранск: НИИ гуманитарных наук при Правительстве Республики Мордовия, 2016. – 864 с.
40. Ханты-Мансийский автономный округ – Югра. Туристический путеводитель. – Екатеринбург: Сред. Урал. кн. изд-во, 2008. – 126 с.
41. Щанкина Л.Н. Социокультурная адаптация мордвы в Сибири и на Дальнем Востоке: середина XIX – начало XXI в.: автореферат дис. на соиск. учен. степ. д-ра ист. наук / Л.Н. 42. Щанкина. – Москва: Ин-т этнологии и антропологии им. Н.Н. Миклухо-Маклая РАН, 2013. – 48 с.
42. Щанкина Л.Н. Мордва Сибири и Дальнего Востока: историко-этнографический аспект / Л.Н. Щанкина. – Москва: ВивидАрт, 2013. – 452 с.
43. Щанкина Л.Н. Мордва на территории Западной Сибири во второй половине XIX – начале XX века: некоторые проблемы переселения и обустройства / Л.Н. Щанкина // Археология, этнография и антропология Евразии. – 2019. – Том 47. – № 3. – С. 119–126.
44. Щанкина Л.Н. Крестьянское переселение в Тюменскую область в устных историях мордвы / Л.Н. Щанкина // Modern Science. – 2020. – № 5–4. – С. 77–80.
45. Щербаков А.С. Мордва Башкирского Приуралья: ист.-этнол. очерки / А.С. Щербаков. – Саранск: НИИ гуманитар, наук при Правительстве РМ, 2016. – 280 с.
46. Этнические группы и социальные границы. Социальная организация культурных различий. Сборник статей / Под ред. Ф. Барта, пер. с англ. И. Пильщикова. – М.: Новое издательство, 2006. – 200 с.

## МОРДВАИ ОБ-ИРТИШИ ШИМОЛӢ ДАР МАВОДИ БАРӮЙХАТГИРИИ АҲОЛӢ: ДИНАМИКАИ ШУМОРА ВА МАСКУНКУНОНИИ АҲОЛӢ

Мордва яке аз калонтарин халқҳои фин-угорҳои Русия аст ва он берун аз марзҳои ватани таърихии худ ҷойгир шудааст. Равандҳои васеъмиқёси муҳоҷират дар байни халқҳои минтақаи Урал-Волга бо масеҳикунонии маҷбурӣ, ҷустуҷӯи минтақаҳои нав / "беҳтар" барои ҳаёт, ташаккули минтақаҳои алоқаи иқомат, "советизатсия" -и ҳаёти ҳаррӯза ва фарҳанги анъанавӣ шарҳ дода

мешаванд. Объектҳои сохтмони комсомолӣ, кӯчондан ва азхуд кардани заминҳои боқимонда ё иштирок кардан дар азхудкунии конхои нефт. Дар мақола динамикаи шумораи мордовиён дар Шимоли Об-Иртиш тахлил шуда, омилҳое, ки ба сукунати аҳолии ин мавзеъ таъсир расонданд, муайян карда шудааст. Мақсади мақола омӯзиши сабабҳои муҳоҷирати мордовиён ба Шимоли Об-Иртиш ва тағйирёбии динамикаи аҳолии гурӯҳи этникӣ дар асри 20 - ибтидои асри 21 мебошад. Ба тараққиёти саноати нефту газ ва таъсири он ба сукунати мордовҳо дар округи автономии Ханти-Мансийск — Югра диккати махсус дода мешавад. Дар асоси маводи барӯйхатгирии аҳолии умумироссиягӣ тавсифи миқдори гурӯҳҳои субэтникии мордваҳо — мокша ва эрзи пешниҳод карда шудааст. Саволҳое, ки ба ташаккули гурӯҳхи омехтаи дохилиэтникии ҳудудии мордоаҳо дар Об-Иртиши Шимолӣ, кӯчидан, шумора, худшиносӣ, мавҷудияти нишонаҳои этнофарҳангӣ, инчунин нишон додани мансубияти этникӣ ва фарҳанги анъанавӣ. дар фазои шаҳрии шаҳри шимолӣ, мутаассифона, то ҳол ҷавоб дода нашудааст, ки муаллифони мақоларо водор мекунад, ки барои ҳалли ин мушкилот кӯшиш кунанд. Маскункунонии мордовиён дар шаҳрҳо, аз ҷумла дар шаҳри Сургут, ба зиндагии паймон ва дар натиҷа таъсиси иттиҳодияи миллӣ-фарҳангии МасторАва мусоидат кард, ки худро дар фазои шаҳр ҳамчун созмоне муаррифӣ мекунад, ки мансубияти мордовиёнро нишон медиҳад, ки мероси мадании халкро ҳифз намуда, сазовори тадқиқоти мустақил аст.

**Калидвожаҳо:** мордвинҳо, Об-Иртиши Шимолӣ, Сургут, аҳолӣ, шаҳрак, ҳувият, фарҳанг.

## МОРДВА ОБЬ-ИРТЫШСКОГО СЕВЕРА В МАТЕРИАЛАХ ПЕРЕПИСЕЙ НАСЕЛЕНИЯ: ДИНАМИКА ЧИСЛЕННОСТИ И РАССЕЛЕНИЕ

Мордва – один из крупнейших финно-угорских народов России и расселена она далеко за пределами своей исторической родины. Масштабные переселенческие процессы среди народов Урало-Поволжья объясняются насильственной христианизацией, поиском новых / «лучших» территорий для жизни, формированием контактных зон проживания, «советизацией» повседневности и традиционной культуры, комсомольскими стройками, переездами и освоением целины либо участием в разработке нефтяных месторождений. В статье проанализирована динамика численности мордвы Обь-Иртышского Севера и определены факторы, повлиявшие на расселение народа на указанной территории. Цель статьи заключена в исследовании причин переселения мордвы на Обь-Иртышский Север и изменении динамики численности этноса в XX – начале XXI века. Особое внимание отведено вопросам развития нефтегазодобывающей промышленности и её влияния на расселение мордвы в Ханты-Мансийском автономном округе – Югре. По материалам Всероссийских переписей населения представлена количественная характеристика субэтносов мордвы – мокши и эрзи. Вопросы, связанные с формированием смешанной внутриэтнической территориальной группы мордвы на Обь-Иртышском Севере, расселением, численностью, самосознанием и идентификацией, наличием этнокультурных маркеров, а также демонстрацией этничности и традиционной культуры в городском пространстве северного города, увы, до настоящего времени не нашли ответов, что и побуждает авторов статьи предпринять попытку решения данной задачи. Локализация мордвы в городах, в том числе, городе Сургуте способствовала компактному проживанию и, как следствие, созданию национально-культурного объединения «МасторАва», позиционирующего себя в городском пространстве как организацию, демонстрирующую этничность мордвы, сохраняющую культурное наследие народа и заслуживающую самостоятельного исследования.

**Ключевые слова:** мордва, Обь-Иртышский Север, Сургут, численность, расселение, идентичность, культура.

## MORDVA OF THE OB-IRTYSH NORTH IN THE CENSUS MATERIALS: NUMBER DYNAMICS AND SETTLEMENT

The Mordvins are one of the largest Finno-Ugric nations of Russia and they are settled far beyond the borders of their historical homeland. Large-scale resettlement processes among the peoples of the Ural-Volga region are explained by forced Christianization the search for new / «better» territories for life, the formation of contact zones of residence, the «Sovietization» of everyday life and traditional culture, Komsomol construction sites, relocation and development of virgin lands or participation in the development of oil fields. The article analyzes the dynamics of the population of the Mordvins of the Ob-Irtysh North and identifies the factors that influenced the settlement of the people in this territory. The purpose of the article is to study the reasons for the migration of Mordvins to the Ob-Irtysh North and the change in the dynamics of the ethnic group in the XX – early XXI century. Special attention is paid to the development of the oil and gas industry and its impact on the settlement of the Mordovians in the Khanty-Mansi Autonomous Okrug – Yugra. Based on the materials of the All-Russian Population censuses, the quantitative characteristics of the subethnoses of Mordvins – Mokshi and Erzi are presented. Questions associated with the formation of a mixed intra-ethnic territorial group of Mordvins in the Ob-Irtysh North, settlement, number, self-awareness and identification, the existence of ethno-cultural markers, as well as the demonstration of ethnicity and traditional culture in the urban space of the northern city, alas, no answers have been found so far, which motivates the authors of the article to attempt to solve this

problem. The localization of the Mordvins in cities, including the city of Surgut, contributed to compact living and, as a result, the creation of the national-cultural association «MastorAva», positioning itself in the urban space as an organization demonstrating the ethnicity of the Mordvins, preserving the cultural heritage of the people and deserving autonomous research.

**Key words:** Mordovia, Ob-Irtysh North, Surgut, population, settlement, identity, culture.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Медведев Владислав Валентинович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Сургут, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таҳсилоти иҷтимоӣ- гуманитарӣ. **Суроға:** 628400, Федератсияи Россия, шаҳри Сургут, кӯчаи 50 солагии ВЛКСМ, бинои 10/2. E-mail**: vlad.etno@mail.ru**. Телефон: **8-932-430-11-24**.
***Малахова Людмила Петровна*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Сургут, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таҳсилоти иҷтимоӣ- гуманитарӣ. **Суроға:** 628400, Федератсияи Россия, шаҳри Сургут, кӯчаи 50 солагии ВЛКСМ, бинои 10/2. E-mail**: luda_m2001@mail.ru**. Телефон: **8-922-778-77-65**.

**Сведение об авторах:** ***Медведев Владислав Валентинович*** – Сургутский государственный педагогический университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры социально-гуманитарного образования. **Адрес:** 628400, Российская Федерация, город Сургут, улица 50 лет ВЛКСМ, д. 10/2. E-mail: **vlad.etno@mail.ru**. Телефон: **8-932-430-11-24.**
***Малахова Людмила Петровна*** – Сургутский государственный педагогический университет, кандидат исторических наук, доцент, доцент кафедры социально-гуманитарного образования. **Адрес:** 628400, Российская Федерация, город Сургут, улица 50 лет ВЛКСМ, д. 10/2. E-mail: **luda_m2001@mail.ru**. Телефон: **8-922-778-77-65.**

**Information about the authors:** ***Medvedev Vladislav Valentinovich*** – Surgut State Pedagogical University, candidate of historical sciences, associate professor, associate professor of Social and Humanities Study Department. **Address:** 628400, Russian Federation, Surgut, 50 years of VLKSM street, 10/2. E-mail: **vlad.etno@mail.ru**. Phone: **8-932-430-11-24**.
***Malakhova Lyudmila Petrovna*** – Surgut State Pedagogical University, candidate of historical sciences, associate professor, associate professor of Social and Humanities Study Department. **Address:** 628400, Russian Federation, Surgut, 50 years of VLKSM street, 10/2. E-mail: **luda_m2001@mail.ru**. Phone: **8-922-778-77-65**.

УДК:159.92:297

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ИНСТИТУТИ ОИЛА ДАР ЗАРДУШТИЯ ВА ИСЛОМ

*Одинаев Б. А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз халқи тоҷик расман исломро пайравӣ менамояд. Вале, ҳарчанд ислом дини пешинаи онҳо - зардуштияро аз байн бурд, аммо дар ҳаёти маишии онҳо бисёр одатҳои зардуштӣ боқӣ мондаанд ва ҳатто ба эътиқоду одатҳои исломӣ омезиш ёфта, зоҳиран шакли исломӣ гирифтаанд. Инро мо дар маросимҳои дафну азодорӣ, ёдбуди фавтидагон, маросимҳои никоҳу оиладорӣ ва ғайраҳо баръало мушоҳида менамоем [12, с. 155]. Саъдулло Раҳимов қайд мекунад, ки дар расму оинҳои як қатор рустоҳои Бадахшони Кӯҳӣ ва деҳаҳои кӯҳистони Зарафшони Ҷумҳурии Тоҷикистон расму оинҳои зардуштӣ низ вуҷуд доранд [11, с. 20]. Ӯ чунин мефармояд: "Ангезаҳои дини зардуштӣ ва фарҳанги пеш аз ислом бо пайдо шудани ислом аз байн рафт. Танҳо гоҳ-гоҳ дар ашъори тасаввуф образи рамзии пири коҳини зардуштӣ (пири муғон) пайдо мешуд, ки ба қаҳрамони суфиён дар шинохти Худо кумак мекард. Рамзҳои тоисломӣ (зардуштӣ) низ дар ороиши исломӣ ҷойгоҳи худро доранд. Онҳо дар ҳунарҳои мардумӣ, рақсҳои расмӣ, суруд, ҳунари ороишӣ, расму оин ва эътиқоди мардуми тоҷик хеле гуногун ифода ёфтаанд" [11, с. 232]. А. Холиқов ба масъалаи таъсири урфу одатҳои авестоӣ ва зардуштӣ ба танзими ҳуқуқӣ ва сохти давлатӣ дар кишварҳои исломии асримиёнагӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Таҳлили муқоисавии муҳаққиқ оиди низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ ва ислом, ки дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ амал мекарданд, аз бисёр ҷиҳат ба муайян намудани сарчашмаҳои ташаккули бисёре аз институтҳои ҳуқуқи исломӣ мусоидат намудааст. Номбурда пайвастагии меъёрҳои ҳуқуқи оилавии зардуштияро бо ҳуқуқи исломӣ ошкор намудааст. Ба ақидаи ӯ, бисёре аз институтҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои дини зардуштӣ аз ҷониби ислом гирифта шуда, ҳоло дар ҳаёт ва зиндагии тоҷикони муосир маҳфуз мондаанд [13, с. 13].

Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе унсурҳои институти оила тафовутҳо миёни зардуштия ва ислом ба назар мерасанд. Зеро унсурҳои институти оила: оиладор шудан, маросими дафн, расму оинҳо ва ғайра ҳамчун маданияти универсалии ҳамаи ҷамъиятҳо ҳастанд, аммо дар ҳар як ҷомеа бо урфу одат ва анъанаҳои гуногун амалӣ мегарданд [5, с. 56-58]. Нахуст мехоҳам ба шарҳи маросимҳое пардозам, ки зоҳиран дар иҷрои онҳо миёни ин ду таълимоти номбурда фарқият ба назар мерасад:

**1. Интихоби ҳамсар.** Дар масъалаи интихоби ҳамсар ҳам дар зардуштия ва ҳам дар ислом ҳолати диндории зан ба инобат гирифта шудааст. Аммо дар зардуштия шахс ҳеҷ гоҳ наметавонад бо шахси ғайри зардуштӣ оила бунёд намояд. "Субъектони ақди никоҳ ҳатман бояд зардуштӣ бошанд" [13, с. 155]. Дар ислом бошад, мард метавонад бо пайравони динҳои тавҳидӣ (аҳли китоб) оиладор

шавад. “Никоҳ кардани занҳои аҳли китоб, ба монанди яҳудиён ва насрониён, ба шарте ки ба китоби осмонии худ пойбанд бошанд, ҷоиз аст” [2, с. 564].

**2. Синни булуғ.** Масъалаи синну соли никоҳӣ низ аз ҷумлаи масоилест, ки оиди он дар оини зардуштия ва ислом тафовут дида мешавад. Аксаран муҳаққиқон бо истинод аз Авесто синни 15-солагиро барои ҳарду ҷинс синни никоҳӣ ба қалам додаанд. Муҳаққиқи тоҷик Холиқов А. Ғ. низ дар масъалаи никоҳ дар оини зардуштия синну соли гуногунро баён намуда, дар охир зери унвони “Қобилияти ҳуқуқӣ” 15-солагиро ҳамчун синни никоҳӣ ишора намудааст: “Маросими оиладорӣ дар синни 15-солагӣ анҷом дода мешавад” [13, с. 134]. Зеро Авесто синни ягонаи никоҳи марду занро аз 15 – солагӣ муайян кардааст” [13, с. 176]. “Низоми ҳуқуқии зардуштия субъектонро ба болиғон ва ноболиғон бо мафҳумҳои “пурнау” ва “апурау” ҷудо намудааст. Одами ба балоғатрасида шахси мардина ва ё занонае ҳисоб мешуд, ки ба синни 15 расидааст. Қобилияти амалкунии пурраи шахс аз ба синни 15 – солагӣ расидан эътироф мешуд. Танҳо баъд аз ба 15-солагӣ расидан шахс ҳуқуқи зиндагии мустақилона ва бастани ақди никоҳро дошт” [1, с. 83-85]. Раҳимов С. Х. низ синни балоғатро дар зардуштия 15-солагӣ нишон додааст [11, с. 112]. Аз ҷониби муҳаққиқони исломӣ бошад, оиди масъалаи мазкур синну соли мухталиф ироа шудааст. Онҳо вобаста ба шароити биологию иҷтимоӣ барои зан аз синни 9-солагӣ то 17-солагӣ ва барои мард аз синни 12 солагӣ то 18-солагиро пешбинӣ намудаанд.

**3.** Дар зардуштия зан каниз бошад, фарзандони аз ӯ ба дунё омада низ канизу ғулом мебошанд. “Тибқи қонуни авестоӣ, агар зан аз рӯйи вазифа ғулом бошад, фарзандонаш низ ғуломанд” [13, с. 142]. Яъне, агар зар ғулом бошад, он гоҳ ҳамеша фарзанди ӯ ғулом мешавад [1, с. 87]. Дар ислом бошад, каниз ё ғулом будани зан омили ғуломии фарзандон намебошад, зеро онҳо мутааллиқ ба падаранд, агар ӯ инсони озод бошад, фарзандон низ озоданд, на ғулом.

**4. Гувоҳии зан.** Масъалаи баробарии гендерии марду зан яке аз масоили муҳимми ҳаётӣ-ҷамъиятӣ буда, он бо таъсири шаклҳои патриархалию матриархалии ҳамзистӣ ҳамеша дар зери бӯҳрони иҷтимоӣ-таърихӣ қарор гирифтааст. Ҳама гуна маҳдудияти ҳуқуқи мутақобилаи марду зан аз ҷониби баъзе таълимот аз нобаробарии гендерӣ дарак медиҳад. Дар сарчашмаҳои зардуштӣ омадааст, ки зан ба мисли кӯдак ва ғуломи каниз ҳаққи шоҳид шуданро надошт [7]. Ба назар мерасад, ки чунин маҳдудият зоҳиран занро аз доираи ҳуқуқи мард дар хона дур кардааст, ки дини зардуштӣ онро аз шакли патриархалии ҳамзистӣ ва ташкили оила ба мерос гирифтааст. Табиист, ки дини зардуштӣ ҳанӯз имкон надошт, ки ба анъанаҳои устуворе, ки дар тули ҳазорсолаҳо ҳамчун як шакли ташкил ва идора ташаккул ёфтаанд, муқобилият нишон диҳад. Аммо ислом дар ин самт ба унвони марҳилаи навбатии шуури инсонӣ, ҷаҳонбинӣ, фарҳанг ва билохира тамаддун, чанд қадам ба пеш гузоштааст. Шариати ислом, агарчи дараҷаи шаҳодати занро нисбат ба мардон баробар накарда бошад ҳам, вале навоварии ин низом дар он буд, ки занон дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ба сифати «шоҳид» ва «гувоҳ» баромад мекунанд [13, с. 208]. Дар ин маврид Қуръон гуфтааст: “... Агар ду мард набувад, як марду ду зан, ки ба онҳо ризоият диҳед,

шаҳодат бидиҳанд, то агар яке фаромӯш кард, дигаре ба ёдаш биёварад...” (Қуръон, сураи “Бақара” ояти 282) [9, с. 94].

**5. Муносибат бо зане, ки дар одати моҳона қарор дорад.** Дар Авесто омадааст: “Марде бо зани giштон – хоҳ даштони баҳинҷор, хоҳ даштони ноҳинҷор – даштонмарзӣ кунад. Ин гуноҳест, ки он мардро Пешутану мекунад” [3, с. 576]. Дар ҷойи дигар омадааст: “Эй додори ҷаҳони астуманд! Эй ашаван! Агар дар хонаи маздопарастон зане бошад, ки хуни даштон – хоҳ даштони баҳинҷор, хоҳ даштони ноҳинҷор – аз вай равон шавад, маздопарастон чӣ бояд бикунанд? Аҳура Маздо посух дод: Бояд роҳи ӯро аз ҳар гуна гулу буттае пок кунанд ва дар ҷое, ки ӯ бояд бимонад, хоки хушк бар замин бипошанд ва барои ӯ сохтмоне барпой доранд, ки ҳамчанди як дувум ё як севум ё як чаҳорум ё як панҷуми баландии хона, аз хона баландтар бошад, то мабодо нигоҳи ӯ бар оташ биафтад” [3, с. 583]. Холиқов А. Ғ. менависад: “...дини зардуштӣ тақозо мекард, ки ҳангоми ҳайз муоширати занон бо одамони дигар маҳдуд бошад. Ҳатто барои онҳо ҳуҷраи махсус – “даштистон” [3, с. 584] аст, ки бояд дар он бинишинанд” [13, с. 136]. Дар ислом бошад, ҳайз омили маҳдудшавии муоширати зан бо дигарон нест. Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ – исломӣ оиди он фасли ҷудогонае зери унвони “китоби ҳайз” ё “боби ҳайз” ҷойгир буда, дар ҳеҷ ҷое аз он ҳамчун падидаи манфӣ сухан нарафтааст. Барои ҳифзи саломатӣ ва эҳтироми занон ислом ҷимоъ ва талоқи онҳоро дар муддати ҳайз манъ фармудааст: “...Пас дар айёми ҳайз аз (ҷимоъ бо) занон дурӣ гузинед ва ба онҳо (ба нияти ҷимоъ) наздик машавед, то пок гарданд...” (Қуръон, сураи “Бақара” ояти 222) [9, с. 68]. “Талоқ дар ҳолати одати моҳонаи зан (ҳайз) набояд сурат гирад” [2, с. 610].

Вале Амирбекова И. бо қисмати аввали масъала мухолиф буда, дар зардуштия низ адами маҳдудияти муошират бо зани дар ҳолати одати моҳона бударо, ҷонибдорӣ мекунад: “Чунин дидгоҳ ва муносибат ба зан ҳамчун як мавҷуди осебпазир то ҳадде густариш ёфт, ки дар баъзе матнҳои зардуштӣ занро ҳамчун як мавҷуди туфайлӣ номидаанд. Бояд тазаккур дод, ки дар қисматҳои қадимтарини “Авесто”, аз ҷумла дар “Готҳо” – ниёишҳо ва мавъизаю хитобаҳои худи Зардушт, нисбат ба зан ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеа, як навъ назари неку адолатхоҳона ба чашм мерасад. Аммо, бо фосила гирифтани дини зардуштӣ аз асосгузори он ва зиёд шудани каҷрафторӣ дар адабиёти дини зардуштӣ, дидгоҳи муъбадон нисбат ба зан низ ба ифрот гароида, хусусияти манфӣ касб намуд. Чунин нигариши манфӣ нисбат ба зан бештар хосси матнҳо ва санадҳои динӣ, аз ҷумла тафсирҳое мебошанд, ки дар замони Сосониён тартиб дода шудаанд” [4, с. 213].

**6. Сиқти ҷанин.** Дар «Авесто» меъёрҳои тиббии марбут ба илми тиб ва амалиёти беморон оварда шудаанд. Дар ин меъёрҳо объекти муҳофизат аксар вақт саломатӣ ва ҳаёти кӯдаку модар мебошад. Дар бораи қатли кӯдак дар батни модар дар Вандидод фаргарди 15, кисми 2, сатри 9-18 муфассалан оварда шуда, ин амалро қатъиян маҳкум кардааст: “Агар он зан аз шарми мардум, меваи зиндагиро дар заҳдони хеш нобуд кунад, гуноҳи куштани фарзанд бар гардани ӯ ва падари ӯст” [3, с. 577]. Дар зардуштия сарфи назар аз вазъи занҳо (шавҳардор ё бешавҳар) ва вазъи кӯдакон (қонунӣ ё қайриқонунӣ) исқоти ҳамл манъ аст: “Агар

марде бо духтаре дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хона бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на – ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум, меваи зиндагиро, ки дар заҳдони хеш дорад, нобуд кунад” [3, с. 577]. Ҳамчунин, оини мазкур барои занон истифодаи гиёҳҳои шифобахшеро, ки исқоти ҳамлро ба бор меоранд, манъ намудааст: “Агар марде бо духтари дӯшиза ё бонуи ҷавон – хоҳ он духтар ё бону вобаста ба солори хонавода бошад ё на, хоҳ ба шавҳар дода шуда бошад ё на – ҳамхобагӣ кунад ва он духтар ё бону аз ӯ обистан шавад, набояд аз шарми мардум бо обу гиёҳ дар худ даштони нобаҳинҷор падид оварад” [3, с. 577]. Хулоса, таълимоти зардуштия ҳама гуна исқоти ҳамлро мамнуъ эълон карда, зиндагӣ ва ҷони кӯдакро дар ҷойи аввал қарор дода, ҳифз менамояд. Агар қонунгузории оила дар шароити муосир кӯдак гуфта шахсеро аз оғози таваллуд синни муайяне донад, пас, қонунгузории таърихӣ-зардуштӣ кӯдакро аз батни модар то 15-солагӣ [13, с. 134, 176]; [1, с. 83-85]; [11, с. 112] эътироф мекунад.

Бояд гуфт, ки ислом низ оиди масъалаи исқоти ҳамл назари манфӣ дорад, аммо на он гуна, ки дар зардуштия баррасӣ карда шуд. Шариати исломӣ тавассути принсипи “дар зарурият раво бувад, бе зарурият хато бувад”, ҳамаи манҳиётро дар ҳолати вуҷуди “зарурият” рухсат медиҳад. Дар ин маврид А. Ғ. Холиқов чунин мефармояд: Фарҳанги ҳуқуқии исломӣ, ки ҷойгузини дини зардуштӣ шудааст, ба масъалаи исқоти ҳамл оқилонатар ва мантиқӣ наздиктар шуда, дар доираи зарурат ҳангоми таҳдиди мустақим ба саломатии модар онро иҷозат медиҳад. Ислом мисли ҳама гуна низоми ҳуқуқии одилона, ба хотири пешгирӣ аз зарари умумӣ, хусусиро иҷозат медиҳад. Ояти 233 сураи “Бақара” мефармояд: «... Ҳеҷ модаре ба хотири зиндагии фарзандонаш ба зиён ва нуқсон гирифтор нашавад...» [9, с. 72]. Тибқи принсипи ҳуқуқии мусулмонӣ, "зарурият ҳаромро ҳалол мекунад", аз ин рӯ ислом дар ҳолатҳои зарурӣ исқоти ҳамлро иҷозат медиҳад [13, с. 204].

**7. Маросими дафн.** Бино ба гуфтаи Бердиев Ш. П. ва Раҳимов С. Х., дар зардуштия маросими дафн бо дар назар гирифтани проблемаҳои экологӣ иҷро карда мешуд. Тибқи он бояд ягон унсури муқаддас бо ҷасад олуда нашавад. Одатан, ҷасади мурдаро ба ҷойҳои баланди хушку санглох ва баъдтар ба дахмаҳо - манораҳои махсус бурда мегузоштанд, то ки ҳайвонҳо ё парандагон қисмҳои мурдаро пора-пора карда ба ҷое набаранд, ки дар натиҷа ягон элемент масалан, оби муқаддас ифлос шавад. Дар охир устухонҳои аз бофтаҳои пӯсида тоза шуда аз офтоб сӯхтаро ҷамъ карда, дар ҷойҳои махсуси муқарраршуда дафн мекарданд [6, с. 114]. Муҳаққиқ Бердиев Ш. П. дар ҷойи дигар ба ин масъала чунин ишора мекунад: “Зардуштиён ба тозагии обу ҳаво ва замине, ки ба онҳо тааллуқ дошт, аҳамияти ҷиддӣ медоданд, ки ин аз иҷрои маросими дафни онҳо мушоҳида мешавад” [6, с. 121]. Дар ислом бошад, аз ҳамон ибтидо ҷасади мурдаро ба воситаи об тоза карда, ҳарчи зудтар дар зери хок дафн мекунанд.

**8. Вақти иҷрои маросими дафн.** Дар зардуштия иҷрои маросими дафн ҳамеша бояд дар рӯз сурат гирад. Ба ин мавзуъ Бердиев Ш. П. ишора намуда, чунин фармудааст: “Аммо ҷасади мурдаро танҳо рӯзона дафн кардан лозим аст. Дар

зардуштия дар шаб гузаронидани маросими дафн қатъиян манъ аст” [6, с. 126]. Аммо дар ислом гузаронидани маросими дафн дар шабу рӯз ҷоиз аст.

**9. Тақсими мерос.** Дар оини зардуштия моли боқимонда аз волидайн ҳамчун мерос миёни ҳар ду ҷинс (духтару писар) баробар тақсим мегардад. Зеро оини мазкур баробарии марду занро аз ҳар ҷиҳате дар назар дорад. Яъне, тақсими ирс дар ҳуқуқи зардуштӣ баъд аз даргузашти падари хонавода ба ин тартиб аст, ки зан ва писар ҳар як саҳми баробар аз мерос доштанд. Вале духтарон бошанд, дар сурате ки издивоҷ карда ва аз хонаи падар ҷаҳизия ба хонаи шавҳар бурда бошанд, нисфи саҳми писаронро мегиранд ва дар ғайри ин сурат баробари саҳми бародарони худ мегиранд. Дар ислом бошад, моли мерос миёни аъзои хонавода ба таври мухталиф тақсим мешавад. Масалан, баъд аз даргузашти падари хонавода ҳамсараш ҳаштяки моли ӯро ирс мебарад ва боқимонда миёни духтару писар ба тавре тақсим мешаванд, писарро ду баробари ҳаққи духтар мерасад: **“...саҳми писар баробари саҳми ду духтар аст...”** (Қуръон, сураи “Нисо” ояти 11) [9, с. 154].

Чи гунае ки дар боло қайд кардем, дар институти оила унсурҳое вуҷуд доранд, ки миёни оини зардуштия ва шариати исломӣ, ки дар давоми асрҳои дароз ба тарзи ҳаёт ва қисми таркибии зиндагии миллати мо табдил ёфтааст [14], ҳамоҳангӣ доранд. Бархе аз расму оинҳо, ки мустақиман мухолифи дини ислом нестанд, дар Тоҷикистон ҳамчун як унсури ҳатмии издивоҷ ва арӯсӣ ҳифз шудаанд. Бинобар ин, мо ба баёни намунае аз онҳо мепардозем.

**1. Шитоб дар издивоҷ.** Метавон гуфт, ки дар айни замон дар муқоиса ба дигар халқиятҳо, ҳатто эрониҳо, тоҷикон хело барвақт издивоҷ мекунанд. “Шояд сабаб дар якҷоягии принсипҳои зардуштия ва ислом бошад. Зеро тоҷикон ҳангоми издивоҷ расму оинҳои зиёди зардуштиро риоя мекунанд. Масалан, дар гирди оташ давр задани тӯйшавандагон, ҳозир намудани косаи об ҳангоми хондани хутбаи никоҳ ва ғайра” [13, с. 58].

**2. Хостгорӣ.** Ниҳоди хостгорӣ миёни зардуштия ва ислом умумият дошта, онро пайравони ҳарду оин дар вақти ба худ муносиб анҷом медиҳанд. Албатта, дар иҷрои он аз ҷониби шариати зардуштия вақти муайяне (шомгоҳон) таъин шудааст, ки онро мардуми тоҷик ҳоло низ қисман риоя мекунанд. Зеро ба қавли Холиқов А. Ғ., институти хостгорӣ ва дигар муассисаҳои ҳуқуқи хонаводагии зардуштӣ, ки бевосита ба талаботи ислом мухолифат намекарданд, дар замони ислом ба як расми ҳуқуқӣ мубаддал гардидаанд [13, с. 165]. Вале ин таъини вақти хостгорӣ хусусияти тавсиявӣ дошта, тағйири он ба дигар вақт аз ҷониби пайравони оинҳои мазкур боке надорад. Бояд таъкид намуд, ки анҷоми хостгорӣ дар шаб дорои фалсафаи чуқур буда, мақсад аз он ин аст, ки дар сурати муваффақ нашудани хостгор амали мазкур ҳамчун сир миёни ду оила махфӣ мемонад ва садди роҳи хостгори навбатӣ намегардад.

**3. Ҳадаф аз ташкили ниҳоди оила.** Оини заношӯӣ дар зардуштия бояд бар асоси ақлу хирад, инсондӯстӣ, муҳаббати тарафайн, ҳамкориву дилбастагӣ барои ободонию созандагӣ устувор бошад. Бино ба ақидаи муаллифи китоби “Фалсафаи Зардушт”, оини мазкур бояд аз нодонӣ, ҳавасу худхоҳӣ ва бадкорӣ дур бошад [8, с. 166]. Зеро бунёди ин динро андешаи нек, ростӣ, покӣ, порсоӣ, хештандорӣ (худдорӣ, сабру таҳаммул), пирӯзӣ бар нафси худ ва дигар фазилатҳои неки

инсонӣ ташкил медиҳанд [6, с. 43]. Аз тарафи дигар, инсон ва хушбахтии ӯ дар маркази таваҷҷуҳи Авесто қарор доранд [10, с. 280]. Ислом низ ҳадафи ташкили институти хонаводаро дар тавсеаи доираи муносибатҳои инсонӣ дониста, иҷрои меъёрҳои динӣ-ахлоқиро аз якояки афроди хонавода тақозо менамояд. Масалан, Абуҳанифа муносибатҳои софу покро дар хонавода тарғиб намуда, мақоми волои зан, қадру эҳтироми падар, шавҳар ва тарбияи дурусти фарзандонро нишон додааст. Ӯ таъкид менамояд, ки оила бояд дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми якдигар бунёд шавад. Аз нигоҳи шаръӣ-исломӣ вазифаи зану мард, волидон ва фарзандро асоснок намуда, муносибати оилавиро ба танзим даровардааст. Никоҳу талок, ирсу мерос ва ҳуқуқи хар узви оила дар фиқҳи ӯ муайян шуда, аз рӯйи он талаботи зиндагии оилавӣ дар тули асрҳо бунёд шудааст [15, с. 178].

**4. Қобилияти ҳуқуқдорӣ.** Таҳлили масъала нишон медиҳад, ки дар оини зардуштия ва шариати исломӣ қобилияти ҳуқуқдории ашхос аз замони ба дунё омадан (таваллуд) [1, с. 85] ва ҳатто дар батни модар оғоз меёбад. Дар таълимоти зардуштӣ ва ислом мардро супориш шудааст, ки ҳамсари ҳомилаи худро аз ҳар ҷиҳате таъмин намояд, то ки ба ӯ ва кӯдаки дар батн будаи ӯ зиёне нарасад. Ин гуфтаҳо далолат ба ҳуқуқдории ҷанин мекунад. Оиди ин масъала Холиқов А. Ғ. чунин ибрози ақида мекунад: “Сарчашмаҳои зардуштӣ на танҳо барои сарварони оила ҳуқуқу имтиёзҳо медиҳанд, балки онҳо дар мавриди ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои фарзандон ва зан вазифаҳои мушаххас доранд. Ҳамин тавр, Ванндидод вазифаҳои падару модаронро дар мавриди тахти назорати махсус қарор додани кӯдакон ва таъмин намудани онҳоро ба хӯрокаву пӯшока пешбинӣ намудааст. Дар ин маврид як фарҳанги дигари ҳуқуқие, ки дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ амал мекард, таваҷҷуҳи хосса дорад, ки он фарҳанги исломӣ мебошад. Ислом ба ин масъала ба таври ягонатар муносибат карда, таом додани кӯдаконро ба ду давра тақсим мекунад: давраи ширдиҳӣ ва давраи нигоҳубини кӯдакон дар зери назорати махсус. Шариати ислом ба масъалаи бо шир таъмин намудани кӯдакон ҷиддӣ муносибат карда, китобҳои вижае бо номи «Китоб-ур-разо» ва «Китоб-ут-таъом»-ро нашр кардааст, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои волидонро дар ин раванд муайян мекунад [13, с. 216]. Номбурда дар ҷойи дигар қайд мекунанд”, ки Авесто танҳо зардуштиёнро комилҳуқуқ медонад. Нисбат ба ғайри зардуштиён ҳуқуқе қоил набуда, ҳамчунин ҳуқуқи ашхоси ҷинояткорро маҳдуд намудааст [13, с. 86-87]. Агар шахс аз дини зардуштӣ даст кашад, ӯ аз мақоми худ дар оила, авлод ва ҳуқуқҳои доштаи худ дар ин мақом маҳрум мешавад [1, с. 84]. Ин масъала дар Қуръон низ дида мешавад: “...оё нобино (ғайри мусалмон) ва бино (мусалмон) баробар мешаванд? (не)...” (Қуръон, сураи “Анъом” ояти 50) [9, с. 264].

**5. Дахлнопазирии манзил.** Дар «Авесто» меъёрҳое мавҷуданд, ки озодии рафтуомад дар атрофи кишварҳо ва озодии соҳиби манзил ва фазои зистро барои одамон муайян мекунанд: «Ман ба ҳамаи онҳое, ки дар ин сарзамин бо ҳайвоноти хонагӣ зиндагӣ мекунанд, озодона ҳаракат ва интихоби манзилро иҷозат медиҳам». Чунин эълони асли озодии рафтуомад аз вуҷуди принсипи дахлнопазирии манзил, дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ хабар медиҳад. Принсипи мазкур дар ислом низ вуҷуд дорад, ки баъзе меъёрҳои қуръонӣ ба он ишора мекунанд: “Оё заминро (бароятон) фарше насохтаем?! Ва хобатонро (бароятон)

роҳате сохтем. Ва шаброро (бароятон) пӯшише сохтем. Ва рӯзро вақти талаби маишат сохтем. Ва болои шумо ҳафт осмони муҳкам бино кардем. Ва аз абрҳои боронафшон оби резон фуруд овардем. То ба сабаби он об донаву гиёҳро барорем" (Қуръон, сураи "Набаъ" оятҳои 6, 9, 10, 11, 12, 14, 15) [9, с. 1162]. "Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонае ғайр аз хонаи худ, бе он ки иҷозат талабида ва бар сокинонаш салом карда бошед, дохил машавед. Ин барои шумо беҳтар аст, бошад, ки панд гиред". "Эй касоне, ки имон овардаед, бояд ғуломони шумо ва онҳо, ки ҳанӯз ба балоғат нарасидаанд, дар се ҳангом аз шумо барои ворид шудан ба хона рухсат талабанд: пеш аз намози субҳ ва ҳангоми зуҳр, ки либос аз тан берун мекунед ва баъд аз намози хуфтан. Ин се вақт, вақти хилвати шумост..." (Қуръон, сураи "Нур" оятҳои 27, 58) [9, с. 702, 712].

**6. Таъмини махориҷи ҳамсар.** Дар оини зардуштия таъмини махориҷи зани ҳомила бар зиммаи шавҳар вогузор шудааст. Ин нуктаро муҳаққиқ Холиқов А. Ғ. бо такя ба Авесто чунин навиштааст: "Марде, ки зан аз ӯ ҳомиладор мешавад, вазифадор аст, ки то таваллуди кӯдак модарашро аз ҷиҳати моддӣ таъмин намояд. Агар мард ба таври зарурӣ зани ҳомиладори худро дастгирӣ накунад ва ин амал ба кӯдаки дар батнбуда зиён оварад, он мард муртакиби гуноҳи куштори қасдан шуда, тибқи он ҷазо дода мешавад" [13, с. 139].

Ислом низ таъмини зани ҳомиларо бар зиммаи мард гузошта, ба ӯ дастур додааст, ки мувофиқ ба вусъату тавоноӣ хӯрокаву пӯшокаи занро таъмин намояд: "...ва хӯроку пӯшоки занон ба ваҷҳи писандида бар (уҳдаи) соҳиби фарзанд (шавҳар) аст" (Қуръон, сураи "Бақара" ояти 233) [9, с. 72].

**Муқарриз: Худойдодзода Ф.Б.- д.и.ф., профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Холиқов А. Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон / А. Ғ. Холиқов. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 380 с.
2. Абддушарифи Боқизода. Фиқҳи исломӣ (бар асоси мазҳаби ҳанафӣ). –Душанбе, 2008. - 672 с.
3. Авесто, Вандидод, фаргарди 15, бахши якум, қисми 7, Ҷилди 1 – Душанбе: Бухоро, 2014. - 784 с.
4. Амирбекова Иқлима. Мақом ва ҷойгоҳи зан дар зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2020. -№ 10. -467с. (213).
5. Баҳромбеков В. А. Асосҳои сотсиология / В. А.Баҳромбеков, Ф. С. Миров. – Душанбе: Матбуот, 2015. -336 с.
6. Бердиев Ш.П. Этические проблемы зороастризма: Дисс. … канд. филос. наук / Ш.П. Бердиев. - Д., 2011. -145 с.
7. Дадестон-и меног-и храд (Суждения Духа разума)// Зороастрийские тексты:. Изд. подгот. О.М.Чунаковой. -М.: Изд. фирма Восточная литература РАН, 1997.-С.10-138- (Памятники письменности Востока. СХ1У).
8. Доктор Фарҳангмеҳр. Диди нав аз дини куҳан. Фалсафаи Зардушт. -Теҳрон 1374 ҳ. ш. -257 с.
9. Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – 1226 с.
10. Муминджанов Хамдам Хамидович. Философские проблемы зороастризма: Дисс. ... док. филос. наук. – Душанбе, 2001. 289 с.
11. Рахимов С. Х. Философско-эстетические идеи зороастризма: Дисс. ... док. филос. Наук / С. Х. Рахимов. - Д., 2007.
12. Саид Нуриддин Саид. Диншиносӣ. Китоби дарсӣ / Саид Нуриддин Саид, С.Аҳмадов, Қ.Нурулҳақов, Р. Назаров. – Душанбе: Маориф, 2018. – 540 с.
13. Халиков А. Г. Правовая система зороастризма: Дисс. … док. юрид. наук / А. Г Халиков. - Д., 2004. -С. 13.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. - 96 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. - Душанбе: ЭР-граф, 2016. - 364 с.

## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ИНСТИТУТИ ОИЛА ДАР ЗАРДУШТИЯ ВА ИСЛОМ

Дар мақола оиди таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом сухан рафтааст. Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои ватанию хориҷӣ мавзуи мазкурро баррасӣ намудааст. Аз он ҷумла қайд намудааст, ки имрӯз халқи тоҷик расман исломро пайравӣ менамояд. Вале, ҳарчанд ислом дини пешинаи онҳо - зардуштияро аз байн бурд, аммо дар ҳаёти маишии онҳо бисёр одатҳои зардуштӣ боқӣ мондаанд ва ҳатто ба эътиқоду одатҳои исломӣ омезиш ёфта, зоҳиран шакли исломӣ гирифтаанд. Инро мо дар маросимҳои дафну азодорӣ, ёдбуди фавтидагон, маросимҳои никоҳу оиладорӣ ва ғайраҳо баръало мушоҳида менамоем. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзан унсурҳои институти оила тафовутҳо миёни зардуштия ва ислом ба назар мерасанд. Зеро унсурҳои институти оила: оиладор шудан, маросими дафн, расму оинҳо ва ғайра ҳамчун маданияти универсалии ҳамаи ҷамъиятҳо ҳастанд, аммо дар ҳар як ҷомеа бо урфу одат ва анъанаҳои гуногун амалӣ мегарданд. Аз ин рӯ дар мақола оиди унсурҳое, ки дар иҷроиши онҳо миёни зардуштия ва ислом тафовут ба назар мерасад, маълумот дода шудааст. Масалан, дар мавриди интихоби ҳамсар дар зардуштия омадааст, ки шахси зардуштӣ ҳеҷ гоҳ бо ғайри зардуштӣ наметавонад оила бунёд кунад. Вале, тибқи таълимоти ислом, мусалмон метавонад бо пайравони дигар динҳои тавҳидӣ (аҳли китоб) оиладор шавад. Ҳамчунин, унсурҳое, ки дар таълимоти зардуштия ва ислом зоҳиран ҳамоҳангӣ доранд, низ баён гардидаанд. Ба ин тарафи масъала дахлнопазирии манзил мисол шуда метавонад. Зеро таҳқиқот нишон медиҳад, ки институти оила дар зардуштия ва ислом аз дахлнопазирии комил бархӯрдор аст. Бояд таъкид намуд, ки мақола хусусияти фалсафӣ-таърихӣ дошта, дар он таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом ҳамчун падидаи сирф фарҳангӣ-миллӣ инъикос ёфта, баҳои объективӣ гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** таҳлил, муқоиса, институт, оила, зардуштия, ислом, зан, модар, падар, мард, манзил, дахлнопазирӣ, таъмин, кӯдак, муносибат, қобилият, ҳуқуқ, балоғат, синну сол.

## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ИНСТИТУТА СЕМЬИ В ЗОРОАСТРИЗМЕ И ИСЛАМЕ

В статье рассматривается сравнительный анализ института семьи в зороастризме и исламе. Используя отечественные и зарубежные источники, автор сформулировал данную тему и провел исследование по данному вопросу. В частности, он отметил, что сегодня таджикский народ официально исповедует ислам. Однако, хотя ислам уничтожил их предыдущую религию, зороастризм, многие аспекты зороастризма остались в их повседневной жизни и даже слились с исламскими верованиями и обычаями, по-видимому, приняв форму ислама. Мы видим это на похоронах, панихидах, свадьбах и так далее. Однако анализ показывает, что иногда между зороастризмом и исламом существуют различия в элементах института семьи. Потому что элементы института семьи: брак, похороны, обряды и т. д. являются общечеловеческой культурой всех обществ, но в каждом обществе они осуществляются с разными обычаями и традициями. Поэтому в статье представлена информация об элементах, в которых есть отличие зороастризма от ислама. Например, в случае выбора супруга в зороастризме указано, что зороастрийский человек никогда не может создать семью с незороастрийцем. Однако, согласно исламскому учению, мусульманин может жениться на последователях других монотеистических религий (людей Книги). Также были упомянуты элементы, которые кажутся гармонирующими с учениями зороастризма и ислама. Примером этого является неприкосновенность жилища. Потому что исследования показывают, что институт семьи в зороастризме и исламе пользуется полным иммунитетом.Следует отметить, что статья носит философско-исторический характер, в котором объективную оценку получил сравнительный анализ института семьи в зороастризме и исламе как сугубо культурно-национального явления.

**Ключевые слова:** анализ, сравнение, учреждение, семья, зороастризм, ислам, женщина, мать, отец, мужчина, жилье, неприкосновенность, обеспечение, ребенок, отношение, способность, право, половое созревание, возраст.

## COMPARATIVE ANALYSIS OF THE INSTITUTE OF THE FAMILY IN ZOROASTRIANISM AND ISLAM

The article discusses the comparative analysis of the institution of the family in Zoroastrianism and Islam. Using domestic and foreign sources, the author has collected this topic and conducted research on this issue. In particular, he noted that today the Tajik people officially follow Islam. However, although Islam destroyed their previous religion, Zoroastrianism, many aspects of Zoroastrianism remained in their daily lives and even merged with Islamic beliefs and customs, apparently taking the form of Islam. We see this in funerals, memorial services, weddings, and so on. However, the analysis shows that sometimes there are differences between Zoroastrianism and Islam in the elements of the institution of the family. Because the elements of the institution of the family: marriage, funeral, rituals, etc. are the universal culture of all societies, but in each society they are

carried out with different customs and traditions. Therefore, the article provides information on the elements in which there is a difference between Zoroastrianism and Islam. For example, in the case of choosing a spouse in Zoroastrianism, it is stated that a Zoroastrian person can never start a family with a non-Zoroastrian. However, according to Islamic teachings, a Muslim can marry followers of other monotheistic religions (People of the Book). Elements that seem to be in harmony with the teachings of Zoroastrianism and Islam have also been mentioned. An example of this is the inviolability of the home. Because research shows that the institution of the family in Zoroastrianism and Islam enjoys complete immunity.It should be noted that the article has a philosophical-historical character, in which the comparative analysis of the institution of the family in Zoroastrianism and Islam as a purely cultural-national phenomenon has received an objective assessment.

**Key words:** analysis, comparison, institution, family, Zoroastrianism, Islam, woman, mother, father, man, housing, immunity, provision, child, attitude, ability, right, puberty, age.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи онтология ва назарияи маърифат. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **988-32-83-88.**

**Сведение об авторе:** ***Одинаев Баходур Абдуджаборович*** **–** Таджикский национальниый университет, докторант Ph.D. кафедры онтологии и теории познания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988-32-83-88.**

**Information about the author:** ***Odinaev Bahodur Abdujaborovich*** - Tajik National University, Ph.D. doctoral student of the Department of Ontology and Theory of Knowledge. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **988-32-83-88.**

УДК:140.8

# ТАШАККУЛ ВА НАҚШИ ФАРҲАНГИ МАЪНАВӢ ДАР РУШДИ ҶОМЕАИ МУОСИР

*Ахмедова С.П.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Суханро аз он оғоз менамоем, ки олами муосир ба мисли тамоми давраҳои таърихии сипаришудаи инсоният пур аз шебу фарозҳо, пур аз тазодҳо, пур аз давлатҳо ва ҷомеаҳои пешрафтаи мағруру ақибмондагони гирифтори ҳаёти тоқатфарсо, пур аз онҳое, ки ба одитарин ниёзҳои зиндагӣ муҳтоҷ ва аз онҳое, ки сарфи зиндагиашон аз сарфи садҳо, ҳатто ҳазорон нафар инсонҳои нодор афзунтар аст, иборат мебошад.

Оламе, ки сарфи назар аз ҷустуҷӯҳои тулонимуддати мутафаккирон дар бораи ҷомеаи таъминкунандаи баробарии инсонҳо, адолати иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди зиндагии инсонворро тақозо мекард, ҳамоно олами сарфиназаркунандаи орзуву омолҳои мазкур боқӣ мемонад.

Инсон дар муддати тӯлонии тағйири олами ҳастии моддии арзивуҷудкарда ва то ба зинаҳои баланди рушди худ расида, ҳамчун махлуқи зинда барои таъмин ва ҳифзи созвораи худ пайваста дар робитаи мутақобила бо табиати атрофаш буд ва барои худ моводи ғизо ва минбаъд тамоми неъматҳои моддии зиндагиашро истеҳсол менамуд.

Инсон табиатан чунин махлуқе ташаккул ёфт, ки вай барои зистан на танҳо ба неъматҳои моддӣ ниёз дошт, балки, ҳамчунин, баъди расидан ба зинаи муайян ва комили худ ниёз ба маънавият низ пайдо кард. Ҳамин зарурат буд, ки инсон на танҳо табиатро бо офаридаҳои худ дигаргун сохт, балки онро ба теғаи банестиомадан оварда расонид. Албатта, ин мавзуи баррасии алоҳида ба шумор меравад, зеро мақсади мо дар ин мақола мавзуи дигар аст, аммо бо дарназардошти он ки дар ҳаёти инсон тавъам ба офаридани неъматҳои моддӣ зарурати эҷоди неъматҳои маънавӣ низ арзи вуҷуд намуд, ки он яке аз унсурҳои созмондиҳандаи фаъолияти инсон ва рушду такомули он ба шумор меравад, ишора накарда наметавонем.

Бояд қайд кард, ки масъалаи инсон, чигунагии мусоидат ба такмили фаъолияти он яке аз мавзуъҳое буд, ки таваҷҷуҳи мутафаккиронро ба худ ҷалб накарда наметавонист. Бинобар ин, зиёда аз чаҳорсад сол муқаддам аҳли тафаккур ба хулосае расид, ки такмили минбаъдаи ҳаёти ҷомеа ба инсон ва чигунагии фаъолияти вай иртиботи ҷудонопазир дорад.

Дарки мавзуи мазкур мутафаккиронро ба он овард, ки инсон масъалаи марказии ҳама гуна таҳқиқ карор дода шавад. Яке аз муҳимтарин давраҳои заминагузори рушди босуръати ҷомеаи инсонӣ, ки онро давраи Эҳё меноманд, инсонро масъалаи марказии худ эълон намуд ва то ба даврони муосир низ ин масъала аҳамияташро на танҳо гум накард, балки боз ҳам тақвият ёфт.

Мавзуи марказӣ будани инсон онро дар назар дорад, ки тибқи он бояд тафаккури инсон сараввал аз бастагиҳои динӣ озод карда шавад ва минбаъд фарҳанги маънавии он мувофиқ ба талаботи рушди замон ташаккул ёбад.

Масъалаи эҷод ва ташаккули фарҳанги маънавӣ то ба ҳол яке аз мавзуъҳои мубрамтарини таҳқиқоти илмӣ боқӣ мемонад. Албатта, чунин таҳқиқот, ба назари мо, бояд дар заминаи омилҳои ҳаракатдиҳандаи ҳаёти ҷомеаи муосир мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Дар ҷараёни таҳқиқ лозим аст муайян карда шавад, ки инсоният дар кадом олам зиндагӣ ба сар мебарад, кадом қувваҳо ва омилҳо дар ин олам амал мекунанд? Оё инсоният роҳи дурусти инкишофи минбаъдаи ҳаёти ҷомеаро пайдо кардааст? Омилҳои фарҳанги маънавӣ чӣ нақш доранд? Ин ва теъдоди зиёди

мавзуъҳои дигар, бешубҳа, аз масъалаҳои мубрамтарини таҳқиқоти илмӣ ба шумор мераванд.

Мусаллам аст, ки олами муосир раванди ҷаҳонишавии босуръатро аз сар гузаронида истодааст, ки он хусусияти воқеӣ дорад ва пеши роҳи онро гирифта намешавад ва барои он зарурат ҳам нест, зеро рушди муосири ҷомеаи ҷаҳониро бидуни раванди мазкур тасаввур кардан имконнопазир мебошад. Имконнопазир ба он сабаб аст, ки ин раванд ба иродаи одамон алоқамандӣ надорад ва татбиқ мешавад.

Ҷахонишавӣ тақозо менамояд, ки инсон дар кадом кишваре зиндагӣ накунад, бояд ба ин раванд пайвандад, зеро илоҷи дигар надорад. Набудани илоҷи дигар ба он сабаб аст, ки раванди ҷаҳонишавӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро ба худ кашидааст ва инсон берун аз он монда наметавонад.

Ҳамчунин маълум аст, ки дар раванди мазкур умумиятҳои этникии мухталиф, миллатҳои гуногуни дорои забону фарҳангҳои миллӣ иштирок менамоянд, ки ҳамаи онҳо дар сатҳҳои гуногуни инкишоф қарор доранд. Бинобар ин, раванди ҷаҳонишавӣ дарбаргирандаи тазодҳои гуногуну зиёд мебошад.

«Ҷаҳонишавӣ,- қайд мекунад В. А. Никонов, - барои давлатҳо оқибатҳои зиёдеро эҷод менамояд, ки аз асоситарини онхо гум кардани салоҳияти пурра дар татбиқи вазифаҳои ҳокимиятӣ ба шумор меравад. Сарфи назар аз он, ки ҳукуматҳо ва давлатҳо субъектҳои фаъолияткунандаи асосӣ ба шумор мераванд, онҳо маҷбуранд, то ин ки майдони сиёсати ҷаҳониро бо муассисаҳо ва сохторҳои дигар - созмонҳои ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, ширкатҳои фаромарзӣ, гурӯҳҳои фишор, муассисаҳои фавқулмиллӣ… тақсим намоянд » [6, с.33-34].

Дар чунин вазъияти бавуҷудомада, ки соҳаи фарҳанги маънавиро низ дар бар мегирад, таҳқиқи ин мавзуъ бо дарназардошти раванди ҷаҳонишавӣ аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ пайдо менамояд.

“Олами ҳастии маънавӣ танҳо ба инсон ва инсоният алоқамандӣ дорад. Ҳеҷ як аз махлуқи дигари зинда ба офаридани он қодир нест” [3, с.270].

Ҳеҷ шубҳае нест, ки олами ҳастии маънавӣ ба ҳастии инсону ҷомеа иртибот дошта, давраҳои таҳаввули гуногунро аз сар гузаронидааст ва дар алоқамандӣ ба талаботи давра рушду такмил ёфтааст.

Замони муосир, ки бо як теъдод хусусиятҳои хосси худ аз давраҳои дигари сипаришуда тафовут дорад, тақозо менамояд, то эҷоди арзишҳои олами маънавӣ низ мувофиқи тақозоҳои ҳамин замон офарида шаванд.

Ҳоло инсоният ин қадар неъматҳои моддиро истеҳсол кардааст, ки дигар барои меҳнати вазнин эҳтиёҷ надорад ва имкониятҳои бештар барои эҷоди фарҳанги маънавӣ фароҳам омадаанд.

Дар рафти ҷаҳонишавӣ ҷомеа фаъолона ба марҳилаи иттилоотӣ ворид шудааст. «Яке аз хусусиятҳои замони муосир афзоиши миқдори иттилоот ва ҷалби шахс аз рӯзҳои аввали ҳаёт дар фазои иттилоотӣ мебошад. Аз як тараф, шахс имкониятҳои васеъ барои дастрасӣ ба рӯйдодҳои ҷаҳонӣ ба даст меорад ва аз тарафи дигар, ӯ ба нозир ва истеъмолкунандаи иттилоот мубаддал мегардад» [7,с.87].

Аз таърих маълум аст, ки дар чунин раванд некиву ғамхорӣ дар муносибат ба одамон кам эҳсос карда мешавад. “Инсон дар остонаи дунёи нав истодааст ва вай бояд ба дигаргуниҳо тайёр бошад, моҳияти таҳаввулотро дарк намояд. Душвор аст, ки инсон бисёр чизҳоро надонад, нафаҳмад ва ё донистан нахоҳад, ки надонистан боиси бедодгарӣ, беинсофӣ ва аз байн бурдани маънавиёт мегардад” [1].

Гуфтан мумкин аст, ки иттилоот аз маънавиёт дида, бештар рушд кардааст. Заминаи истеҳсоли неъматҳои моддӣ, иқтидори рушди иқтисодиёт ва имкониятҳои

зиёди техникаву технология хатари коҳиш ёфтани маънавиёт ва фарҳанги маънавиро ба миён овардааст.

«Ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ бо дарназардошти завқи наслҳои имрӯза аз муҳимтарин вазифаҳои мо дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Мо кӣ будани аҷдоду гузаштагони худро бояд донем, ба онҳо арҷ гузорем ва бо насли ориёӣ, яъне ориёитабор будани худ ифтихор кунем.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад» [5].

Аз ҳаёти ҳаррӯза маълум аст, ки ҳар шахсе, ки аз фазои интернетӣ баҳравар аст, новобаста аз дар кадом сатҳ будани донишаш, таҷрибаи аз ҳаёт гирифтааш, солимии ҳолати равониаш, чизе ба хоҳиши худаш эҷод кардаву паҳн мекунад, фазои иттлоотӣ бошад, рӯз то рӯз ифлос мешавад. Дар ин ҳолат дониши иттилоотӣ доштани ҷомеа омили муҳимтарини рушди ҷомеа мегардад. Зарур аст, ки ҳар фард, вобаста ба сатҳи саводнокиаш, аз иттилооти интернетӣ истифода барад.

Вале, «ҳамзамон, «васвасаҳои сершумори ҷаҳон» диққати шахсро аз худогоҳӣ парешон мекунанд» [15,с.87].

Мусаллам аст, ки инсон маълумоти гуногунро тавассути интернет мустақиман ба даст меорад ва миқдори зиёди маълумоти мазкур барои ӯ нолозим ва баъзан зараровар ҳам ҳаст. «Инсонҳое, ки дониши маънавӣ доранд, қобилияти дарк кардани воқеият, дар пайи ҷустуҷӯи ҳақиқати маънавӣ ҳастанд, қобилияти маълумотҳои муҳимро аз нолозим фарқ кардан доранд. Маънавиёт инсониятро дар саъю кӯшишҳои баланд барои татбиқи идеалҳои ҳақиқӣ, некӣ ва зебоӣ муттаҳид мекунад. Дар чунин шароит барои ҳар як шахси муосир муқоисаи ақидаҳои гуногуни фалсафӣ ва таъкид кардан муфид ва қобили қабул аст» [13].

Доир ба гуфтаҳои боло ба иқтибоси дигаре низ ишора мекунем: «Муҳити иттилоотӣ барои ташаккули шахсият метавонад мусоид бошад, вақте ҳама маълумот ва маводҳо ба забони адабии дуруст, вақте ки маълумот аз ҷониби рӯзноманигорони касбӣ таҳия карда мешавад, вақте ки асарҳои санъати классикӣ ва муосир дар радио ва телевизион пешниҳод карда мешаванд ва дастрасӣ ба иттлооти рақамии миллӣ тавассути интернет кушода мешаванд, захираҳои бузурги фарҳангианд» [13].

Дар робита ба мавзуи баррасии ин мақола Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханронииаш чунин изҳор доштанд: «Фарҳанг ба назари ман, оинаест, ки дар он тамоми паҳлуҳои зиндагӣ акс меёбад. Ва ин мизони дақиқу бе миннати сатҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву зеҳнии ҷомеаро дар давраҳои гуногуни таърих инъикос карда, саҳми ҳар халқу миллатро дар рушди тамаддуни башарӣ муайян менамояд».

Нуқтаи дигареро дарҷ кардан мумкин аст, ки "Илм, фалсафа, адабиёт, санъат, техника-хулласи калом, кулли комёбиҳои инсоният якҷоя ҷидду ҷаҳд мекарданд, тоганҷҳои ниҳонии ҳаёти маънавиамонро кашф кунанд" [11, с. 123].

Маънавият аз ҷониби инсоният ба вуҷуд оварда шудааст, ки онро ибораи «ҳаёти маънавии ҷомеа» ифода мекунад. Ин ифода ба ҳаёти моддӣ робитаи ногусастанӣ дорад ва дар идеяҳо, ғояҳо, арзишҳои маънавӣ дар ботини субъектҳои иҷтимоӣ дар сатҳи идроку тафаккур, ҳиссиёту эҳсосот инъикос мегардад.

Бидуни фарҳанги маънавӣ, такмили ҷомеа ва бедор кардани қобилияти шаҳрвандон барои ваҳдату якдилӣ ва саҳм гузоштан дар сохтани давлати пешрафта ғайриимкон аст.

Эҷод асоси фарҳанг, манбаи ҳамаи сарватҳои моддӣ ва маънавиест, ки дар тули мавҷудияти башарият амалӣ мегардад. Тавассути он инсон оламро дигаргун месозад ва ба худшиносӣ низ мерасад. «Эҷод - гуфта мешавад, дар қомуси фалсафӣ- фаъолиятест, ки чизи нави пештар вуҷуднадоштаро тавлид мекунад. Дар натиҷаи пешрафти илму техника, инсон як қисми кори ҷисмонӣ ва фаъолияти ақлии худро ба асбобҳои техникӣ медиҳад, вале меҳнати эҷодӣ, ки ҳатто оқилтарин мошин ҳам ба он қодир нест, ҳамчун қисми ҷудонопазири бартарияти инсон боқӣ мемонад» [8, с.137-138].

Арзишҳои маънавӣ як ҷузъи асосии олами ботинии инсонанд ва мавқеи нотакрори маънавиро дар муносибат ба одамон ба вуҷуд меоранд. Бо кумаки фарҳанги маънавӣ асрори равони инсон ошкор шуда, моҳияти шахс зоҳиран ва ботинан инкишоф меёбад ва ҳамчун инсони воқеӣ дар ҷомеа муаррифӣ мегардад.

Фарҳанги маънавӣ дар раванди фаъолият имконият медиҳад, ки истеъдод ва қобилияти ҳар як шахс на танҳо бедор, балки бисёр фаъол гардад.

Албатта, ҳамаи инро бе неруи бузурги таълимӣ ва аз бар кардани арзишҳои маънавии гирдовардашуда дар тули таърих тасаввур кардан номумкин аст.

«Моро лозим аст, ки ҳамаи фаъолиятҳои маънавиеро, ки дар ҷомеа ба вуҷуд меоянд, тадқиқу ташвиқот намоем, ҷаҳони арзишҳои маънавиро санҷида бароем, дар ягонагию якҷоягӣ муносибатро бо ҳаёти моддӣ ва мушаххас ва инкишофи таърихи арзишҳои маънавиро дар дараҷаи назарияи фалсафӣ ҷамъбаст кунем» [4].

Аз раванди таърих маълум аст, ки мутафаккирон, равоншиносон ва ҳамаи онҳое, ки аҳли зеҳн мебошанд, ба олами ботинии инсон таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар бораи шинохти инсон назарияҳои худро пешниҳод карданд. Яке аз чунин масъалаҳо экология мебошад, ки ҳоло ба илми мураккаб тадил ёфта истодааст ва на танҳо муносибати организмҳои зинда бо муҳити зист, балки тамоми намудҳои муштаракро дар системаи «одам- ҷомеа - табиат» меомӯзад. Вақтҳои охир мушкилоти экологияи руҳ хеле муҳим ва мубрам арзёбӣ шуда истодааст. Экологияи классикӣ бо ҳифзи муҳити биологии инсон алоқаманд буд. Инсон метавонад на танҳо созанда ва нигаҳбони тозагии руҳ бошад, балки, инчунин, метавонад нобудкунандаи он гардад. Ва оқибатҳои ин харобшавӣ, ифлосшавии воқеӣ буда ва маъмуланд - нашъамандӣ, майзадагӣ, ҷинояткорӣ, худписандӣ, паст шудани нақши коллектив, афзоиши нороҳатии ҳолати равонӣ, паст шудани арзиши таълим, набудани вақти фароғат, таблиғи таҷовуз, зӯроварӣ, бадбинӣ, паҳншавии парастиши кудрат, муваффақияти фаврӣ ва пул ва ғайра далелҳои он мебошанд [9].

Бинобар ин мушкилоти маънавиёт аз масъалаҳои мубрам арзёбӣ гардидида, таваҷҷуҳ ба тарбия дар байни насли ҷавон, инчунин тамоми ҷомеа ва ташаккул додани шахсият ба шахсияти маънавӣ хеле муҳим ба шумор меравад.

Маълум аст, ки дар инкишофи ташаккули шахсияти маънавӣ оила, низоми таълим, санъат ва дин мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Яке аз сарчашмаҳои муҳимми ташаккули маънавии шахсият оила мебошад. Муҳим аст, ки оила мавзуи ҷараёни таълим бошад, зеро кӯдак дорандаи анъанаҳои оилаи худ аст ва дар тули тамоми умр он чизеро, ки дар кӯдакӣ гирифтааст, нигоҳ медорад. Волидон бояд иштирокчиёни мунтазами фаъолиятҳои маънавӣ ва ахлоқии кӯдакистон ва мактаб бошанд, зеро маҳз дар чунин ҳамгироӣ бо ташкилоти таълимӣ ин вазифаҳоро самаранок ҳал кардан мумкин аст [9].

Ба назари мо, пеш аз ҳама, соҳаи афзалиятноки рушди маънавӣ ва фарҳанги ҷомеа мaориф буд ва боқӣ мемонад, ки вазифаи асосии он дар айни замон рушди фарҳанги маънавии шахсият мебошад. Дар замони муосир барои мустаҳкамии давлат ҳадафи асосии мо бояд таълими рушди фарҳанги маънавии шахсият бошад. Соҳаи маориф дар раванди ташаккулёбии шахс нақши муҳимро дорост: таълим ва тарбия ҳамчун омиле, ки маънавиёт ва зебоипарастӣ, арзишҳои бунёди

ҷаҳонбиниро интиқол медиҳад, бе ягонагии ҷомеа ва фарҳанги миллат ғайриимкон аст.

Таълим ҳамчун як усули илмомӯзӣ, як барномаи машқҳои бисёрҷониба мебошад, ки мунтазам бо мақсади ташаккул ва такмил додани малакаҳо дар ин ё он соҳаи фаъолияти инсон анҷом дода мешавад.

“Моҳияти асосии мақулаи маърифатию ахлоқӣ - қайд шудаст дар ҷилди 1 “Таърихи фалсафаи тоҷик”,- ки одамӣ худ дар олами хокӣ расо нест. Бинобар он ӯ табиатан фаъолияти худро ба хондану омӯхтан равона мекунад, зеро роҳи рушду густариш ва парвариши андеша аз ҳамин тариқ сурат мегирад” [12].

Дар ҳаёти маънавӣ ва фарҳангии кишварамон адабиёти тоҷик ҷойи махсусро ишғол мекунад. Адабиёти бузурги халқи тоҷик ғояҳои маънавиро ташаккул медихад ва ба наслҳои нав таҷрибаи бойи маънавии ҳалқро боқӣ мегузорад.

Нуқтаи дигареро қайд кардан лозим аст, ки дар баробари дастрасӣ ба адабиёт, истифодаи дурусти он низ бисёр муҳим аст. Бе муроҷиат ба адабиёт наметавон боигарии забони модариро дарк кард, маънидод кардани мураккаби воқеияти муосирро омӯхт. Бесаводӣ ба ҷаҳолат меоварад, ки он боз ҳам хатарнок аст. Надонистани забон ба он оварда мерасонад, ки инсон маводи хондаашро на дарк мекунад ва на ифода карда метавонад. Ин тамоюл на танҳо ба коҳиши куллии сатҳи фарҳанги маънавии ҷомеа, балки ба маҳдуд шудани имконияти иштироки пурра дар ҳаёти ҷомеа ва давлат низ оварда мерасонад [13].

Муассисаҳои маънавию фарҳангӣ барои дастрасии шаҳрвандон ба асарҳои адабиёти классикӣ ва муосири ватанӣ ва ҷаҳонӣ, адабиёти кӯдакона, бояд асарҳои ба забони тоҷикӣ эҷодшударо пешкаш намоянд. Дар баробари ин, китобхонаҳо бояд ба маҳфили муошират табдил ёфта, аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба таври комил истифода баранд.

Маънавиёт дар олами муосир ва ташаккули он дар ҷомеа хусусияти муайянро дар назар дорад, ки он аз фарҳанги баланди муошират, тафаккур, ахлоқ иборат буда, ба арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст. Маънавиёт ҳамчун унсури муҳимми ҷомеа, аз меъёрҳо ва стандартҳои муқарраршудаи шуури омма боло меравад ва эҳтиёҷ ба эҷод дорад. Набояд аз хотир баровард, ки маънавиёт раванде мебошад, ки тавассути он шахс қодир аст тамоми мақсадҳои идеалиро дар худ таҷассум кунад [14].

Дар ташаккули фарҳанги маънавӣ таваҷҷуҳ ба мероси гаронбаҳои гузаштагонамон, ба мисли А. Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ, Умари Хайём, А. Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ ва ғайра аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Ин шахсиятҳои бузург бо андарёфти ҳикматҳои ҳақиқати маънавии ҳаёт, худро дар ҷаҳон машҳур кардаву тули садсолаҳост, ки номи худро дар таърихи инсоният ҷовидон мондаанд ва ҳеҷ шубҳае нест, ки баъд аз мо низ ҳикматҳои офаридаи онҳо сармашқи ҳаёти форсизабонони дунё боқӣ хоҳад монд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалии илмии «Пажӯҳиш дар Фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз», вобаста ба фарҳанги ғании тоҷикон чунин қайд намуданд: «Мардуми шарифи тоҷик дар ҳама давру замон ба мероси гаронбаҳои гузаштаи худ арҷ гузошта, дар хотираи таърихии хеш корномаву қаҳрамонии фарзандони давлатсозу ватандӯст, далеру ғайюр ва фарҳангсолору адабпарварро ҳифз намуда, дар осори хаттиву шифоҳӣ симои барҷаставу тобноки онҳоро ситоиш менамояд. Ин мероси ниҳоят ғанӣ, ки руҳи ниёгон дар он нуҳуфта аст, бо мазмуни баланди башардӯстонаву инсонпарваронааш ба ганҷинаи моддиву маънавии ҷаҳонӣ ворид шуда, диққати оламиёнро ба худ ҷалб кардааст [10].

Маънавиёт ба инсон дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ва дарёфти маънии зиндагӣ ва ноил шудан ба сатҳи баланди ҷаҳонбинӣ мададрасон аст. Масъалаи муҳимтарине,

ки ояндаи ҷомеаи шаҳрвандиро муайян мекунад маънавиёт ба шумор меравад. “Ҳаёти маънавиро ба таври ҳаққонӣ падидаи мураккаб номидан мумкин аст. Вай бо ин ё он зуҳуроти шуури инсонӣ, фикру зикр ва ҳиссиёти одам маҳдуд нашуда, дар айни замон маҳаки ҳаёти маънавии шахс ва тамоми ҷамъият мебошад”[2].

Рушди маънавӣ ва ахлоқӣ дар тарбияи шаҳрвандӣ, омили калидии пешрафти кишвар, таъмини ваҳдати маънавии мардум ва арзишҳои онҳо, суботи сиёсиву иқтисодӣ мебошад. Рушди ҷомеа мустақиман аз мавқеи шаҳрвандии шахс, соҳаи ҳавасмандгардонӣ ва иродаи ӯ, афзалиятҳои ҳаёт, эътиқоди маънавӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои маънавӣ вобаста аст.

**Муқарриз: Маҳмадизода Н. – д.и.ф., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Верховец Л. М. Роль духовной культуры в формировании гражданской позиции и духовного мира личности., Научный журнал, URL: https://hatural-sciehces.ru/ru/article/view?id=10131
2. Гутова С. Г. Фундаментальные исследования. «О будущем отечественной духовной культуры » // С. Г.Гутова Научный журнал. ИФ РИНЦ= 1,087
3. Мирзоев Ғуломҷон. Фалсафа / Ғ. Мирзоев. –Душанбе, 2016. -С. 480.
4. Духовная жизнь общества- Zaochnik.com https://zaohnik.com ›Filosofja›
5. Нашрияи факултети ҳуқушиносии ДМТ, «Минбари ҳуқуқшинос», №1-2 (125-126) ,E-mail: Law. Tnu. tj@gmail. com.
6. Никонов В.А. Современный мир и его истоки/ В.А.Никонов. -М.: Издательство Московского университета, 2015.-880 с.
7. Помиткин Е. О. Психология духовного розвитку особистости: монография / Е. О. Помиткин. - К.: наш час, 2007. -208 с.
8. Пулодов А.М. Пахлуҳои хирад / А.М.Пулодов, А.С.Никифоров. - Душанбе: Маориф, 1988.
9. События. Основы государственной культурной политики. 16 мая 2014 года
10. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалии илмии «Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз». 02.01.2020 сарчашма: president.tj
11. Спиркин А. Основы философии / А.Спиркин. – Изд-во: М.: Политиздат, 1988 г.; ISBN: 5-250-00193-9. –С. 544.
12. Таърихи фалсафаи тоҷик (фалсафаи аҳди бостон). Ҷилди 1. –С. 582.
13. Шевченко О. В. Духовне виховання у сучасній сімі.,[ Захираи электронӣ //
14. Электронный научный журнал. «Современные проблемы науки и образования». -ИФ РИНЦ=0,813.
15. Яковенко І.О. Формування духовностіособистості на основі християнських цінностей / І.О. Яковенко //Науковий вісник Мелітопольського державного педагогічного университету. Серія «Педагогка». -2012. -№9. -С.335-340.


## ТАШАККУЛ ВА НАҚШИ ФАРҲАНГИ МАЪНАВӢ ДАР РУШДИ ҶОМЕАИ МУОСИР


Рушди маънавӣ ва ахлоқӣ дар тарбияи шаҳрвандӣ омили калидии пешрафти кишвар, таъмини ваҳдати маънавии мардум ва арзишҳои онҳо, суботи сиёсиву иқтисодӣ мебошад. Инкишофи рушди табиии ҷомеа мустақиман аз мавқеи шаҳрвандии шахс, соҳаи ҳавасмандгардонӣ ва иродаи ӯ, афзалиятҳои ҳаёт, эътиқоди маънавӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои маънавӣ вобаста аст.Дар ҳаёти маънавӣ ва фарҳангии кишварамон адабиёти тоҷик ҷойи махсусро ишғол мекунад. Адабиёти бузурги халқи тоҷик ғояҳои маънавиро ташаккул медиҳад ва ба наслҳои нав таҷрибаи бойи маънавии халқро боқӣ мегузорад. Рушди маънавӣ ва ахлоқу маърифати шахсият, дар маҷмуъ, раванди мураккаб ва бисёрҷанба аст. Он аз ҳаёти инсон пурра ва номутаносибии он аз оила, фарҳанг, умуман инсоният ва давраи фарҳангӣ- таърихӣ, ки тарзи зиндагии мардум ва тафаккури инсонро ташаккул медиҳад, ҷудонопазир аст.Арзишҳои маънавӣ як ҷузъи асосии олами ботинии инсонанд ва мавқеи нотакрори маънавиро дар муносибат ба одамон ба вуҷуд меоранд. Бо кумаки фарҳанги маънавӣ асрори равони инсон ошкор шуда, моҳияти шахс зоҳиран ва ботинан инкишоф мeёбад ва ҳамчун инсони воқеӣ дар ҷомеа муаррифӣ мегардад.



**Калидвожаҳо:** маънавиёт, арзиш, фарҳанг, таваҷҷуҳ, тафаккур, муосир, ваҳдат, эҷод, эътиқод, меъёр, таҷриба, тарбия.

## ФОРМИРОВАНИЕ И РОЛЬ НРАВСТВЕННОЙ КУЛЬТУРЫ В РАЗВИТИИ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

Духовно-нравственное развитие в гражданском образовании - ключевой фактор прогресса страны, обеспечения духовного единства людей и их ценностей, политической и экономической стабильности. Естественное развитие общества напрямую зависит от гражданской позиции индивида, области его мотивации и воли, жизненных приоритетов, духовных убеждений, нравственных норм и духовных ценностей.Таджикская литература занимает особое место в духовной и культурной жизни нашей страны. Литература таджикского народа формирует духовные идеи и оставляет богатый духовный опыт новым поколениям людей. Духовно-нравственное развитие человека в целом - это сложный и многогранный процесс. Он неотделим от полноты и несоразмерности человеческой жизни, жизни семьи человечества в целом и культурно-историческим периодом, который формирует образ жизни и человеческое мышление.Духовные ценности являются неотъемлемой частью внутреннего мира человека и создают уникальную духовную позицию по отношению к людям. С помощью духовной культуры раскрываются тайны человеческой психики, сущность человека внешне и внутренне, представлена в обществе как реальная личность.

**Ключевые слова:** духовность, ценность, культура, внимание, мышление, современность, единство, творчество, вера, эталон, опыт, образование..

## FORMATION AND ROLE OF MORAL CULTURE IN THE DEVELOPMENT OF MODERN SOCIETY

Spiritual and moral development in civic education is a key factor in the country's progress, ensuring the spiritual unity of people and their values, political and economic stability. The natural development of society directly depends on the civic position of the individual, the area of his motivation and will, life priorities, spiritual beliefs, moral norms and spiritual values.Tajik literature occupies a special place in the spiritual and cultural life of our country. The great literature of the Tajik people forms spiritual ideas and leaves a rich spiritual experience for new generations of people. The spiritual and moral development of a person as a whole is a complex and multifaceted process. It is inseparable from the completeness and incommensurability of human life with family, culture, humanity as a whole, and the cultural and historical period that shapes the way of life and human thinking.Spiritual values are an integral part of a person's inner world and create a unique spiritual position in relation to people. With the help of spiritual culture, the secrets of the human psyche are revealed, the essence of a person develops externally and internally, is presented in society as a real person.

**Keywords:** spirituality, value, culture, attention, thinking, modernity, unity, creativity, faith, standard, experience, education.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ахмедова Сайёра Партововна-*** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии фанҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: 988 14 45 28,
E-mail:: **ahmedova-sayora@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Ахмедова Сайёра Партововна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент гуманитарной кафедры. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **988 14 45 28,** E-mail:: **ahmedova-sayora@mail.ru**

**Information about the author:** ***Akhmedova Sayyora Partovovna*** – Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the University Department of Humanities. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone:**988 14 45 28**, E-mail: **ahmedova-sayora@mail.ru**

УДК:316.3(575.3)

# ТРАНСФОРМАТСИЯИ МАДАНИЯТИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Иномҷонова М. Н.*
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ**

Дар ҳамаи вақту замон, хусусан дар марҳилаи кунунии вазъи низоъангезу пурихтилофи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки хатари аз байн рафтани фарҳангҳову тамаддунҳоро ба бор овардааст, мурочиати пажӯҳишгарон ба мазмуну муҳтавои шуури ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ, амри воҷиб аст.

Дар ин росто, таъкид кардан ҷоиз аст, ки маданияти сиёсӣ яке аз падидаҳоест, ки ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад. Дар адабиёти сиёсӣ-иҷтимоии муосир мафҳуми мазкур ба таври гуногун маънидод гашта, онро ҳамчун ифодаи субъективии муносибатҳои сиёсӣ баррасӣ менамоянд. Аксарияти муҳаққиқон таърифи муаллиф А. Боднарро, ки ба маданияти сиёсӣ додааст, қабул доранд. Ӯ маданияти сиёсиро ҳамчун маҷмуи тасаввуротҳои муайян ва номуайяни таърихан ташаккулёфта дар бораи падидаю равандҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, ки ба он: а) арзишҳо (сарватҳо), б) қоидаҳо, в) институтҳои сиёсӣ; г) намунаҳо; ғ) тарзи амалиёти сиёсии фардҳо ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд, иборат медонад [3]. Мо низ пайгири ҳамин таъриф ҳастем, зеро дар ин ҷо унсурҳои асосии низом, ташкилдиҳандаи шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ ба инобат гирифта шудаанд.

Аз қазовати назарияпардозиҳои дигар худдорӣ намуда, зикр менамоем, ки мо дидгоҳи фарогири хешро доир ба ин мафҳум ва моҳияти маданияти сиёсиро дар мақолаҳои қаблии хеш иброз намуда будем [4].

Дар мақолаи мазкур вижагии дигари ин падида, яъне хислати тағйирпазир доштани онро зери таъсири омилҳо ва равандҳои ташаккул ва такомули муносибатҳои сиёсии ҷомеа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем. Дар ин робита, бояд эътироф намуд, ки омилҳои тағйирдиҳандаи раванди ташаккули маданияти сиёсӣ зиёданд, ки ҳамаи онҳоро дар доираи як мақолаи илмӣ баррасӣ намудан ғайриимкон мебошад.

Аз ин лиҳоз, мо дар доираи мақолаи мазкур ду омили асосӣ:

1) истиқлолияти давлатӣ ва ноил гаштан ба ваҳдати миллӣ;

2) оғози бунёди ҷомеаи иттилоотиро ҳамчун заминаи тағйирёбии маданияти сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Қаблан зарур аст, зикр намоем, ки маданияти сиёсӣ падидаи иҷтимоию таърихии гӯё инкишофёбанда мебошад. Давраи зуҳури маданияти сиёсӣ аз ҷониби пажӯҳишгарон ба таври гуногун шарҳу тафсир меёбад. Аз лиҳози таърихӣ, ба андешаи мо, зуҳури маданияти сиёсӣ бевосита ба ташаккули муносибатҳои ғуломдорӣ, пайдоиши моликияти хусусӣ, тақсими кор, синфҳо ва давлат ҳамчун ниҳоди бузурги иҷтимоӣ вобаста мебошад. Пайдоиши ин ниҳодҳо оғози сиёсишавии одамон маҳсуб меёбад, зеро шахсе, ки ғуломии худро дарк менамояд, ин аллакай ибтидои ташаккули тафаккури сиёсии ӯ мебошад. Агар муҳокимарониҳои мо аз ҳамин нукта маншаъ гиранд, пас мо метавонем маданияти

сиёсии давраи ғуломдорию феодалӣ, буржуазию коммунистиро эътироф намоем. Шояд чунин гурӯҳбандиро ҳамагон напазиранд, аммо таърихи ташаккули муносибатҳои сиёсӣ собит менамояд, ки маҳз ивазшавии форматсияҳои иҷтимоию иқтисодӣ сабаби дигаргуншавии муносибатҳои сиёсӣ ва тафаккури сиёсии одамон гаштааст. Беҳуда нест, ки маҳз дар давраи туфонҳои инқилобӣ ва фишороварихо маданияти сиёсии одамон фаъол гашта, онҳо барои бунёди муносибатҳои нави иҷтимоӣ мубориза мебаранд. Таърихи ҳамаи табаддулот ва инқилобҳо аз он шаҳодат медиҳанд.

Ҷусторҳои илмӣ ва натиҷабардориҳо аз таҳқиқоти то кунун бaанҷомрасида ба мо имконият медиҳанд, ки зикр намоем, ки шуури сиёсӣ ва фарҳанги сиёсии тоҷикон таҳаввулоти дурударози таърихиро аз сар гузаронидааст.

Давраи аввали ташаккули фарҳанги давладории тоҷикон аз фарҳанги авастоӣ оғоз ёфта, тули ҳазорсолаҳо сахтиҳои хорошикани таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронда, аз дунболи ҳар шикасту инқирози чашмрас, боз эҳёшавӣ ва камолоти афзунтарро аз сар гузаронидааст. Ба қавли Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин рисолати таърихиро, ки дар раванди давлатдории ҷаҳон назир надорад, метавон фарҳанги давлатдории тоҷикон номид. Дар асари бунёдии хеш “Тоҷикон дар оинаи таърих (Аз Ориён то Сомониён)” Пешвои миллат таърихи давлат ва давлатдории тоҷиконро таҳлил намуда, ба таври возеҳ зикр менамоянд, ки миллати тоҷик дар дарозои таърих соҳиби саводу дониш, девону дафтар, меъмору шаҳрсоз, шаҳрдору шаҳрнишин, яъне миллати фарҳангсолору тамаддунсоз будаанд, аҷдодони мо бо шоҳкориҳо дар ҷаҳони андешаву афкор ҳамеша инсониятро ба сӯйи хушахлоқиву хушрафторӣ, созандагиву бунёдкорӣ, инсонгароиву хештаншиносӣ, омӯзишу эҳтироми фарҳангу тамаддун ва таърихи гузашта даъват намудаанд” [5].

Давраи дуюми ташаккули фарҳанги сиёсии миллати тоҷик ба давраи ҳукмронии Сомониён рост меояд. Дар ин давра ғояи миллии тоҷикон ба пояи пурқувват ва устувори ҳаёти маънавии давлати миллӣ табдил ёфта буд. Маҳз ҳамин падида имконият дод, ки Сомониён давлати муқтадир созанд, ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии худро ривоҷ дода, сиёсати дохилию берунаро муваффақан ба роҳ монанд. Муносибатҳои дӯстонаро бо дигар давлатҳо ва халқҳо мустаҳкам карда, руҳу сиришти инсонпарварӣ ва башардӯстии халқи тоҷикро ба онҳо муаррифӣ намоянд.

Давраи сеюм аз сукути давлати Сомониён оғоз ёфта, тоҷикон дар тули ҳазорсолаҳо аз ширкати бевосита дар равандҳои сиёсӣ бегона гашта буданд, аммо бояд тазаккур дод, ки миллати тоҷик дар ҳайати кадом давлатҳо, ё империяҳо қарор надошта бошанд, кайфияти истиқлолхоҳиву соҳиби давлат буданро аз даст надоданд. Дар китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих” (Аз Ориён то Сомониён) Пешвои миллат қайд менамоянд, ки баъди шикасти давлати Сомониён тоҷикон зери таъсири давлати Ғазнавиён, Салҷуқиён, Темуриён, Аштархониён ва Манғитиҳо қарор доштанд. Вале он арзишҳои маънавие, ки дар даврони ҳукмронии Сомониён ташаккул ёфта буданд, аз байн нарафтанд, онҳо дар ҳофизаи таърихии халқи тоҷик маҳфуз дошта мешуданд. Ин нуктаро Пешвои миллат чунин баён намудаанд: “Озодӣ ва истиқлолият муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат буда, дар он орзую ормонҳои ҳазорсолаи миллат инъикос ёфта, саҳифаҳои

пурифтихори озодихоҳиву ватанпарастии мардуми мо бо хуни ҳазорон далерону ромардони ватанпарвар навишта шудаанд” [6].

Давраи чаҳоруми трансформатсияи фарҳанги сиёсии миллати тоҷик аз охири асри XIX ва ибтидои асри XX оғоз ёфта, то ғалабаи Инқилоби Октябр ва барқарор намудани Ҳукумати Шуравӣ дар Осиёи миёна идома меёбад.

Дар адабиётҳо ин давраи ташаккулу рушди фарҳанги сиёсии халқи тоҷик хеле пуртазод тасвир гаштааст. Аз як тараф, ин даврае буд, ки мардуми бумии Осиёи Миёна дар қаъри зиндони равониву фарҳангӣ қарор дошта, аз илму фарҳанги замона фарсаххо дур буданд. Уламои дин, ки зери ҳимояи зубдагони замона қарор доштанд, мардумро зери тарсу ваҳм, зулму шиканҷа қарор дода буданд. Дар ин шароит дар бораи шуури сиёсӣ ва фарҳанги сиёсӣ, яъне муносибату ширкати мардуми одӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа сухан гуфтан амри муҳол мебошад. Аз тарафи дигар, ин давраи бедории сиёсии табақаи зиёиёни тоҷик буда, онҳо ба ҳаракати морифпарварӣ асос гузошта, дар асарҳои хеш ҳокимон ва мазлумонро ба бедорӣ, рӯ овардан ба илму маърифат даъват менамуданд. Онҳо таассуби динӣ, мафкураи ақибмондаи феодалиро зери танқид гирифта, ғояҳои озодандешӣ, худшиносии миллӣ, мустаҳкамшавии робита ва ҳамкории халқҳои Осиёи Миёнаю Россияро тарғиб менамуданд.

Дар ин давра ба ташаккули симои сиёсии мардумони Осиёи Миёна, хусусан тоҷикон таъсири идеологияи панисломизм ва пантуркизм таъсиргузор буд. Хатари идеологияҳои мазкур барои шуури сиёсии тоҷикон аз он иборат буд, ки онҳо “теғи” бурандаи мафкураи худро ба зидди худшиносии этникию фарҳангии бедор шудаистодаи тоҷикон равона карданд. Дар ин робита, бояд ёдрас намуд, ки маҳз ҳамин идеологияҳо ҳангоми тақсимоти ҳудудӣ -маъмурии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна нақши калиди бозида, иллати асосии “табартақсим”-и марзӣ гаштанд.

Баробари ғалабаи Инқилоби Октябр ва барқарор гаштани Ҳокимияти Шуравӣ дар Осиёи Миёна давраи дигари ташаккули фарҳанги сиёсӣ оғоз ёфт. Муҳтавои маданияти сиёсии даврони Шуравиро ҳамчун эътимод ба давлати абарқудрат ва эътиқод ба мафкураи ягонаи коммунистӣ ташкил медод. Яке аз хусусиятҳои маданияти сиёсӣ дар давраи ҷомеаи тоталитарии Иттиҳоди Шуравӣ аз он иборат буд, ки ширкати мардум дар ҳаёт ва равандҳои сиёсӣ ба таври формалӣ сурат мегирифт, яъне одамон соҳиби ҳуқуқу озодиҳо, аз он ҷумла озодиҳои сиёсӣ буда, дар амалкарди худ бархӯрдории хешро аз он эҳсос намекарданд.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи сифатан нави ташаккул ва такомули маданияти сиёсӣ оғоз гашт. Аммо ҳолат ва ташаккули минбаъдаи маданияти сиёсии ин давра низ хеле мураккаб ва пурихтилоф буд. Муҳтавои раванди тағйирёбии маданияти сиёсии ҷомеаи тоҷикро дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар чанд нукта ифода намудан мумкин аст, ки онҳо иборатанд:

- дар даврони соҳибистиқлолӣ шуури сиёсии одамон бедор гашт, аммо дар шароити бетаҷрибагӣ ва нокифоягии маданияти сиёсӣ ин “бедорӣ” ба сари одамон ғаму кулфати зиёд – ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро ба бор овард;

- баъд аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ имкониятҳо барои ташаккул додани маданияти сиёсӣ зиёд шуданд, вале шуур ва тафаккури қолабии солиёни дароз дар ҳастии одамон мавоъ гирифтаро дигаргун намудан кори осон набуд;
- дар шароити соҳибистиқлолӣ сатҳи нокифояи илму маърифат кифоя набудани таҷрибаи зиндагӣ, коҳиш ёфтани нақши оила ва ниҳоят надоштани мавқеи муайян дар интихоби арзишҳои сиёсӣ боиси калавишу гароишҳои намояндагони алоҳидаи баъзе қишрҳои ҷомеа сӯйи тамоюлҳову равандҳои номатлуби сиёсӣ мегардад. Ин раванди номатлуб ба тезутунд гаштани муборизаи ғоявию сиёсӣ барои ғасби ақлу мафкураи инсон, фаъол гаштани амали гурӯҳҳои характери экстремистӣ дошта ва ҳамчунин кӯшиши давлатҳои абарқудрат бахри амалӣ намудани манфиатҳои геосиёсии хеш вобаста мебошад.

Вобаста ба ин нуктаҳо зикр намудан лозим аст, ки рушди ҷомеа дар давраи соҳибистиқлолӣ қонунмандиеро ба миён овард, ки дар ҷомеаҳое, ки дар ҳолати "гузариш" қарор доранд, аъзоёнаш дар ҷараёни мутобиқшавии хеш ба шароитҳои нави сиёсӣ ба душвориҳои зиёди равони дучор мегарданд, зеро мафкура ва равонӣ сиёсии солҳои тулонӣ ташаккул ёфта, ба осонӣ мавқеи хешро ба муносибатҳои нав намедиҳанд [2, с.358].

Вусъатёбии зиддиятҳои ҳаёти маънавӣ, коҳишёбии баъзе арзишҳои фарҳангӣ ва ба таври зарурӣ дарк карда натавонистани арзишҳои нави даврони соҳибистиқлолӣ ба ҷараёни ташаккули маданияти сиёсӣ халалҳо ворид намуд. Ин тамоюл ба тезутунд гаштани муборизаи ғоявӣ барои ғасби ақли инсон, фаъол гаштани амали гурӯҳҳои характери экстремистӣ дошта ва ҳамчунин кӯшиши давлатҳои абарқудрат бахри амалӣ намудани манфиатҳои геополитикии хеш вобаста мебошад

Дар даврони соҳибистиқлолӣ барои ташаккули шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсии тоҷикон ташаккули мактаби миллии идоракунии Пешвои миллат таъсиргузор буд. Яке аз хизматҳои бузурги Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон аз он иборат аст, ки дар давоми 30 соли истиқлолияти давлатӣ мактаби таҳаммулпазирии миллиро бунёд намуда, ба он қишрҳои гуногуни ҷомеа, алалхусус ҷавонон ва бонувонро ҷалб намуданд. Ба назари мо, дастоварди арзишманду мондагори Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон ин ташаккули як мактаби фарогир, таҳаммулпазир ва сулҳофар маҳсуб меёбад. Ин модели нави давлатдорӣ буд, ки Тоҷикистонро аз нобудӣ наҷот бахшид, ҳамакнун тоҷикон хатари нобудиро паси сар гузошта, амнияти хешро дар ҷомеаи пуртаҳлукаи имрӯзаи ҷаҳон ҳифз менамоянд. Аз ин боис месазад гӯем, ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои миллат имрӯз чеҳраи баргузидаи сиёсӣ, эҳёкунандаи миллати тоҷик, бунёдгузори таъриху фарҳанги муосири тоҷик, наҷотбахши тамомияти арзӣ, таъминкунандаи ваҳдат ва ризоияти миллӣ, амнияту суботи ҷомеа, муаррифкунандаи забон, арзиш, муқаддасот, мардонагӣ, футувват ва фазилати шоистаи мардуми тоҷикро дар худ таҷассум менамояд.

Бояд таъкид намуд, ки бунёди мактаби миллии идоракунӣ дар шароити баъди ба шикаст дучор гардидани низоми пешинаи иҷтимоӣ кори осон набуд, зеро тоҷикон аз замони суқути давлати Сомониён аз ин таҷриба бархӯрдор набуданд. Аз ин лиҳоз, дар давраи аввали раванди бунёди мактаби миллии идоракунӣ баъзе

калавишҳо ба назар расида, ба моделҳои амалкунандаи идоракунӣ дар дигар давлатҳо рӯй оварда мешуд. Аммо, таҷриба нишон дод, ки нусхабардорӣ аз ин моделҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷанги шаҳвандиро аз сар гузаронид, имконияти самараноки идоракунии ҷомеа ва давлатро намедиҳад. Аз ин рӯ, Пешвои миллат ба умқи таърих ва фарҳанги миллии худ рӯй оварда, аз он сабақҳо бардошта, чунин падидаҳои нодир, ба мисли "Оштии миллӣ", "Созиши миллӣ" ва "Ваҳдати миллӣ"-ро рӯйи кор оварданд. Маҳз ҳамин рӯовариҳо ба захираи бои фарҳангии ниёгон, билохира заминаи боэътимоди бунёд ва мустаҳкамгардии аркони давлати соҳибистиқлол ва мактаби миллии идоракунии ҷомеаву давлат гашт.

Ба андешаи Пешвои миллат, истиқлолияти сиёсӣ дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ва оғози марҳалаи сифатан нави рушд гардид, аммо бо назардошти вазъияти бисёр пурихтилоф ва ҳассоси ҷаҳони муосир мо бояд зиракии сиёсиро аз даст надода, давлати мутамаддине бунёд намоем, ки он манфиатҳои миллӣ ва геосиёсии моро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ ва ҳифз карда тавонад [13, с.31].

Дар ин робита хизмати бузурги Пешвои миллати тоҷикон дар он буд, ки Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақил ва комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро дар низоми давлатдории ҷаҳонӣ пайдо намуд. Ҳанӯз дар маърузаи аввалинашон Пешвои миллат аз минбари баланди СММ иброз намуда буданд, ки Тоҷикистон дар муносибатҳои байналхалқӣ сиёсати "дарҳои кушода"–ро пеша менамояд, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб пазируфта шуд. Бояд зикр кард, ки дар давои 30 соли соҳибистиқлолӣ ин ташаббуси Пешвоии миллат ба як консепсияи такмилёфтаи сиёсати хориҷии давлатамон табдил ёфтааст.

Дар шароити рушди бемайлони илму техника ва технологияҳои ҷадид ташаккули фарҳанги сиёсӣ ба муаммоҳои бунёди ҷомеаи иттилоотӣ вобаста мебошад. Атрофи бунёди ҷомеаи иттилоотӣ дар адабиёти иҷтимоиву фалсафӣ андешаҳои гуногун баён мегарданд. Вобаста ба ин масъала доимо савол гузошта мешавад, ки оё дар ҷомеаҳои тосаноатӣ низ бунёди ҷомеаи иттилоотӣ имкон дорад ё не? Агар ҷавоби ин саволро вобаста ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон матраҳ намоем, пас посух гуфтан ҷоиз аст, ки зери таъсири ҷаҳонишавӣ ва ташаккули фазои глобалии иттилоотӣ дар ҷомеаҳои суннатии тосаноатӣ низ баъзе унсурҳои ҷомеаи иттилоотӣ ташаккул меёбанд. Ба таври дигар, онҳо дар бунёди ҷомеаи иттилоотӣ қадамҳои аввалини худро мегузоранд. Аммо, агар андешаҳои омиёнаи дар сатҳи шуури муқаррарӣ баён гашта истодаро оид ба таъсири мусбию манфии ҷомеаи иттилоотӣ ба ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти ҷомеа ба инобат нагирем, то ҳол аз лиҳози илмӣ моҳияту зуҳуроти ҷомеаи иттилоотӣ, механизми самараноки идоракунии мавҷи иттилоот, сабабу оқибатҳои ба таври фарогир ворид гаштани технологияҳои иттилоотӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеаи тоҷикистонӣ ба таври бунёдӣ таҳқиқ нагаштаанд.

Дар адабиёти илмӣ ақидаи дигаре низ вуҷуд дорад, ки тибқи он бунёди ҷомеаи иттилоотӣ ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ вобастагӣ дорад. Масалан, муҳаққиқ С. Ҷононов зикр намудааст, ки технологияҳои информатсионӣ, фазои

киберӣ ва дигар шаклҳои робитаи одамон тавассути технологияҳои инноватсионӣ маҳсули ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб меёбанд. Ташаккули ин талабот ва шаклҳои робитаи иттилоотии одамон на дар паҳнои алоқамандии одамон дар фазои иҷтимоии ҷамоавӣ, ҳатто на дар фазои низомҳои сиёсӣ сурат мегирад. Ин падидаи иҷтимоӣ, ки онро баъзан ҳодисаи тамаддунӣ низ меноманд, натиҷаи рушди имкониятҳои аҳлонии инсон ба ҳисоб рафта, ба наздикшавии мавқеъҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нигаронида шудааст [1,с.209].

Масъалаи дигаре, ки ҳамеша атрофи он баҳсҳои илмӣ сурат мегиранд, сохтори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва муаммои идоракунии ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Гап дар сари он аст, ки яке аз хусусиятҳои хосси ҷомеаи иттилоотӣ аз он иборат аст, ки ҷараёнҳои дар ин паҳнои амалкунанда берун аз доираи таъсири ташкилаҳои ҷамоавӣ, ҳатто берун аз доираи таъсир ва назорати ниҳодҳои давлатӣ сурат мегиранд. Бешубҳа, давлат ҳамеша кӯшиш менамояд, ки дар марзи худ мавҷ ва интиқоли ахборро назорат ва идора намояд. Аммо имрӯз технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла интернет, бо суръати мислаш беназир тараққӣ намуда, хислати фаросӯе касб менамояд, ки на ҳама вақт ниҳодҳои давлатӣ онро назорат ва идора карда метавонанд. Ягона амалкарде, ки имрӯз давлат ба ҷо оварда метавонад, ин маҳдуд намудани истифодаи баъзе маводҳои экстеримистие, ки ба амнияти ҷомеа хатар эҷод менамояд, ба ҳисоб меравад.

Душвории ин муаммо дар он аст, ки дар баҳо додани иттилоот байни ҷомеаи ҷаҳонӣ фаҳмишу баҳогузорӣ ва стратегияи ягона вуҷуд надоранд. Ахборе, ки дар саҳифаҳои интернет пахш мегардад, аз ҷониби як давлат ҳамчун амалкарди принсипи ҷомеаи демократӣ, маҳсули гуногунандешӣ шинохта шавад, аз ҷониби дигар давлатҳо ҳамчун хатару таҳдид барои амнияти маънавиёти ҷомеа баҳогузорӣ мешавад.

Акнун агар ба саволи асосии дар боло гузошта шуда, яъне оё мавҷҳои ҷомеаи иттилоотӣ ба фарҳанги сиёсии ҷомеа таъсир расонид ё не баргардем, бешубҳа ҷавоб мусбӣ мебошад, зеро ахбори бардурӯғи ба воқеият мувофиқ набуда, мардумро гумроҳ менамояд, тафаккури ашхосро олуда гардонида, онҳоро ба норозигӣ, шӯру ғавғо ҳидоят менамояд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ташаккул ва такомули фарҳанги сиёсӣ ба чунин падидаҳо, ба мисли "навгонӣ"(инноватсия) ва "ахбор" (информатсия) ҳамбастагӣ пайдо намуда истодаанд. Ин падидаҳо ба сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ ва муошироти одамон ворид гашта, на фақат шаклҳои фаъолияти инсон, балки тағйири шуур ва ҷаҳонбинии сиёсии одамонро низ тақозо менамояд. Дар ин робита бояд таъкид намуд, ки агар дар таҷрибаи солҳои пешин фарҳанги сиёсӣ бевосита зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҳастии воқеӣ ташаккул ёбад, акнун интерфейси (масофаи) муошироти байни одам ва олам тавассути имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ қариб ки аз байн рафта, фарҳанги сиёсӣ зери таъсири бархӯрди манфиатҳою талаботҳо, тамаддунҳову фарҳангҳо дар фазои интернет ташаккул меёбад.

Омӯзиши мавзуъ собит менамояд, ки воситаҳои иттилоотӣ, қабл аз ҳама телефонҳои мобилӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ дар интернет, сабаби коста гаштани

маънавиёти қишрҳои алоҳидаи одамон гашта, ҷараёни ташаккули фарҳанги сиёсиро халалдор менамояд. Вобаста ба ин, дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ дар назди ҷомеа ва давлат зарурияти ташаккул додани “фарҳанги иттилоотӣ”-и шахс ва ҷомеа ба миён омадааст.

**Муқарриз: Солиҷонов Р. – д.и.ф., профессори ДИваС ДДТТ**

**АДАБИЁТ**


1. Джононов С. Проблемы формирования национального самосознания в условиях государственного строительства Таджикистана / С.Джононов. –Душанбе: Ирфон, 2009. -С. 208, 209.
2. Идиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ / Х.У. Идиев. – Душанбе, 2013. -358 с.
3. [Манбаи электронӣ]. https://allinweb.ru/siyosatshinosi/707/
4. Иномджонова М.Н. Маданияти сиёсӣ: мафҳум ва моҳитяи он / М.Н Иномджонова //Паёми ДМТ. – 2019. - № 3. -Қ. 1. – С. 269 -275.
5. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи ботантана ба муносибати 30 – солагии Истиқлолияти давлатӣ. -Душанбе, 8 сентябри соли 2021.
6. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе: ҶДДМ “Контраст”, 2017. -С.18.
7. Фарукшин М.Х. Политическая культура общества.//Соц.полит, науки., I99I.М,-С. 108-112.
8. Философский словарь под редакцией Фролова.5-е изд.-М.: Политиздат.,1987.-509с.
9. Хуморов Д. Духовный облик современного рабочего.-Душанбе: Ирфон.-1987.-30с.
10. Хошимов Р.И. Концепция государства и общества согласия и мира. //Народная газета.,1993.-19 января.
11. Ҷононов С. Маданияти сиёсӣ. Э.С.Т. -Душанбе.-1983.-С.
12. Юнусов С. Религия и политика: традиции и современность. //Коммунист Таджикистана.,1988.-22 июля.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Ҷавонон ояндаи миллат. –Душанбе: Ирфон, 1998. -С.31.
14. Яновский Р.Г. 0 возрастающем значении политического сознания . //Коммунист.,1986,ДО1-С.27-3I.


## ТРАНСФОРМАТСИЯИ МАДАНИЯТИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи илмии мазкур тағйирёбии маданияти сиёсӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф падидаи маданияти сиёсиро ҳамчун шакли зуҳури шуури сиёсӣ баррасӣ намуда, онро омили муҳимми рушди муназзам ва устувори ҳаёти сиёсии ҷомеа таҳлил намудааст. Навгонии муҳимми мақола аз он иборат аст, дар ин ҷо маданияти сиёсӣ на фақат ҳамчун падидаи таърихӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст, балки давраҳои таҳаввулоти он то даврони соҳибистиқлолӣ ва дар шароити истиқлолияти давлатӣ нишон дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, дар шароити истиқлолияти давлатӣ мазмун ва мундариҷаи маданияти сиёсии тоҷикон таҳаввулоти ҷиддиро аз сар гузаронида, бо чунин унсурҳо, ба мисли ваҳдат ва ризоияти миллӣ, ифтихор аз Ватан, ғурури миллӣ, арҷгузорӣ ба рамзҳои давлатӣ ва дигар арзишҳои даврони соҳибистиқлолӣ ғанӣ гашта, ба омили муҳимми худшиносии миллӣ ва зиракии сиёси аъзоёни ҷомеа табдил ёфтааст.



**Калидвожаҳо:** истиқлолияти давлатӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, форматсияи ҷамъиятию иқтисодӣ, шуури ҷамъиятӣ, шуури сиёсӣ, фарҳанги сиёсӣ, равони сиёсӣ, мафкураи сиёсӣ.


## ТРАНСФОРМАЦИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ В УСЛОВИЯХ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной научной статье объектом изучения является одна из важных проблем – трансформация политической культуры в условиях государственного суверенитета Таджикистана. Автор статьи подчеркивает, что политическая культура являясь формой проявления политического сознания, играет важную роль в стабильном и устойчивом развитии политической жизни общества. Научная новизна статьи заключается в том, что здесь политическая культура рассматривается не только как исторический и социокультурный феномен, но определяется этапы её трансформации как в советский так и в постсоветской период общественно-политического развития. По менение автора в условиях государственного суверенитета политическая культура трансформируясь в содержательном плане,

обогащаясь такими элементами как национальное единство и согласие, гордость за Родину, национальная гордость, уважение и почитание государственных символов и другими духоными ценностями периода государственной независимости, превратилась в важного фактора национального самопознания и политической бдительности членгов общесотва.

**Ключевые слова*:*** Государственная независимость, информационное общество, социально-экономическая формация, общественное сознание, политическое сознание, политическая культура, политическая психика, политическая идеология

**TRANSFORMATION OF POLITICAL CULTURE IN THE CONDITIONS OF INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In this scientific article, the object of study is one of the important problems - the transformation of political culture in the conditions of the state sovereignty of Tajikistan. The author of the article emphasizes that political culture, being a form of manifestation of political consciousness, plays an important role in the stable and sustainable development of the political life of society. The scientific novelty of the article lies in the fact that here political culture is considered not only as a historical and socio-cultural phenomenon, but the stages of its transformation both in the Soviet and post-Soviet periods of socio-political development are determined.
According to the author in the conditions of state sovereignty, political culture, being transformed in terms of content, enriched with such elements as national unity and harmony, pride in the Motherland, national pride, respect and reverence for state symbols and other spiritual values of the period of state independence, has become an important factor in national self-knowledge and political vigilance of society members.

**Keywords:** state independence, information society, socio-economic formation, public consciousness, political consciousness, political culture, political pchychology, political ideology.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Иномджонова Моҳира Наимҷоновна*** – Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, омӯзгори калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ. **Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169. Телефон: **927303919**

**Сведение об авторе** ***Иномджонова Мохира Наимджоновна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, страший преподаватель кафедры общественных наук **Адрес**:: 735700. Республика Таджикистан, город Худжанд. улица Исмаила Сомонӣ 169. .Телефон **927303919**

**Information about the author** ***Inomjonova Mohira Naimjonovna*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Senior Lecturer of the Department of Social Sciences **Address:** 735700. Republic of Tajikistan, Khujand city. Ismail Somoni street 169. Phone: **927303919**

УДК:008.2.13

# НАҚШИ ФАРҲАНГ ДАР ТАҲКИМИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

*Мунаварова Д.О.*
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Дар адабиёт худшиносии инсонро ҳамчун *амалиёт, эҳсос, фикр, сабабҳои рафтор, манфиат, мақоми худро дар ҷамъият* дарк кардани одам тавсиф менамоянд [17]. Агар ин нуктаро ҳамчун такягоҳи методологӣ қарор диҳем, пас дарк намудан душвор нест, ки дар ташаккули олами ботинии инсон, пеш аз ҳама, фарҳанг нақши ҳалкунанда мебозад. Воқеият чунин аст, ки дар тули тамоми зиндагӣ инсон барои шинохти худии худ майл менамояд ва мехоҳад ба саволи "Ман кистам?" ҷавоб гӯяд. Дар ин хусус ҷомеашиноси олмонӣ Э. Фромм чунин менигорад: "Тамоми ҳаёти фард ба ҷуз раванду шинохти худии худ чизе дигаре нест..."[18].

Эрих Фромм ба саволи "Инсон кист?" ҷавоб гуфта, пеш аз ҳама, таъкид менамояд, ки инсон чиз нест, балки мавҷудоти зиндаест, ки доимо дар рушду камолот аст. Ҳаёти ӯ ҷараёнест, ки зери таъсири омилҳои гуногун қарор дорад. Инсон дорои ақл мебошад, ки тавассути он ӯ ҳақиқатро маърифат менамояд. Баробари ин, мутафаккир таъкид менамояд, ки ашхоси алоҳида ва ҳатто миллатҳои том баъзан бидуни ақл рафтор менамоянд. Бисёр миллату халқҳо аз сабаби озод шуда натавонистан аз рафтори бетаҳаммулонаи хеш ба нести рафтанд [18]. Аз ин рӯ, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бунёди давлати соҳибистиқлол ба хотири "ба нести нарафтан" масъалаи шинохти худии худи инсон ба яке аз муаммоҳои мубрами рӯз табдил ёфтааст.

Худшиносии инсон ҳаминро дар назар дорад, ки ӯ бояд худашро аз дигарон, "Ман"-и хешро аз атрофиён ҷудо ва фарқ карда тавонад. Дар боло зикр намудем, ки худшиносӣ ин амалиёт, эҳсос фикр, сабабҳои рафтор, манфиат, мақоми худро дар ҷамъият дарк кардани одам аст. Бадани худ, ҳаракату фаъолияти худро ҳис кардани одам дар ташаккули худшиносӣ нақши муҳим мебозад. Одам фақат дар таъомули мутақобила бо одамони дигар, ба мардум тавассути фаъолияти амали бо муошират худашро метавонад бишносад. Ба ҷамъият вобаста будани худшиносӣ на фақат дар муошират мустақими ҳамдигарии одамон, дар муносибатҳои баҳодиҳии онҳо, балки дар ташаккули талаботи ҷамъиятӣ, ки ба одамони ҷудогона пешиниҳод мегардад, дар дарки худи қоидаҳои муносибатҳои тарафайн зоҳир мешавад. Аз ин лиҳоз, худшиносии инсон хислати рефлективӣ дорад, зеро он фақат дарки ҳастии тани худ, балки он дар раванди муносибату муошират, ҳамчунин зери таъсири омилҳои ҳиссию равонӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ сурат мегирад.

Худшиносии миллӣ сатҳи баланди худшиносии инсон аст. Дар назари аввал ба назар чунин менамояд, ки вожаҳои "худшиносии инсон" ва "худшиносии миллӣ" муродифи якдигар мебошанд. Чунин ҳолат табиист, зеро умумияти ин мафҳумҳо дар он аст, ки онҳо ҷараёни як воқеиятро ифода менамоянд. Аммо таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ имконият медиҳад, ки фарқияти онҳо низ муайян карда шавад. Муҳаққиқи тоҷик, профессор Ғаффорова М.К. худшиносии миллиро чунин

муайян менамояд: «Худшиносии миллӣ аз ҷониби фард бо шакли миллӣ шинохтани робитаҳои ҷамъиятӣ, шинохтани мансубияти ба умумияти муайяни миллӣ–этникӣ, шинохтани ягонагии худ бо ҳамин миллат аст» [7]. Муҳаққиқ Дробижева Л. Бошад, ба худшиносии миллӣ чунин таъриф додааст: "Худшиносии миллӣ ин аз тарафи субъект (фард) дарк намудани алоқамандиҳои миллӣ (этникӣ) ва муносибат ба онҳост" [8]. Гарчанде ин таърифот маҳаки асосии худшиносии миллиро дар бар гирифтаанд, аммо каме маҳдуд мебошанд, зеро худшиносии миллиро на фақат мавҷудияти омилҳои дар таърифи зикргашта муайян менамояд, балки он муносибати арзишӣ ба воқеияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ба он дуруст баҳо дода тавонистанро низ дар бар мегирад.

Эҳёи давлатдории тоҷикон, барпо гардидани Тоҷикистони соҳибистиқлол, мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ, вусъатёбии робитаҳои иқтисодию фарҳангӣ бо дигар мамлакатҳои ҷаҳон, ифтихори миллӣ аз таърихи бойи миллат худ, маданият, расму оинҳо заминаҳои муҳимми раванди ташаккули худшиносии миллӣ мебошанд. Дар баробари ин бояд ба инобат гирем, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ба фазои арзишҳои умумибашарӣ ворид шудани миллат, муносибати он бо дигар миллатҳо, шиносоӣ ва эҳтироми арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангии онҳо унсурҳои муҳимми худшиносии миллӣ маҳсуб меёбанд, ки дар таърифоти мавҷуда на ҳама вақт ба инобат гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, ба таърифоте, ки муаллифони пешин ба худшиносии миллӣ додаанд такя намуда, таърифи зайлро пешниҳод менамоем: *Худшиносии миллӣ аз ҷониби фард бо шакли миллӣ шинохтани робитаҳои ҷамъиятӣ, шинохтани мансубият ба умумияти муайяни миллӣ – этникӣ, шинохтани ягонагии худ бо ҳамин миллат, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ ва ҳамзамон эҳтироми арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангии миллати хеш ва дигар миллатҳо мебошад.*

Қобили қабул будани таърифи мазкур ба нуктаҳои зерин асос меёбад. Якум, эҳсоси мансубияти шахс ба ин ё он миллат. Дуюм, меъёри худшиносии миллӣ ва умуман инкишофи миллӣ – ин на танҳо эҳёи фарҳанги ниёгон, балки андозаи ба арзишҳои умумибашарӣ ворид шудани миллат, муносибати он ба дигар миллатҳо, яъне шинохтани баробарҳуқуқии дигар халқу миллатҳо, эҳтиром ва шиносӣ бо маънавиёти онҳоро дар бар мегирад. Сеюм, дар назди шуури миллӣ вазифаи аслӣ, пеш аз ҳама, рисолати бузурги миллатсозӣ ва ба ҳамин хотир вазифаи худшиносии миллӣ меистад.

Дар ин росто таъкид намудан зарур аст, ки таҳқиқи илмии худшиносии миллии тоҷикон, хусусан вобаста ба таъсири фарҳанги миллӣ, ба ташаккулу такомули он дар илми ҷомеашиносии тоҷик дертар, возеҳтар гӯем, баъди ба дастовардани соҳибистиқлолии Тоҷикистон оғоз гашт. Агар солҳои пешин баъзе муҳаққиқон ин муамморо омӯхта бошанд ҳам, онҳо дар масири ба якдигар наздикшавии миллатҳо дар раванди бунёди ҷамъияти сотсиалистӣ, муқаддам будани манфиатҳои ҷамъиятӣ нисбат ба шахсӣ, ташаккули назари танқидӣ ба фарҳанги ғарбиёна мавриди баррасӣ қарор додаанд. Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба ин мавзуъ бештар гашт, зеро таҷрибаи азнавсозии ҷомеа собит намуд, ки бидуни бедор намудани ҳисси ватандорӣ, арҷгузорӣ ба таърихи миллат, забон ва фарҳанги миллии он, бунёди

давлати миллӣ ғайриимкон будааст. Ҳар як давраи таърихӣ дар тақдири миллат ва халқҳо нақшҳои амиқ мегузорад ва ба рафти барқароршавию тараққиёти онҳо таъсир мерасонад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон менависад: «Мардуми бостонии тоҷик дар давоми ҳастии худ, ки на як бору ду бор ба имтиҳонҳои душвор рӯ ба рӯ омадааст, имрӯз роҳи тайкардаи худро аз дидгоҳи таърихӣ боддиқат меомӯзад. Зеро таърих ба мо имкон медиҳад, ки ҳар як марҳилаи фарозу нишеби рушди миллиамон, саҳми наслҳоро дар хазинаи моддию маънавии он ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар қатори ягонаи таърихӣ дида тавонем. Танҳо ба воситаи шинохти гузаштаи таърихӣ ва тавассути худогоҳии миллӣ оядаи наслҳои навро метавон муайян кард» [19].

Фарҳанг падидаи иҷтимоиву таърихист, зеро ҳар як зинаи рушди ҷомеа дорои фарҳанги хеш мебошад, ки дар он арзишҳо дар таҷрибаи гузаштагон ва имрӯзиён ташаккул ёфта, ҳоло ҳозир барои рушди ҷомеа ва инсон зарур аст. Ҳамин тариқ, фарҳанги миллати тоҷик аз умқи таърих то ба имрӯз зери таъсири омилҳои гуногун ташаккул ёфта, хислати инсондӯстии худро гум накардааст ва инсониятро ҳамеша ба сӯйи камолот ва шинохти воқеии худӣ раҳнамун намудааст.

Дар ин робита қайд намудан зарур аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба эҳёи фарҳанги миллӣ ва таъсири он ба худшиносиву худогоҳии миллӣ вусъат ёфта истодааст. Фарҳанги миллӣ кулли арзишҳои моддиву маънавии миллат, тарзи муносибати он бо табиат ва муҳити иҷтимоиро дар бар мегирад. Он дар фаъолияти давлат, ниҳодҳои иҷтимоии он ва ҳамчунин дар анъана, арзишҳои маънавӣ, тарзи тафаккур ва мавқеъгириҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, тарзи одоби муошировати фардиву гурӯҳӣ, худифодакунӣ ва тарзи зист зуҳур меёбад.

Ин андешаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле нуктасанҷона баён намудаанд: “Мо ба таърих на ба он хотир мурочиат менамоем, ки онро амиқан ва айнан барқарор намоем, балки мо ба гузаштаи хеш барои тақвияти руҳи созандагӣ, бузургдошти хотираи нахустаҷдоди роҳкушои мо, ки дар дарозои таърих ба ақидаҳои нав камар баста, ба дастовардҳои бузургу ғайриодӣ ноил гаштаанд, рӯй меоварем. Охир як сарчашмаи воқеии худшиносии миллӣ, қабл аз ҳама, бунёди давлати соҳибистиқлол, ваҳдати миллӣ, рӯй овардан ба гузаштаи пурифтихор, ҳифзи тамаддуну мероси фарҳангии ниёгон ва поси хотири шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги миллат мебошад».

Фарҳанги ин ё он халқ ва миллатро аз рӯйи сатҳи муайяни иҷтимоию иқтисодии пешрафти он омӯхтан мувофиқи мақсад мебошад. Омӯзиши шаклҳои миллии фарҳанг, инчунин, аз он сабаб муҳим аст, ки он имкон медиҳад, фарҳанг аз тамоми паҳлуҳояш баррасӣ гардад. Таҳқиқи фарҳанг дар шакли миллии он боз аз он ҷиҳат зарур аст, ки худи фарҳанг дар ташаккул ва такомули миллат чун шакли таърихии умумияти одамон нақши асосиро мебозад.

Хусусияти маданияти миллӣ дар он аст, ки он одамоне, ки дар манотиқи гуногун умр ба сар мебаранд, робитаҳои бавосита ва ё бевоситаи хешутаборӣ

надоранд, бо ҳам мепайванданд. Сарҳадоти маданияти миллӣ ба қудрату неруи офарандагӣ ва бунёдкории маданият вобаста буда, метавонад аз марзу буми хеш берун густариш ёбад ва новобаста аз ҳамсоягии дигар маданиятҳои миллӣ ривоҷу равнақ ёбад. Хусусиятҳои маданияти миллӣ аксар бо омилҳои макониву иқлимӣ, инчунин аз мазмуни он арзишҳое, ки таърихан дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолию иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд ва аз насл ба насл ирсол мегарданд, вобаста аст. Масоили хусусиятҳои фарққунандаи маданияти миллӣ, яке аз масъалаҳои мубрами асри XX ба ҳисоб мерафт ва алҳол боқӣ мондааст.

Агар даҳсолаҳои аввал назарияҳои муттаҳидгардонии миллатҳо ба гурӯҳи ягонаи иттифоқӣ бештар ба мушоҳида мерасид, солҳои охир баръакс эҳё гаштани худшиносию худогоҳии миллӣ ба назар мерасад, ки бар хилофи ақидаҳои якрангу якнамуднамоии маданияти миллӣ мебошад.

Аз ин ҷост ки миллате, ки худро шинохт, хоҳад донист, ки муҳити зисти хоси ӯ кадом аст, чӣ гуна буд ва чӣ гуна бояд шавад. Дар ҳар марҳилаи таърихӣ ин шинохти хештан амиқтар мешавад, донишҳои миллат дар бораи хислату хусусиятхои худ ва чигунагии муҳити зист такомул меёбанд. Чунин худшиносии таърихию маънавӣ ба дастовардҳои илм такя менамояд. Пояи илмии худшиносии миллӣ ҳар чӣ устувор бошад, мазмуну муҳтавои иҷтимоии он мукаммалтар хоҳад буд.

Миллат хусусиятҳои хосси тафаккур ва шакли зуҳуроти эҳсос, шинохтани қадру қимати миллии худро дорост. Ба туфайли ҳамаи ин омилҳо миллат чун воҳиди нодири таърихӣ аст. Вале ҳамаи ин ҳадду меъёр дорад. Мисли он ки аз ҳад зиёд ба худ эътибор додани субъект боиси худбинӣ мешавад, мисли ҳамин аз ҳад зиёд ба хусусиятҳои ҳаёти миллӣ эътибор додани шуури миллӣ ҳам боиси миллатгароӣ мегардад. Вале миллат на фақат хусусиятҳои хос, яъне он чи ки онро аз миллатҳои дигар фарқ мекунанд, балки унсурҳои умумӣ ҳам дорад, ки баъзе миллатҳоро ба ҳам мепайванданд: миллатҳои гуногуне ҳастанд, ки ба як забон гуфтугӯ ё дар як ҳудуди умумӣ зиндагӣ мекунанд, ё дар таърих, маданият, маишат, тафаккур дорои бисёр унсурҳои умумӣ мебошанд. Бисёр будани миллатҳо сарвати инсоният, як навъ ганҷинаи он мебошад.

Дар шароити муосир дар тамоми давлатҳои мутамаддин равандҳои қонунмандонаи муттаҳидшавӣ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо ба тамоюлҳои объективии рушди иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд. Ва ин равандҳо аз детерминантҳои ягонаи таърихӣ ва мантиқи рушди иҷтимоӣ вобаста мебошанд. Тавре ки маълум аст, дар доираи бузурги сиёсиву қавмии мо қонунмандиҳои объективии рушди ҷомеа хеле дигаргун шуда, онҳо дар тантанаи тафаккури тоталитарӣ зоҳир шуданд.

Дар доираи тамоюлҳои зиддиятҳои иҷтимоӣ арзишҳо ва муносибатҳои миллии нисбатан устувортар қарор гирифтанд. Тамоюлҳои миллӣ дар шароити шикасти муносибатҳои иҷтимоӣ вазифаи интеграторро иҷро намуда, талошҳои миллиро барои зистан дар шароити душвор сафарбар менамоянд. Дар чунин шароит ҷомеа таваҷҷуҳи худро ба замонҳои нисбатан дуртар равона сохта, ба даъвоҳои умумии миллӣ ва арзишҳои онҳо ҳамчун қисмати ҷудонопазири фарҳанги қавмии миллӣ бозмегардад. Давраи муносибати мулоҳизакорона ба

гузаштаи миллати худ, мардуми худ оғоз шуда, раванди эҳё ва бозсозии фарҳанги миллӣ, забони он, расму анъана, махсусиятҳои ҳаётӣ ва ғайра қувват мегирад.

Таърих самараи фаъолиятҳои инсон аст ва фаъолияти инсон бошууронаву ҳадафмандона мебошад. Афкори таърихӣ ҳамеша ҷанбаҳо ва ҳудудҳои нави худро зоҳир менамояд. Дар баробари ин масъалаи ҳалли мушкилоти миллиро ба миён мегузорад. Қобили зикр аст, ки дар мо на танҳо дар масъалаҳои миллӣ, балки оид ба тамоми мушкилоти ҷомеашиносӣ ба тамоюлҳое афзалият дода мешавад, ки нақши омилҳои объективӣ ва қонунҳоро афзунтар карда, мутаносибан нақши мардумро дар таърих коҳиш медиҳанд.

Таърифи худогоҳии миллӣ аз мавҷудияти якчанд нишонаҳои фарққунанда дарак медиҳад, ки худ инъикоси онҳост ва ба туфайли онҳо нисбат ба худогоҳии умумӣ дар муносибати хос қарор дорад. Нишонаҳои фарққунандаи худогоҳии миллӣ бо махсусиятҳои ҳаётӣ, забонӣ, фарҳангӣ ва дигар хосиятҳои миллати ташаккулёбанда алоқаманд мебошанд. Душвории таърифи мафҳуми худогоҳии миллӣ дар он аст, ки он аз қисматҳои зиёде таркиб ёфтааст, ки худи онҳо дорои мафҳуми мустақил мебошанд. Муайянсозии тавсифи ин қисматҳо шарти дуруст истифода бурдани худи мафҳуми худогоҳии миллӣ ба ҳисоб меравад.

Худро ба ягон миллати муайян дохил намудани инсон ҳамон вақт далелнок дониста мешавад, ки агар он ба саволи зерин дақиқ ҷавоб дода тавонад: дар асоси кадом меъёрҳои объективӣ худро маҳз ба ҳамин миллат шомил медонаду ба дигар миллат не? Ин меъёрҳоро дар шароити таърихии пайдоиш ва рушди ҳамон миллат ҷустан лозим аст.

Бояд қайд кард, ки миллати ташаккулёфта аз халқият фарқи зиёд дорад, ки на ҳамеша дар бораи дигар нишонаҳо чунин гуфтан мумкин аст. Масалан, на фақат миллат забони пешрафта дошта метавонад, халқият низ чунин забони пешрафта дошта метавонад. Ин ё он халқияте, ки ба забони пурқувват расидааст ва ҳатто дорои забони адабӣ аст, агар ба муносибатҳои устувори хоҷагидорӣ пайванд набошад, ҳанӯз миллат шуда наметавонад. Масалан, агар дар бораи халқи тоҷик дар асрҳои 9-10 сухан равад, махсусан дар давраи рушду такомулаш, ки ба замони давлати Сомониён рост меояд, яъне, вақте ки забони адабии умумӣ (форсӣ-тоҷикӣ), ҳудуди ягона, (мухторият), умумияти ҷузъии ҳаёти иқтисодӣ ташаккул ёфт, ба ҷуз ин, агар мо хоҳем, ки ба миллат дар ҳамин замина баҳо диҳем, ки миллат умумияти олии қавмӣ буда, дар асоси капитализм ва сотсиализм шакл гирифтааст (дар ҳақиқат, аз воқеияти имрӯза чунин бармеояд, ки истилоҳоти капитализм ва сотсиализм аз мафҳуми аввалияи класикии худ фарқи зиёд доранд; имрӯзҳо истилоҳи «ҷомеаи шаҳрвандӣ» бештар ба кор бурда мешавад) ва нисбат ба ҷамъияти феодалӣ бо рушди таърихияш болотар меистад, вале давлати Сомониён, ташаккул ва пешрафти он маҳз дар даврае буд, ки таҳти мафҳуми «шакли олӣ»-и умумияти одамон мо рушди на он қадар одии миқдории зинаҳои гузаштаи умумияти қавмиро мефаҳмем, яъне, идома ёфтани алоқаҳои биологии наслҳо ва шакли робитаҳои таърихӣ, ки нисбат ба дигарон бештар ҷавобгӯи талаботи раванди муосир аст, халқи тоҷикро дар он давра ҳанӯз миллат номидан мумкин нест.

Ҳамин тавр, худогоҳии миллӣ маҳз дар муносибат бо дигар халқҳо зоҳир мешавад. Муносибат ҳамон меъёрест, ки тавассути он таркиби худогоҳии миллӣ санҷида мешавад. Муҳокимаи дигар халқҳо мисли муҳокимаи миллати худ, аз ҳолати худогоҳӣ, ки дар муносибатҳои баробарӣ ё нобаробаробарии байнимиллӣ муқаррар гардидааст, вобаста мебошад.

**Муқарриз: Солиҷонов Р. – д.и.ф., профессори ДИваС ДДТТ**

## АДАБИЁТ


1. Абдулатипов Р.Г. Природа и парадоксы национального "Я" / Р.Г. Абдулатипов. - М., 1991. -95 с.
2. Абдулатипов, Р.Г. Национальный вопрос и государственное устройство / Р.ГАбдулатипов. – М., 2001.
3. Абдулатипов Р.Г. Россия на пороге XXI века. Состояние и перспективқ федеративного устройства / Р.Г. Абдулатипов. — М., 1996.
4. Азимов Аъзамҷон. Рӯзнома ва худшиносӣ / А. Азимов. -Душанбе: Шарқи озод, 2015, 152 с.
5. Айнӣ С. Намунаи адабиёти точик (Пример таджикскойлитературы) / С. Айнӣ. - Сталинабад, 1940.
6. Акбар Турсун. Эҳёи Аҷам. – Душанбе: Ирфон, 1984. - 205 с.
7. Гафорова М.Қ. Асосҳоифалсафа / М.Қ. Гафорова. - Душанбе, 2012. - С.80.
8. Дробыжева Л.М. Национальное самосознание: база формирования и социокультурные стимулы. развития / Л.М.Дробыжева // Советская. этнография. -1989. -№ 5. –С.4.
9. Олимов К. Андешаҳо доир ба фалсафаи ирфон ва худшиносии миллӣ / К. Олимов. –Душанбе: Дониш, 2014. -393 с.
10. Олимов К. Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ / К. Олимов. –Душанбе: Эрграф, 2013, 32 с.
11. Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. –Лондон, 1999. -240 с.
12. Рахмон, Э. Выступление по проекту закона Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за воспитание и Обучение детей» от 14 декабря 2010г. - Душанбе, 2010.
13. Рахмон, Э. Таджикистан в конце XX века. - Душанбе, 2001.
14. Рахмон, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. -Том 5. – Душанбе: Ирфон, 2006.
15. Рахмон, Э. Таджикистан на пороге XXI века. - Душанбе, 2001. -23 с.от 05.09.2000. (Таджик и узбек: братья навек):
16. Раҷабалии Худоёр: Худшиносӣ, фарҳанг ва забони миллат. -Душанбе: Ирфон, 2009.
17. Спиркин А. Асосҳои фалсафа / А. Спиркин. – Душанбе: Маориф, 1991. – С.133.
18. Фромм Э. Бегство от свободы. АСТ / Э. Фромм. - М., 2006. -С.9.
19. Эмомали Рахмонов. Таджики в зеркале истории. –Душанбе, 1996. С.32.


## НАҚШИ ФАРҲАНГ ДАР ТАҲКИМИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф яке аз мавзуъҳои муҳимми ҷомеаи муосири Тоҷикистон - нақши фарҳанг ва роҳҳои вусъат бахшидани худшиносии миллиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Бояд зикр намуд, ки мавзуи мазкур дар мисоли таҷрибаи сиёсати фарҳангофари Пешвои миллати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ гашта, таъсири ин сиёсат ба таҳким бахшидани худшиносию худогоҳии миллат муайян карда шудааст. Дар мақола таъкид мегардад, ки раванди бунёди давлати миллӣ “роҳи васеи мумфаршшуда” набуда, барои расидан ба қуллаҳои баланди он, яъне комёб гаштан ба истиқлолияти комил, иродаи азиму имони комил, донишу биниши иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маърифати мукаммали кулли намояндагони миллат зарур аст. Имрӯз масъалаи худшиносии миллӣ бештар таваҷҷуҳи насли ҷавони миллатро ба худ ҷалб мекунад. Худшиносии шахсият ва худшиносии миллат барои мустақилияти фард ва истиқлоли давлат чун пояи мустаҳкам хидмат менамояд. Бояд дар назар дошт, ки ҳар давлату миллат ҳамон вақт ба пешрафтҳои назаррас ноил мегардад, ки соҳиби ҳофизаи таърихӣ ва эҳсоси баланди худшиносӣ бошад.



**Калидвожаҳо:** *ф*арҳанг, фарҳанги миллӣ, худшиносии инсон, худшиносии миллӣ, ҳофизаи таърихӣ, ҷавонон, худогоҳӣ, давлати миллӣ, ҳувияти миллӣ, эҳёи миллӣ, манфиатҳои миллӣ, ҳастии миллӣ.

**РОЛЬ КУЛЬТУРЫ В УКРЕПЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ**

В данной статье автор исследует одну из важнейших тем в современном обществе Таджикистана - роль культуры и пути расширения национального самосознания. Следует отметить, что данный вопрос рассматривается на примере опыта созидательной культурной политики Лидера таджикской нации, уважаемого Эмомали Рахмона, и определяется влияние этой политики на укрепление самопознания и самосознания нации. В статье подчеркивается, что процесс строительства национального государства не является «широкой асфальтированной дорогой», и для достижения его высших вершин, то есть достижения полной независимости, необходимо иметь сильную волю, совершенную веру, социально-экономические, культурно- просветительские знания всех представителей нации. Сегодня проблема национального самосознания привлекает внимание подрастающего поколения нации. Самопознание личности и самопознание нации служат прочным фундаментом независимости личности и независимости государства. Следует иметь в виду, что каждое государство и нация достигает значительного прогресса только в том случае, если они обладают исторической памятью и высоким чувством самосознания.

**Ключевые слова:** Культура, национальная культура, человеческое самопознание, национальное самопознание, национальное возрождение, национальные интересы, национальная сущность.

**THE ROLE OF CULTURE IN STRENGTHENING NATIONAL IDENTITY**

In this article, the author explores one of the most important topics in the modern society of Tajikistan - the role of culture and ways to expand national identity. It should be noted that this issue is considered on the example of the experience of the creative cultural policy of the Leader of the Tajik nation, respected Emomali Rahmon, and the influence of this policy on strengthening the self-knowledge and self-awareness of the nation is determined. The article emphasizes that the process of building a nation state is not a "wide asphalt road", and in order to achieve its highest peaks, that is, to achieve complete independence, it is necessary to have a strong will, perfect faith, socio-economic, cultural and educational knowledge of all representatives of the nation. Today, the problem of national self-consciousness attracts the attention of the younger generation of the nation. Self-knowledge of the individual and self-knowledge of the nation serve as a solid foundation for the independence of the individual and the independence of the state. It should be borne in mind that each state and nation achieves significant progress only if they have a historical memory and a high sense of self-consciousness.

**Key words:** Culture, national culture, human self-knowledge, national self-knowledge, national revival, national interests, national essence.

**Маълумот дар бораи муаллиф.** ***Мунаварова Дилафрӯз Одиловна*** – Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа. **Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169.

**Сведение об авторе:** ***Мунаварова Дилафруз Одиловна***. – Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат философских наук.. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169. Телефон: **928688386**

**Information about the author:** ***Munavarova Dilafruz Odilovna* –** Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Philosophical Sciences. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 169. E-mail: **mparvinajon06@gmail.com** Phone: **928688386**

УДК:316.347

# СОЦИАЛЬНЫЙ ДЕТЕРМИНИЗМ КАК ПАРАДИГМЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ОБЩЕСТВЕННОГО РАЗВИТИЯ

*Джонназарова Д.Х.*
**Институт экономики и торговли ТГУК**

Развитие современного противоречивого и быстроменяющегося многополярного мира, где наблюдается процесс глобализации и локализации обуславливает мозаичный фон познания происходящих процессов как в мировом масштабе, так и на региональном уровне. Более того, эти трудноуловимые и сложнопрогнозируемые процессы порождают многочисленные проблемы онтологического, гносеологического, социологического и аксиологического характера.

Теоретическое осмысление этих проблем прямо вытекает из сущности и формы проявления, причинно-следственных детерминант социального развития в условиях изменения концептуальных основ мироощущения и миропонимания. В этом контексте возникла крайняя необходимость проникнуть в сущность вероятностностных тенденций развития общества не только сквозь призму глобальных геополитических, экологических и демографических и других проблем, но и переосмыслить проблему социальной детерминированности происходящих изменений. Ведь эти проблемы ставятся не для того, чтобы ещё раз подчеркнуть их всеобщность и актуальность, а скорее всего, для того чтобы, разрабатывая теоретические основы, выявлять пути их импилимитации в реальной социальной политики.

В мире ничто просто так не происходит, все подчинено законам причинно-следственных связей. По меткому замечанию Б.М.Кедрова, социальная детерминация означает "универсальную закономерную связь всех вещей и явлений" [5, с.7]. Разделяя данную точку зрения мы предполагаем, что, несмотря на некоторое пренебрежительное отношение исследователей к проблеме социальной детерминации, она не потеряла свою научную значимость в исследовании общественных явлений.

Актуализация социального детерминизма как парадигма познания общественного развития обусловлена рядом факторов. **Первое** – конец XX и начала XXI вв принесли с собой больше перемен, чем любые предшествующие им столетия. Этот период теперь характеризуется как период крушения вроде бы незыблемых социально-политических систем, появление на их месте политически, социально, этнически, культурно неоднородного пространства, состоящего из политически независимых государств и получившего название «постсоциалистическое» и «постсоветское», явилось периодом обострения социальных противоречий и конфликтов. Все эти глобальные изменения и проблемы требуют теоретического осмысления через призму причинно-следственных связей происшедших событий. **Второе** – в условиях глобализации и бурного развития информационных технологий общественное развитие уже не обозначает только соотнесенность с неким историческим прошлым, но имеет вполне определенное качественное содержание, именуемое как век информационных технологий.

Если попытаться определить отличительную черту современного мира, то можно утверждать, что это масштабные, стремительно разворачивающиеся глобальные научно-технические преобразования, порождающие такие общепланетарные проблемы, как экологические, демографические и другие, фокусирующиеся на проблеме выживания самого человека. Все это побуждает вновь вернуться к традиционному вопросу о взаимодействии природных и общественных факторов, уточняя при этом роль человеческого фактора в этом процессе. **Третье** – вопрос социальной детерминации связан с усилением идеологического противостояния малых и больших государств за свои геополитические и финансово-экономические интересы,

радикализацией идеологии. Эти факторы в корне меняют картину современного миропорядка.

Наш акцент на эту глобальную проблему связан с тем, что Таджикистан находится на перекрестке геополитических интересов многих дальних и ближних государств, следовательно, все социально-политические процессы, которые происходят здесь имеют свою причинно-следственную детерминацию.

В этой плоскости, актуализация проблемы социальной детерминации в социально-философской науке связана с тем, что перед ними поставлена задача исследовать причины и следствия произошедших социально-политических катаклизмов, в частности, привнесенных гражданской войной в 90-е годы XX столетия в общественную жизнь Таджикистана [12]. Согласно принципам социального детерминизма эту крайне важную задачу невозможно анализировать без учета противоречивых и сложнопереплетённых факторов и условий новейшей истории таджикского народа. Отсюда, перед обществоведческой наукой в целом и социальной философии в частности, возникает проблема осмысления пройденного исторического пути таджиков, причин их взлёта и падения и поиск ответа на трудный и болезненный вопрос: "Как и каким образом стало возможным, что нация, об истории и культуре которой знало всё передовое человечество, вздохнув свежий воздух независимости, опустилась до уровня толпы, лишенной способности думать перспективно и масштабно о своем будущем?" [8, с.309].

Ответы на этот вопрос носят мозаичный характер. Одни авторы в качестве детерминанта указывают на распад СССР, другие на тысячелетнюю историю таджикского народа, а третьи на недееспособность политической элиты и паралич властных структур на момент приобретения государственного суверенитета [9:17,9; 14:7]

В этом плане, следует отметить, что за последние 20-30 лет в социально-философской науке Таджикистана произошла парадигмальная революция. Суть этой революции заключается в том, что изменились отношения исследователей к различным моделям социального познания. Данная тенденция особенно ощутимо проявилась на научном поле социально-философских наук постсоветского пространства, в том числе в Таджикистане. Как верно замечает таджикский исследователь Шозимов П.Д., «так как социально-политическое и мировоззренческое равновесие разрушилось, в обществе наступила острая необходимость заново, и главное, в новых терминах и подходах осмыслить сложные и неоднозначные процессы, в которые вовлечена наша страна» [16, с.87].

В целом соглашаясь с такой оценкой состояня социологической науки на начальном этапе государственного суверенитета, следует признать, что усилиями ряда ученых, прежде всего Идиева Х.У., Самиева А.Х., Джононова С., Солихджонова Р. и ряда других учёных, были презентированы такие парадигмы, как институционализм, структурно-функционализм, структурно-системный, социокультурный, примордиализм, социальный конструктивизм и рациональный инструментализм и др. Кроме этого, «тон в ракурсе других подходов к рассмотрению современных общественных явлений задают такие методологические парадигмы, как модернизация (теория модернизации) эволюционизма и т.д.» [4, с.38].

Необходимо отметить лишь тот факт, что содержание любой парадигмы определяется теми понятиями, которыми оперирует ученый. В плоскости парадигмы социального детерминизма центральными выступают такие понятия, как «развитие», «социальное изменение», а в последние годы часто применяется понятие «социальная трансформация».

Начнем своё рассмотрение с последнего, т.е. выяснения содержания понятия «социальная трансформация». Таджикский исследователь Идиев Х.У. одним из первых

применил понятие «социальная трансформация» в анализе происходящих изменений в таджикском обществе и сформулировал следующее определение – «социальная трансформация в контексте социальных наук используется для обозначения структурных изменений в ткани общественной жизни, часто разворачивающихся путем новых комбинаций из имеющихся элементов, модификации и переноса из контекста других обществ, образцов социальных институтов и. т. д.» [4,с.28]. Если вникнуть в содержание данного определения, то выясняется, что в процессе социальной трансформации происходят изменения структуры, например, социальной структуры общества, путем копирования и комбинации образцов из опыта других институтов. Преимущество данной формы социальных изменений заключается в том, что здесь не происходит резкое скачкообразное изменение. На определенном этапе трансформации таджикского общества мы долго колебались между различными моделями общественного переустройства. Однако они не давали желаемых результатов. В конечном итоге было осознано, что без учета исторического опыта, культуры, традиций и особенности менталитета народа невозможно построить новое общество. Отсюда можно сделать предварительный вывод о том, что при социальной трансформации происходят некие изменения во взаимодействии элементов внутри структуры, а сама структура остаётся низменной.

Другим ключевым понятием для раскрытия социальной детерминации общественного развития является «социальное изменение». Данное понятие тесно связано с понятием «социальная трансформация», и оно определяется как перемена, происходящая в социальных системах, особенно в обществе, в определённом континууме и пространстве» [4, с.27]. Можно согласиться с этим определением с учетом того, что социальные изменения характерны не только для «определенного континуума и пространства», но и являются постоянными спутниками развития природы и общества.

Понятие «социальное изменение» конкретизируется понятием «развитие». В категориальном ряду теории социального детерминизма понятие «развитие» занимает особое место, поскольку оно пронизывает собой все закономерности процесса познания, все методы, формы, приемы научного исследования.

После крушения целых социально политических систем, все общества без исключения, трансформируясь, приобретают качественно иные характеристики. И в этих условиях вопрос, что такое развитие, какое содержание следует вкладывать в эту категорию, каково ее соотношение с категориями «движение» и «прогресс» и «социальное изменение» приобретает особую актуальность, однако, до сих пор нет единой интерпретации этих понятий, а стало быть, и решения существующей проблемы. В частности, к середине XX века сформировалась идея о том, что категории «развитие», «движение», «прогресс» являются тождественными понятиями. Советско-российский исследователь В.А. Босенко утверждал, что «движение как изменение вообще и есть развитие в целом как способ существования материи» [3, с.95]. Другой исследователь Солотов Е.Ф., отмечая большое сходство между рассматриваемыми категориями, в то же время выступает против их полного отождествления. Если категория «движение», считает он, отражает процессы, не приводящие к существенным преобразованиям в структуре движущегося объекта, в его качественной определенности, а развитие есть направленный, необратимый процесс, где происходят качественные и количественные изменения [9, с.15].

На наш взгляд, в данном определении верно определены границы рассматриваемых понятий, поскольку в общефилософском смысле «развитие материи и сознания, взятое в целом, отмечается безусловной прогрессивной направленностью, оно есть бесконечное движение по восходящей спирали, движение противоречивое, включающее в себя отступление, возвращение назад, но в целом идущее от форм

простых к формам сложным, от систем низших, примитивных к системам высшим, высокоорганизованным» [13, с.454].

Таким образом, определяя соотношение категорий «развитие» и «движение», мы исходим из того, что обе эти категории играют важную роль в теории социальной детерминации общественного развития. Вместе с тем, следует иметь в виду, что категория «движение» по своему действию и содержанию имеет более широкий смысл, нежели чем категория «развитие», ибо понятие «движение» вбирает в себя любые изменения, которые происходят в бытии, а категория «развитие» отражает лишь необратимое, направленные изменения материальных и идеальных объектов.

Социальное движение подчиняется всем принципам и законам диалектики, в том числе и возможности перехода в свою противоположность, однако развитие в рамках одного и того же уровня организации материи' тогда как социальное развитие включает в себя взаимодействие людей (общества) и природы в контексте творческого воздействия людей на окружающую среду.

Таким образом, можно сделать вывод о том, что понятия «социальное изменение» и «развитие» являются фундаментальными понятиями теории детерминации общественного развития. Хотя они отражают разные уровни происходящих изменений, между ними имеется неразрывная взаимосвязь.

В общих чертах направленность общественного развития характеризуется преемственностью и необратимостью, обновляемостью и повторяемостью, последовательностью, устойчивостью, упорядоченностью и другими составляющими. Поэтому социальная философия постигает общую направленность общественного развития и актуализирует в ней сознательное начало, прямо или косвенно присутствующее и проявляющееся во всех сферах общественной жизни. Говоря об этой направленности, следует отметить, что она представляет собой перспективную в исследовательском отношении область социально-философского, обществоведческого познания, в которой пересекаются предметные сферы философско-социологических, философско-исторических и других конкретно-философских воззрений. Обобщающая и синтезирующая функция философского познания во многом обусловлена здесь тем, что атрибутика общественной жизни рассматривается не в предметном противопоставлении различных сторон общественной жизни, а в их объективном единстве, которое постигается философской мыслью. На основе обобщения философско-социологических, философско-исторических и других знаний возникает такое видение и постижение общественной жизни, которое во многом, но не во всем, способствует формированию общенаучного подхода в исследовании общества как системного объекта.

В связи с анализом общей направленности общественного развития, являющейся важнейшим атрибутом закономерного общественного развития, в ходе которого объективно актуализируется сознательное начало, необходимо рассмотреть соотношение между такими формами обществоведческого познания как социология, история и философия. Безусловным в данном соотношении, на наш взгляд, является то, что не все, что рассматривается и получается в результате социологических исследований, может быть включено в систему философских знаний. Лишь наиболее общие социологические вопросы и воззрения могут включаться в философию, где они конституируются в форму философско-социологического и социально-философского знания.

В этой связи очевидно, что лишь после первичного, «смутного» конституирования философии истории как относительно самостоятельных систем конкретного философского знания, в общей структуре философского знания стали предприниматься внутренние, методологически необходимые и обоснованные попытки сопоставления и анализа полученных разными путями социально-философских и

других обществоведческих знаний об одном и том же объекте. На пересечении философско-социологических и философско-исторических представлений о направленности общественного развития находится одна из ключевых методологических проблем – это проблема совместимости, соединения двух фундаментальных по своему значению социально-философских теорий – теории исторического процесса и теории общественного развития. Эти теории имеют много общего, прежде всего, в том плане, в котором исследуется общая направленность изменений в общественной жизни, но в них есть характерные различия, заключающиеся, в частности, в том, что эта направленность может иметь социологическую и историческую формы, качественно отличающиеся друг от друга.

Сложность здесь заключается в том, что в теории исторического процесса отражается не только направленность общественного развития, получающая историческую форму, но все те общественные сдвиги и изменения, которые вызываются объективной логикой общественно-исторического развития.

Поскольку эти изменения имеют непременно исторический характер, то они детерминируют собой формирование общей исторической направленности. В философской теории общественного развития исторические процессы выглядят несколько иначе, в отличие от того, как они рассматриваются в рамках одной только исторической науки, ибо в социально-философском исследовании, согласно методологической функции принципа развития, гораздо чаще приходится проводить такие познавательные процедуры, как идеализация, или абстрагирование от хаотических общественных изменений, не имеющих прямого отношения к истории, а особенно к логике общественного развития. Кроме того, в философской теории общественного развития акцентируется внимание, главным образом, именно на общественный фактор, в то время как в теории исторического процесса в центре внимания находятся конкретно существующие состояния и формы взаимодействия общества с природой, а значит, не менее значимую роль играет, наряду с общественным, и природный фактор.

Если в социально-философской методологии приоритетное место отводится принципу развития и функциям теории общественного развития, то в центре внимания философско-исторических взглядов находится, прежде всего, принцип историзма, теория исторического процесса и их роль в понимании общественного развития. Однако утверждение принципа историзма вовсе не означает полного исключения из содержания теории исторического процесса логики общественного развития. Следовательно, исторический процесс имеет свою «прикладную», внутреннюю логику, постижение и использование которой позволяет исследователю синтезировать знание предмета и законов истории общества со знанием предмета и законов общественного развития.

Бесспорно, что в целостной картине общественной жизни понимание истории общества вне принципа развития так же затруднительно, как и понимание общественного развития вне принципа историзма. Остроту этой методологической проблемы четко обозначил М.Мандельбаум, когда писал, что «человеческое прошлое не может рассматриваться ни как единый процесс развития, ни как ряд процессов, протекающих независимо друг от друга» [7, с.133] . Однако М. Мандельбаум, занимая в целом философско-исторические позиции, рассматривает свой предмет сквозь призму многообразия путей развития культуры и сохраняет в своих взглядах соответствующий методологический приоритет – пытается ограничить сферу взаимосвязи монистического принципа с принципом развития и называет издержками историзма XIX века попытки рассмотрения истории как единого пути развития.

Общественное развитие на стадии единого мирового цивилизационного процесса концептуально может пониматься шире, чем общественно-исторический процесс, ибо

развитие общества имплицитно включает в себя не только то, что входит в состав истории, но и так называемые неисторические процессы и компоненты, обусловленные объективной логикой общественного развития и характеризуемые социологическими, социально-психологическими, экономическими и другими законами общества. Иначе говоря, сознательное развитие общества представляет собой не что иное, как созидательный процесс, в структуру которого с необходимостью входят не только ситуации, идеи и модели, воплощенные в общественно-историческую практику, но и такие ситуации и идеи, развитие которых не продвинулось дальше спроектированной модели или творческого замысла и зафиксировалось, например, в такой более общей форме, как творческий потенциал общественного развития.

Вероятно, понятие «социальное движение» как сущность первого порядка и «развитие» как единство изменения и сохранения – сущность второго порядка -должны занять достойное место, как в исторической, так и в социальной философии. Названные категории, а также органически связанные с ними понятия «формы или виды объективной реальности», «преобразование и отражение», «практика и теория» являются концептуальной основой исследования социальной формы движения в ее целостности. Поэтому не исключено, что дальнейшее углубление наших знаний об этом своеобразном предмете поможет обнаружить и плодотворные принципы построения удовлетворительной системы категорий социальной философии.

**Рецензент: Солиджонов Р. – д.ф.н., профессор ИЭиТ ТГУК**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Большой философский энциклопедический словарь. -М., 1982.
2. Баллер, Э.А. Халипов, В.Ф А.С. Ципко. Диалектика прогресса, диалектика жизни. – М.: Знание, 1983, (Новое в жизни, науке, технике. Сер. «Философия», №6).
3. Босенко В.А. Диалектика как теория развития / В.А. Босенко. - Киев, 1966.
4. Идиев Х.У. Трансформирующееся таджикское общество / Х.У. Идиев. – Душанбе: Ирфон, 2003.
5. Кедров Б.М. Научная концепция детерминизма. – В кн. Современный детерминизм. Законы природы / Б.М. Кедров. - М., 1983.
6. Кравченко А.И. Социология. Проспект. - М., 2014.
7. Самиев А.Х. Историческое сознание как самопознание общества (социально-философский анализ) / А.Х. Самиев. - Душанбе, 2009.
8. Салимов Н. Ваҳдат – якдилӣ / Н.Салимов, Р. Ғуломов. - Душанбе, 1997. – С.17; Шарипов И. Ш. Теория и практика укрепления института национальной независимости Республики Таджикистан // В кн.: Проблемы укрепления национальной независимости Республики Таджикистан / И. Ш. Шарипов. – Душанбе, 2006.
9. Солотова Е.Ф. Движение и развитие / Е.Ф. Солотова. - Л., Изд-во ЛГУ, 1998.
10. Идиев Х.У. Трансформирующееся таджикское общество. –Душанбе: Ирфон, 2003: Самиев А.Х. Историческое сознание как самопознание общества. Душанбе, 2009: Солихджонов Р. Проблемы и противоречия социокультурной трансформации таджикистанского общества. –Душанбе: Дониш, 2012; Шозимов, П.Д. Таджикская идентичность и государственное строительство в Таджикистане / П. Д. Шозимов. - Душанбе, 2003.
11. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар. 18.03.2020, шаҳри Душанбе. Источник: Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. mts.tj
12. Философская энциклопедия. -М., 1967. - Т.4.
13. Шарипов И. Ш. Теория и практика укрепления института национальной независимости Республики Таджикистан // В кн.: Проблемы укрепления национальной независимости Республики Таджикистан / И. Ш Шарипов. –Душанбе, 2006.
14. Шозимов П.Д. Идентичность как социально-философская категория: к вопросу о национальной независимости Республики Таджикистан // Проблемы укрепления национальной независимости Республики Таджикистан / П.Д. Шозимов. - Душанбе, 2006.
15. Штомпка П. Социология социальных изменений / П. Штомпка. Перевод с нем. М.: Аспект-Пресс, 1996.

## ДЕТЕРМИНИЗМИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ПАРАДИГМАҲОИ ПАЖУҲИШИ РУШДИ ҶАМЪИЯТӢ

Дар мақолаи мазкур яке аз мавзӯъҳои муҳими методологӣ – ҷойгоҳи парадигмаи детерминизми иҷтимоии дар маърифати инкишофи иҷтимоӣ ба риштаи таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ кашида шудааст. Ба фикри муаллиф ғояҳои дар мақола баррасишаванда хеле мубрам ҳастанд, зеро таърихи инкишофи илм нишон медиҳад, ки дар давраҳои гузариши ҷомеа аз як шакли муносибатҳои иҷтимоӣ ба дигараш ҳамеша атрофи назария ва методологияи маърифати иҷтимоӣ баҳсу мунозираҳои авҷ мегиранд. Ин раванд табиист, чунки дар шароити тағйирёбиҳои куллии иҷтимоӣ ҳаводиси иҷтимоии рух дода истодаро, дар доираи назария ва дастгоҳҳои методологии қабли талқину тавсиф кардан ғайриимкон мегардад. Равандҳои пурихтилоф ва зудмутағайири ҷаҳони муосир, ки дар он тамоюли глобализатсия ва локализатсия (ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ) сабаби манзараеро фароҳам меоранд, ки маърифати равандҳои эҳтимолии рушдро чӣ дар миқёсӣ ҷаҳон ва чӣ дар миқёси минтақаҳои алоҳида душвор мегардонад. Зиёда аз ин, душворфаҳмӣ ва мураккабии пешгӯи намудани онҳо муаммоҳои зиёди онтологӣ, гносеологӣ, сотсиологӣ ва аксиологиро ба миён меоранд. Азнавдарккунии назарияи ин муаммоҳо бевосита аз моҳият ва шаклҳои зуҳури онҳо, алоқамандии сабабиву натиҷаи ҳаводиси иҷтимоӣ дар шароити тағйирёбии консептуалии эҳсос ва дарки олам бармеояд. Дар ин масир, зарурияти дарки тамоюлҳои эҳтимолии рушди ҷомеа на фақат дар робита ба характери глобалӣ касб намудани муаммоҳои геополитикӣ, экологӣ ва демографӣ, балки зарурияти азнавдарккунии алоқамандии сабабии онҳо ба миён омадааст. Ин муаммоҳо на барои он рӯи кор оварда мешаванд, ки муҳимияти он таъкид карда шаванд, балки назаряи онҳо мавриди бознигарӣ қарор дода шуда, роҳҳои тадбиқи онҳо дар амалия муайян карда шаванд.Аз лиҳози назария ва амалия мубрам будани мақолаи мазкур ҳам мащз дар ҳамин ғоя ифодаи меёбад.

**Калидвожаҳо:** муайянкунӣ, парадигма, рушд, пешрафт, дигаргунсозии иҷтимоӣ, ислоҳот, тағироти иҷтимоӣ, ҳаракати иҷтимоӣ, институтсионализм

## СОЦИАЛЬНЫЙ ДЕТЕРМИНИЗМ КАК ПАРАДИГМЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ОБЩЕСТВЕННОГО РАЗВИТИЯ

В статье социально-философскому анализу подвергнута важная методологическая проблема – социальная детерминация как парадигма познания общественного развития. По мнению автора, концепты, рассматриваемые в статье, являются актуальными, ибо история развития науки свидетельствует, что в переломные моменты развития общества всегда возникают дискуссии вокруг проблем теории и методологии исследования. Это закономерно, поскольку в условиях трансформации общества происходящие социальные процессы не всегда можно объяснить, исходя из прежних теоретических конструктов и устоявшихся методологических инструментариев. Развитие современного противоречивого и быстроменяющего многополярного мира, где наблюдаются процесс глобализации и локализаци обуславливает мозаичный фон познания происходящих процессов как в мировом масштабе, так на региональном уровне. Более того, эти трудноуловимые и сложнопрогнозируемые процессы порождают многочисленные проблемы онтологического, гносеологического, социологического и аксиологического характера. Теоретическое осмысление этих проблем прямо вытекает из сущности и форм проявления, причинно-следственных детерминант социального развития в условиях изменения концептуальных основ мироощущения и миропонимания. В этом контексте возникла крайняя необходимость проникнуть в сущность вероятностностных тенденций развития общества не только через призму глобальных геополитических, экологических и демографических и других проблем, но и переосмыслить проблему социальной детерминированности происходящих изменений. Эти проблемы ставятся не для того, чтобы ещё раз подчеркнуть их всеобщность и актуальность, а скорее всего, для того чтобы, разрабатывая теоретические основы, выявить пути их импилимитации в реальной социальной политике. Актуальность и практическая значимость рассматриваемой проблемы заключается именно в этом.

**Ключевые слова:** детерминация, парадигма, развития, прогресс, социальная трансформация, реформа, социальные изменения, социальное движение, институционализм

## SOCIAL DETERMINISM AS A PARADIGM IN SOCIAL DEVELOPMENT RESEARCH

The article subjected to socio-philosophical analysis as an important methodological problem - social determination as a paradigm of cognition of social development. According to the author, the concepts considered in the article are relevant, because the history of the development of science shows that at the turning points in the development of society, discussions always arise around the problems of the theory and methodology of research. This is natural, since in the context of the transformation of society, the ongoing social

processes cannot always be explained on the basis of previous theoretical constructs and established methodological tools.The development of the modern contradictory rapidly changing multipolar world, where the process of globalization and localization is observed, determines the mosaic background of the knowledge of ongoing processes both on a global scale and at the regional level. Moreover, these subtle and difficult to predict processes give rise to numerous ontological, epistemological, sociological and axiological problems.The theoretical understanding of these problems directly follows from the essence and forms of manifestation, causal determinants of social development in the context of changes in the conceptual foundations of attitude and worldview. In this context, an urgent need arose to penetrate into the essence of probabilistic trends in the development of society not only through the prism of global geopolitical, environmental, demographic and other problems, but also to rethink the problem of the social determinism of the ongoing changes. These problems are posed not in order to once again emphasize their universality and relevance, but most likely in order to develop the theoretical foundations and identify ways to implicate them in real social policy. The relevance and practical significance of the problem under consideration lies precisely in this problems.

**Keywords:** determination, paradigm, development, progress, social transformation, reform, social change, social movement, institutionalism.

**Маълумот дар бораи муаллиф*:*** ***Ҷонназарова Дилшода Худойназаровна*** **-** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ. **Суроға**: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169.

**Сведение об авторе:** ***Джонназарова Дильшода Худойназаровна*** **-** Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат философских наук, доцент кафедры «Общественные науки». **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169.

**Information about the author:** ***Dzhonnazarova Dilshoda Khudoynazarovna*** **–** Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of Social Sciences.. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 169

## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

**УДК: 370: 891.550**

# АНДЕШАҲОИ АХЛОҚӢ-ЭТИКИИ ФАРИДАДДИНИ АТТОР

***Қодиров К., Ҳусейнов Н.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

“Мантиқ-ут-тайр”-и Аттор на танҳо асар барои бунёди ғояҳои умумипедагогӣ дар назми сӯфиёна, балки эҷоди дидактикӣ буда, дар таърихи илми педагогика ҷойи сазовор дорад. Дар достони “Мантиқ- ут-тайр”-и Аттор асосҳои таълимоти сӯфия баён карда мешаванд, вале ин баён бо нақлҳо – масалҳои сершумори воридгардида, ки арзиши асосии педагогии тамоми эҷодиёти Атторро ташкил медиҳанд, дуюмдараҷа мегардад. Мавзуи ин нақлҳо асосан аз назми шифоҳӣ, ҳаёт гирифта шудааст. Баъзеи онҳо аз сарчашмаҳои хаттӣ, ривоятҳо дар бораи ҳаёти Паёмбар (с) ва ҳамсафони ӯ, халифаҳо, шоҳҳо, шайхҳои сӯфӣ ва авлиёҳо маншаъ мегиранд. Мазмуни аксари нақлҳои Аттор бо моҳияти ислом ва таъиноти Қуръон манбаи умумӣ дорад. Дар баъзе масалҳо таъсири ғояҳои буддоӣ, ки дар эҷодиёти халқ ба таври пӯшида ҷой доранд, ҳис карда мешавад.

Дар бораи ҳаёту эҷодиёти Фаридаддини Аттор маълумотҳои саҳеҳи кам дорем. Аттор дар Нишопур бо фурӯши доруворӣ ва амали табибӣ машғул буд (маънои аслии “Аттор” низ дар ҳамин аст). Ин машғулият вақти зиёдеро мегирифт ва боиси тааҷҷуб аст, ки ӯ чун шоир кори бисёреро ба сомон расонидааст. Ӯ нисбати авлиёҳо эҳтироми хосса дошт ва дар нақлҳое, ки дар овони ҷавонӣ навиштааст, амали онҳоро ситоиш намудааст. Ҳадди ақал ӯ як маротиба бо Маҷдиддини Хоразмӣ вохӯрдааст.

Эҷодиёти Аттор ягон маводи таҷумаҳолӣ намедиҳад, аммо аз он дар бораи фозилӣ ва донишмандии шоир, ки онро бо мусоҳиба бо адибону сӯфиён пурра карда буд, хулоса баровардан мумкин аст. Маълумотҳои дигари тарҷумаҳолӣ сазовори боварӣ нестанд, чунки онҳоро муҳаққиқон аз асарҳои сохта гирифтаанд.Бояд гуфт, ки «Мантиқ-ут-тайр» маснавии комилан рамзӣ буда, мояи аслии онро метавон ба қавли Атторшиноси эронӣ Ризо Ашрафзода дар «ман ъарафа нафсаҳу, фақад ъарафа раб-баҳу», яъне «касе, ки худро шинохт, Худоро шинохт» донист. Дар фуроварди «Мантиқ-ут-тайр» бар хилофи он чи паҳншудаву забонзада аст, ҳаргиз сӣ мурғ Симурғ намешаванд:

*Ҳеҷ касро дида бар мо кай расад,*
*Чашми мӯре бар Сурайё кай расад?!*
*Дидаӣ мӯре, ки сандон баргирифт,*
*Пашшае пиле ба дандон баргирифт! [15, с. 10].*

Оре, худи Аттор таъкид кардааст, ки «Ҳеҷ касро дида бар мо кай расад». Яъне ҳаргиз сӣ мурғ Симурғ намешаванд. Парандагон вақте аз ҳафт водӣ мегузаранду ба пушти кӯҳи Қоф мерасанд, худро дар оина мебинанд, ба худ нигоҳи таҳайюломез меафкананд. Симурғ дар оинаи вуҷудашон худро менамояд, зеро вуҷудашон покизаву соф ва оинавор шудааст. Дар ин маврид сӣ мурғи бaманзилрасида гумонбар мешаванд, ки накунад, мо Симурғ бошем.

Фишурдаи андешаҳои боло ин аст, ки асоси «Мантиқ-ут-тайр» ғояи тарбиявӣ ва баёни кайфияти он буда, шоир бо **забони** равону рамзу тамсилот ва амсолу ҳикоёти зарифу дилкаш ин маъниро дар зимни ҷамъ сохтани мурғон ва интихоби Ҳудҳуд ба сарварию роҳбаладӣ бо ишороту киноёт боз наму~~**дааст.**~~ Дар маснавӣ муаммои бузурги «Вуҷуд» ва масъалаи дардноки «МАН» ва «ТУ» бо далелу бурҳонҳои раднопазир аз ҷониби гӯяндаи он мутобиқи диди шоиронаву завқи бадеии ӯ матраҳ гардида бошад ҳам, зимни он масъалаи ҷолибе, ки диққатро ба худ ҷалб менамояд, афкори ахлоқии ин маснавӣ дар ҷомаи ирфон мебошад.

Ҳар як асари Фаридуддини Аттор дар партави саршор аз меҳру муҳаббати одамон байни ҳамдигар суруда шуда, саросар тасвири рӯзгори инсонҳост, ки «Асрорнома» низ аз он ҷумла мебошад. Ин маснавӣ аз кӯтоҳтарин маснавиҳои Аттор ва адади абёти он дар нусхаи гуногун аз 3300 то 3310 байт омадааст. Сохти ин асар аз маснавиҳои дигари адиби ориф фарқкунанда ба назар мерасад. Муҳтавои он зимни як ҳикояти ҷомеъ наёмада, балки ба сурати мақолаҳо ва хитобаҳои ҷудогонаи кӯтоҳ танзим гардидааст, ки ҳар кадоме дар сари худ маънои мустақил дошта, дорои ҳикоятҳову тамсилҳост ва шабоҳате ба «Ҳадиқа»-и Саноии Ғазнавӣ ва «Махзан-ул-асрор»-и Ҳаким Низомии Ганҷавӣ дорад.

Мақолаи аввали «Асрорнома» хитоб ба инсон ва дар ситоиши мақоми инсон, мақолаи дувум такмили мақолаи нахустин, мақолаи савум андар ҷаҳони махсус (ҳисшаванда), мақолаи чаҳорум пурсиш дар бораи чистии «ҳақиқат», мақолаи панҷум хитоби дигаре ба инсон ва кӯшиши дигаре дар нишон додани ҷойгоҳи ӯ, мақолаи шашум дар бораи ҳашр (қиёмат) ва кайфияти ҳашр, мақолаи ҳафтум тасвире аз дарёи бепоёни ғайб ва дарёи ҷони инсон, мақолаи ҳаштум шодӣ ва лаззатҳое, ки инсон дар он ҷаҳон хоҳад дарёфт, мақолаи нуҳум хитоб ба инсонҳое, ки дар ғафлат ба сар мебаранд ва миёни дину дунё дармондаанд, мақолаи даҳум дар воқиф набудани инсон аз сирри Илоҳӣ, мақолаи ёздаҳум дар масъалаи марг ва талаққӣ (пазируфтан)-и орифон аз ҳақиқати марг, мақолаи дувоздаҳум пурсиш дар бораи охират бо суолҳо, мақолаи сездаҳум хитобе дар масъалаи марг ва ногузирии ону умри гузарон, мақолаи чаҳордаҳум хитоби дигар ба инсон ва ғафлатҳои ӯ аз саранҷоми кору тааллуқоте, ки дорад, мақолаи понздаҳум дар бораи пирию ҳанӯз гирифтори ҳирсу ҷоҳ будан, мақолаи шонздаҳум гунаҳҳои тааллуқоти одамӣ, мақолаи ҳафдаҳум дар тарғиб ба бедории шабу саҳаргоҳ аст ва розу ниёз бо Кирдугор ва ниҳоят мақолаи ҳаждаҳум ганҷинаи панду ҳикмат ва андарзу насиҳат мебошад. Роҷеъ ба мақолаи ҳаждаҳуми «Асрорнома» Шафеъии Кадканӣ андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, чунин менависад: «Дар бораи так-таки пандҳое, ки дар ин мақола омадааст, ҷойи таҳқиқи мустақил вуҷуд дорад, то дониста ояд, ки чӣ миқдор аз ин пандҳо пандҳои эронитаборони асри Сосонӣ аст, ки ба давраи исломӣ роҳ ёфта ва чӣ миқдор аз мероси аҳлоқи исломӣ ва ҳатто мазоҳиб ва адёни дигар аст. Бо итминон метавон гуфт, ки «Пандномa»-и воқеии Аттор ҳамин мақолаи ҳаждаҳуми «Асрорнома» аст...». Бале, дар ин гуфта ҳақиқати бебаҳс ҷой дорад, ки матни маснавӣ ҷавобгӯйи ин гуфта мебошад. Чанд мисол:

*Дурӯғу каж магӯ аз ҳеҷ роҳе,*
*Ки набвад з-ин батар ҳаргиз гуноҳе.*

*Писарро аз қарини бад нигаҳ дор,*
*Ки мардум аз қарин гардад гунаҳгор.*

*Гиромӣ дор пирони куҳанро,*
*Ки дар пирӣ бидонӣ ин суханро.*

*Зи кори оқибат андеш пайваст,*
*Ки ҳар, к-ӯ оқибатандеш шуд, раст [14, с. 14].*

Асари «Хусравнома»-и Аттор саросар ҳикмати зиндагӣ ва аз ҷумлаи осорест, ки дар адабиёти педагогии форсу тоҷик мавқеи муҳим дорад. Чи тавре ки “Хусравнома” гувоҳӣ медиҳад, романи сирф ишқии ғайридинӣ, ки дар овони ҷавонӣ иншо шудааст, истеъдоди ноқилии латифаю ривоятҳои сершумор, ки барои омӯзиши фолклор (эҷодиёти шифоҳии халқ)-и қиёсӣ ва таърихи сужетҳо чун хазина хизмат мерасонанд, шаҳодат медиҳад. Ӯ нисбат ба Саноӣ ноқили моҳиртаре буд. Агар “Хусравнома”-ро ба ҳисоб нагирем, дар эҷодиёти Аттор се давраро ҷудо кардан мумкин аст:

1) тасаввуфи ақлонӣ, ки бо маҳорати ноқил ва истифодаи теъдоди бузурги воситаҳои ифоданоки тасвир муътадил гардонида шудааст;

2) авҷи пантенстӣ бо таносуби асар ва манфиатҳои адабӣ дар умум бартарӣ пайдо мекунад;

3) шоири пиронсол ба бехудии сӯфиёна меафтад ва Алиро Худо мепиндорад. Дар ин ҷо ба низоми устувори ғоявии солҳои пешин ягон ишорае нест. Пажӯҳишҳои нав ин тақсимотро тасдиқ кардаанд. Ҳамзамон, танҳо гурӯҳи якуми асарҳо – "Мантиқ ут-тайр", "Илоҳинома", "Мусибатнома" ва ғ. бешубҳа, асарҳои аслии Атторро дар бар мегиранд. Асарҳое, ки ба гурӯҳи дуюм мансубанду, эҳтимол, дар замони Абдураҳмони Ҷомӣ иншо шудаанд, вале худи Абдураҳмони Ҷомӣ ба аслӣ нисбат додааст (масалан, "Уштурнома", "Ҷавҳар-уз-зот") чандон фаҳмо нест. Асарҳои гурӯҳи сеюм, бешубҳа, қалбакианду ба онҳо мансубанд: а) "Маҳзар-ул-аҷоиб"; б) "Хайётнома", яъне шахсе, ки ба хайётӣ (дӯзандагӣ) машғул буд ва ба пайдошавии ин достон муносибат дошт. Натиҷаҳои пажӯҳишҳои нав асарҳои гурӯҳи нав асарҳои гурӯҳи сеюмро ба Аттори дигар нисбат медиҳанд.

Илова бар ин ҳама, Шайх Аттор дар офаридани асарҳои тасаввуфӣ, бахусус эҷоди маснавӣ, накши боризе дорад. Маснавиҳои ӯ «Мантиқ-ут-тайр», «Илоҳинома», «Мусибатнома», «Мухторнома», «Асрорнома» дар муқобалаву муқояса бо маснавию достонҳои пешину баъдинаи замони шоир аз бисёр ҷиҳатҳо фарқкунанда мебошанд, ки ба тадқиқу таҳқиқи доманадори илмӣ ниёз доранд. Аз ҷумла, рамзу киноёти «Мантиқ-ут-тайр», «Мухторнома»-ро дар шакли шеърии рубоӣ сурудан, мавзуъҳои содаи заминиро бо сабки нави тасаввуфӣ-ахлоқӣ баён доштани шоир аз махсусиятҳои суханофаринии ӯст, ки ҳамагӣ барои тарбияи инсони комил равона шудаанд.

«Мантиқ-ут-тайр» аз нахустин маснавии рамзии тасаввуфӣ мебошад, ки дар он душвориҳои ба ҳадаф расидан дар зиндагии маънавӣ бо обуранги бадеӣ тасвиру шарҳ ёфтаанд. Фаридуддини Аттор пас аз ҳамди Худову наъти расул ва зикри фазилату ситоиши чаҳорёру андарзи мутаассибон маснавиро зайлан оғоз менамояд, ки парандагон дар як ҷо ҷамъ мешаванд, то султоне барои худ интихоб намоянд. Аз байни ҳамаи парандагон Худҳуд созмондеҳ ва маъмури маросим интихоб гардида, ба сифати раиси маҷлис маълумот медиҳад, ки шоҳаншоҳи бузург барои парандагон қаблан интихоб шуда ва номи он Симурғ аст.

Симурғ дар пушти кӯҳи Қоф умр ба сар мебарад. Барои он ки парандагон ба ҳузури ӯ бирасанд, бояд ҳафт водиро, ки бениҳоят хатарноку душворгузаранд ва қудрату ҷасорату матонати барои гузаштан аз онҳо ҳар кадомеро заруру ҳатмист, тай намоянд. Дар байни парандагони ҷамъомада мурғоне пайдо мешаванд, ки ба душвории роҳ тоб оварда натавонистани худро дарк намуда, аз сафар саркашӣ менамоянд ва барои канораҷӯӣ бо садри маҷлис – Ҳудҳуд баҳсҳо менамояндy узрҳо пеш меоваранд. Ин мурғон булбул, тӯтӣ, товус, кабк, ҳумой, боз, бутимор, куф, саъва ва ғайраанд, ки тану ҷони худро озор додан намехостанд ва дунёи дурӯза дар назарашон беҳтарин дунё менамояд.

Дар достони "Мантиқ-ут-тайр" рушди руҳ мушоҳида мегардаду ба ҳабси чилрӯза маҳкум аст. Ин ҳатто на одам, балки ғояи шахсишудаи ғоявӣ буда, чил марҳилаи сайри руҳию ҷисмониро мегузарад ва дар ҳар яке аз он ба мавҷудоти афсонавӣ ё воқеӣ суҳбат ороста, хоҳиш мекунад, ки ӯро аз ғаму ғусса ва оҷизӣ раҳо диҳад. Аммо ҳамаи ин мавҷудот мисли хоҳишкунанда, дар ҳамон ҳол қарор доштанд, бинобар ин, ба ӯ ёрӣ расонида наметавонанд. Танҳо Муҳаммад пайғамбар (с) ба ӯ роҳи раҳоиро нишон медиҳад ва сайркунанда ба Худо рӯ меорад. Дар "Илоҳинома" шоҳ аз шаш писари худ мепурсад, ки онҳо чӣ мехоҳанд. Писари якум парирo мехоҳад писари дуюм – санъати соҳириро, писари сеюм – ҷоми сеҳрноки Ҷамшедро, писари чорум – оби зиндаро, писари панҷум – ангуштарини муъҷизаноки Саломон-муъҷизоти тиллосозро. Шоҳ ба онҳо мефаҳмонад, ки хоҳишашон асос надорад, бинобар ин, ӯ писаронашро ба мақсади

олӣ равона месозад. Шакли нақли чаҳорчӯбагӣ дар достонҳои калони Аттор, ба истисноӣ "Асрорнома" бо мақсади алоқаи руҳи экзистенсионалӣ бо ҷаҳони қабеҳи моддии худ, қоида ҳисоб меёбад. "Пандномa" низ хело машҳур буд, онро қироату нашр мекарданд, шарҳ медоданд, ба забонҳои дигар бармегардониданд.

Девони лирикии Аттор (қасидаву ғазалҳо) бе мадҳияву бе тасвири табиат буда, бехудии мастонаи ҳамаҷонибаро инъикос менамояд. Он ба ашъори Саъдӣ ва Ҳофизи Шерозӣ таъсир расонд. Такрори бешумори ҳамон як калима дар оғози шеърҳои ҳамшафат дар Аттор ва шоирони дигари сӯфия (масалан, радиф дар ғазалҳо), яқинан воситаи пурзӯр сохтани эҳсосот буданд. Маҷмуи алоҳидаро "Мухторнома" ташкил медиҳад. Он аз 2010 рӯбоӣ иборат аст. Ин рӯбоиҳоро худи шоир аз эҷодиёташ интихоб карда гирифта, мувофиқи мазмун ба панҷоҳ боб тақсим кардааст. "Тазкират-ул-авлиё", 91 зиндагиномаи сӯфиёни қадим, асари намунавии насри қадимаю содаи форсӣ хело муҳиманд. Бисту се адади онҳо, эҳтимол, ба Аҳмад ат-Тӯсӣ (асри XIII) мансубанду чор адади дигар – ба муаллифи дертар иншокарда.

Бояд қайд кард, ки аз Саноӣ оғоз карда, достони сӯфиёнаи дидактикӣ соҳиби аломатҳои хос мегардад. Онҳо ҳамон нақшеро иҷро мекунанд, ки масалу истиораҳо дар вазъҳои шайххои пир бозидаанд ва бешубҳа, бояд бо онҳо мавриди муқоиса қарор гиранд.

Дар Саноӣ ин қисмҳои достон хело суст рушд ёфтаанд, "ҳақиқатҳо"-и он одатан хело мухтасаранду аз як-ду шеър иборатанд. Ба ҳар ҳол, онҳо барои муҳаққиқони сӯфия аҳамияти зиёд доранд, зеро нишон медиҳанд, ки шоирони сӯфия бештар аз кадом сарчашмаҳо истифода бурдаанд. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини таърихи адабиёти форсу тоҷик ба низом даровардани сужетҳое мебошад, ки онҳоро шоирони сӯфия мавриди истифода қарор додаанд.

Достони "Сайр ал-ибод илал-маод"-и Саноӣ намунаи навъи дуюми достонҳои пандуахлоқӣ мебошад. Он сайри руҳи инсониро ба дарки Худо тавассути тамоми соҳаҳои олами ҷисмонӣ ва руҳӣ тасвир менамояд.

Давомдиҳандаи бевоситаи Саноӣ – Фариддадини Аттор яке аз шоирони бузургтарини форсу тоҷик мебошад. Сохти достонҳои дидактикии Аттор назар ба Саноӣ муназзамтар аст. Аттор онҳоро дуруст қисмбандӣ кардааст. Аз оғози достон дар он мақсад пайгирӣ карда мешавад, илова бар ин, тамоми ҷузъиёт дар мувофиқати пурра бо ғояи асосии асар дода мешавад. Ҳангоми қироати яккаратаи достон албатта, ин ба чашм намоён нест, зеро ки аксаран миқдори калони нақлҳои ба он гузашташуда пайгирии хатти асосии сужетро мушкил мегардонад. Аттор дар достон асосан мекӯшад, ки тасвири истиоравии "сайр"-и фиёнаро нишон диҳад, яъне онҳоро ба ҳамон мавзуе, ки мо аллакай дар Саноӣ дида будем, мебахшад. Достони машҳури Аттор "Мантиқ-ут-тайр" мисли "Сайр ал-ибод илал-маод"-и Саноӣ ҳамаи як сохтро дорад, танҳо рамзҳо дар ин ҷо аз доираи дигари тасаввуротҳо гирифта шудаанд.Барои Аттор кӯшиши фаҳмондани рамзҳое, ки ӯ истифода кардааст, хос мебошад. Он гоҳ нақли ӯ ба ду қисми ба ҳам зич алоқаманд тақсим мешавад, ки аз онҳо қисми дуюм як навъ шарҳи қисми якум ҳисоб меёбад. Аз ин услуби бадеӣ Аттор дар аксари асарҳои худ истифода бурдааст. Он дар таҳрири васеи «Мусибатнома», «Илоҳинома», «Мухторнома», «Асрорнома», «Мантиқ-ут-тайр» («Мақомоти туюр»), «Хусравнома»-и Аттор қариб системанок гузаронида шуд. Порчаи зерин аз ин достон намунаи хос буда метавонад:

*«Мусибатнома» зоди равон аст,*
*«Илоҳинома» ганҷи хусравон аст.*
*Ҷаҳони маърифат «Асрорнома» аст,*
*Биҳишти аҳли дил «Мухторнома» аст.*
*«Мақомоти туюр»-и мо чунон аст,*
*Кӣ мурги ишқ меҳроҷи ҷон аст.*

*Чу «Хусравнома»-ро тарзе аҷиб аст.*
*Зи тарзи ӯ кеҳу меҳ бонасиб аст [13, с. 15-16].*

Сарфи назар аз ҳаҷми калону нақлҳои Аттор, онҳо ҳамеша ба нақшаи асосии тамоми достон мутобеъ мегарданд. Дар достон нақл танҳо бо қисми пешина алоқаманд буда, ба қисмҳои баъдина таъсир намерасонад. Он танҳо чун тасвири мавзуи асосӣ хизмат менамояд ва агар он набошад, пас ҳарчанде ки достон қисми аёнияти худро гум кунад ҳам, алоқаҳои дохилии достон вайрон намешавад. Дар ин маврид Аттор ба қоидае, ки Саноӣ муқаррар кардааст, пайравӣ менамояд. Пешравии Аттор асосан дар он аст, ки нақлҳои ӯ зиндатар шуда, аз қоидаҳои хушку холӣ ба манзараҳои рангоранги назми сӯфиёна табдил ёфтаанд.

Аттор дар эҷодиёти худ ба таври васеъ нақлу латифаҳоро аз фолклор истифода бурдааст ва аксари нақлу гуфторҳои ӯ ба таври васеъ дар эҷодиёти шифоҳии халқ корбурд шудаанд. Нақли зеринро мисол меорем:

«Девонаи камбағале зиндагӣ мекард, ки ризқу рӯзӣ надошт, ташнаю гушна мегашту маргро барои худ афзалтар аз ҳаёт мешуморид. Рӯзе ӯ ба тарафи Нишопур раҳсипор шуд ва дар биёбон подаи говҳоро дид. Пурсид: “Ин подаи кист?” Ба ӯ ҷавоб доданд: “Ҳамаи ин моли Умед аст аз шаҳри мо”. Баъд ӯ подаи аспонро дид. Пурсид: “Инҳо аз они кист?” Ба ӯ ҷавоб доданд: “Аз они шоҳ Умед”. Каме пештар рафта рамаи гӯсфандонро дид. “Ин гӯсфандон аз они кист?” – пурсид ӯ. “Ин гӯсфандон аз они Умед аст”. Дар ҳарамсарои он канизакони моҳлиқо буданд, ки дар зебоӣ яке аз дигаре беҳтар менамуд. Вақте ки ӯ вориди шаҳр гашт, қасрҳои баланди осмонбӯсро бо муҳофизони сершумор, ки ба Умед мансуб буданд, дид. Девона ҳис кард, ки аз гуруснагӣ ӯ қариб ниммурда шудааст. Ҳамаи инро дида, дилаш ба дард омад. Саллаи кӯҳнаашро тез аз сар гирифта, ба ҳаво партофту ба Худо гуфт: “Ана, ин саллаи даридаи маро бигиру ба Умеди худ бидеҳ. Агар ҳама молумулк аз они Умед бошад, пас бе ин ҷанда низ гаштан мумкин аст» [11, с.79].

Адолат, ба ақидаи Аттор, на он аст, ки шоҳ ба тахти худ нишаста, ба наздиконаш фармон диҳад, ки шаҳру деҳотро вайрон кунанд. Шоҳи одил онест, ки дар бораи вазъу руҳияи тобеонаш маълумот дорад ва мекӯшад, ки зиндагии онҳоро беҳтар гардонад. Танҳо дар сурате, ки шоҳ аз вазъи зиндагии халқи худ огоҳӣ дорад, вақте ки ӯ орзую омоли хешро дарк мекунад, қодир аст, ки барои беҳгардонии ҳаёти ӯ чораҳои зарурӣ қабул кунад. Одил танҳо онест, ки байни дорову қашшоқ фарқ намегузорад, ба ҳама муносибати якхела мекунад: «Дар ин ҷаҳон одил шахсест, ки виҷдони тоза дорад, нисбати ҳама якхела рафтор мекунад, дигаронро бо худ баробар медонад» [11, с. 80].

Аттор риёкорию мунофиқии намояндагони руҳониёни ислом, қозиёну муфтиҳо ва муаззинҳоро, ки амалҳои нопоки худро бо номи Худо пинҳон карда, ба одамон нишон медоданд, ки гӯё ба Худо хизмат мекунанд, пинҳон менамуданд. Онҳо маросимҳои диниро бо мақсади ғун кардани сарват иҷро мекарданд. Чунончи, мутафаккир вазъи муаззинро ба меҳнати фаррош муқобил мегузорад. Рӯзе – нақл мекунад Аттор, –шоир Саноӣ роҳ рафта, фаррошеро дар вақти кор мебинад. Дар тарафи дигари роҳ ӯ муаззинро мебинад, ки намоз мехонад.

Саноӣ мегӯяд: «Ман байни мақсади кори ин ду шахс фарқеро намебинам, зеро ки ҳар дуи онҳо барои он кор мекунанд, то ин ки қути лоямут ёбанд. Ба ҳар ҳол, аввалӣ меҳнати ҳалол мекунад, дуюмӣ бо дурӯягӣ машғул аст». Бо ин мутафаккир кори фаррошро аз вазъи муаззин болотар мегузорад: «Ин кор бе нуқсон нест, ҳарчанде ки ҳар дуи онҳо ба коре машғуланд. Аниқтараш, фаррош аз сидқи дил кор мекунаду муаззин бо дурӯягии худ ифтихор дорад. Пас, ба ин маънӣ, фаррош, бешубҳа, нисбат ба муаззин сазовори эҳтироми бештаре мебошад» [11, с. 43].

Дар тарбия ва такомули ахлоқии инсон Аттор тарафдори таълими футувват буд. Ғояи асосие, ки онро пайравони футувват тарғиб намудаанд, ғояи рафоқат,

олиҳимматӣ ва баробарии ҳамаи аъзоёни ҷомеаи онҳо буд. Онҳо бо ҳамдигар чун бародарон муносибат мекарданд. Оиди дилбастагии Аттор ба ғояҳои футувват он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ ба ин масъала достонеро бо номи “Футувванномаи манзил” бахшид, ки ба тамоми масъалаҳо ва меъёрҳои рафтор рӯшанӣ меандозад ва онҳоро созмон аз пайравони худ талаб менамуд. Дар “Футувватномаи манзил” Аттор дар бораи 72 сифати мусбӣ, ки онҳоро бояд пайравони футувват соҳиб бошанд, нақл мекунад.

Ин сифатҳо тарафҳои гуногуни ҳаёти инсонро фаро мегиранд. Ба онҳо меъёрҳои умумибашарии рафтор дохил мешаванд: ростқавлӣ, вафодорӣ, кумакрасонӣ, талаботи хушбахт гардонидани бадбахтон ва ғайра. Дар баробари ин сифатҳои ахлоқӣ консепсияи футувват интиқоди тезутунди дилхоҳ зуҳуроти инфиродиятро дар бар мегирад ва талаб мекунад, ки пайравони футувват худписанд, тамаллуқкор ва ғ. набояд бошанд. “Футувват” нишон медиҳад, ки шахс ҳангоми муоширати чӣ тавр бояд муомила кунад, муносибати ӯ бо дӯстон чӣ гуна бояд бошад. Чунин нуқсонҳои инсонӣ, мисли дурӯягӣ, ҳасадхӯрӣ ва тамаъкорӣ ба куллӣ рад карда мешаванд.

“Футувват” аз пайравони худ риояи ҳатмии ин шартҳоро талаб мекард. Дар хусуси он ки узви ҷомеаи онҳо ба ин талаботҳо чӣ тавр бояд муносибат кунад, принсипҳои зерин гувоҳӣ медиҳанд: ҳатто ҳаётро зери хатар монда, иҷро кардани кори супоридашуда; рафтан ба ҷойи даъватшуда, агар ин барои ҳаёт хатар дошта бошад ҳам. Талаботҳои “футувват” тобишҳои сӯфиёна дошта, бо шароитҳои таърихӣ асоснок гаштаанд. Баъзеи онҳо вижагиҳои динӣ доранд ва тарзи ҳаёти сӯфиёна (итоаткорӣ, парҳезу қаноатпешагӣ, эҳтироми Худо)-ро тарғиб мекунанд. Сарфи назар аз ин маҳдудияти таърихӣ, ахлоқи “футувват” ба талаботи замон ҷавобгӯ буд. Мукаммалгардонии симои ахлоқӣ ва касбӣ хислатҳои неки инсонӣ “футувват” ба тарбия аҳамияти калон медод. Дар ҷараёни тарбия инсон тадриҷан дониш ҳосил мекунад ва дар натиҷаи он табиати ӯ дигаргун мегардад, руҳ сифатҳои бадро гум карда, сифатҳои хубро мегирад.

Тарафдорони футувват боварӣ доштанд, ки ростқавлиро аз шахсе, ки ба ӯ инро ёд надодаанд ва тарбиягириро аз шахсе, ки ӯро тарбия накардаанд, интизор шудан имконпазир аст.Дар кори тарбия онҳо ба нақши муҳиту шароити замон аҳамияти калон медоданд. Маълум аст, ки муҳити атроф ба дараҷае ба ташаккули шахсият таъсир мерасонад. Агар муҳити атроф бад бошад, пас дар шахсият сифатҳои бад метавонанд рушд ёбанд, ё баръакс, агар муҳити атроф хуб бошад, инсон сифатҳои хубро касб менамояд: «Агар бо хушахлоқ нишинӣ хушхулқ мешавӣ, агар бо фосиқ нишинӣ, фосиқ шавӣ» [11, с. 88].

Дар “Мантиқ-ут-тайр” адолат аз дигар меъёрҳои ахлоқ болотар меистад ва “Султони сифот” ном дорад. Ба ақидаи мутафаккир, дар ҳар як шахс бояд хурдтарин аломати вафодорӣ ё одилӣ бошад: «Агар ту (ақаллан як маротиба) одилона рафтор кунӣ, ин аз тамоми ҳаёт намозхонӣ ва тоату ибодат машғул шудан беҳтар аст. Дар ҳар ду ҷаҳон нест футуввати дигаре, мисли адолат» [13, с. 91].

Барои исботи фикри худ Аттор нақли зеринро меорад: «Рӯзе ҳангоми ҷанг мусулмон аз пайрави дини дигар барои хондани намоз муҳлат пурсид. Ӯ розигӣ дод, ба қавли худ вафо кард ва дар вақти хондани намоз ба ӯ кордор нашуд. Баъд аз итмоми намоз боз ба ҳам дарафтиданд. Вақте ки вақти намози пайрави дини дигар расид, ӯ дар навбати худ аз мусулмон муҳлат пурсид. Мусулмон розӣ шуд, вале дар вақти намозхонии рақиб аз ин лаҳза истифода бурда, мехост душманро маҳв созад. Дар ин маврид ӯ принсипи вафодориро вайрон кард. Аммо нохост овозеро шунид: “О мусулмон, ту чун мусулмон рафтор накардӣ дар вофодорӣ пайрави дини дигар аз ту беҳтар буд"» [13, с. 49]. Аз нақл маълум мегардад, ки шахси поквиҷдону ростқавл, пайрави дини дигар бошад ҳам, аз мусулмоне, ки ба қавлаш вафо намекунаду виҷдонаш пок нест, боло меистад.

Ҳамин тариқ, дар консепсияи ахлоқи Аттор мафҳумҳои вафодорӣ ва адолат на танҳо аз маросимҳои динӣ, балки аз худи дин низ болотар меистанд. Чунин амали Аттор дар давраи ҳукмронии томи таассуби динӣ, бешубҳа, пешқадам буда, хусусияти гуманистӣ дошт.

**АДАБИЁТ**


1. Антология педагогической мысли. В 3-х т. Т.1. – Прогрессивная зарубежная педагогическая мысль в трудовом воспитании и професиональной подготовке. Сост. К.И. Салимова, Г.Б. Корнетов. – М.: Высшая школа, 1998. - 447 с.
2. Бертельс Е.С. Очерк истории таджикской литературы / Е.С. Бертельс. – Л., 1928. - 203 с.
3. Бертельс Е.С. История персидско-таджикской литературы / Е.С. Бертельс. – М.: Наука, 1960. - 556 с.
4. Бертельс Е.С. Избранные труды: Суфизм и суфийская литература / Е.С. Бертельс. – М.: Наука, 1965. - 522 с.
5. Брагинский И.С. От Авесто до Айни / И.С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1981. - 256 с.
6. Талашев Х.Х. Общепедагогические и дидактические идеи ученых-энциклопедистов Ближнего и Среднего Востока эпохи Средневековья / Х.Х. Талашев. – Ташкент: Фан, 1980. - 144 с.
7. Этическая мысл: Науч. публицист. Чтения. – М.: Политиздат, 1988. - 384 с.
8. Кодиров К. Концепсия «совершенного человека» в таджикской литературе XI-XII вв./ К.Кодиров. – Душанбе: Маориф, 2000. - 146 с.
9. Кодиров К. Педагогика и дидактика суфизма / К.Кодиров. – Душанбе: Маориф, 2000. - 168 с.
10. Курбонмамадов А. Эстетическая доктрина суфизма / А. Курбонмамадов. – Душанбе: Дониш, 1987. - 107 с.
11. Фаридаддини Аттор. Пандномa. – Калкутта, 1977. - 101 с.
12. Фаридаддини Аттор. Асрорнома. – Теҳрон, 1338 ҳ. - 121 с.
13. Шарҳи аҳвол ва таҳлили осори Шайх Фаридаддини Аттори Нишопурӣ». – Теҳрон, 1347 ҳ. - 204 с.
14. Забеҳулло Сафо. Таърихи улум ва адабиёти Эрон. – Теҳрон, 1367 ҳ. - 704 с.
15. Зарринкуб А. Арзиши афкори сӯфия. – Теҳрон, 1343 ҳ. - 421 с.
16. Tibami A.L. Muslim education the elolden age of the Caliphate. - Islamis Cultur. Leiden. Vol. 28. 1954. - 424 p.


**АНДЕШАҲОИ АХЛОҚӢ-ЭТИКИИ ФАРИДАДДИНИ АТТОР**


Дар мақола зикр мегардад, ки Фаридаддини Аттор ба монанди Саноӣ бар он ақида буд, ки тавассути панд ва таъсири ахлоқӣ инсонро метавон дар руҳияи эҳтироми ҳамдигар ва меъёрҳои ахлоқӣ тарбия кард. Аттор дар асари «Мантиқ-ут-тайр», ки намунаи санъати достонҳои ибратбахш мебошад, таълимоти шавқангези умумипедагогӣ ва дидактикии худро баён мекунад. Дар «Мантиқ-ут-тайр» Аттор кӯшиш мекунад, ки ҳар як имконияро истифода барад, то аз тавсифи фазоӣ, ташбеҳоти ниҳонии ифшокунандаи таъбирҳои гуногун истифода барад. «Мантиқ-ут-тайр» қариб тамоми тезисҳои асосии таълимоти тасаввуфро дар шакли истиора инкишоф медиҳад.Таъкид мешавад, ки дар «Мантиқ-ут-тайр», инчунин, хислатҳои ахлоқӣ ва эстетикии рафтори инсон, масалан чун, ноустуворӣ, итоат накардани нафс ба амри ақл ва ғайраро нишон медиҳад. Дар шеър ҳикояҳои хурди воридшуда – тамсилҳои ибратомӯз аҳамияти калон доранд. Беҳтарин аз ин ҳикояҳо тамоми сохти шеърҳоро дар худ фаро мегиранд. Маводи тематикии ин қиссагӯён ниҳоят бой ва гуногун буда, сарчашмаҳои онҳоро аксар вақт танҳо бо душвории зиёд муайян кардан мумкин аст. Дар чунин асарҳои Аттор, ба монанди «Илоҳинома», «Мусибатнома», «Пандномa», «Асрорнома», «Мухторнома», як катор масалҳои таълимоти ахлоқии тасаввуфӣ оварда шудаанд. Ин асар бештар андешаҳои сӯфиёнаи муаллиф дар бораи тарбияро инъикос менамояд. Аттор тасдиқ мекунад, ки одам қобилияти идора кардани ҳиссиёт ва рағбати худро дорад.



**Калидвожаҳо**: Фаридаддини Аттор, панд ва таъсири ахлоқӣ, таълимоти шавқангези умумипедагогӣ ва дидактикӣ, маводи тематикӣ.


**МОРАЛЬНО-ЭТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ ФАРИДАДДИНА АТТОРА**


В статье отмечается, что Фаридаддин Аттор, подобно Санои, полагал, что посредством наставлений и морального воздействия можно воспитать людей в духе взаимоуважения и привить нормы морали. Аттор в произведении «Мантик-ут-тайр» («Разговор птиц), которое является примером искусства поучительных рассказов, излагает свои забавные общепедагогические и дидактические учения. В «Мантик-ут-тайр» («Разговор птиц») Аттор старается использовать каждую возможность использовать пространственные описания, скрытые аллегории, допускающие различные толкования. Мантик-ут-тайр» развивает в аллегорической форме почти все основные тезисы суфийского учения.Подчеркивается, что в «Мантик ут-тайр» («Разговор птиц») иллюстрируются такие морально-эстетические особенности человеческого поведения, как например, непостоянство, непокорность души к велению разума и т.д. В поэме огромное значение имеют вставные маленькие рассказы - поучительные

притчи. Наилучшие из этих рассказов обусловливают собой всю структуру поэм. Тематический материал этих рассказов крайне богат и разнообразен, источники их поддаются определению лишь с большим трудом. В таких произведениях Аттора, как «Илахинамэ» («Божья книга»), «Мусибатнамэ» («Книга мук»), «Панднамэ» («Книга Советов»), «Асрорнамэ» («Книга тайн»), «Мухторнамэ» («Книга избрания») намечается целый ряд таких притч, обладающих ярко выраженными суфийско-нравственными поучениями. Большинство же подобных высказываний сосредоточено в «Панднамэ» («Книга наставлений») Аттора. Это произведение более всего отражает суфийские взгляды автора на воспитание. Аттор утверждает, что человек в состоянии управлять своими чувствами и страстям. Человек, по Аттору, постоянно стремится удовлетворить эту потребность всеми средствами, а невозможность удовлетворить страсть в некоторых случаях ведет к совершению всевозможных преступлений.

**Ключевые слова**: Фаридаддин Аттор, наставления и моральное воздействие, общепедагогические и дидактические учения, тематический материал.

**MORAL AND ETHICAL VIEWS OF FARIDADDIN ATTOR**

The article notes that Faridnddin Attor, akin to Sanoi, believed that through instruction and moral influence, people can be educated in a spirit of mutual respect and moral norms. The attor from the work "Mantik-ut-tair" ("Conversation of Birds), which is an example of the art of instructive stories, sets out his amusing general pedagogical and didactic teachings. In "Mantik-ut-tair" ("The Conversation of Birds"). The attor tries to use every opportunity to use spatial descriptions, hidden allegories, allowing for various interpretations. Mantic-ut-tair "develops in an allegorical form almost all the main theses of Sufi teaching.It is emphasized that the "Mamtik ut-tair" ("The Conversation of Birds") also illustrates the moral and aesthetic features of human behavior, for example, as inconstancy, disobedience of the soul to the dictates of reason, etc. In the poem, inserted small stories are of great importance - instructive parables. The best of these stories determine the entire structure of the poems. The thematic material of these storytellers is extremely rich and varied, their sources very often amenable to identification only with great difficulty. In such works of Attor as "Ilahiname" ("God's Book"), "Musibatname" ("The Book of Torments"), "Pandname" ("The Book of Soviets"), "Asrorname" ("Book of Secrets"), "Mukhtorname" ("The Book of Election"), a number of such parables are outlined, which have pronounced Sufi-moral teachings. Most of these sayings are concentrated in Attor's Pandname (Book of Instruction). This work most of all reflects the author's Sufi views on education. The Attor claims that a person is able to control his feelings and passions. A person, according to Attor, constantly strives to satisfy this need by all means, and the inability to satisfy passion in some cases leads to the commission of all kinds of crimes..

**Key words:** Faridaddin Attor, instructions and moral impact, general pedagogical and didactic teachings, thematic material.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Karimjon@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-30-11-16.**

***Ҳусейнов Насриддин Муқимҷонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.. Телефон: **(+992) 908-77-75-34**.

**Сведение об авторах***: Кодиров Каримджон* – Таджикский национальный университет, доктор педагогических наук, профессор общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Karimjon@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-30-11-16.**

***Хусейнов Насриддин Мукимджонович*** – Таджикский национальный университет, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 908-77-75-34**.

**Information about the authors:** ***Kodirov Karimjon*** - Tajik National University, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the All-University Department of Pedagogy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail: Karimjon@mail.ru. Phone: (+992) 918-30-11-16.

***Huseynov Nasriddin Mukimdzhonovich*** - Tajik National University, competitor of the university-wide department of pedagogy **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 908-77-75-34.**

УДК:371.018

# ФАРҲАНГИ ЭТНОПЕДАГОГИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

*Аҳророва Г.У.*
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Дар шароити муосири инкишофи ҷомеа баланд бардоштани сатҳи худшиносӣ ва худогоҳӣ, ҳувияти миллии насли наврас, ташаккули шахсияти ватандӯсту ватанпарасти кишвар аҳамияти муҳимро касб менамояд. Падидаи мазкур, яъне вобаста ба тақозои замон санҷидан, баҳо додан, дарк намудани воқеоти гузашта ва асолати маълумоту тасаввуроти пешин ба худшиносии ҷомеа роҳ мекушояд.

Дар давраи муосир ва мунтазам ташаккулёбандаи ҷомеа ҳар як халқ барои эҳё, рушд, ғанӣ гардонидан ва нигоҳдории арзишҳои фарҳангӣ, маънавӣ, ғайримоддӣ, меъёрҳои ахлоқии рафтори иҷтимоӣ, ки дар тули ҳазорсолаҳо ҷамъ омадаанд ва ҳоло ҳам аҳамияти худро гум накардаанд, кӯшиш ба харҷ медиҳад. Дар “Консепсияи миллии тарбия” таъкид мегардад, ки “худшиносӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад” [1, с.5].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари пурарзиши хеш “Рушди маориф -асоси таҳкими аркони давлат” чунин қайд намудаанд: “Худшиносӣ қутбнамоест, ки моро ба сӯйи асолати милливу ҳувияти ватандорӣ раҳнамоӣ карда, бароямон роҳи душвори пешрафти оянда, кору пайкори навбатии давлатсозиву давлатдорӣ, расидан ба рӯзгори ободу осуда ва ҷомеаи мутамаддинро осонтар мегардонад. Худшиносӣ насли наврасу ҷавонро дар руҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, садоқат ба анъанаву суннатҳои аҷдодӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои таърихиву фарҳангии ниёгон ва дастовардҳои умумибашарӣ ҳидоят мекунад ва онҳоро чун ҳомиёни воқеӣ ва номбардори миллати хеш ба камол мерасонад” [7,с.265].

Файласуф А.Г.Спиркин дар асари худ вобаста ба хосиятҳои шуури инсон асосҳои фалсафии худшиносиро таъин намуда, чунин таъкид кардааст: “Қобилияти худтаҳлилию худшиносӣ бузургтарин дороии инсон аст. Вай дар ҷараёни худшиносӣ худро чун субъекти шуур, муошират ва амал мешиносад ва дар муносибати бевосита бо шахси худ қарор мегирад. Худшиносӣ фақат дар ин шакл вуҷуд дошта метавонад ва муҳимтарин хосияти он рафтору кирдор, эҳсосу афкор, манфиат ва мақоми ҷамъиятии хешро ба андеша гирифтани инсон маҳсуб мешавад” [12,с.141].

Донишманди шинохтаи тоҷик М.Шакурӣ қайд кардааст, ки “Худшиносии ҳақиқӣ, маърифати шахсии худ он гоҳ шуруъ хоҳад шуд, ки кас роҳи ҳаёти худ, тарзи зиндагӣ, моҳияти зоти худро муайян кардан хоҳад, худро шиносад, табиати худро донад. Ба рафтору кирдори мардуми атроф ба ибратбинӣ чашм дӯхтани одам дар он сурат маърифатомӯзии ҳақиқист, ки ӯ сонӣ назарашро аз дигарон ба шахси худ гузаронад” [13,с.343].

“Дар илми ахлоқ ё усули тарбия мафҳуми ҳувият барои ифодаи шинохти озодиву ҳастии маънавии худи инсон ба кор гирифта мешавад, ки онро ба таъбири дигар худогоҳӣ ё худшиносӣ мегӯянд” [11,с.7].

Дар ҳақиқат, масъалаи камолоти маънавии инсон, ки ҷавҳари он худшиносист, барои ҳар як шахс имкон медиҳад, ки рафтори худро ба низом дарорад. Дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ ҳар як халқу миллат бо офаридаҳои моддию маънавиаш саҳми арзандаи худро мегузорад. Аз ин рӯ, омӯзиши тамаддуни ҳар як халқ, аз як тараф, ба бою ғанӣ гардидани тамаддуни башарӣ, ки аз маҷмуи тамаддунҳои халқҳои ҷаҳон иборат аст, мусоидат кунад, аз тарафи дигар, ташаккулу инкишофи маданияти ин ё он халқро дар масири таърих муайян карда, саҳифаҳои дар зери ғубори фаромӯшӣ мондаи онро таҷдид менамояд ва дар маҷмуъ, сатҳи худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ ва умумибашариро вусъат мебахшад. “Худшиносии миллӣ дар ақида, афкор, тасаввурот, эҳсос, ҳолати руҳӣ, ахлоқ, одоб, суннат ва анъанаҳо таҷассум меёбад” [5,с.62].

Мақоми педагогикаи этникӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ ва шуурнокии одамон хеле калон аст. Он ба ҳар як намояндаи этнос имкон медиҳад, ки рафтори худро ба низом дарорад. Дар анъанаҳои этнопедагогии халқи тоҷик, дар фалсафа ва арзишҳои фарҳангӣ-миллии мардумӣ иқтидори бузургу қавии тарбиявӣ мавҷуд аст. Педагогикаи этникӣ дар амал тамоми паҳлу ва унсурҳои таркибии маданияти маънавӣ ва моддии этноси муайянро дар бар мегирад. Дар зери мафҳуми педагогикаи этникӣ мо “ҷамъи донишҳо, усул, роҳ, восита ва методикаи кори таълиму тарбияро, ки этноси муайян дар давраи таърихии мавҷудияти худ, бо мақсади ташаккул додани дониш, малака, маҳорат ва сифатҳои шахсият ба як қолаб ва ё шакл даровардааст, мефаҳмем. Аз ҷумла, расму оин, урфу одат, анъана, эътиқод, бозӣ, тарзи меҳнат, эҷодиёти шифоҳӣ ва ғ.” [10,с.11].

Маҳз тавассути педагогикаи этникӣ арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ аз як насл ба насли дигар мегузаранд. Бидуни он наслҳо аз арзишҳои гузаштагони худ огоҳӣ наёфта, оҳиста ба гӯшаи фаромӯшӣ дода мешаванд. Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар таркиби худ анъана, расму таомул, урфу одат, оину маросим, фикру андеша, панду андарз, гуфтору ҳунар, офаринишҳои миллию умумибашарӣ ва ғайраҳоро фаро мегиранд. Вобаста ба ин, академик Лутфуллозода М. қайд мекунад, ки “арзишҳои миллӣ хосси халқҳо ва миллатҳои алоҳида буда, тарзи зиндагӣ, анъана, расму оин ва муносибатҳои онҳоро нисбат ба воқеият ифода мекунанд. Арзишҳои умумибашарӣ мутааллиқ ба тамоми башарият буда, хазинаи тиллоиеро мемонанд, ки аз сарватҳои маънавии кулли миллатҳо гирд оварда шудаанд” [4,с.15]. Дар тадқиқоти Нуров А. зикр шудааст, ки “арзишҳои миллӣ анъана, расму оин, одат, муносибати одамон ва воқеият, эътиқоду идеал ва принсипҳои маърифату фаъолияти одамонро дар бар мегиранд. Арзишҳои умумибашарӣ системаи тому мавзуни ақидаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ, динӣ, эстетикӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ буда, дар тули асрҳо ташаккул ёфтаанд” [6,с.9].

Дар тарбияи инсон арзишҳои миллӣ хеле муҳиманд. Яъне, тарбияи маънавӣ бояд дар заминаи арзишҳои умумибашарӣ, аммо бо назардошти хусусиятҳо ва талаботҳои алоҳидаи арзишҳои миллӣ ба роҳ монда шавад. Бинобар ин, фарҳанги этнопедагогӣ дар заминаи арзишҳои миллӣ сурат гирифта, баҳри тарбияи

худшиносии насли наврас ва ҷавонон мусоидат мекунад. Маҳз ба воситаи педагогикаи этникӣ арзишҳои халқ ба қисми ҷудонашавандаи маънавии инсон табдил ёфта, ҳаёт ва фаъолияти ӯро муайян мекунанд. Зеро “афкори педагогии халқамон дар расму оин, анъана, баҳри беканори эҷодиёти шифоҳии мардумамон, дар адабиёти бадеии хаттиамон чун дурдона нуҳуфта аст” [3,с.75].

Омӯзиши мероси ниёгон, агар аз як тараф, василаи равшан намудани таъриху рӯзгори гузаштаи миллат ва бурду бохти он бошад, аз тарафи дигар, сабаби пешрафти зиндагии воқеӣ ва инкишофи ҳаёти маънавии имрӯзу оянда мегардад. “Ҳеҷ яке аз риштаҳои худшиносии шахс ва ҷомеаро бидуни ёди таърихӣ тасаввур наметавон кард. Ҳар амали муҳимми иҷтимоӣ он гоҳ кам ё беш амали огоҳона хоҳад буд, ки аз ёди таърихӣ раҳнамоӣ дида бошад. Ёди фарҳангӣ яке аз шартҳои асосии моҳияти маънавӣ пайдо кардани ҳастии инсон аст ва низ бидуни донистани таърих даст намедиҳад” [13,с.19]. Таърихшиноси рус Ключевский В.О. гуфта буд, ки “чун ниёгонро меомӯзем, худро мешиносем” [2, с.332]. Вобаста ба ин Шарифзода Ф. чунин ақида дорад, ки “тарбияи инсони комил дар педагогикаи муосири тоҷик бар асоси қадимтарин ақидаҳои педагогии ниёгони мо сурат мегирад” [14,с.527].

Хусусияти хосси эҷодиёти олимону мутафаккирони Шарқ дар он буд, ки эшон ба масъалаи тарбияи шахс диққати бештар медоданд. Инро мо дар эҷодиёти Унсурмаолии Кайковус, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳон Берунӣ, Умари Хайём, Абдулқодири Бедил, Алишер Навоӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон комилан дида метавонем. Дар эҷодиёти худ ниёгони мо қудрати бузурги тарбия ва анъанаҳоро дар ташаккули сифатҳои маънавии шахсият қайд кардаанд. Онҳо дар асарҳои худ ғояи гуманизмро ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи сифати маънавии инсон ба миён гузоштанд. Ин ғоя хислатҳои муҳимми инсонӣ, ба монанди меҳрубонӣ, дӯстӣ, саховатмандӣ, ростқавлӣ, таҳаммулпазирӣ, меҳнатдӯстӣ, кумак ба ҳамдигарро инкишоф медиҳад. Мутафаккирон нақши оила, махсусан саҳми шахсони соҳибтаҷрибаро дар ташаккули симои маънавии насли ҷавон махсусан қайд кардаанд.

Дар тарбияи насли калонсоли миллати тоҷик анъанае вобаста ба эҳтироми ниёгон ва иззату арҷгузории қавму авлоди худ бо донистани решаҳои авлодӣ, инчунин ривоятҳо ва анъанаҳои марбут ба аъмоли неки гузаштагони худ мушоҳида мешавад. Муҳаббат ба ниёгони худ барои шинохтани ҷаҳон, такомули шахсӣ, саҳми муайян дар баланд бардоштани мақоми авлод тавассути тарбияи маънавии худ кумак мерасонад. Чунин дилбастагӣ ба ниёгон, ба хонавода, ба оила дар ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, муносибати боэҳтиром нисбати авлод, сокинони ҷомеа ва дигар миллатҳо мусоидат мекунад. Пешвои миллат дар китоби пурарзиши хеш “Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ” қайд мекунанд, ки “ҳар як шахс бояд аз ҳафт пушти худ огоҳ бошад, то дар ҳамаи соҳаҳои зиндагиву фаъолияти худ огоҳона амал намуда, зиндагии созандаи худро пеш барад” [9, с.8].

Дар ҳақиқат, тарбияи шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта дар педагогикаи муосири тоҷик дар заминаи ақидаҳои педагогии гузаштагон ташаккул ёфтааст, ки сарчашмаи бузургтарини онҳо расму оинҳо, анъанаҳои халқӣ ва эҷодиёти

шифоҳии халқ эътироф шудаанд. Халқи тоҷик, мисли миллатҳои дигар, дорои урфу одат ва анъанаҳои сершуморе аст, ки онҳо ба зиндагии одамон таъсири хуб мерасонанд, дар онҳо сифатҳои неки ахлоқӣ ташаккул меёбанд ва онҳо ҳисси вафодорӣ, ҷасорат, далерӣ ва ғурурро инкишоф медиҳанд. Анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми педагогикаи халқӣ, ки таърихи тулонӣ доранд, дар тарбияи худшиносии насли наврас нақши муҳим доранд. Зеро анъанаҳо ва расму оинҳо ҳамчун қисми муҳимми педагогикаи халқӣ, ки таърихи тулонӣ доранд, дар тарбияи насли наврас нақши назаррас доранд. Аз ин рӯ, дар асоси арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намудани насли наврас тақозои замон аст. Кори тарбиявиро бо насли наврас тавре ташкил кардан лозим аст, ки онҳо моҳият, мазмун ва аҳамияти ҳар як анъанаи мардумӣ, расму оинро амиқ ва ҳамаҷониба дарк кунанд, барои дар амал татбиқ намудани онҳо кӯшиш намоянд.

Дар хонаводаи тоҷик, дар ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти инсон на танҳо меъёрҳои иҷтимоӣ, балки урфу одатҳои миллӣ, ки ба тарбияи сифатҳои маънавии шахс мусоидат мекунанд, нақши муассир доранд. Анъанаҳо ва урфу одатҳои миллати тоҷик муҳимтарин категорияҳои фалсафӣ ва маънавиро инъикос мекунанд, ки ба қабули арзишҳои умумибашарӣ ва рушди иҷтимоиву маънавии мардум мусоидат менамоянд. Масалан, дар даромадгоҳи хона ду дастро дар сари сина гирифта салом додан, пеш аз калонсолон ба хона надаромадан, дастро нашуста ба сари миз нанишастан, ҳангоми ба хона ворид шудани пиронсолон аз ҷой хестан ва ба онҳо ҷой додан аз хислатҳои муҳимми халқи тоҷик мебошад, ки асрҳои аср аз насл ба насл гузашта истодаанд.

Барои тарбияи одоби фарзандон ниёгони мо аз ҳикоя ва афсонаҳо дар бораи қаҳрамонҳои қабилаҳо ва корномаҳои онҳо истифода мебурданд. Дар онҳо мардум хислати асосии қаҳрамононро таъкид карда, меҳрубонӣ, инсондӯстӣ, адолат, эҳтиром ба калонсолон, муҳаббат ба Ватан, миллат, падару модар, фарзандон, ба табиат ва ҳайвонот, эҳсоси шаъну шарафи шахсӣ, ҷавонмардӣ, ғамхорӣ нисбати бечорагон ва ғайраро инъикос мекарданд.

Таърих гувоҳ аст, ки бисёре аз суннатҳои мардумии тоҷик, аз қабили Наврӯзу Меҳргон, Сада ва дигар ҷашнҳо дар муддати тулонӣ амалан фаромӯш шуда буданд. Танҳо ба шарофати ба даст овардани Истиқлолият дар Тоҷикистон ва таъсиси давлати демократӣ ин анъанаҳо дубора эҳё гардиданд. Вобаста ба ин, Пешвои миллат дар китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих” зикр кардаанд: “Дар урфият мегӯянд, ки агар бихоҳӣ ояндаро бубинӣ, ба гузашта назар намо. Аз ҳамин хотир мо гаштаю баргашта ба гузаштаи таърихии худ назар меафканем” [8,18]. Ба гуфтаи Шарифов Ҷ., “гузаштаро надониста, имрӯзро обод кардан ва ояндаи неке бунёд кардан номумкин аст” [15, с.49].

Бинобар ин, аз қадимулайём халқи тоҷик дорои тарбияи аслии ахлоқӣ ва фарҳанги пурарзиши маънавӣ мебошад. Фақат мавҷудияти моддӣ ва ҷисмонӣ нишонаи ҳастии инсон ва шахсе, халқеву миллате нест. Асли ҳастӣ ҳастии маънавист. Он фарҳанги маънавӣ, он арзишҳои олии инсонӣ, он фалсафаи ҳаёт ва фаҳмиши моҳияти зиндагонӣ, он орзуву омол ва ормони иҷтимоиву забоншинохтӣ, ки мазмуну мундариҷаи ҳастии шахсеро муайян намудааст, дар ташаккули шуур, урфу одат, ахлоқу одоби халқе ва миллате бартарӣ дорад, бозгӯи чигунагии ҳастии ин шахс, ин халқу ин миллат аст.

Педагогикаи халқӣ тамоми паҳлуҳои тарбияи ахлоқиро дар ҳампайвастагии якдигар мебинад, ки дар ташаккули арзишҳои ахлоқии наврасон мақоми хос дорад. Аз ҷумла, тарбияи ватанпарастӣ ва инсонпарварӣ, муносибати софдилона ба меҳнат, ба қадри меҳнати падару модар расидан, тарбияи ростӣ ва ростқавлӣ, хоксорию хушмуомилагӣ, риояи одоб ҳангоми муомила бо ҳамсолон ва калонсолон, нисбат ба якдигар меҳрубон будан, ба якдигар дасти мадад дароз кардан, интихоби дӯсти арзанда ва монанди инҳо.

Ҳамин тавр, педагогикаи этникӣ наслҳоро барои ба арзишҳои маънавии этноси худ шинос намудан мадад мерасонад. Аз ин рӯ, дар мавриди таълиму тарбия дар кӯлвори худ таҷрибаи ғанӣ ва мероси гаронбаҳо дорем, ки метавонанд имконияти васеъро дарислоҳи ҷомеа, махсусан, ахлоқи ҷавонон фароҳам оранд. Чуноне ки олимон Раҳимов Б. ва Нуров А. қайд мекунанд, "...сабаби таъсирнокии педагогикаи этникӣ ва халқӣ аз он иборат аст, ки онҳо бевосита аз ҳаёти худи этнос ва халқ сарчашма гирифта, руҳи ҳамон этносу халқ ва орзуву омоли онҳоро ифода мекунанд" [10, с.3].

Назари амиқ ба таърихи халқи тоҷик ба мо имкон медиҳад хулоса барорем, ки тарбияи маънавии ҷавонон дар ҳама давру замон аҳамияти аввалиндараҷа дошт. Ҳалли бомуваффақияти ин масъалаи таъхирнопазир дар тули садсолаҳо танҳо бо такя ба таҷрибаи мардум имконпазир гардид. Насли ҷавон бояд чигунагии миллати худ, ҳастии он, хусусиятҳои хос, махсусияти тафаккур, такомули фикрӣ, инкишофи таърихӣ, анъана, расму таомул, одат ва дигар ҷиҳатҳоро ба хубӣ дониста гирад. Насли калонсол бошад, бояд ояндаи насли наврасро мувофиқи нишондодҳои меъёрҳои педагогикаи халқӣ муайян кунад. Чунки ҳар як миллат муҳити зисти хосе дорад, ки таърихан шакл ёфта, руҳи ҳамон миллатро таҷассум мекунад. Омили муҳиме, ки барномаи худшиносии миллиро ташаккул медиҳад, огоҳӣ ё худ ҷаҳонбинии амиқ ва мутобиқ бо арзишҳои фарҳанги миллӣ мебошад. Дар ин маврид Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, ки "...бе донистани таърихи гузаштаи миллату давлати хеш, бе худшиносӣ, бе анъанаҳои аҷдодӣ, бе ифтихори ватандорӣ ягон халқи ҷаҳон пеш намеравад ва ягон кишвар соҳибэҳтирому муқтадир намегардад. Эҳтироми гузашта ба хотири равшан кардани роҳи наслҳои имрӯзу оянда мебошад" [7, с.333].

Дар вазъияти ҷаҳонишавӣ дифои анъана ва суннатҳои деринаи муносибати инсонӣ, ки дар таърихи миллати мо ба қаъри асрҳо реша рондааст, кори осон нест. Дар ин радиф дастовардҳои ахлоқии ҷомеаро низ ҳимоя кардан аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Агар мо имрӯз ба ахлоқи ҷомеаи ҷаҳонӣ назар кунем, торафт коста гардидани онро пай мебарем. Яъне, раванди ҷаҳонишавӣ ба ахлоқ таъсири бевосита мегузорад. Мардуми Шарқ соҳиби арзишҳои волои милливу ахлоқӣ мебошанд, ки тули ҳазорсолаҳо таҳким ёфта, ҷаҳониён онҳоро бо одобу ахлоқи ҳасана, рафтори нек эътироф кардаанд. Дарвоқеъ, тарбияи наврасону ҷавонон ва дар руҳияи ватандӯстию инсонпарварӣ ва худогоҳию худшиносии миллӣ ба воя расонидани онҳо вазифаи муҳими волидайн ва омӯзгорон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди иттилоотӣ маҳсуб меёбад. Зеро ҳифзи бегазанди арзишҳои миллию динӣ ва таърихию фарҳангӣ,

ташаккули ҷаҳонбинии демократию дунявӣ, таъмини пойдории ваҳдат ва суботи ҷомеа малакаву маҳорати баланди касбиро тақозо менамояд. Маориф муҳимтарин воситаи рушди ҷомеаи инсонӣ буда, баҳри баланд бардоштани дараҷаи ахлоқи ҷомеа ҳиссаи беназир мегузорад. Ин самт дар шароите, ки Тоҷикистон давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эътироф шудааст, аҳамияти калон дорад. Ҳамаи пешравиҳои ҷаҳони муосир барои ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии насли наврас дар назди омӯзгорон вазифаҳои басо муҳиму ҳалталабро мегузорад.

Ҷомеа бояд дар партави омӯзаҳои худшиносии миллӣ ба собиқаи таърихӣ, арзишҳои ахлоқӣ, дастовардҳои илмӣ ва фарҳангӣ, расму оин ва дигар вижагиҳои миллии худ огоҳӣ пайдо намояд ва ба осори дурахшони илмӣ ва фарҳангии гузаштагони худ арҷ бигузорад. Вобаста ба ин, метавон қайд намуд, ки ба вуҷуд овардани ҳисси худшиносии миллӣ дар ниҳоди ҷавонон бисёр муҳим мебошад. Ин маънои онро дорад, ки онҳо бояд худро, пеш аз ҳама, ҳамчун миллати дорои фарҳанги бойи ахлоқиву маънавӣ шинохта, бар ин нукта бирасанд, ки тоҷикон соҳиби муқаддасоти миллии худ ҳастанд ва мероси пурғановати тарбиявӣ доранд. Омӯзиш ва истифода бурдан аз дурдонаҳои фарҳанги пурғановати форсу тоҷик дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон нақши муҳим мебозанд.

Мақсади тарбия дар ҳар як давру замон баланд бардоштани сатҳи маънавиёти халқу миллат ва ба ҳаёти мустақилона тайёр намудани насли наврасу ҷавонон ба ҳисоб меравад. Барои рушду камоли ҷавонон, расму оин ва анъанаҳои неки мардумӣ ҳамчун воситаи тавонои тарбия хизмати босазое карда метавонанд. Бинобар ин, васеъ истифода бурдани ақидаҳои илмии мутафаккирони гузашта, осори бойи ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои халқӣ, эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик дар тарбияи ахлоқӣ, худогоҳии миллӣ ва меҳанпарастии насли наврас ва ҷавонон хеле манфиатбахш мебошад. Ҳамин тавр, ҳангоми омӯзиши масъалаи тарбияи худшиносии миллӣ дар заминаи фарҳанги этнопедагогӣ иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:- тарбия дар асоси арзишҳои милливу умумибашарӣ;- тарбия дар руҳияи худшиносӣ ва эҳтиром ба фарҳанги миллатҳои дигар;- таъсиррасонӣ ба ташаккули тафаккури хештаншиносӣ ва эътиқод ба урфу одат ва анъанаи ниёгон;- тарбияи муҳаббат нисбати Ватан, эҳтироми беандоза ба мардуми гуногунмиллати Тоҷикистон, ифтихор аз таъриху тамаддуни гузашта, ҳимояи арзишҳои миллӣ;- маълумот доштан оид ба фарҳанги миллати худ, таъриху анъанаҳо, арзишҳои ахлоқӣ ва тавассути ин азхудкунии арзишҳои умумибашарии инсонӣ.

**Муқарриз: Қодиров Каримҷон – д.и.п., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Консепсияи миллии тарбия (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006. - №94.
2. Ключевский В.О. Письма. Дневники. Афоризмы и мысли об истории /В.О.Ключевский. -М., 1968. – 528 с.
3. Лутфуллоев М. Осор. Ҷ.5. Инсон ва тарбия /М.Лутфуллоев. – Душанбе: Собириён, 2013. – 464с.
4. Лутфуллоев М. Педагогикаи башар /М.Лутфуллоев. -Душанбе, 2008. – 143 с.
5. Неъматов П.С. Технологияи ташаккули ахлоқии омӯзгорони оянда /П.П.Неъматов. - Хуҷанд: Ношир, 2016.- 204 с.
6. Нуров А. Арзишҳои миллию умумибашарӣ, заминаҳои пайдоиш, инкишоф ва нақши онҳо дар тарбияи инсон / А. Нуров. - Душанбе: Ирфон, 2003. – 183 с.
7. Э.Раҳмон. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат. -Душанбе, 2009.-334 с.

8. Э.Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён. -Душанбе: Ирфон, 2002. – 128с.
9. Э.Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни орийӣ. -Душанбе: Ирфон, 2006.-372с.
10. Раҳимов Б. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик /Б.Раҳимов, А.Нуров. - Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 295 с.
11. Солиҷонов Н. Ҳувияти фарҳангӣ /Н. Солиҷонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. -260 с.
12. Спиркин А.Г. Сознание и самосознание. -Москва: Политиздат, 1972.-303с.
13. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо (Маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон). -Душанбе: Оли Сомон, 1997. -292 с.
14. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. -Душанбе: Ирфон, 2010. – 544с.
15. Шарифов Ҷ. Мероси ниёгон – манбаи бузурги таълими маънавият/ Ҷ. Шарифов // Маорифи Тоҷикистон. -2007. -№6. - С.49-53.

## ФАРҲАНГИ ЭТНОПЕДАГОГИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Дар мақола масъалаи нақши педагогикаи этникӣ дар ташаккули худшиносии миллии насли наврас ва ҷавонон баррасӣ гардидааст. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки дар шароити муосири инкишофи ҷомеа баланд бардоштани сатҳи худшиносӣ ва худогоҳӣ, ҳувияти миллии насли наврас, ташаккули шахсияти ватандӯсту ватанпарасти кишвар аҳамияти муҳим дорад. Мақоми педагогикаи этникӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ ва шуурнокии одамон хеле калон аст. Он ба ҳар як намояндаи этнос имкон медиҳад, ки рафтори худро ба низом дарорад. Вобаста ба ин муаллиф андеша дорад, ки маҳз тавассути педагогикаи этникӣ арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ аз як насл ба насли дигар мегузаранд. Бидуни он наслҳо аз арзишҳои гузаштагони худ огоҳӣ наёфта, оҳиста ба гӯшаи фаромӯшӣ дода мешаванд. Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар таркиби худ анъана, расму таомул, урфу одат, оину маросим, фикру андеша, панду андарз, гуфтору ҳунар, офаринишҳои миллию умумибашарӣ ва ғайраҳоро фаро мегиранд.Муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки насли ҷавон бояд чигунагии миллати худ, ҳастии он, хусусиятҳои хос, махсусияти тафаккур, такомули фикрӣ, инкишофи таърихӣ, анъана, расму таомул, одат ва дигар ҷиҳатҳоро ба хубӣ доништа гирад. Насли калонсол бошад, боядояндаи насли наврасро мувофиқи нишондодҳои меъёрҳои педагогикаи халқӣ муайян кунад. Дар вазъияти ҷаҳонишавӣ дифои анъана ва суннатҳои деринаи муносибати инсонӣ, ки дар таърихи миллати мо ба қаъри асрҳо реша рондааст, кори осон нест. Бинобар ин, тарбияи наврасону ҷавонон ва дар руҳияи ватандӯстию инсонпарварӣ ва худогоҳию худшиносии миллӣ ба воя расонидани онҳо вазифаи муҳимми волидайн ва омӯзгорон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди иттилоотӣ маҳсуб мeёбад.

**Калидвожаҳо:** худшиносии миллӣ, этнопедагогика, анъана, урфу одат, ниёгон, наврасон, ҷавонон, тарбия, арзиши миллӣ, арзиши умумибашарӣ.

## ЭТНОПЕДАГОГИЧЕСКАЯ КУЛЬТУРА ТАДЖИКСКОГО НАРОДА И НАЦИОНАЛЬНОЕ САМОСОЗНАНИЕ

В статье подчеркивается роль этнопедагогики в формировании национального самосознания подрастающего поколения и молодежи. Исследователь отмечает, что в современных условиях развития общества важно повышение уровня национального самосознания подрастающего поколения, формирование патриотической личности. Роль этнопедагогики в формировании национального самосознания народа очень велика. Она позволяет каждой этнической группе рассматривать свое поведение. В связи с этим автор считает, что именно посредством этнопедагогики национальные и общечеловеческие ценности передаются от одного поколения к другому. Без этого поколения не будет знать ценности своих предков и они будут постепенно забыты. К национальным и общечеловеческим ценностям относятся традиции, обычаи, предания, обряды, идеи, советы, искусство, национальные и общечеловеческие творчество и другие.Исследователь приходит к выводу, что подрастающее поколение должно иметь хорошее представление о своем народе, его существовании, особенностях мышления, интеллектуального развития, исторического развития, традиций, обычаев и других аспектов. Старшее поколение должно определять будущее молодого поколения в соответствии с нормами народной педагогики. В условиях глобализации защитить древние традиции и обычаи человеческих отношений, уходящие корнями в историю нашего народа на протяжении веков непростая задача. Поэтому воспитание подростков и молодежи в духе патриотизма и гуманизма, а также национального самосознания является важной задачей родителей и педагогов в условиях глобализации и информационной конкуренции.

**Ключевые слова:** национальное самосознание, этнопедагогика, традиции, обычаи, предки, подростки, молодежь, воспитание, национальная ценность, общечеловеческая ценность.

**ETHNO-PEDAGOGICAL CULTURE OF THE TAJIK PEOPLE AND NATIONAL IDENTITY**

The article emphasizes the role of ethnopedagogy in shaping the national identity of the younger generation and youth. The researcher notes that in modern conditions of the development of society, it is important to increase the level of national self-awareness of the younger generation, the formation of a patriotic personality. The role of ethnopedagogy in shaping the national identity of the people is very great. It allows each ethnic group to consider its behavior. In this regard, the author believes that it is through ethnopedagogy that national and universal values are transmitted from one generation to another. Without this generation will not know the values of their ancestors and they will be gradually forgotten. National and universal values include traditions, customs, legends, rituals, ideas, advice, art, national and universal creativity, and others.The researcher comes to the conclusion that the younger generation should have a good understanding of their people, their existence, peculiarities of thinking, intellectual development, historical development, traditions, customs and other aspects. The older generation should determine the future of the younger generation in accordance with the norms of folk pedagogy. In the context of globalization, it is not an easy task to protect the ancient traditions and customs of human relations, rooted in the history of our people for centuries. Therefore, educating teenagers and youth in the spirit of patriotism and humanism, as well as national self-consciousness, is an important task for parents and teachers in the context of globalization and information competition.

**Key words:** national identity, ethnopedagogy, traditions, customs, ancestors, teenagers, youth, education, national value, universal human value.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ахророва Гулчеҳра Усмоновна-*** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169. E-mail: **g_ahrorova@iet.tj.** Телефон: **+992927422565.**

**Сведение об авторе:** ***Ахророва Гулчехра Усмоновна-*** Институт экономики и торговли Таджикского Государственного университета коммерции, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Исмоили Сомони, 169**.** E-mail: **g_ahrorova@iet.tj.** Телефон: (**+992)927422565.**

**Information about the author:** ***Ahrorova Gulchehra Usmonovna-*** Institute of Economy and Trade, Tajik State University of Commerce, PhD in Philology, Associate Professor of Candidate of the Department of Tajik and Russian Tajik and Russian languages.. **Adress**: Republic of Tajikistan, the city of Khujand,169 Ismoili Somoni Avenue**.** E-mail: **g_ahrorova@iet.tj. Phone**:**(+992)927422565.**

УДК: 373 (575.3)

# ТАРБИЯИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

***Азизов А.А., Умаров А.Н.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Тарбия раванди мақсаднокест, ки ҳадафи он ташаккули шахсияти мутаносиби ҳамаҷониба рушдёфта ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ баркамол мебошад.

Тарбия дар намуди умумӣ омодагии насли наврас ба ҳаёт дар ҷамъиятро дар бар мегирад. Дар раванди тарбия насли наврас бояд он чизе, ки аз тарафи ҷамъият андухта шудааст, аз худ намояд, яъне дониш дар сатҳи расидани инкишофи онҳо, соҳиб шудан ба маҳорати муайяни меҳнатӣ, аз худ кардани меъёр ва таҷриба дар ҷамъият ва коркарди низоми муайяни ақида оид ба ҳаёт. Дар раванди тарбия бояд, инчунин, чунин сифатҳо барои ҳалли масъалаҳои нав, ташаккул ёбад. Аммо барои ин маҳорат коркард шавад ва донишҳои зарурӣ ба даст оянд, ба шароити тағйирёбандаи ҳаёт ва меҳнат мутобиқ гардад ва ба фаъолияти эҷодӣ машғул шавад.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки тарбия раванди таҳвили таҷрибаи ҷамъиятӣ аз тарафи калонсолон ба насли ҷавон бо мақсади омодагии онҳо ба ҳаёт ва меҳнат аст, ки барои таъмини рушди ояндаи ҷамъият зарур мебошад.

Ташкили ин раванд ба тавсифи илмии раванди ташаккули шахсият асос ёфтааст, зеро танҳо дар сурате, ки фаъолияти касбӣ ба табиати иҷтимоӣ ва психологии ин раванд комилан мувофиқат кунад, натиҷаи баланди салоҳияти касбӣ имконпазир аст. Ҳамин тавр, масалан, як омӯзгори хуби технология (таълими меҳнат), ки ҳалли мушкилотро меомӯзонад, хусусиятҳои психологӣ ва педагогии хонандагон, минтақаҳои рушди воқеӣ ва наздиктарини онҳоро ба назар мегирад.

Шахсият дар робитаҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоии мутақобила узви ҷомеаест, ки ба таъсифи муҳити атроф дучор меояд ва муносибатҳои худро бо одамон ва маҷмуи падидаҳои иҷтимоӣ бошуурона месозад. Меъёри огоҳӣ барои ҳар як шахс гуногун аст, аммо он ба шахсияте табдил меёбад, ки мустақилона дар ҷомеа амал мекунад ва аз робитаҳои худ огоҳ мебошад. Шахсияти ҳар як одам омезиши хеле мураккаб ва аксар вақт мувофиқати зиддияти хислатҳои гуногун (сифатҳо, хосиятҳо ва хусусиятҳо) мебошад. Баъзе хусусиятҳои шахсият, ба монанди далерӣ, зиракӣ, ва ғ. вобаста ба кадоме аз хислатҳои дигари онҳо дар шахсият якҷоя шуда, як воҳиди ягонаро ташкил медиҳад, ки ҳам мусбат ва ҳам манфӣ буда метавонанд.

Мафҳуми шахсият танҳо хосият ва сифатҳои одамро дар бар мегирад, ки ба он нутқ, шуур, одатҳои гуногун ва ғайра дахл доранд, ки ӯро мавҷуди ҷамъиятӣ мекунад. Тавсифи биологии одам ба мафҳуми додашуда дохил намешавад. К. Маркс инро қайд карда навиштааст, ки “моҳияти “шахсияти махсус” на ба риши ӯ, на ба хуни ӯ, на ба табиати ҷисмонии мафҳуми ӯ, балки ба сифатҳои иҷтимоии ӯ пайдо мешавад” [13, с. 242].

Шахсият будан на ба ҳастии ҷисмонии одам, балки бо сифатҳои ҷамъиятии ӯ алоқаманд мебошад. Ҳамин тавр, мафҳуми “шахсият” ба моҳияти ҷамъиятии одам нисбат дода мешавад.

Олим В.Г.Виненко дар бораи шахсият чунин ибрози ақида кардааст: “Дар илмҳои ҷамъиятӣ шахсият ҳамчун сифати махсуси одам, ки аз тарафи он дар раванди фаъолият ва муносибати якҷоя ба даст оварда мешавад, дида мешавад. Дар консепсияҳои гуманистӣ, фалсафӣ ва психологӣ ин арзишҳо баҳри инкишофи ҷомеа амалӣ карда мешаванд” [10, с.106].

Шахсият ҳамеша бояд ҳамчун як шахсияти ҷудонашаванда тарбия гирад ва боварӣ ҳосил кунад, ки омезиши хосси хислатҳои мухталифе, ки ҳамзамон ташаккул ёфтааст, шахси ахлоқӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ масъулро ташкил медиҳад. Ва вақте мо мушоҳида мекунем, ки баъзе хислатҳои шахсияти додашуда хусусияти манфӣ пайдо мекунанд, пас мо аз рӯйи ин хусусият, инчунин аз рӯйи маҷмуи хосиятҳои бо ин хусусият алоқаманд ва баъзан дар кул бо шахсият амал мекунем. Аз ин рӯ, барои омӯзгор амиқ омӯхтани шахсияти ҳар як хонанда маъно дорад, зеро чунин омӯзиш имкон медиҳад муайян кунем, ки чӣ гуна як хонандаи мушаххас дар ҳолати фавқулода амал мекунад.

“Мақсади тарбияи муосир – шахсияте мебошад, ки ба бунёди зиндагии шоистаи Одам қобил бошад” [16, с. 26].

Маълум аст, ки ташаккули шахсияти хонанда аз муаллим вобаста аст, ки барои ба даст овардани мақсади додашуда таълим медиҳад. Аммо барои он ки шахсиятро ташаккул диҳем, иҷрои чунин амалҳо лозим аст:

1. Бояд дар шуури хонанда зиндагии шоистаи одам, ҳамчун тавсифи ҷамъбастӣ бо моҳияти хусусиятҳои он, мазмун ва арзишҳои асосӣ, ки бе онҳо ҳаёти хушбахтонаи одами бомаданияти муосир амалӣ намешавад, дарк карда шавад.

2. Дар хонандагон мавҷуд будани чунин мавқеи ҳаётӣ, ки дар он вайроншавӣ ҳамчун захираҳои шахсиятии “Ман” ва ҳам захираҳои ҷаҳони атроф ба амал наояд.

3. Дар хонандагон мавҷуд будани идеали одами шоиста, ки аз рӯйи принсипҳои некӣ, зебоӣ ва адолат зиндагӣ мекунад.

Омилҳои болоиро дар раванди таҳсилот истифода бурдан мумкин аст, асоси онҳоро арзишҳое, ки бо маданияти умумиҷаҳонӣ ва маданияти этникии миллӣ алоқаманд мебошанд, ташкил медиҳад.

Чуноне ки олим В.А. Блюмкин қайд мекунад: “Якчанд қоида мавҷуд аст, ки дар раванди тарбия ҳангоми ташаккули шахсият онҳоро ба назар мегиранд:

- сатҳи ибтидоии ахлоқ, ки аз таваллуди кӯдак сар мешавад;

- сатҳи тамоюли кӯдак, асосан, ба танзими ахлоқии беруна, ки дар ботин мавҷуд аст ва ҳамчун ақидаи шахсӣ инкишоф меёбад;

- сатҳи худтанзимкунии ахлоқӣ, он ҳамчун ҳалли ихтиёрӣ амал мекунад” [8, с. 70].

Тарбияи сифатҳои шахсият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз тарафи коллективи муаллимон дар алоқамандӣ бо волидайн дар раванди таълиму тарбия амалӣ гардонида мешавад. Муносибати бошуурона ба воқеият, ваҷҳ, тамоюли арзишӣ – маънавӣ дар синну соли мактабӣ ташаккул меёбад ва ҳамаи

ҳаёти ояндаи одамро муайян мекунад. Дар ин бора И.Ю. Алексашина чунин қайд кардааст: "Наврасонро дигар ба хизмати ҷамъият тайёр намекунанд, балки кӯшиш мекунанд, ки дар онҳо масъулият барои тақдири ҷамъият, тайёр будан ба ёрӣ, қодир будан ба ҳамкориро ташаккул медиҳанд" [7, с.223].

Ба воситаи истифодаи технологияҳои нави таълим муаллим имконияти беҳамтои таъсир расонидан ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон, ҳавасмандгардонӣ ба ваҷҳи ботинӣ соҳиб мешавад. Гуфтан ҷоиз аст, ки натиҷаҳои шахсии хонандагон, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мегиранд, ба онҳо имконияти дар оянда давом додани таҳсилот, ҳалли масъалаҳои нави то ҳол номаълум, кор кардан барои инкишофи устуворро медиҳад. "Инкишофи бачагонро дар фаъолона дохил шудани онҳо ба фаъолият, бо истифодаи технологияҳои маърифатии интерактивӣ, ки имрӯзҳо ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти зеҳнии шахсият, ҳамчун воситаи инкишофи тафаккури низомманди бачагон, ки яке аз масъалаҳои асосии дар назди муаллим дар раванди таълим гузошташуда ба ҳисоб меравад, таъмин кардан мумкин аст" [9, с. 91].

Ҳамин тариқ, ташаккул ва тарбияи шахсият дар як амал сурат намегирад, балки ҳамчун як ҳаракате, ки бо сабабҳо ба амал омада, марҳилаҳои худро тай намуда, дорои суръати худ, таърихи худ мебошад, ба тариқи мурофиавӣ идома меёбад. Ин ҳаракат дарозмуддат аст. Он дар ҳоле мавҷуд аст, ки дар шахс тағйирот ба амал ояд. Ташаккули шахсият дар ниҳоят, роҳи мавҷудияти шахс дар муомилаи ӯ бо ҷаҳони иҷтимоӣ, вақте ки вай бо дигар хонандагон муоширaт мекунад, фикри худро дар бораи ҳалли мушкилот баён мекунад, ҷараёни ҳалли масъаларо дарк мекунад, аҳамияти баъзе чизҳоро арзёбӣ мекунад, ба амал меояд.

Дар натиҷаи чунин омӯзиши шахсияти хонандагон, омӯзгор метавонад комилан дуруст ва оқилона муқаррар намояд, ки дар самти минбаъдаи ташаккули шахсияти ҳар як хонанда корҳои тарбиявӣ дар кадом самт гузаронида шаванд, кадом ҷанбаҳо ва хислатҳои шахсияти хонанда мустаҳкам ва инкишоф ёбанд ва кадомашро бояд тағйир дод. Ин чунин маъно дорад, ки ташаккул ва рушди хонанда ҳамчун як шахсе, ки дорои сифатҳои муфиди барои ҳаёти ҷомеа зарурӣ мебошад, вазифаи асосии тарбия мебошад. Ҳадафи тарбия ҳалли масъалаҳои зеринро дар назар дорад [12, с.22]: тарбияи ғоявӣ, тарбияи миллӣ, тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, тарбияи ватанпарастӣ, тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ, тарбияи маърифат, тарбияи ҳуқуқӣ, тарбияи гуманистӣ, тарбияи зебопарастӣ, тарбияи меҳнатӣ ва касбинтихобкунӣ, тарбияи иқтисодӣ, тарбияи экологӣ, тарбияи сиёсӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи тафаккури интиқодӣ, тарбияи таҳаммул ва тоқатпазирӣ, тарбияи масъулиятшиносӣ, тарбияи ҳаёти солим.

Таълим бо тарбия пайванди ногусастанӣ дорад ва воситаи тарбияи хонандагон мебошад. Пас, технология (таълими меҳнат), масалан, дар ташаккули руҳияи меҳнатдӯстӣ, дақиқӣ ва рушди тафаккури мантиқӣ саҳм мегирад.

"Тарбия – 1) низоми махсус ташкил кардашудаи фаъолият аз рӯйи таҳвили таҷрибаи иҷтимоӣ аз насл ба насл ва принсипҳои рафтори иҷтимоии одам; 2) фаъолияти мақсадноки махсус ташкил карда шуда аз рӯйи дар бачагон ташаккул додани сифатҳои маънавӣ – ирода, ақида, эътиқод, тасаввуроти маънавӣ, одатҳо

ва қоидаҳои рафтор; 3) фаъолияти мақсадноки омӯзгори касбӣ аз рӯйи дохил кардани тарбиягирандагон ба муносибати корӣ ва байнишахсӣ, бозӣ, фаъолияти таълимӣ ва касбӣ ва дигар намудҳои муносибатҳои иҷтимоӣ, ки онҳо ба ташаккули муносибатҳои арзишӣ ба воқеияти атроф мусоидат мекунанд" [14, с.496].

Т.А. Илина дар китоби худ "Педагогика" чор сатҳи маънои асосии тафсири тарбияро ҷудо кардааст:

"1. Тарбия дар маънои васеи иҷтимоӣ – зуҳуроти иҷтимоии васеъ, ки ба одам ҳамаи қувваҳои тарбиявии ҷамъият ва воқеияти атрофи он таъсир мерасонад.

2. Тарбия дар маънои васеи педагогӣ тарбияи мақсадноки ташкилшуда, ки таълим ва тарбия, яъне ҳамаи раванди таълиму тарбияро фаро мегирад.

3. Тарбия дар маънои маҳдуди педагогӣ, вақте ки зери мафҳуми тарбия кори махсуси тарбиявӣ, ки ба ташаккули низоми сифатҳои муайян, ақидаҳо ва эътиқоди хонандагон нигаронида шудааст, фаҳмида мешавад.

4. Тарбия дар маънои педагогии боз ҳам маҳдудтар, вақте ки дар бораи ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ дар соҳаи аниқи ахлоқӣ, ақлӣ, меҳнатӣ, бадеӣ сухан меравад" [11, с. 201].

Дар раванди тарбияи хонандагон таҷрибаи ахлоқии бадастовардаи наслҳои калонсол интиқол дода мешавад, сифатҳои олии ахлоқӣ ташаккул меёбанд. Муаллим бо хонандагон дар бораи вазифа ва шаъну шараф, муносибат ба моликияти ҷамъиятӣ, дар бораи интизом ва меҳнатдӯстӣ суҳбатҳо мегузаронад, инчунин, дар бораи ирода, суботкорӣ, истодагарӣ дар расидан ба ҳадафи гузошташуда, дар бораи фарҳанги рафтор.

Яке аз хатогиҳои ҷиддӣ дар тарбия он аст, ки тарбиягиранда ҳамчун объекти таъсири педагогӣ баррасӣ карда мешавад. Муносибати гуманистӣ ба тарбия иштироки фаъолонаи худи хонандаро дар раванди тарбия пешбинӣ мекунад. Вай субъекти комилҳуқуқ аст, на объекти таъсири тарбиявӣ. Фаъолияти мақсадноки хонанда шарти зарурии раванди бомуваффақияти тарбия мебошад. Муаллим танҳо чунин фаъолиятҳоеро таълим медиҳад, ки хонандаро ба андеша водор мекунанд ва ӯ мустақилона қарорҳои масъул қабул мекунад.

Олими маъруфи рус И.П. Подласий чунин қайд кардааст: "Агар одам ба муҳите, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад мувофиқ шавад, ӯ тарбия ёфтааст" [15, с.38].

Дар раҳнамои фанни технология (таълими меҳнат) барои писарон синфҳои 5-6-7-8-9 дар ҳар як мавзуъ ташаккул додани чор салоҳият ба назар гирифта шудааст: салоҳияти истифода ва асосҳои коркарди мавод: баъзе воситаҳои технологияро ба таврӣ одӣ истифода бурда метавонад. Салоҳияти муносибати эҷодкорона дар меҳнат: дар доираи мавзуъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври одӣ эҷод карда метавонад. Салоҳияти интихоби касб: доир ба баъзе касбҳо маълумоти сода дода метавонад. Салоҳияти асосҳои тарбиявӣ: хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал ба таври одӣ татбиқ карда метавонад, инчунин ба ҳар як салоҳиятҳои дар боло зикр шуда нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ оварда шудааст, яъне дар ҳар як мавзуи фанни технология хонандагон аз як ё якчанд сифатҳои шахсият бархӯрдор мешаванд. Масалан, синфи 5. "Хусусиятҳои эстетикии маснуотро шарҳ дода, онро арзёбӣ карда

метавонад; дар раванди иҷрои кори амалӣ таҳаммулпазириро риоя карда метавонад; дар ҳаёти худ сарфа кардани барқро риоя карда метавонад ва ғайра” [1, с.20].

Синфи 6. “Ба сарфакорӣ дар раванди омодасозии масолеҳи чӯбу тахта риоя карда метавонад; ҳангоми иҷрои кори амалӣ назардиди хубро инкишоф дода метавонад; сифатҳои муҳимми касбӣ, яъне саҳеҳкорӣ ва фаросати механикиро ташаккул дода метавонад; аз ҷиҳати эстетикӣ маснуоти сохташударо арзёбӣ карда метавонад ва ғайра” [2, с.20].

Синфи 7. “Зеҳни худро инкишоф дода метавонад; муносибати эҷодӣ ба меҳнатро дар худ тарбия карда метавонад; мутобиқати ҳаракати худро барои кор кардан дар дастгоҳ инкишоф дода метавонад; бо асбобҳои буранда эҳтиёткорона муносибат карда метавонад ва ғайра” [3, с.20].

Синфи 8. “Ҳисси баланди масъулиятнокии худро инкишоф дода метавонад; худро дар руҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия карда метавонад; хусусиятҳои таҳлилии худро оид ба касбҳои гуногун инкишоф дода метавонад; қобилияти хуби муоширатро инкишоф дода метавонад ва ғайра” [4, с.18].

Синфи 9. “Муносибати эҳтиёткоранаи худро нисбат ба техника ташаккул дода метавонад; тафаккури мантиқӣ ва конструктивии худро инкишоф дода метавонад; сифатҳои озодакориро ташаккул дода метавонад; қобилиятҳои муоширатӣ ва ташкилотчигиро дар худ ташаккул дода метавонад ва ғайра” [5, с.20].

Синфи 10. “Ҳангоми гурӯҳбандии корхонаҳо бодиқатии худро инкишоф медиҳад; ғояҳои экологӣ ва маҳсулоти тозаи экологиро таҳлил намуда, тарбияи экологии худро инкишоф дода метавонад; Ҳисси масъулиятшиносии худро инкишоф дода метавонад ва ғайра” [6, с.17].

Омӯзгор дар вақти риоя кардани принсипҳои зерин ба ташакули шахсият дар раванди ташкили фаъолияти таълимӣ мусоидат мекунад:

- принсипи рушд (ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва фардияти хонандагон);

- принсипи фаъолияти худидоракунӣ (мақсад равиши ба фаъолият асосёфта мебошад, ки дар он хонандагон худро дар раванди таълим шарик ҳис мекунанд ва ғояҳои муаллимро онҳо комилан аз худ мекунанд);

- принсипи худтанзимкунӣ (ҳавасмандгардонии хонандагон барои ташкили ҷойи кор, банақшагирии корҳо барои иҷрои супориши таълимӣ, худтанзимкуниро пешбинӣ мекунад).

Дар раванди татбиқи ин технология, фаъолияти хонандагонро ба тартиб надароварда, раванди таълимро тавре ташкил кардан лозим аст, ки он унсурҳои эҷодкориро дар бар гирад, ки омезиш, монанд будан, ҳаматарафа будан ва тағйирёбии тасодуфиро таъмин кунанд. Фаъолияти эҷодии хонандагонро тавассути интихоби бомуваффақияти вазифаҳои эҷодӣ, истифодаи лаҳзаҳои бозӣ ба даст овардан мумкин аст. Рушди фаъолияти пурмаҳсули хонандагон бо истифода аз чунин нақшаи технологии дарс мусоидат мекунад: дар марҳилаи омодагӣ муаллим маводро ба блокҳо тақсим мекунад, барои ҳар як блок 4-5 саволи асосии проблемавӣ омода мекунад ва барои ҳар як савол – конспекти асосӣ

(на бештар аз як саҳифа). Ҳар як конспект, чун қоида, 3-4 калима - мафҳумҳои калидии ин технологияро дар бар мегирад. Дарс бо пурсиши рейтингӣ (дар асоси мафҳумҳои нав) оғоз меёбад, ки панҷ дақиқа давом мекунад. Ҷавоб аз рӯйи низоми панҷбаллӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Холҳои максималӣ ҳангоми гузаронидани чунин пурсиш – 25. Ҷавобҳо бояд фаврӣ, кӯтоҳ бошанд. Барои аз худ кардани маводи як блок баҳо дода мешавад. Ҳар як дарс чунин сохт дорад:

1) рейтинги оғоз (5 дақ);

2) эълони мавзуъ, ҳадаф, нақшаи дарс;

3) пешниҳоди хонандагон ба конспектҳои пойгоҳӣ, ки дар гурӯҳҳо омӯхта мешаванд (10 дақ);

4) муҳокима дар бораи мундариҷаи омӯхташуда бо ёрии конспектҳои пойгоҳӣ, мафҳумҳои асосӣ (20 дақ);

5) кори мустақилона оид ба мавзуъ (дар вақти боқимонда).

Ҳамин тавр, ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) бо мақсади тарбияи шахсият аз рӯйи чунин технология ба ҳар як хонанда имконияти мустақилона кор кардан, соҳиб шудан ба методҳои фаъолияти ақлӣ ва сифатҳои шахсиро медиҳад. Таъмини чунин фаъолияти таълимии хонандагон ба муаллиме, ки ба ҷустуҷӯи эҷодӣ, тарзҳои фаъолноккунии фаъолияти маърифатии хонандагон тамоюл дорад, муяссар мегардад.

**Муқарриз:Исломов О.А.- д.и.п., профессори ДДХ ба номи академик Б .Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Азизов А.А. Пособие по технологии (трудовое обучение мальчиков), 5 класс. Для учителей общеобразовательных учреждений / А.А. Азизов, Ш.Ю. Азизов. – Душанбе: Просвещение, 2017. – 144 с.
2. Азизов А.А. Пособие по технологии (трудовое обучение мальчиков), 6 класс. Для учителей общеобразовательных учреждений / А.А. Азизов, Ш.Ю. Азизов. – Душанбе: Просвещение, 2017. – 168 с.
3. Азизов А.А. Пособие по технологии (трудовое обучение мальчиков), 7 класс. Для учителей общеобразовательных учреждений / А.А. Азизов, Ш.Ю. Азизов. – Душанбе: Просвещение, 2017 – 160 с.
4. Азизов А.А. Пособие по технологии (трудовое обучение мальчиков), 8 класс. Для учителей общеобразовательных учреждений / А.А. Азизов, Ш.Ю. Азизов. – Душанбе: Просвещение, 2017. – 160 с.
5. Азизов А.А. Пособие по технологии (трудовое обучение мальчиков), 9 класс. Для учителей общеобразовательных учреждений / А.А. Азизов, Ш.Ю. Азизов. – Душанбе: Просвещение, 2017. – 180 с.
6. Азизов А.А. Пособие по технологии (трудовое обучение мальчиков), 10 класс.Для учителей общеобразовательных учреждений / А.А. Азизов, М.Д. Рузиева, Ш.Ю. Азизов. – Душанбе: Просвещение, 2017 – 136 с.
7. Алексашина И.Ю. Педагогическая идея: происхождение смысла, воплощение: Практическая методика решения педагогических задач / И.Ю. Алексашина. - СПб.: СпецЛит., 2000. - 223 с.
8. Блюмкин В.А. Этика и жизнь / В.А. Блюмкин. - М.: Политиздат, 1987. - 111 с.
9. Вершловский С.Г. Непрерывное образование: Историко-теоретический анализ явления: монография / С.Г. Вершловский. — СПб.: СПб АППО, 2008. — 155 с.
10. Виненко В.Г. Общие принципы педагогики: Учебник / В.Г. Виненко. — М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2010. — 300 с.
11. Ильина Т.А. Педагогика. Лекционный курс / Т.А. Ильина. — М.: Просвещение, 1984. — 496 с.
12. Национальная концепция образования в Республике Таджикистан от 3 марта 2006 г. № 94. – Душанбе, 2006. – 22 с.
13. Маркс. К., Энгельс Ф., Соч. 2-е изд. Т. 1. - 242 с.

14. Педагогика: учебник для студ. высших учеб. учреждений / П.И. Подкасистый, В.И. Беляев, В.А. Мижериков, Т.А. Юзефавичус. Под ред. ПИ. Пидкасистого. –М.: Издательский центр «Академия», 2010. – 512 с.
15. Подляский ИП Педагогика: учебник / ИП Подлясы. - 2-е изд., доп. –М: Издательство Юрайт; Высшее образование, 2010. – 574 с.
16. Щуркова Н.Е. Образование: Новый взгляд на позицию культуры / Н.Е. Щуркова. - М.: Наука, 1997. - 77 с.

## ТАРБИЯИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлолу ҳуқуқбунёд дар ибтидои давраи эҳёи миллат, анъана ва арзишҳои маънавии волои он қарор дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маорифро дар сиёсати худ самти асосӣ ва дурнамо эълон дошта, ба тарбияи ҳаматарафаи насли наврас эътибори ҷиддӣ медиҳад. Тарбияи ҳаматарафаи насли наврас ҷузъи муҳимтарини консепсияи миллии тарбия на фақат аҳамияти умумимиллӣ, инчунин аҳамияти сиёсӣ – байналхалқӣ дорад ва аз ин сабаб дар мақолаи мазкур ҷойгоҳи алоҳидаро касб кардааст. Дар назарияи тарбия ҷиҳати идораи раванди рушд ва ташаккули шахсияти хонанда муносибатҳои мухталиф мавҷуданд: фаъолӣ, хусусӣ ё шахсӣ муносибат тавассути муҳит, яъне машғулиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) ва ғайра. Аммо воқеаҳои ҳаёти муосир муаллимонро водор месозанд, ки дар мавриди тарбияи хонандагон ва амалисозии муносибатҳои фавқуззикр аҳамияти фанҳои мухталифро ба инобат гиранд. Ҳамин тавр, дар мақола роҳнамои фанни технология (таълими меҳнат), ки дар ҳар як мавзӯъ ташаккул додани салоҳияти тарбиявӣ ба назар гирифта шудааст, таҳлил карда шудааст ва аз суханони муҳаққиқони соҳаи педагогика доир ба мафҳуми тарбия ва шахсият иқтибосҳо оварда шудаанд. Пас масъалаи тарбияи шахсият ба масъалаи ташкили фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонандагон пурра мувофиқат мекунад. Татбиқи амалии он талаботи синнусолии хонандагонро ҷиҳати шинохти худ, муошırати баробар бо дигарон, эҳсоси камолоти хеш ва дарки мавқеи худ дар зиндагӣ қонеъ месозад.

**Калидвожаҳо:** таълимӣ-маърифатӣ, тарбияи шахсият, худидоракунӣ, қобилият, сифат, унсур, хонанда, ахлоқ, таҷрибаи иҷтимоӣ, принсип, тарбияи иқтисодӣ, тарбияи экологӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи тафаккури интиқодӣ, тарбияи таҳаммулпазирӣ, тарбияи сиёсӣ.

## ВОСПИТАНИЕ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ТЕХНОЛОГИИ (ТРУДОВОЕ ОБУЧЕНИЕ)

Республика Таджикистан как независимое и правовое государство находится в начале возрождения нации, её традиций и высших духовных ценностей. Она провозглашает образование главным направлением и перспективой своей политики и уделяет большое внимание всестороннему воспитанию подрастающего поколения. Всестороннее образование подрастающего поколения является важнейшей составляющей национальной концепции образования не только государственного, но и политического и международного значения, поэтому занимает особое место в данной статье.В теории образования существуют разные подходы к управлению процессом развития и формирования личности студента: активные, частные или личные отношения через среду, т.е. технологии (трудовое воспитание), системные и так далее. Однако события современной жизни побуждают учителей учитывать важность различных дисциплин в обучении учеников и реализации вышеупомянутых взаимосвязей.Таким образом, в статье анализируются методические рекомендации по предмету технологии (трудовое воспитание), в которых учитывается формирование образовательной компетенции по каждому предмету, и приводятся цитаты из высказываний исследователей в области педагогики о понятии воспитания личности. Поэтому вопрос личностного развития полностью соответствует вопросу организации совместной деятельности учителей и учеников. Его практическая реализация удовлетворяет возрастные потребности учащихся в самопознании, равноправном общении с другими, чувстве зрелости и понимании своей жизненной позиции.

**Ключевые слова:** воспитание, развитие личности, самоуправление, способность, качество, стихия, ученик, этика, социальный опыт, принцип, экономическое воспитание, экологическое воспитание, физическое воспитание, воспитание критического мышления, воспитание толерантности, политическое воспитание

**UPBRINGING OF STUDENTS IN THE PROCESS OF TECHNOLOGY TEACHING (LABOUR UPBRINGING)**

The Republic of Tajikistan as an independent and law – abiding state is at the inception of nation's rebirth, revival of traditions and supreme spiritual values. It proclaims education as a main streamline and perspective of stately policy paying great attention to versatile upbringing of the growing generation. The former is the most important constituent of the national conception of education; the latter being not only of stately importance, but of political and international ones either; therefore, upbringing occupies an especial place in the given article. There exist different approaches to words the management with the process of formation of an individual being a student in the theory of education: active, private or personal relations through environment, i.e., technologies (labour upbringing), systemic ones and etc. However, the events of today's life incur teachers to take into account an importance of different disciplines in tuition of pupils and realization of above mentioned interrelations.Thus, methodical recommendations on the subject of technologies (labour upbringing) are analyzed in the article, formation of educational competence on each subject being taken into consideration; citations are adduced from the utterances of researchers working in the field of pedagogics concerning the nation of upbringing of an individual.Thereby, the issue of individual development fully responds to organization of joint activity carried out by teachers and students. Its practical implementation is in conformity with pupils age needs as to scef-cognition, communication with others on equal footing, sense of maturity and comprehension of his/her life position.

**Key words:** education, personal development, self-government, ability, quality, element, student, ethics, social experience, principle, economic education, environmental education, physical education, critical thinking education, tolerance education, political education

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик. Б.Ғафуров, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: **azizovsher@bk.ru**., Телефон: **(+992)(92-747-41-15**

***Умаров Абдуқаҳҳор Насимҷонович*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, докторанти (Ph.D) курси 1 ихтисоси 6D-010700 санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ . **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Телефон: **(+992) 92-997-55-65.**

**Сведение об авторах:** ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович***- Худжандский государственный университет имени акад. Б. Гафурова, доктор педагогических наук, профессор кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **azizovsher@bk.ru**., Телефон: **(+992)(92-747-41-15**

***Умаров Абдукаххор Насимджонович***- Худжандский государственный университет имени акад. Б. Гафурова, докторант (PhD) 1-го курса по специальности 6D-010700 изобразительное искусство и черчение. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. Телефон: **(+992) 92-997-55-65.**

**Information about the authors:** ***Azizov Abdulatif Abdukhalimovich*** - «Khujand State University named after academician B. Gafurov»**,** Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Technology and Methods of its Teaching.E-mail**: azizovsher@bk.ru.,** Phone**: (92-747-41-15)**

***Umarov Abduqahor Nasimjonovich***- «Khujand State University named after academician B. Gafurov»**,** 1st year doctoral student (PhD) in the specialty 6D-010700 fine arts and drawing **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1 Phone**: (+992) 92-997-55-65.**

УДК: 377, 37.06

# МАФҲУМИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ – МАЪРИФАТӢ ДАР САРЧАШМАҲОИ ФАЛСАФӢ, ПСИХОЛОГӢ ВА ПЕДАГОГӢ

*Маҷидов Ҳамид, Афизов Сӯҳроб*
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Тибқи адабиёти илмӣ дар самти психологию педагогӣ маҷмуи мафҳумҳое истифода мешаванд, ки фаъолияти ҳам хонандагон ва ҳам донишҷӯёнро дар раванди гирифтани маълумот ифода мекунанд. Ҳамчун натиҷа ба онҳо мафҳумҳои зеринро дохил кардан мумкин аст: «таҳсил», «фаъолияти таълимӣ», «фаъолияти маърифатӣ», «ҳавасмандгардонӣ», «фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ» ва ғайра. Истилоҳи асосӣ дар мафҳумҳои ишорагардида «фаъолият» мебошад. А.Н. Леонтева ва С.Л. Рубинштейн истилоҳи «фаъолият»-ро ҳамчун мавзуи омӯзиш дар ҷанбаи таърихӣ тавзеҳ додаанд.

С.Л. Рубинштейн дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки «руҳи инсон дар ҷараёни фаъолияти ӯ ташаккул меёбад. Дар баробари ин шарти асосии инкишофи сифатҳои равонии шахс «фаъолият»-и ӯ мебошад. Ҷузъи асосӣ дар мавҷудияти вобастагии байни фаъолият ва ташаккули шахсият ба маънои назариявӣ омӯзиши истилоҳи «фаъолият» мебошад. Бояд қайд кард, ки ин пояи асосӣ аст. Метавон гуфт, ки дар марҳилаи муайян намудани хусусиятҳои равонии шахсияти кудак тағйироти асосӣ ба амал меояд ва ташаккули равонии ӯ фаъолияти иҷромекардаи ӯро муайян мекунад» [15, с.147].

Ҷараёнҳои психологиеро қайд кардан лозим аст, ки тавассути фаҳмиш, шавқу ҳавас, хаёл, хотира, нутқ, тафаккур ифода ёфта, унсури асосии фаъолияти инсон мебошанд.

Каган М.С. ва Шукина Г.И. далел меоранд, ки: «фаъолият, ин кор, бозӣ, таълим аст, ки дар асл як ба як не, балки якҷоя амалӣ гардида, ба ҳар кас ато карда, ба ҳамдигар таъсир расонида бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунад» [19, с.45].

Фаъолияти маърифатиро ба таври дигар тавсиф кардан мумкин аст. Онро инчунин фаъолияти "гностикӣ" ё "когнитивӣ" меноманд. Дар психологияи амрикоӣ самти муҳим, ки онро «психологияи когнитивӣ низ меноманд, ҳамин тавр амалӣ карда мешавад. Ин самт фаъолияти маърифатии шахсро дар асоси падидаҳои шабеҳе, ки дар кори системаҳои худтанзимкунӣ вуҷуд доранд, меомӯзад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти маърифатӣ бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти таълимии донишҷӯён мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Дар омӯзиши ин масъала корҳои тадқиқотии олимон М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, С. Сулаймонӣ, И.Х. Каримов, К.Б. Қодиров ва бисёр дигарон саҳми калон гузоштанд.

Фаъолияти маърифатӣ ба мисли дигар намудҳои фаъолият дорои сабаб ва мақсадҳои ба худ хос мебошад, зарурати омӯзиши муҳити беруна баъдан системаи мураккаби шавқмандии маърифатиро инкишоф медиҳад, ки шавқи асосии он шахсро ба дарки олами атроф водор месозад ва чун қоида, дар омӯзиши муҳити берунӣ зарур аст.

Ҳолатҳои стрессӣ манбаи асосии фаъолияти маърифатӣ мебошанд, вақте ки онҳо дар ҳаёти ҳар як шахс пайдо мешаванд. Барои ҳалли дурусти масъала одам бояд чизи нав, номаълум, дар худ ниҳон доштаро дарк кунад ва роҳҳои ҳалро барои раҳоӣ аз ин вазъият ёбад. Маълум мешавад, ки мақсади фаъолияти маърифатӣ ба даст овардани мавод дар бораи чизи нав, кашф кардани робитаи байниҳамдигарӣ бо усулҳои маълум ва дар баробари ин пайдо кардани роҳу воситаҳои нави ҳалли масъала мебошад.

Маълум аст, ки омӯзиши чизи нав, ношинос, амали мураккаб ва душвор буда, пурзӯр намудани меҳнати ақлонӣ, бодиққатиро дар ташаккули стратегияҳо, лоиҳаҳо ва усулҳои нави ҳосил кардан ва коркарди маълумот талаб мекунад. Таҳқиқоти Ҷ. Брунер се намуди асосии стратегияҳоеро нишон дод, ки дар рафти донистан истифода мешаванд:

- Стратегияи қабули мавод ба муайян намудани хусусиятҳои хосси синфи предметҳо нигаронида шуда, падидаи нав ба онҳо тааллуқ дорад.

- Стратегияи шинохтан ба коркарди манбаъҳои иттилоотии ба ҳам монанд нигаронида шудааст. Одатан, коркарди ду вазъият ба натиҷаи мусбӣ оварда мерасонад. Коркарди нодуруст аксар вақт ба нокомӣ оварда мерасонад.

- Стратегияи тамаркуз ба интихоби фарзияи дурусттарин, мукаммалтарин нигаронида шуда, падидаи бештар шинохташударо тавзеҳ медиҳад.

Дар ҷараёни сарфаҳм рафтан одам мазмуни фаъолияти маърифатиро аз худ намуда, ҳама чизро бо «дониш» шарт мекунад. Дониш ин иттилоотест, ки тавассути равандҳои маърифатӣ дар бораи воқеияти атроф ва ҷаҳони ботинии инсон ба даст оварда шуда коркард мешавад.

Дар рафти омӯзиш шахс донишро дар шакли тасвир (тасаввур, фикр, идея, назария, консепсия, фарзия, лоиҳа ва ғайра) ба даст меорад. Фаъолияти маърифатӣ бо кумаки ҳамаи намуди объектҳо (равандҳои ҳиссӣ, даркӣ ва зеҳнӣ) амалӣ мегардад.

Тасвирҳо – нусхаҳои ламсии объектҳои даркшаванда мебошанд.

Тасаввуротҳо –шаклҳои умумӣ мебошанд, ки бо иштироки хотира ва тахайюл ба вуҷуд омадаанд.

Андешаҳо – робитаҳои дутарафа бо донишҳои умумӣ ва абстрактӣ дар бораи ашё ва падидаҳо мебошанд.

Назария – ин пайдоиши ҳама гуна ашё ва падидаҳо бо системаи тасдиқ буда, мавҷудияти онҳоро шарҳ медиҳад.

Барои фалсафа омӯзиши воқеияти атроф аз ҷониби шахс муҳимтарин масъалаи ҷаҳонбинӣ мебошад.

Масъалаи дарк намудани олам масъалаи дар шуури инсон имкони инъикоси дақиқ ва пурраи ҷаҳон, тамоюлу фаъолияти ӯ дар олам аст.

Дониш – дараҷаи олии маълумот дар бораи ҷаҳон аст, ки шахс тавассути шуур ба даст меорад. Бе дониш тасвири ҷаҳонро ташаккул додан ғайриимкон аст.

Моҳияти муносибати маърифатии инсон ба олам аз ҷустуҷӯи фаъолонаю равонашуда ва аз худ намудани дониш аз ҷониби ӯ иборат аст. Бахши фалсафа, ки душвориҳои маърифатро тавсиф мекунад, гносеология ё назарияи маърифат номида мешавад.

Асосҳои гносеология ҳанӯз дар фалсафаи қадим ташаккул ёфта буданд. Маърифат ҳамчун раванди махсус баррасӣ мешуд. Демокрит донишро ба «торик»

(ҳиссӣ) ва «ҳақиқӣ» (ақлӣ) ҷудо кардааст. Ба фикри ӯ, он чи ки бо таҷриба собит ва санҷида шудааст, ба дониши ҳақиқӣ мансуб аст. Аммо на ҳама ба дониши ҳақиқӣ, балки танҳо донишманд омада метавонад [14; с.47].

Суқрот дар бораи усулҳои ба даст овардани дониши ҳақиқӣ сухан меронд. Аз онҳо асосиаш диалектика, ҳамчун санъати бурдани баҳс, мебошад [14; с.54].

Дар асрҳои миёна кӯшишҳои асосии гносеология ба исботи мавҷудияти Худо ҳамчун омили олии ҳама чиз нигаронида шуда буданд. Ақл дар зери эътиқод аст. Аз ин ҷо шиори мазкур бармеояд – «Донистан, то ба ҳастии Худо бовар кардан аст» [16, с.28].

Дар давраи Таҷаддуд маърифат ҳамчун раванди доимӣ фаҳмида мешуд.

Дар фалсафаи замони нав таваҷҷуҳ ба масъалаҳои гносеология афзуд. Ин ба инқилоби саноатӣ вобаста аст ва фалсафаи олмонӣ масъалаи маҳорат ва қобилиятҳои маърифатии инсонро муайян кардааст. Инро Кант анҷом додааст. Ба ақидаи ӯ, одам танҳо олами ҳодисаҳоро дарк карда метавонад, олами воқеият бошад, даркнопазир аст. Марксизм ба даркшавадагии ҷаҳон мутмаин аст. Маърифат бо амалия алоқаманд аст, илова бар ин, ҷаҳонро на танҳо донистан, балки азнавсозӣ кардан мумкин аст.

Дар таърихи фалсафа чунин равияе бо номи агностисизм пайдо шуд, ки намояндагони он ба сарфаҳм рафтани ҷаҳон шубҳа мекарданд ё онро рад мекарданд. Намояндагони он худи рафти маърифатро рад накарданд, вале боварӣ ҳосил карданд, ки он бо қобилиятҳои маърифатии инсон маҳдуд аст.

Таҳлили омӯзиши раванди фаъолияти маърифатӣ нишон медиҳад, ки пайдоиш ва истифодабарии амалиёти гностикӣ ба ду синф ҷудо мешавад:

- амалиёти гностикии беруна;
- амалиёти гностикии дохилӣ.

Амал ба узвҳои эҳсос бевосита ба самти амалҳои гностикии беруна вобаста буда, ба муайянкунӣ дар омӯзиши ашё ва ҳодисаҳо такя мекунад. Таъсири гностикӣ дар раванди таъсири ашёи беруна ба ҳиссиёт зоҳир мешавад. Ҷустуҷӯ, гузоштан, муайян кардан ва пайгирӣ кардани шаклҳо зуҳуроти амалҳои гностикии беруна мебошанд, ки ба узвҳои эҳсос тааллуқ доранд:

- шаклҳои ҷустуҷӯ барои муайян кардани предмети матлуб нигаронида шудаанд;
- шаклҳои дастурӣ барои муайян кардани ҳадафи зарурӣ аз шумораи объектҳои мавҷуда;
- шаклҳои қайдкунӣ барои ошкор кардани сифатҳо ва хосиятҳое, ки аз дигар объектҳо фарқ мекунанд, равона карда шудаанд;
- шаклҳои пайгирӣ барои ба даст овардани иттилооти зарурӣ дар равандҳои ҳамсоя, ки дар дилхоҳ объект рух медиҳанд, равона карда шудаанд.

Нуқтаи ниҳоии шаклҳои дар боло тавсифшуда равандҳои маърифатии ламсӣ мебошанд: ҳиссиёт ва идрок, ки хосиятҳои воқеии ҳам муҳити беруна ва ҳам дохилӣ ва ҳам дар маҷмуъ объектҳои алоҳидаро инъикос мекунанд.

Асоси амалҳои гностикӣ мафҳумҳо ва образҳо мебошанд, ки дар натиҷаи таъсири шаклҳои берунӣ дар ҳар марҳилаи маърифатӣ ба даст омадаанд. Минбаъд, зуҳуроти шаклҳои берунӣ барои чунин ҷараёнҳои зеҳнӣ, ба монанди «тафаккур», «тахайюл», «хотира» ҳамчун асос хизмат мекунанд.

Хотира таассурот ва тасвирҳоро қайд мекунад, онҳоро барои як муддати муайян мустаҳкам намуда, дар давраи зарурӣ инъикос мекунад. Хотира ба одам кумак мекунад, ки маҳорати махсусро ҷамъ кунад ва онро дар ҷараёни рафтору кор истифода барад. Вазифаи маърифатии хотира бо ёрии амалҳои математикӣ истифода мешавад, ки ба муайян кардани робитаи байни иттилооти нав гирифташуда ва қаблан азхудшуда нигаронида шудааст. Ва инчунин барои қайд кардан ва иҷрои он.

Тахайюл имкон фароҳам меорад тасвири предмету ҳодисаҳои даркшаванда тағйир дода шавад ва ташаккули мафҳумҳои навро дар бораи чунин предметҳое, ки барои одам дастнорасанд ва ё дар айни замон тамоман мавҷуд нестанд, таъмин намояд. Одам бо ёрии тахайюл қобилияти дарк кардани оянда, пешгӯии амали худ, нақшаи корӣ тартиб додан ва дар назар доштани натиҷаи онро дорад. Тасавվуроти тахайюл дар асоси иҷрои амалиёти такрорӣ пайдо мешавад, ки ба ҷудо кардани тасвирҳои дар хотира нигоҳ дошташуда, ба ҳам пайвастани унсурҳои гуногуни онҳо, мушобеҳ кардани баъзе тасвирҳо бо дигарон ва аз ҳад зиёд ё кам кардани онҳо нигаронида шудааст.

Тафаккур имкон медиҳад, ки аз воқеияти бо эҳсос даркшуда гузашта, фаъолияти маърифатиро ҷамъбаст намуда, моҳияти предметҳо ва чунин ашёву падидаҳое, ки берун аз ҳудуди ҳиссиёт ва тасаввурот ба вуҷуд меоянд, дарк кунем. Маҳсули тафаккур фикрҳое мебошанд, ки дар шакли мафҳумҳо, мулоҳизаҳо ва хулосаҳо мавҷуданд. Идеяи нав дар натиҷаи иҷрои амалиёти зеҳнӣ ба вуҷуд меояд, ки бо ёрии онҳо предметҳо ва ҳодисаҳоро муқоиса карда, аломатҳои умумӣ ва муҳимтарини онҳоро нишон дода, дар асоси онҳо предметҳои даркшаванда тасниф ва ба низом дароварда шаванд.

Дар раванди маърифат ҳаракати ғояҳо дар шуури субъект аз нодонӣ ба дониш, аз дониши паст ба мутлақ, аз донише, ки хусусиятҳои берунии ашёро инъикос мекунад, то дониш дар бораи моҳияти онҳо, аз дониши нодуруст ба ҳақиқӣ, дуруст инъикоскунандаи дунё ба вуҷуд меояд.

Тадқиқот нишон медиҳанд, ки равандҳои эҳсосӣ ва зеҳнӣ пайваста бо ҳам алоқамананд. Хусусиятҳои хосси равандҳои маърифатии ҳассосии мавҷудбуда, барои фароҳам овардани шароите, ки дар он равандҳои ақлӣ амалӣ мешаванд, маводи муайян мебошанд. Равандҳои ақлии матлуб барои шахс имконият фароҳам меоранд, ки онҳоро дарк кунад. Дар ниҳоят, фаъолияти маърифатии инсон дар асоси дарк кардан сурат мегирад, ки онҳоро дар раванди умумии маърифатӣ муттаҳид мекунад.

Фаъолияти маърифатӣ ҳамкории мутақобилаи ҳамаи ин омилҳо ва ҷузъҳо мебошад, то дар ҳамбастагӣ бо забон ва нутқ заминаеро барои инкишофи шуур фароҳам оварад. Одам бо истифода аз калимаҳо метавонад нишон диҳад, ки чӣ гуна эҳсосотро аз сар мегузаронад, инчунин, раванди дарк кардан ва хотираро нишон диҳад. Илова бар ин, он рафтори раванди тафаккурро нишон медиҳад. Бо ёрии маҷмуи ин қисматҳо шахс имкони дарки воқеияти мавҷуда ва ғайр аз ин, қобилияти идоракунии фаъолияти худро дар соҳаи маърифат пайдо мекунад.

Ҷараёни маърифатро таҳқиқ намуда, маълум мегардад, ки ин раванди хеле мураккаб ва душвор буда, аз омилҳои зиёд вобаста аст, ҳалли мушкилоти зиёдеро тақозо мекунад, бо зарурати бартараф намудани монеаҳои бамиёномада

алоқаманд аст. Аз ин рӯ, барои ба даст овардани натиҷаҳо дар раванди маърифат саъю кӯшиши иродавӣ лозим аст. Аз ин бармеояд, ки гузаронидани кори маърифатӣ низ бо зуҳури саъю кӯшиши иродавӣ пешакӣ муайян карда мешавад. Ин, дар навбати худ,ба аҳамият ва нақши талошҳои иродавӣ дар танзими фаъолияти маърифатии шахс боис мегардад. Ирода имкон медиҳад, ки воситаҳои мавҷуда барои бартараф намудани мушкилоти бавуҷудоянда, ки бо раванди маърифат алоқаманданд, сафарбар карда шаванд.

Раванди маърифатӣ инчунин бо зуҳуроти эҳсосот ва идрок алоқаманд аст, ки тавассути онҳо эҳсоси бӯй, эҳсосоти мусбат ё манфӣ нисбат ба предметҳои муайян ба вуҷуд меояд. Мутаносибан, зуҳури эҳсос ба самаранокии хотира таъсир мерасонад.

Дар заминаи ин таҳқиқ қайд кардан муҳим аст, ки ҳиссиёт ба ҷараёни тафаккур низ таъсир мерасонад. Ин бо он алоқаманд аст, ки мушкилоте, ки дар раванди тафаккур ба миён меоянд, метавонад ба кори ақлонӣ ҳам таъсири манфӣ ва ҳам таъсири мусбат расонад. Мо шод мешавем, агар масъалаи зеҳниро бомуваффақият ҳал кунем, агар роҳи ҳалро наёбем, ғамгин мешавем. Чунин ҳаяҷон, ки дар шакли донишдӯстӣ, ҷустуҷӯӣ, эҳтимолият, дудилагӣ, эътиқод ва ҷашнвора зоҳир мешавад, дар алоқамандӣ бо дониши нав, ношинос пайдо мешавад, дар психология эҳсосоти зеҳнӣ меноманд. Маълум аст, ки Архимед чӣ тавр аз ҳалли масъалаи душвори мавҷудияти омехтаи нуқра дар тоҷи тиллоӣ шод шуда, бо нидои «эврика» ба назди подшоҳ шитофт, то ки ба вай ин хабарро расонад. Дар психологияи муосир самти махсусе мавҷуд аст, ки ба омӯзиши рафти ифшои чизи нав, ношинос, ки номи «эвристикӣ»-ро касб кардааст, машғул аст [18, с.75].

Дараҷаи имкониятҳои маърифатии шахс таъсирро ба натиҷаҳои имконпазири фаъолияти маърифати пешакӣ муайян мекунад. Мутаносибан, имкониятҳои маърифатӣ ба андозаи муайян пешниҳоди имконияти омӯхтану таҳқиқи моҳияти предмету ҳодисаҳо ва дар асоси ин аз худ намудани донишҳои нав ва қобилияти ҳалли вазифаҳои гузошташударо боис мегардад. Инчунин, усулу воситаҳои нави пешбурди фаъолият дар соҳаи зеҳнӣ аз худ карда мешаванд. Маҷмуи қобилиятҳои маърифатӣ аз хусусиятҳои зерин иборат аст: мнемоникӣ, ламсӣ, эҳсосӣ, репродуктивӣ, равонӣ ва лафзӣ.

Дар навбати худ, фаъолияти гностикӣ ба қобилиятҳои маърифатии мавҷуда асос ёфтааст, ки онро фаъол, равона ва танзим мекунанд. Дар натиҷаи амали қобилиятҳои маърифатӣ фаъолияти гностикӣ самараноктар мегардад. Маҳорати ламсӣ ба фаъолияти гностикӣ таъсири муҳим дорад, ки имкон медиҳад хусусиятҳо ва хосиятҳои таҳқиқшавандаи ашё ва падидаҳои омӯхташаванда бештар далелнок инъикос карда шаванд. Инчунин, малакаҳои эҳсосӣ имкон медиҳанд, ки ҳолати мавҷудаи муҳити беруна ва дохилӣ инъикос ёбанд.

Вазифаи қобилиятҳои ламсӣ аз имкони назорат кардани объект ва падидаҳои омӯхташаванда иборат мебошад. Бо кумаки қобилиятҳои ламсӣ, инчунин тағйироти хурдтаринро дар ҳолати кунунӣ ва фаъолияти онҳо метавон ошкор кард.

Дар навбати худ, қобилиятҳои мнемоникӣ ҳангоми анҷом додани фаъолияти гностикӣ имкон медиҳанд, ки таҳқиқоти мутлақ ва дақиқ дар ҷараёни ба даст овардани маълумот бо назардошти дастгирӣ ва татбиқи онҳо кафолат дода шавад.

Хусусияти фарққунандаи қобилияти репродуктивӣ қобилияти муайян кардани сохтори дохилӣ мебошад. Ғайр аз ин, муайян кардани деформатсияҳои (шаклдигаргуниҳои) имконпазире, ки дар сохти объекти тадқиқшаванда дар оянда ба амал омада метавонанд, муҳим аст.

Нақши қобилиятҳои зеҳнӣ дар амалисозии фаъолияти ирфонӣ (гностикӣ) аз маҳорати анҷом додани таҳқиқоти таъиншуда иборат мебошад. Минбаъд, дар асоси онҳо хулосаи зарурӣ баровардани ҳамон маълумоти маърифатие, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст оварда шудааст. Илова бар ин, қобилиятҳои зеҳнӣ имкон медиҳанд, ки тасвирҳо ва фикрҳоро барои баровардани хулосаҳои объективии назариявӣ ва амалӣ истифода баранд.

Вазифаи қобилиятҳои шифоҳӣ дар гузаронидани фаъолияти гностикӣ имкон медиҳад, ки объекту ҳодисаҳои таҳқиқшаванда аз ҷиҳати назариявӣ дуруст муайян карда шаванд. Он инчунин имкон медиҳад, ки хулосаҳои ниҳоӣ дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ таҳия гардида, фарзияҳо, мафҳумҳо ва постулатҳои назариявии мавҷуда объективӣ нишон дода шаванд, ки онҳо барои равшан кардани моҳияти матлуби он падидаҳои таҳқиқшаванда пешбинӣ шудаанд.

Акнун ба баррасии истилоҳоте, ки фаъолияти таълимиро шарҳ медиҳанд, мегузарем. Таҳлили адабиёти илмӣ оид ба ин мавзуъ ба В. Беликов имконият дод, ки истилоҳоти сершуморро таҳқиқ намуда, ба хулосае ояд, ки дар дидактикаи муосир мафҳумҳои «фаъолияти таълимӣ», «фаъолияти таълимию маърифатӣ», «фаъолияти маърифатӣ»-и донишҷӯён ба сифати муодил истифода мешаванд.

Дар баробари ин, омилҳои зеринро дар назар доштан лозим аст, ки ҳамаи ҷиҳатҳои фаъолияти таълимиро тавсиф мекунанд, имкон медиҳанд тамоми имкониятҳо муайян карда шаванд:

1) Самти асосии фаъолияти таълимӣ ин рӯоварӣ ба таҳияи маводи таълимию методӣ ва ҳалли масъалаҳои амалӣ аз рӯйи ихтисоси дилхоҳ мебошад.

2) Дар раванди амалигардонии фаъолияти таълимӣ бояд комплекси дахлдор аз худ карда шавад, ки принсипҳои умумии методологии амал ва таърифи илмӣ аз рӯйи ихтисосро дар бар мегирад.

3) Азхудкунии усулҳо ва амалҳои умумӣ, ки амалиёти барномавӣ мебошанд, барои дарёфти усули ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳо таъин шудаанд.

4) Дар асоси ташаккули ҳавасмандгардонии инкишофи саъю кӯшиши маърифатии донишҷӯён, фаъолияти таълимӣ бояд ба худомӯзӣ нигаронида шавад.

5) Фаъолияти таълимӣ инчунин бояд ба тағйир додани хонанда, аз ҷумла маҷмуи хусусиятҳои рухӣ ва шахсии ӯ вобаста ба самтҳои натиҷавии амали ӯ равона карда шавад.

Ҷанбаи дигари муҳимми фаъолияти таълимию маърифатӣ самти функсионалӣ мебошад, ки дар асоси асарҳои Г.И. Шукина аз он иборат аст, ки вай дар самтҳои зерини раванди таълим зоҳир мегардад:

1) Ба он равона карда шудааст, ки ба таълимгирандагон дониш, маҳорат ва малакаҳои мувофиқ ато кунад, ки дар фаъолияти минбаъдаи касбӣ заруранд.

2) Мусоидат намудан ба таҳияи чорабиниҳое, ки ба фароҳам овардани шароит барои тарбияи ҷаҳонбинии муосир ва хислатҳои ахлоқии донишҷӯён нигаронида шудааст.

3) Дар донишҷӯён мақсаднок ташаккул додани далелҳои зарурии маърифатӣ, шавқу рағбат ба таълими инфиродӣ тавассути баланд бардоштани фаъолнокӣ ва зуҳури шавқи маърифатӣ ба раванди таълим.

4) Муайян ва амалӣ кардани тадбирҳо оид ба баланд бардоштани қобилияти эҳтимолии донишҷӯён.

5) Таҳия ва ҷалб кардани донишҷӯён ба корҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодӣ.

Самти дигари муҳимми фаъолияти таълимию маърифатӣ ин тақсимоти ҷараёнҳои воридшавандаи маълумот оид ба барномаҳои таълимӣ мебошад, ки бояд ба истифодаи каналҳои шифоҳӣ ва визуалӣ равона карда шаванд. Ин каналҳо бояд ба ихтисосҳои муқарраршуда дар давраи минбаъдаи таҳсил мувофиқат намоянд. Ғайр аз ин, ба истифодаи бахшҳое, ки дорои миқдори зарурии иттилооти илмию идоракунӣ мебошанд, диққат додан лозим аст. Меъёрҳои баррасишавандаи таъмини фаъолияти таълимию маърифатӣ мавҷудияти имконияти муайяни пешбурди кори тарбиявиро дар сатҳи сифатии инкишоф ва татбиқи вазифаҳои таълимиро мутобиқи барномаи муқарраршуда муайян мекунад.

Чорабиниҳои гузаронидашуда имкон медиҳанд хулоса барорем, ки фаъолияти таълимию маърифатии пешниҳодшаванда ҳамчун маҷмуи амалҳои якхела дар маҷмуаи худ ягонагии мақсадро муайян намуда, ба амалигардонии амалии вазифаҳои қаблан муайяншудаи раванди таълим нигаронида шудааст.

Асоси пешбурди фаъолияти таълимию маърифатӣ ва муайянкунии ташаккули онро метавон чун «амали маърифатӣ» ном бурд. Истилоҳи «амали маърифатӣ» воҳиди сохтории мувофиқро муайян мекунад, ки онро метавон ҳамчун «амали маърифатии бошуурона, мақсаднок, самаранок анҷомёфта, ки одатан бо ҳалли масъалаи амалӣ алоқаманд аст», тасниф кард [1, с. 37].

Асосҳои мушаххаси ҳавасмандии фаъолияти донишҷӯро унсурҳои зерини фаъолият дар соҳаи таълимӣ ва маърифатӣ муайян мекунанд, ки ҳамчун марҳила ё зинаҳои омӯзиш ифода карда мешаванд:

Марҳилаи якум барои муайян кардан ва дарки чунин амалҳои таълимӣ, аз қабили аз ҷониби донишҷӯ аз худ кардани маълумот дар бораи муҳиммият ва аҳамияти масъалаи таҳқиқшаванда дар раванди фаъолияти таълимӣ пешбинӣ шудааст. Дар асоси чунин тарзи гузоштани саволҳо хоҳиши зоҳир кардани таваҷҷуҳ ба гузаронидани чорабиниҳо оид ба ташкил ва инкишофи маҷмуи воситаҳо барои рушди хоҳишҳои ҳавасмандгардонӣ барои ахзудкунии маҷмуи пешниҳодшудаи донишҳои додашаванда пайдо мешавад.

- Мақсади асосии давраи (марҳилаи) дуюм таҳлили самти мушаххаскунии саволҳои дар ҷараёни таълим ба миён гузошташуда мебошад, ки барои аз худ намудани усулҳои гузаронидани чорабиниҳои таълимӣ пешбинӣ шудаанд. Ғайр аз ин, муайян карда шудааст, ки асоси пешбурди фаъолияти таълимӣ ташаккули нуқтаҳои асосии тафаккури назариявӣ мебошад.

- Мақсади марҳилаи сеюм аз дарёфти усули муайян кардани

роҳи ҳал, яъне таҳияи стратегияи дастури ташкили фаъолияти мушаххас ва усулҳои фаъолияти он иборат аст.

- Мақсади марҳилаи чорум гузаронидани таҳлил мебошад, ки дар асоси он тағйири имконпазири тартиби амалҳои иҷрошаванда, тағйир додани усули дарёфти роҳи ҳалли масъала, кумак ба татбиқи фаъолияти маърифатӣ таҳия карда мешавад.

Ҳангоми гузаронидани фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ду омили муайянкунандаро ҷудо кардан мумкин аст. Якум, бо ҷанбаи замонӣ алоқаманд аст - он статикӣ ва динамикӣ мебошад. Омили дуюм, ба ҷанбаи идора алоқаманд аст ва он идорашаванда ва идоракунанда аст. Ҳамчунин, дар фаъолияти таълимию маърифатӣ муҳаққиқон донишро ҳамчун унсури тағйирёбанда (инвариантнӣ) ва маҳорату малакаҳоро ҳамчун унсури тағйирнаёбанда (вариантӣ) муайян мекунанд [17, с.12].

Бо назардошти он ки фаъолияти таълимию маърифатӣ раванди тағйирёбанда аст, чунин гурӯҳҳои омилҳо, ба монанди малакаю маҳорати маърифатӣ - назариявӣ, ориентатсионӣ ва маърифатӣ ҷудо карда мешаванд, ки дар таҳияи тартиби имконпазири амалҳои иҷрошаванда истифода мешаванд.

В статье особое внимание уделяется вопросам гуманизации образовательного процесса как необходимого фактора модернизации образования. Рассмотрен вопрос постановки целей во взаимосвязи с гуманизацией, а также определен круг задач, которые решает гуманизация образования. Педагогические условия осуществления гуманизации образования представлены однобоко. Есть объективные причины интереса к этой теме в современности, ведь одновременно процесс цивилизации сталкивается с глобальными экологическими проблемами, расширением техносферы, бесчеловечностью общества. Особенно в мире, в том числе в так называемых передовых странах мира, эти нежелательные явления усиливаются в связи с политическими и экономическими изменениями, вызвавшими экономическую нестабильность, жесткое расслоение и социальную незащищенность большинства населения, межнациональные и национальные конфликты, утрата ценностей и глубоких нравственных ценностей. И ными словами, кризис охватил весь мир, и уже на философских конгрессах 2000-х заявляли о кризисе философии, гуманитарного знания и общества в целом. Сегодня духовный кризис породил финансово-экономический кризис, обострил геополитические проблемы и отношения между странами и внутри них, и иллюзия глобализации, как и прежде, крутится в мире.

**Ключевые слова**: гуманизация обучения, отношения субъектов, диалог, состояние успешности, дифференциация обучения, гибкость, групповая работа, педагогические технологии, нравственный кризис, гуманитарное знание, эффективность обучения.

## HUMANIZATION IN EDUCATION

The article pays special attention to the issues of humanization of the educational process as a necessary factor in the modernization of education. The issue of setting goals in conjunction with humanization is considered, as well as the range of tasks that the humanization of education solves. The pedagogical conditions for the implementation of the humanization of education are presented one-sidedly. There are objective reasons for the interest in this topic in modern times, because at the same time the process of civilization is faced with global environmental problems, the expansion of the technosphere, the inhumanity of society.Especially in the world, including in the so-called advanced countries of the world, these undesirable phenomena are intensifying due to political and economic changes that have caused economic instability, severe stratification and social vulnerability of the majority of the population, interethnic and national conflicts, loss of values and deep moral values. In other words, the crisis swept the whole world, and already at the philosophical congresses of the 2000s they announced the crisis of philosophy, humanitarian knowledge and society as a whole.Today, the spiritual crisis has given rise to a financial and economic crisis, exacerbated geopolitical problems and relations between countries and within them, and the illusion of globalization, as before, is spinning in the world.

**Key words**: humanization of learning, relations of subjects, dialogue, state of success, differentiation of learning, flexibility, group work, pedagogical technologies, moral crisis, humanitarian knowledge, learning efficiency.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобоназаров Шоҳин Сафаралиевич*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведение об авторе:** ***Бобоназаров Шоҳин Сафаралиевич*** – Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова», соискатель кафедры общей педагогики. **Адрес**:735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова,1.

**Information about the author:** ***Bobonazarov Shokhin Safaralievich*** **-** State educational institution "Khujand State University named after academician B. Gafurov", applicant for the department of general pedagogy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1.

УДК: 372.854

# ИСТИФОДАИ ТАЪЛИМИ ПРОБЛЕМАВӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

*Абдурасулова Р.Т.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таълим яке аз раванди таърихӣ буда, дар навбати аввал вобаста аз сатҳи муносибатҳои истеҳсолотӣ ва талаботи ҷомеа, инчунин шароитҳои иҷтимоӣ, сарвати маънавӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва сатҳи донишазхудкунии толибилмон тағйирёбанда мебошад.

Айни ҳол дар муассисаҳои таълимӣ вобаста ба шароитҳои муосир усули баёнӣ-аёнии таълим самаранокиаш кам гардидааст. Талаботи объективӣ ба шакли нави таълим ба вуҷуд омадааст. Дар ин маврид истифодаи таълими проблемавӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар таълими проблемавӣ ташкили фаъолияти хонандагон оиди дарк ва ҳалли масъалаҳои таълимӣ-маърифатӣ дар мадди аввал гузошта мешавад [13].

Асоси инкишофи марҳилавии назария ва амалияи таълими проблемавиро гуфтан бамаврид аст. Марҳилаи якум – ин давраи вусъатдиҳии раванди таълим бо роҳи нисбатан самараноки истифодаи усулҳои тағйирдиҳии маводи таълимӣ, ифодаи муассири он, тақвияти элементҳои нави маводи омӯхташаванда ба ҳисоб меравад. Ин марҳила ба рушди назария ва амалияи таълими инкишофдиҳандаи муосир такон мебахшад [1].

Марҳилаи дуюм бо ҷустуҷӯи минбаъдаи роҳҳои вусъатдиҳии таълим бо такя ба шароитҳои нави назариявӣ ва бо ҳисоби дастовардҳои таҷрибаи марҳилаи якум тавсиф карда мешавад. Дар ин ҷо нақши масъалаҳои маърифатӣ муассир шуда, кӯшишҳои ташкили раванди таълим бо ёрии системаҳои масъалаҳои маърифатӣ ва истифодаи усулҳои ҷустуҷӯии таълим ба харҷ дода мешавад.

Марҳилаи сеюм нисбатан муҳим мебошад, зеро дар ин ҷо дарки назариявии нақш ва мавқеи вазъияти проблемавӣ дар раванди таълим ва сохти назарияи таълими проблемавӣ дар шароитҳои мактаби муосир бо такя ба принсипи усулҳои проблеманокии азхудкунӣ ва принсипи таҳқиқотии идрок (ё дарккунӣ) ба амал меояд. Ин назария ҳама дастовардҳои марҳилаҳои қаблии ҷустуҷӯӣ, роҳҳои вусъатдиҳии раванди таълим ва рушди қобилиятҳои фикрии хонандагонро дар бар мегирад.

Аз ин бармеояд, ки роҳҳои асосии дарки воқеият аз ҷониби хонандагон барои хулосабарорӣ, фаъолияти маърифатии мустақилонаи онҳо алоқаманд аст. Ба даст овардани донишҳои амиқ, бо кушодани моҳияти мафҳумҳои барои онҳо нав, танҳо бо роҳи ҳалли проблема имконпазир мебошад.

Аз нигоҳи муаллиф [1] ҳама проблемаҳоро вобаста аз хусусияти номаълумӣ дар проблема ба се намуд ҷудо кардан мумкмин аст:

а) проблемаҳои амалӣ, ки дар онҳо усулҳои истифодаи донишҳо дар вазъияти нав номаълум аст;

б) проблемаҳои илмӣ, ки дар онҳо қонуни (принсип, мафҳум) илм номаълум аст;

в) проблемаҳои инъикоси бадеии воқеият, ки дар онҳо шакли ҳассосият ва эҳсосотӣ-образнок ва усулҳо амалан маълум нестанд.

Ин проблемаҳо метавонанд ба проблемаҳои таълимӣ табдил ёбанд. Ду функсияи асосии проблемаи таълимӣ фарқ карда мешаванд:

–муайян намудани самти ҷустуҷӯ, яъне фаъолияти хонанда оиди (аз рӯйи) пайдо намудани усули ҳалли проблема;

–ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ, шавқу ҳавас, асосҳои фаъолияти хонанда оиди азхудкунии донишҳои нав.

Барои муаллим, пеш аз ҳама, проблемаи таълимӣ воситаи идоракунии фаъолияти маърифатии хонанда, ташаккули қобилиятҳои зеҳнии ӯ ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид барои фаъолияти хонанда –проблемаи таълимӣ омили вусъатдиҳии фикррониӣ ва раванди ҳалли он буда, ҳамчун роҳи ҳосил шудани боварӣ ва эътиқод ба худ низ хизмат мекунад.

М.И. Махмутов дар китоби «Таълими проблемавӣ» талаботҳои асосиро ба проблемаи таълимӣ, ки бо дарназардошти онҳо муаллим метавонад намудҳои нисбатан самараноки вазъияти проблемавиро ба вуҷуд оварад, чунин пешниҳод мекунад [7]:

1. Проблемаи таълимӣ бояд бо маводи омӯхташаванда алоқаманд бошад.
2. Проблемаи таълимӣ бояд мухталиф будани маълумотро инъикос кунад.
3. Мундариҷаи асосии проблема бояд ба ҷустуҷӯи маърифатӣ роҳнамоӣ намуда, самти роҳҳои ҳалли онро нишон диҳад.
4. Проблемаҳо бояд ҳалшаванда бошанд.
5. Тарҳрезии проблемаҳо бояд калимаҳоеро дар бар гирад, ки мафҳумҳои ба хонанда маълумро ифода намоянд ва дорои элементҳое бошанд, ки ба худи проблема алоқамандии ноаёнӣ дошта бошанд.
6. Саволҳои проблемавӣ, масъалаҳо ва супоришҳои таълимӣ бояд ба ҳолати эмотсионалии хонанда таъсир расонида тавонад.

Ҳолатҳои гузоштани саволи проблемавӣ ё масъалаи проблемавӣ аз ҷониби омӯзгор, вазъиятҳои проблемавӣ ба ҳисоб меравад. Ба вуҷуд овардани вазъиятҳои проблемавӣ дар раванди таълим мақсадҳои зерини дидактикиро дар бар мегирад. Дар аввал диққати хонандагонро ба савол, масъала, мавзуи таълимӣ ҷалб кардан, шавқи маърифатӣ ва дигар ангезаҳои фаъолияти онҳоро бедор кардан лозим аст. Инчунин, хонандаро ба чунин мушкилии маърифатии имконпазир мегузоранд, ки бартараф намудани он фаъолияти фикрии ӯро фаъол гардонад ё вусъат диҳад. Баъдан ба хонандагон зиддияти байни талаботи маърифатии бамиёномада ва имконнопазирии қонеъ гардонидани он тавассути захираи дониш, малака ва маҳорат ошкор мегардад. Дар охир ба хонанда барои дар вазифаи маърифатӣ муайян намудани проблемаи асосӣ кумак расонда, нақшаи ҷустуҷӯи роҳҳои баромадан аз мушкилоти бамиёномадаро муайян кардан лозим аст, ки ӯро ба ҷустуҷӯи фаъолона водор созад [2].

Маҳорати истифодаи таълими проблемавӣ аз ҷониби омӯзгор аз интихоби усулҳои таҳияи маводи таълимӣ, хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии хонандагон, омодашавии онҳо ба ҳалли проблемаҳои таълимӣ вобастагии калон дорад. Ба миён омадани чунин проблемаҳо маънои онро дорад, ки дар воқеият дар атрофи мо ҳанӯз бисёр чизҳои номаълум пинҳон ҳастанд.

Новобаста аз он ки барнома ва китобҳои дарсӣ чӣ гуна тағйир меёбанд, ташаккули ҳавасмандии тарбиявии хонандагон ҳамеша яке аз вазифаи самтҳои асосии таълимию тарбиявӣ буд ва боқӣ мемонад [3].

Чӣ тавр дар хонанда шавқу ҳаваси доимӣ ба омӯзиш ва донишазхудкуниро яке аз проблемаҳое мебошад, ки имрӯзҳо омӯзгорони мактабҳои моро ба ташвиш овардааст. Ҳалли ин проблема ба доираи ҳавасмандии хонанда асос меёбад. Баъзан онҳо барои қадршиносӣ, гоҳ барои таъриф ва гоҳе барои тухфаҳо ба дарс ҳозир мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки ҳавасмандии тарбиявиро дар асоси шавқи маърифатӣ ташаккул диҳад. Хонанда бояд, пеш аз ҳама, фаъолияти худро дӯст дорад ва он бояд барои ӯ дастрас бошад [5, 10].

Дар асоси ҷамъбаст намудани таҷрибаи педагогии пешқадам якчанд усулҳои асосии ташкил намудани вазъияти проблемавиро нишон додан мумкин аст. Ин усулҳо аз ҷониби омӯзгор дар асоси донишҳои онҳо оиди шароитҳои бавуҷудомадаи намудҳои гуногуни вазъият, ки моҳияти онҳо номувофиқии

раванди таълимро ташкил медиҳад, интихоб карда мешавад. Шакли амалигардонии чунин усулҳои дидактикӣ, ба монанди гузоштани саволи проблемавӣ, намоиш додани таҷрибаҳои химиявӣ, истифодаи мувофиқати баёни мавзуъ бо аёниятҳо ба ҳисоб меравад, яъне рӯ ба рӯ шудани хонандагон бо ҳодисаҳо, омилҳои онҳо шарҳи назариявиро талаб мекунад. Дар ин маврид истифодаи вазъиятҳои таълимӣ ва ҳаётӣ, ки ҳангоми иҷрои супоришҳои амалӣ дар мактаб, хона ё ин ки дар истеҳсолот ба амал меоянд, ба маврид аст [6, с.9].

Супоришҳои проблемавии таълимӣ барои шарҳи ҳодисаҳо ё ҷустуҷӯи роҳҳои истифодаи амалии онҳо гузошта мешавад. Хонандагонро ба таҳлили омилҳо ва ҳодисаҳои воқеият, ки онҳо бо номувофиқии байни мафҳумҳои ҳаётӣ ва илмӣ дар бораи ин омилҳо рӯ ба рӯ шудаанд, водор месозад. Мустақилона фарзия, тасвияи намудҳо ва санҷиши таҷрибаҳоро пешниҳод мекунанд. Дар хонандагон ҳангоми муқоиса, татбиқ ва муқобилгузории омилҳо, ҳодисаҳо, қоидаҳо ва ҳалли масъалаҳои химиявӣ мушкилоти маърифатӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин маврид хонандагон водор мешаванд, ки аз донишҳои қаблӣ истифода намуда, инчунин бо истифода аз ташкили алоқаи байнифаннӣ супоришҳои проблемавиро ҳал намоянд [11]. Раванди ягонагии дар хонандагон ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ ба воситаи таълим ва алоқаи зичи байнифаннӣ таъмин карда мешавад. Ба амал баровардани алоқаҳои байнифаннӣ барои дидани як ҳодиса, нуқтаи назари гуногун, ҳосил кардани маълумоти умумӣ дар бораи он имконият медиҳад [15].

Ҳангоми таълими проблемавӣ муаллим ба таври системавӣ корҳои мустақилонаи хонандагонро барои азхудкунии дониш ва маҳорати нав, такрор, мустаҳкамкунӣ ва коркаради малакаҳо ташкил менамояд. Хонандагон донишҳои навро ба даст меоранд, дар онҳо малака пайдо шуда, таваҷҷуҳ, тасаввуроти эҷодӣ, фарзкунӣ ташаккул ёфта, қобилияти кушодани донишҳои нав ба вуҷуд меояд [12,с. 14].

Таълими проблемавӣ – элементи асосии системаи муосири таълими инкишофдиҳанда буда, мундариҷаи курсҳои таълимӣ, намудҳои гуногуни таълим ва усулҳои ташкил намудани раванди таълимӣ-тарбиявиро дар мактаб дар бар мегирад. Инро дар мавзуи «Реаксияи ҷойгирӣ» дида мебароем.

Мақсади таҳқиқот омӯхтан ва нишон додани дарси проблемавӣ дар мавзуи «Реаксияи ҷойгирӣ» мебошад.

Дар ин дарс вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд овардан зарур аст, ки ҳангоми ба миён омадани зарурат бо далелҳои таҷрибавии мушоҳидашуда шарҳ дода шавад.Шарҳи баёни мавзуи нав «Навъҳои реаксияҳои химиявӣ» аз кори лабораторӣ «Таъсири мутақобилаи оҳан бо маҳлули хлориди мис» оғоз карда мешавад. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки бо кор (мувофиқи китоби дарсӣ) шинос шаванд, онро анҷом диҳанд ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд:

1.Оё реаксияи химиявӣ ба амал омадааст, инро кадом аломатҳо тасдиқ мекунанд?

2. Ҳангоми реаксияи химиявӣ атомҳо дар молекулаҳои моддаҳо чӣ гуна ҷойҳои худро иваз мекунанд?

3. Реаксияеро, ки дар байни оҳан ва маҳлули хлориди мис ба амал меояд, ба кадом намуди реаксияҳо мансуб донистан мумкин аст?

Ба хонандагон бори дигар хотиррасон карда мешавад, ки таҷрибаҳоро бодиққат, мулоҳизакорона иҷро кардан лозим аст. Хонандагон таҷриба мегузаронанд: онҳо ашёи оҳанинро (мехи оҳанин ё срепкаро) ба маҳлули хлориди мис дохил карда, ҳодисаи дар пробирка баамаломадаро мушоҳида мекунанд. Пас аз чанд лаҳза савол дода мешавад: оё реаксияи химиявӣ ба амал омад, кадом аломатҳо инро тасдиқ мекунанд? Ин савол худ аз худ душвор нест, аммо аз

хонандагон талаб мекунад, ки маводи гузаштаро дар хотираи худ такрор кунанд. Онҳо аломатеро ном мебаранд, ки тавассути он реаксияи химиявиро муайян мекунанд, ки ранги ашёи оҳанин ва тағйирёбии ранги маҳлулро нишон медиҳад.

Дар ин маврид омӯзгор супориш дода метавонад: муодилаи реаксияи химиявиро бо назардошти он ки валентнокии оҳан дар хлориди оҳан ва мис дар хлориди мис ду аст, нависед. Омӯзгор пас аз он, ки хонандагон дар тахтаи дарсӣ реаксияи химиявиро навиштанд, онро бори дигар барои хатогии имлоӣ надоштан дар экрани доскаи электронӣ нишон медиҳад.

Агар реаксияи химиявӣ гузашта бошад, атомҳо дар молекулаҳо ҷойҳои худро иваз мекунанд, яъне моддаҳои нав ҳосил мешаванд.

Дар ин маврид саволи зерин дода мешавад: атомҳои молекулаҳои моддаҳо дар вақти реаксияи химиявии давомдошта чӣ тавр аз нав ҷойгир мешаванд? Ба ин савол ба хонандагони синфҳои 8 якбора ҷавоб додан душвор аст, онҳо то ҳол ба ин гуна гурӯҳбандии реаксияҳо дучор нашудаанд, вале онҳо кӯшиш мекунанд, ки далели мушоҳидашударо шарҳ диҳанд, ҷавоби имконпазирро пешниҳод кунанд.

Омӯзгор бояд диққати хонандагонро ба моддаҳое ҷалб намояд, ки ба реаксия дохил мешаванд ва дар натиҷаи он ҳосил мешаванд. Хонандагон мушоҳида мекунанд, ки ду модда ба реаксия дохил мешавад: моддаи сода (Fe) ва мураккаб ($CuCl_2$) ва дар натиҷаи реаксия низ ду моддаи нав пайдо мешавад: моддаи сода (Cu) ва мураккаб ($FeCl_2$). Дар ин ҷо азнавташкилёбӣ ё ҷойивазкунии атомҳо дар моддаҳо ба амал омад. Аз ду моддаи ибтидоӣ ду моддаи нав ба вуҷуд омадааст. Инро равшан карда, саволе ба миён меояд: реаксияи байни оҳан ва маҳлули хлориди мисро ба кадом намуди реаксияҳо донистан кардан мумкин аст? Хонандагон намудҳои реаксияҳои химиявиро, ки аллакай медонанд, ба ёд меоранд: реаксияи таҷзия, пайвастшавӣ, аммо дар ин ҷо ҷойивазшавии атомҳои моддаҳои аввалаи реаксия мушоҳида мешавад:

$$Fe + CuCl_2 = FeCl_2 + Cu$$

Дар ин маврид дар назди хонандагон проблема гузошта мешавад. Чӣ тавр шуд? Пас реаксияи байни (Fe) ва ($CuCl_2$) ба кадом намуди реаксияҳо мансуб аст? Хонандагон дар ҳолати ҳайронӣ қарор гирифта метавонанд. Муаллим савол медиҳад: «Ба фикри шумо, ба ғайр аз реаксияҳои пайвастшавӣ ва таҷзия дигар намудҳои реаксияҳои химиявӣ имконпазиранд?». Хонандагон аллакай ба ин савол ҷавоб дода метавонанд. Онҳо дар бораи эҳтимолияти мавҷудияти дигар навъҳои реаксияҳои химиявӣ изҳори назар мекунанд. Муаллим дурустии мулоҳизаҳои хонандагонро тасдиқ намуда, мегӯяд, ки ин реаксия ба навъи реаксияҳои ҷойгирӣ тааллуқ дорад.Мафҳуми реаксияи ҷойгирӣ дода мешавад: реаксияи химиявии байни моддаҳои сода ва мураккаб, ки дар онҳо атомҳои моддаи сода ҷойи яке аз элементҳои моддаи мураккабро мегиранд, реаксияи ҷойгирӣ номида мешавад [4]. Акнун хонандагон ин таърифро дарк мекунанд, зеро худи онҳо ба ин хулоса омаданд.

Барои фаҳмидани он ки хонандагон реаксияи ҷойгириро то кадом андоза дуруст фаҳмидаанд, муаллим аз онҳо мепурсад: «Кадом атомҳо ҷояшонро иваз кардаанд?». Хонандагон муодилаи реаксияро бори дигар таҳлил мекунанд ва дарҳол мегӯянд, ки атомҳои оҳан ҷойи атомҳои мисро дар молекулаи хлориди мис (II) иваз кардаанд. Ҷойгирии атомҳо чӣ гуна сурат мегирад, дар куҷо ва пас аз чанд сонияи интизорӣ боз як саволи дигар медиҳад: Чаро предмети оҳанин бо карахши гулобию сурхмонанд пӯшонида мешавад?

Ҷавоби ин савол барои хонандагон душвор аст, онҳо ҳанӯз механизми реаксияро баррасӣ карда наметавонанд. Муаллим ин саволро дода, таваҷҷуҳи

хонандагонро ба худ ҷалб намуда, дар шакли дастрас ҷавоб медиҳад. Реаксияи ҷойгирӣ дар сатҳи ашёи оҳанин ба амал меояд. Атомҳои оҳан ба маҳлул дохил шуда, $FeCl_2$-ро ташкил медиҳанд ва атомҳои мис аз маҳлул дар рӯйи ашёи оҳанин ҷойгир мешаванд, гӯё атомҳои оҳанро иваз мекунанд, аз ин рӯ ашёи оҳанин бо қабати ранги гулобию сурх, яъне карахши мис пӯшида мешавад. Дар ин ҷо атомҳои оҳан атомҳои мисро дар маҳлул иваз мекунанд.

Акнун, ки реаксияи ҷойгирӣ ба таври муфассал таҳлил шуд, аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки муодилаи реаксияи байни Zn ва $CuCl_2$-ро навишта, намуди реаксияро муайян кунанд ва фаҳмонанд, ки чаро ин реаксия ба намуди реаксияи ҷойгирӣ алоқамандӣ дорад. Аксарияти хонандагон ин вазифаро бедушворӣ иҷро мекунанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки хонандагон маводи таълимии навро фаҳмида ва дарк карда метавонанд. Барои мустаҳкамкунии дарс ба хонандагон машқ пешниҳод карда мешавад, ки онҳо бояд муодилаҳои реаксияи пешниҳодшударо баробар кунанд ва муайян кунанд, ки онҳо ба кадом навъи реаксияҳо тааллуқ доранд. Бояд хонандагон машқро зуд иҷро мекунанд. Муаллим огоҳӣ медиҳад, ки ба ғайр аз се намуди реаксияҳои химиявии баррасишуда боз дигар реаксияҳое ҳастанд, ки хонандагон баъдтар бо онҳо шинос мешаванд.

Ҳамин тавр, вазъияти проблемавии бавуҷудомада аз ҷониби хонандагон бо кумаки муаллим ҳал карда шуд ва марҳилаи ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавии дарс аз омӯзгор маҳорати баландро тақозо мекунад. Хонанда ба мавқеи субъекти таълим гузошта мешавад ва дар натиҷа дар ӯ донишҳои нав ташаккул меёбанд.Ҳангоми омӯзиши мавзуи «Қонуни бақои масса» дар синфи 8-ум метавонем вазъияти проблемавиро зимни гузаронидани таҷрибаи химиявӣ ташкил кунем. Колбае, ки дар дохилаш металл маҳкам карда шудааст, пеш аз реаксия бар кашида мешавад. Пас аз зарфро кушода мондан, боз вазнаш чен карда мешавад. Саволи проблемавӣ: Чаро массаи он меафзояд?

Бо истифода аз саволҳои проблемавӣ дар ҷараёни омӯзиши маводи таълимӣ, маълум гардид, ки реаксияи химиявӣ гузаштаст. Дар ин маврид ба хонандагон ҳолатҳои ҳайратзадагӣ, масъулиятнокӣ, фаъолияти мантиқӣ, болидарӯӣ, ҳолати эмотсионалию зеҳнӣ, майл ва хоҳиши азхудкунии фан, доштани дониш, идрок ва манфиати маърифатӣ мусоидат мекунад.

Дар натиҷаи истифодаи элементҳои таълими проблемавӣ хонандагон бо истифода аз ибораҳои илмӣ ҷавобҳои пурраи муфассал доданро ёд мегиранд ва нутқи онҳо бурро мешавад, ба монанди: «Ман бовар дорам, ки...», «Ман фикр мекунам, ки...», «Ба фикрам...». Ин ба ташаккули системаи донишҳои илмӣ дар байни хонандагон дар асоси таҷрибаи субъективии онҳо мусоидат мекунад, ба онҳо таълим медиҳад, ки андешаи шахсии худро оид ба ин масъалаи гузошташуда баён кунанд.Чунин таҷриба бо истифода аз технологияи таълими проблемавӣ дар дарси химия нишон дод, ки он натиҷаҳои мусбат медиҳад, ба монанди:

–дар хонандагон малакаҳои иҷрои кори мустақилона аз рӯйи мавзуъ ташаккул меёбанд;

–қобилияти эҷодкорона ҳал намудани масъалаҳои ғайристандартии таълим ташаккул меёбад;

–аксарияти хонандагон ба таълим муносибати мусбат пайдо мекунанд;

–таваҷҷуҳ ва ҳавасмандии хонандагон ба раванди таълими фанни химия мушоҳида мешавад;

–ба инкишофи малака ва маҳорати таҳқиқотии хонандагон мусоидат мекунад.

Хулоса, таълими проблемавӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти фикррونии хонандагон дар синф ба ҳадди баланд расонида шавад. Ин имконият медиҳад, ки қобилияти тамоми хонандагони синф муайян карда шавад.

**Муқарриз:*Қурбонова М.З.* – н.и.х., дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Абдурасулова Р.Т. Проблемный подход к изучению реакции замещении в 8 классе / Р.Т.Абдурасулова, С.А.Расулов, М.М. Акбарова // VI Международной научно-практической конференции в рамках Евразийского Сотрудничества «Инновации в преподавании». –Казань, 2016. -С.3-5.
2. Бабанский Ю.К. Обучение как средство повышения эффективности учения школьников / Ю.К. Бабанский. – М.: Ростов-на-Дону,1970. - 300 с.
3. Брушлинский А.В. Психология мышления и проблемное обучение / А.В. Брушлинский. - М.: Знание, 1983. - 96 с.
4. Зубайдов У. Китоби химияи синфи 8 / У.Зубайдов, Ҳ.Иброҳимов, А.Тошев ва ғ. –Душанбе: Маориф, 2015. -263с.
5. Лернер И.Я. Проблемное обучение / И.Я. Лернер. – М.: Знание, 1974. – 64 с.
6. Матюшкин А.М. Теоретические вопросы проблемного обучения / А.М. Матюшкин //Сов. педагогика, 1971. - №7.
7. Махмутов М.И. Проблемное обучение / М.И.Махмутов. – М.: Просвещение, 1975. – 380 с.
8. Махмутов М.И. Основные вопросы теории / М.И. Махмутов. - М.: Педагогика, 1995. - 230 с., и др.
9. Махмутов М.И. Организация проблемного обучения в школе / М.И. Махмутов. – М.: Педагогика, 1987. – 156 с.
10. Махмутов М.И. Организация проблемного обучения в школе. Книга для учителей / М.И. Махмутов. - М.: Просвещение, 1977. - 240 с.
11. Основы проблемного обучения. Пер. с польск. - М.: Просвещение, 1968. - 208 с.
12. Пушкин В. Н. К определению предмета эвристики / В. Н. Пушкин // Проблемы эвристики. - М., 1969. - С. 34-42.
13. Расулов С.А. Проблемное обучение как средство повышения эффективности процесса / С.А.Расулов, Р.Т. Абдурасулова // Инновации в преподавании химии. Казанский университет. - 2014. -С. 259-262.
14. Расулов С.А. Пути повышения межпредметной взаимосвязи химии с другими предметами / С.А.Расулов, М.З.Курбонова, Р.Абдурасулова // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) Серия естественных наук. - Душанбе: Сино, 2016. -С. 207-209.
15. Холназаров С. Ташаккули заминаҳои асосии маърифатии шахсияти хонанда / С. Холназаров. - Душанбе: Эр-граф, 2018. -152с.


## ИСТИФОДАИ ТАЪЛИМИ ПРОБЛЕМАВӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ


Рушди илму техника дар назди таълим вазифаҳои нав мегузорад. Коркарди маълумоти азиме, ки хонанда аз китобҳои дарсии муосири химия барои мактаби миёна мегирад, ба ҳам пайвастани донишҳои назариявӣ, воқеӣ ва амалӣ, ба даст овардани малакаю маҳоратҳои одии азхудкунии таҷрибаҳои химиявӣ, ёд гирифтани тарзи кор бо китоб, маълумотномаҳо ва ғайраҳо танҳо дар сурати истифода бурдани шаклу усулҳои фаъоли таълим, баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон имконпазир мебошанд.Яке аз чунин усулҳо таълими проблемавӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои проблемавӣ ҳамеша ба бедорсозӣ ва инкишофёбии қувваҳои зеҳнии хонандагон ба амалигардонии амалиётҳои гуногуни зеҳнӣ (басистемадарории омилҳо, муқоиса, ҷамъбасткунӣ ва ғайраҳо), ки хонандагонро ба фикр кардан, шарҳ додан, нишон додан, хулоса баровардан водор месозад, равона карда шудаанд. Дар асоси ҷамъбасти таҷрибаҳои пешқадами педагогии омӯзгорони мо якчанд усулҳои асосии бавуҷудоварии вазъи проблемавиро нишон додан мумкин аст. Шакли амалигардонии ин усул чунин усулҳои дидактикӣ, ба монанди гузоштани масъала, савол ва супоришҳои проблемавӣ, намоиши таҷриба, истифодаи мувофиққунии калимаҳо ва аёният ба ҳисоб мераванд. Дар маҷмӯъ, таълими проблемавӣ элементи пешбари системаи муосири таълими инкишофдиҳанда мебошад, ки мундариҷаи курсҳои таълимӣ, намудҳои гуногуни таълим ва усулҳои ташкил кардани раванди таълимӣ – тарбиявиро дар мактаб дар дарси химия дар бар мегирад.



**Калидвожаҳо:** таълими проблемавӣ, воситаҳо, вазифаҳо, баланд бардоштани самаранокӣ, раванди таълим, хонандагон, фаъолнокӣ, фаъолияти зеҳнӣ, малака, маҳорат, дарси химия.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРОБЛЕМНОГО ОБУЧЕНИЯ КАК СРЕДСТВО ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОЦЕССА

Современное развитие науки и техники ставит перед обучением новые задачи. Переработать колоссальную информацию, которую ученик получает из современных учебников химии для средней школы, связать воедино теоретичеcке, фактические и практические знания, добиться простых навыков и умений в овладении химическими экспериментами, научить работать с книгой, справочниками и т.д. можно лишь при использовании активных форм и методов обучения, активизации познавательной деятельности учащихся. Одним из таких методов является проблемное обучение. Проблемные вопросы всегда направлены на побуждение и развитие умственных сил учащихся на осуществление разнообразных мыслительных операций (систематизация фактов, сравнение, обобщения и т.д.), заставлять учащихся думать, объяснить, показывать, делать выводы.На основе обобщения передового педагогического опыта ниших учителей можно указать несколько основных способов создания проблемных ситуаций. Эти способы выбираются учителем на основе знания им условий возникновения различных типов ситуаций, суть которых составляют противоречие процесса учения. Формой реализации того или иного способа являются такие дидактические приемы, как постановка проблемного вопроса, задание проблемной задачи, демонстрация опыта, применение сочетания слова и наглядности.
В целом, проблемное обучение – это ведущий элемент современной системы развивающего обучения, включающей содержание учебных курсов, разные типы обучения и способы организации учебно-воспитательного процесса в школе на уроках химии.

**Ключевые слова:** проблемное обучение, средство, задачи, повышение эффективности, процесс обучения, учащиеся, активизировать, мыслительная деятельность, навыки, умения, урок химии.

## USE PROBLEM LEARNING AS A MEANS OF INCREASING PROCESS EFFICIENCY

The modern development of science and technology sets new tasks for teaching. To process the colossal information that the student receives from modern chemistry textbooks for high school, to link together theoretically, factual and practical knowledge, to achieve simple skills and abilities in mastering chemical experiments, to teach how to work with a book, reference books, etc. it is possible only when using active forms and methods of teaching, enhancing the cognitive activity of students.One such technique is problem learning. Problematic questions are always aimed at encouraging and developing the mental powers of students to carry out a variety of mental operations (systematization of facts, comparison, generalization, etc.), to make students think, explain, show, draw conclusions.Based on the generalization of the advanced pedagogical experience of niche teachers, several main ways of creating problem situations can be indicated. These methods are chosen by the teacher on the basis of his knowledge of the conditions for the occurrence of various types of situations, the essence of which is the contradiction of the learning process. The form of implementation of a particular method is such didactic techniques as posing a problem question, assignment, problem problem, demonstrating experience, using a combination of words and visualization.In general, problem-based learning is a leading element of the modern system of developmental education, which includes the content of training courses, different types of training and methods of organizing the educational process at school in chemistry lessons.

**Keywords:** problem learning, means, tasks, efficiency improvement, learning process, students, activate, mental activity, skills, abilities, chemistry lesson.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдурасулова Рухшона Тошмуродовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи усули таълими химия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **raksalana_2313@inbox.ru**, Телефон**: (+992) 918853213**

**Сведение об авторе:** ***Абдурасулова Рухшона Тошмуродовна-*** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры «Методики преподавания химии», **Адрес**:734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **raksalana_2313@inbox.ru**, Телефон**: (+992) 918853213**

**Information about the author:** ***Abdurasulova Rukhshona Toshmurodovna*** - Tajik National University, applicant for the department "Methods of teaching chemistry", **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Avenue. Rudaki, 17. E-mail**: raksalana_2313@inbox.ru**, Phone: **(+992) 918853213**

УДК: 370.41

# МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЪЛИМӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Бозоров Хушвахт***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Мақсади фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар раванди таълими забони модарӣ рушд бахшидан ба малакаҳои тафаккури мустақилонаи таълимии талабагон дар натиҷаи захираҳои табиӣ- ақл, зеҳн, шуур, хотир ва унсурҳои қобилияти азалии фаҳмиш, омӯзиш, мушоҳида, муқоиса, таҳлил, кашфи робитаҳо, фарқият ва монандии ашё, ҳодисаю воқеоти олам (табиат, ҷамъият) ва баровардани хулосаҳои одитарини мантиқӣ мебошад. “Омӯзонидани маҳорати истифодаи забони модарӣ дар вазъиятҳои гуногуни муошират мақсади асосии таълими забони модариро дар синфҳои ибтидоӣ муайян мекунад”[3, с. 5].

Дар бедорӣ ва рушду ташаккули фикрии кӯдак ва маҳорати истифодаи забони модарӣ, пеш аз ҳама, волидайн метавонанд саҳмгузор бошанд. Онҳо тавассути бошуурона ташкил намудани бозиҳои фикрӣ, аз ҷумла, парвози хаёл, расмкашӣ, суробсозӣ, сохтани лоначаҳо (барои парандагон), бофтани афсонаҳо, давом додани афсонҳои нотамом, амалҳои қаҳрамонони ҳикояҳо, филмҳои тасвирӣ, бадеӣ ва монанди инҳо ба зеҳн ва тафаккури эҷодии кӯдак рушд бахшида, маҳорати забондонии ӯро тақвият мебахшанд. Чуноне ки академик Шарифзода Файзулло дар яке аз асарҳояшон қайд кардаанд, “Тадбирҳое, ки ба рушди фикрии кӯдак таъсири мусбӣ мерасонанд, хеле сода ва гуногун буда метавонанд:” [9,с. 6-9].Аз қабили,ушоҳида, муқоиса ва шинохти рангҳо, садоҳо, бӯй, маза, хунукӣ, равшанӣ, торикӣ, наздикӣ, дурӣ, нармӣ, сахтӣ, меҳрубонӣ, дағалӣ, зебоӣ, безебӣ, худӣ, бегона ва монанди инҳо;

мушоҳида ва муқоисаи сифату хислатҳои ашё, ҳайвоноти хонагӣ, ваҳшӣ, ҳодисоти табиат: шамол, борон, барф, офтоб, моҳтоб, ситорагон, гармӣ, хунукӣ, рӯз, шаб, вақт, абр, раъду барқ, рангинкамон...;

сайру саёҳатҳои мақсаднок ба табиат ва мушоҳидаи ҷӯй, наҳр, рӯд, дарёҳои кишвар, дарахтон, сабзазорҳо, зироат, парандаҳо, ҳайвонот, кӯҳсору саҳроҳо, талу теппа ва адирҳо, муқоисаи онҳо, ёфтани монандӣ ва фарқ, қайд кардани зебоиҳои чизҳои мушоҳидашуда, таҳлил ва хулосаҳои одитарини мантикӣ;

ба корҳои тасвирӣ ҳавасманд кардани фарзандон дар хонавода, суробсозӣ ва расмкашии тахминии баргу гулҳо, меваҳо, ҳайвоноти хонагӣ, парандаҳо ва ҳатто расмҳои тахминии бобою бибӣ, падару модар хоҳару додар, суробсозӣ дар ин мазмунҳо ва ғайра, ки ҷавобгӯи талаби зебопарастӣ, бакорандозӣ ва бедории фикри кӯдак аст;

қисм–қисм хондан ва шавқманд кардани фарзандон ба китобхонӣ: ҳикоя ва афсонаҳои кӯдаконаи хурду шавқовар, хондани қиссаҳо ва хусусан пеш аз хоби кӯдак;

тамошои намоиш, саҳначаҳо, филмҳои тасвирӣ, саволу ҷавоб бо кӯдакон оид ба мазмун ва моҳияти онҳо;

ҷалб ва ҳавасмандгардонии кӯдак ба корҳои одитарини ҳавлӣ ва хона, анҷом додани ин корҳо мувофиқи имконият ва мароқи кӯдак;

гузаронидани бозиҳои зеҳнӣ (масъалагузорӣ) бо кӯдакон дар вақти муайян, аз ҷумла, байтбаракҳо;

намунаи ибрат будани волидайн дар риояи одоби таом хӯрдан ва нишастан дар сари дастархон, қабулу пазироии меҳмон, талаби риояи ин одоб аз ҷониби кӯдакон;

ёрӣ хостан аз кӯдакон барои ташкили тозагии хонадон ва роҳҳои омода намудани таомҳо ва монанди инҳо;

иваз кардани ҳарфҳо дар калимаҳо: нон, ҷон, хон, дон, гуфт, руфт, ҷуфт, муфт, хона, шона, дона ва ғ.

Андешаҳои тарбиявие, ки аз тарафи падару модар ва муаллиму мураббияҳо пешниҳод мегарданд, сабаби мустақилона фикр кардан, муқоиса ва хулоса баровардан, ниҳоят, рӯ овардан ба фаъолияти эҷодии талабагон мегардад. Чунки " шуури кӯдак ҳамчун низоми назарҳо ва боварӣ, қабл аз ҳама, дар натиҷаи азхудкунии донишҳои одитарин ташаккул меёбад" [4,с.126]. Рушди тафаккури мустақилонаи таълимии талабагон дар раванди амалҳо, бозиҳои гуногуни зеҳнӣ, хаёлӣ ва дидактикӣ, тавассути бомароми бедории фикр ва тафаккури мустақилона инкишоф меёбад. "Яъне, фикр ва зеҳни инсон ҳамеша дар раванди на фаъолиятҳои якрангу якнавохт, балки маҳз дар раванди фаъолиятҳои гуногун, монеадор, ба ҳам тавъам, решапайванд ва рушду нумӯ меёбанд. Ин ҳодиса асрори рушди ташаккули инсон аст ва хусусан, дар синфҳои ибтидоӣ боавҷу босуръат зуҳур мекунад" [9, с.12].

Дар инкишофи тафаккур нақши зеҳн асосӣ буда, рушди унсурҳои фикр ва тафаккур ба зеҳни инсон вобаста аст. Агар таълиму тарбия фаъолияти худро дар асоси риояи қонунияти " Рушди зеҳн ва фикри комил" анҷом диҳад, насли навиниояндасози мо дар бозори ҷаҳонии меҳнат рақобатпазир гардида, дар рушди устувори Ватани азизамон даҳчанд саҳмгузор хоҳад буд. Барои рушди бомароми тафаккури талабагон маводҳои дидактикӣ ба таври амалӣ ёрӣ расонида, тавассути маводҳои грамматикӣ талабагон қоидаҳои грамматика ва имлоро аз худ намуда, мувофиқи супориш аз рӯйи расм ба саволҳо мустақилона ҷавоб менависанд, ҳикоя тартиб медиҳанд, ба он сарлавҳа мегузоранд. Ребусҳоро хонда, калимаҳо тартиб медиҳанд ва чӣ хел калима будани онро муайян мекунанд. Маводҳои дидактикӣ ба рушди тафаккури эҷодӣ, инкишофи нутқ ва кори мустақилонаи талабагон ёрӣ расонида, талабагонро ба мустақилона фаъолият кардан ҳидоят мекунанд. Аҳамияти маводҳои дидактикӣ дар раванди таълим аз он иборат аст, ки ҳамаи бачагони синф ба кори мустақилона машғул мешаванд. Вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар раванди таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ чунинанд:

-ташаккули фаъолияти таълимии мактаббачагони хурдсол;

-омӯхтан ва такмил додани малакаҳои хониши дуруст, бошуурона, равон ва ифоданок;

-босаводона, тоза ва хоно навиштан, инкишофи нутқи мураттаб;

-рушди ҳисси зебоиписандӣ ва бадеии талабагон;

-ташаккули мафҳумҳои ибтидоӣ оид ба қисмҳои забоншиносӣ: овозшиносӣ (фонетика), сарф (морфология), калимасозӣ, наҳв (синтаксис), лексика, имло, аломатҳои китобат;

- кор бо матн;

-тарбияи маданият ва ҳусни баён, риояи одоби сухан,таҳаммул ҳангоми муошират;

-васеъ намудани тасаввуроти талабагон оид ба олами атроф, тарбияи унсурҳои ибтидоии ҷаҳонфаҳмӣ.

Таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ хусусияти амалӣ дошта, талабагонро ба омӯхтани курси муназзами забони модарӣ ва адабиёт дар синфҳои болоӣ омода месозад. Вазифаи тарбиявии забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим аст:

- он бояд ба тарбия, ташаккули шахсияти бачагон, фаъол ва иҷтимоӣ гардонидани онҳо таъсир расонад;

-тафаккури миллӣ ва интиқодии талабагонро равнақ бахшида, мустақилона фикр карданро ёд диҳад;

-мусоидат намояд, ки мактаббачагони хурдсол ҳамаи намудҳои фаъолияти нутқ-нақл кардан, шунидан, навиштан ва хонданро аз худ кунанд [3, с.5-6].

Бо мақсади рушди тафаккури мустақилонаи таълимии талабагон, муаллимон Маҳмудова М, Давлатова Р., Мирзоев Р., Довудов Р. тибқи талаботи барномаи таълимии синфҳои 1-4 маводҳои дидактикиро омода намуда, дастраси муаллимону хонандагони хурдсол гардонидаанд. Ташкили самараноки фаъолияти мустақилонаи талабагон ба бедорсозии шавқу рағбати забондонии онҳо мусоидат намуда, бахри баланд бардоштани дараҷаи саводнокӣ, инкишофи нутқи шифоҳӣ, хаттӣ, корҳои эҷодӣ ва фаъолгардонии диққати талабагон ба дарс, пурра аз худ кардани маводи омӯхташуда, дар руҳияи меҳнатдӯстию ватандӯстӣ тарбия кардани талабагон мусоидат мекунад. Талаба ҳангоми иҷрои супоришҳо ба фикр кардан одат карда, бе ёрии дигарон кӯшиш мекунад, ки мустақилона супоришҳоро иҷро намояд.

Таҷриба ва корҳои илмӣ-методии олимони ботаҷрибаи соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ошкор сохтаанд, ки хонандагони хурдсол тавассути рушди фикрӣ дар бораи овоз, ҳарф, ҳиҷо, калима, ибора, ҷумла, ва ниҳоят, асрори матнро "кашф" мекунанд. Яъне, тавассути силсилаи фикр бедорсозии шавқу рағбати забондонии онҳо рушд ёфта, дар талабагон ҳисси кунҷкобӣ, ҳозирҷавобӣ ва эҷодкорӣ пайдо мешавад. Ҳамин тавр, дар талабагон раванди фикр кардан рушд ёфта, онҳо ба нигоҳи тоза ва диди нав ба ҳаёт омода мешаванд.

Инкишофи нутқи бошуурона асоси таълими забони модариро дар синфҳои ибтидоӣ ташкил намуда, дар назди он вазифаҳои ба таври амалӣ аз худ кардани нормаи забони адабӣ, малакаи хондану навиштан ва такмили маданияти нутқ меистад. Ибораи "инкишофи нутқ", дар адабиёти методии солҳои мухталиф ба таври гуногун: машқи даҳонакӣ ва хаттӣ, маданияти нутқ, ифода шудаанд.

Муаллифи китоби "Методикаи мухтасари забони тоҷикӣ" (с.1945) Икром Хоҷаев чунин таъкид кардааст. "... дар дарси забони модарӣ маданияти нутқ ҷой ва мавқеи махсусро мегирад". Бинобар ин, ӯ муаллимонро даъват менамуд, ки "... ба бачагон бурро ва саҳеҳ, боадабона гап заданро омӯзонанд" [6, с.195].

Дар барномаи забони модарии синфҳои ибтидоӣ (солҳои пешин) дар қатори бобҳои саводомӯзӣ, хониши эзоҳӣ, грамматика ва имло боби "Инкишофи нутқи даҳонакӣ ва хаттӣ" мавҷуд буда, соати дарсии он дар ҷадвали дарсҳо ҳамчун "дарси инкишофи нутқ" муаррифӣ мешуд. Зоҳиран ин амал мусбат намояд ҳам, яке аз камбудиҳои ҷиддии барнома ва нақшаи таълимӣ мебошад. Тибқи ин нақша, ҳафтае як соат инкишофи нутқ таълим дода мешуд, ҳол он ки ҳамаи дарсҳо дар синфҳои ибтидоӣ бо мақсади инкишофи нутқ гузаронида мешаванд. Дар барномаи солҳои баъдӣ (солҳои 1985-1990) ин камбудӣ ислоҳ карда шуд. Акнун он бо дигар қисмҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ "Саводомӯзӣ ва инкишофи нутқ", "Хониши эзоҳӣ ва инкишофи нутқ"," Грамматика, имло, инкишофи нутқ" якҷоя таълим дода шуда, "инкишофи нутқи талабагонро принсипи асосии таълими забони модарӣ" мешумориданд [6, с.196].

Инкишофи нутқи бошуурона дар раванди таълими забони модарӣ барои аз худ намудани тарафҳои гуногуни забон (дар ҳамбастагӣ бо вазифаҳои таълимию тарбиявии забони модарӣ, тарзи талаффуз, луғат, сохти грамматикӣ, нутқи алоқанок), таълим дода мешавад. Барои он ки инкишофи нутқи бошууронаи талабагон аз тарафи педагог устокорона ва дуруст ба роҳ монда шавад, методҳое лозим аст, ки ба фаъолона аз худ намудани тарафҳои гуногуни забон ба талабагон ёрӣ расонад. Бо ҳамин мақсад, дар барнома боби грамматика ва имло барои ҳар як чор қисм: овоз ва ҳарф, калима, ҷумла, нутқи алоқанок ҷудо шудааст, инчунин дар дарсҳои хониши эзоҳӣ, таълими савод ва машқи хат нутқи бошууронаи талабагон инкишоф дода мешавад. Мазмуни кори муаллим нисбат ба инкишофи нутқи бошуурона хеле васеъ аст. Дарсе нест, ки муаллим дар он нисбат ба талаффузи дуруст, интихоби калимаҳо, ҷумласозӣ, алоқаи калимаҳо дар ҷумла ва алоқаи байни ҷумлаҳо дар баёни фикр эътибор надиҳад. Дар ҳамбастагӣ бо вазифаҳои таълимию тарбиявии забони модарӣ маҷмуи фаъолияти мустақилонаи

талабагон бо мақсади рушди инкишофи нутқи бошуурона гузаронида мешавад. Тибқи ҷадвали низоми муносибати босалоҳият ба таълим, заҳмат ва часпу талошҳои муаллим дар раванди дарсҳои забони модарӣ барои муваффақ шудан ба фикр карда хондан, навиштан ва гӯш кардану фаҳмидан, яъне, дарку фаҳми маънии матн аз гуфтори дигарон нигаронида шудааст. Муаллим барои расидан ба ин мақсад аз раванди ҳамаи дарсҳои таълимӣ истифода мебарад.

Таҷрибаҳо исбот намудаанд, ки талабаи синфи як малакаи дуруст хонданро надорад. Аммо тадриҷан бо аломатҳо, яъне, бо ҳарфҳо ва овозҳо шинос мешавад. Вақте ки овозҳо дурусту равшан талаффуз карда мешаванд, калимаҳоеро ифода мекунанд, ки онҳо дорои маъно ва вазифа мебошанд. Талаффузи овоз ва хондани онҳо дар калимаҳо бо суръати пайдарпай давом наёбад, аз ин рӯ, ғалатхонии калимаҳо аз тарафи шогирдон идома ёфта, дар акси ҳол, ин хатохониҳо то охири синфи 3-4 давом мекунад.

Дар низоми муносибати босалоҳият ба таълим, маҷмуи маводи таълимию методии фанни забони модарӣ аз 1) Стандарти фанни "Забони модарӣ"; 2).Раҳнамои омӯзгор. 3) Замима ба китобҳои дарсӣ иборат аст. Ҳар яки онҳо мақсад ва вазифаҳои мушаххаси худро доранд. Асосан, диққати омӯзгорон ба салоҳиятҳои фаннӣ, нишондиҳандаҳо, раҳнамои омӯзгор ва замимаи китоби дарсӣ равона мегардад. Салоҳиятҳои фанни забони модарӣ мувофиқи самтҳои таълими фан - **гуфтан, гӯш кардан, хондан ва навиштан** пешниҳод карда мешавад.

Дар навбати худ ҳар як самт ба се категория ҷудо карда мешавад.

1).қоидаҳо; 2) стратегияҳо; 3) дарки мазмун.

1). Қоидаҳо- қоидаҳои сухан гуфтан, гӯш кардан, хондан ва навиштан.

2)Стратегияҳо - стратегияҳои (усулҳои) сухан гуфтан, гӯш кардан, хондан ва навиштан.

3)Дарки мазмун- мувофиқи мақсад сухан гуфтан, дарки мазмуни чизи шунида, матни хонда ва мувофиқи мақсад навиштан, яъне офаридани матн.

Ҷадвали салоҳиятҳоро аз фанни забони модарӣ барои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ пешниҳод мекунем [8, с. 44].

**Ҷадвали №1 Салоҳиятҳо аз фанни забони модарӣ барои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ**

| **Синфи 1( марҳилаи таълими савод)** | **Синфи 1 ( марҳилаи Забони модарӣ** | **Синфи2** | **Синфи 3** | **Синфи 4** |
|---|---|---|---|---|
| | **Гуш кардан (шунидан)** | | | |
| А.1.1.1.Қоидаҳо и одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо (мушоҳида бо омӯзгор, ҳамсинфон супоришҳои як-дуамалаи таълимӣ) риоя мекунад. | 1.1.1.Қоидаҳо и одии гӯш карданро дар доираи васеътари вазиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои дусе амалаи таълимӣ) риоя мекунад | 2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи васеътари вазиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои се амалаи таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад | 3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазиятҳои гуногун (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ таълимӣ,чораби ниҳои мактабию ҷамъиятӣ, маҷлис...) риоя намуда, аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад | 4.1.1.Қоидаҳо и мушаххаси гӯш карданро дар вазъия ҳои гуногун (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ, чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ, маҷлисҳо, муҳоки-маҳо...) риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | даъват менамояд. |
| А.1.1.2Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле сода нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо) ва хаттӣ истифода мебарад | 1.1.2.Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад | 2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло навиштани пайдар пайии воқеаҳои шунида) истифода мебаранд | 3.1.2 Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккабтари нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаи умумӣ, нақли муфассал, мухтасар ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида нақли хаттӣ, навиштани хулоса) истифода мебарад | 4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаи умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) нақли хаттӣ, навиштани хулоса) истифода мебарад |
| Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну солаш мувофиқ аст, муайян мекунад | 1.1.3.Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну солаш мувофиқ аст, муайян мекунад | 2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну солаш мувофиқ аст, муайян мекунад | 3.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба ин синну сол мувофиқ аст, муайян карда, хулоса мебарорад | 4.1.3 Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба ин синну сол мувофиқ аст, муайян карда, муносибати худро баён менамояд |
| | | **Гуфтан** | | |
| А.1.2.1.Дар вазъиятҳои маҳдуд (муошират бо омӯзгор, ҳамсинфон) қоидаҳои одитарини, сухангӯӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад | 1.2.1Дар вазъиятҳои нисбатан васеъ (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон,) қоидаҳои одии сухангӯӣ (одоби муоширатро риоя мекунад | 2.2.11.Дар вазъиятҳои васеътар (дар меҳмонӣ, бозор, маркази фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад | 3.2.1.Дар вазъиятҳои гуногун (маҳфилҳои адабӣ, мағоза ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ) қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад. Ва аҳамияти риоя карда ни ин қоидаҳоро дарк мекунад | 4.2.1.Дар вазъиятҳои гуногун (театр, осорхона, китобхона) қоидаҳои маъмули сухангӯӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад. Ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад. |
| А.1.2.2.Стратеги яҳои (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи | 1.2.2. Стратегия ҳои (тарз, роҳу усул)-и | 2.2.2.Стратеги яҳои (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи | 3.2.2. Стратегияҳои (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи | 4.2.2.Стратеги яҳои (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| гуфтанро истифода мебарад | мувофиқи гуфтанро истифода мебарад | гуфтанро истифода мебарад | гуфтанро истифода мебарад | гуфтанро самаранок истифода мебарад |
| А.1.2.3.Фикру мулоҳизаҳои одиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад | 1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуно гуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад | 2.2.3. Барои баёни мақсад мавзуъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд ( ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад. | 3.2.3. Барои баёни мақсад ба мавзуъ мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад | 4.2.3. Барои баёни мақсад ба мавзуъ мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтар ( ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истфода мебарад |
| | | **Хондан** | | |
| А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад | 1.3.1. Қоидаҳои одии хондан ва риояи оҳангро медонад ва риоя мекунад | 2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (бо риояи оҳанг, аз рӯйи аломати китобат ва хониши буррои матн)-ро медонад ва риоя мекунад | 3.3.1. Қоидаҳои хондан (риояи задаи мантиқӣ, пайдарҳамии калимаҳо)-ро медонад ва риоя мекунад | 4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хондан (алоқаи байни ҷумлаҳо ва сархатҳо)-ро медонад ва риоя мекунад |
| А.1.3.2.Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад | 1.3.2.Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурд, ки баъзе калимаҳои ношинос дорад, мехонад | 2.3.2. Стратегия-ҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурд, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад | 3.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, баъзе матнҳои ношиносро мехонад. | 4.3.2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад |
| А.1.3.3.Мазмуни ҷумлаҳои содаро, ки калимаҳои шинос дорад, муайян мекунад | 1.3.3.Мазмуни матнҳои хикоягии хурд (то 150 калима)-ро, ки (1-2) калимаи нав дорад, муайян мекунад | 2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (150-250 калима), ки (3-4) калимаи нав дорад, | 3.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии калон (250-300 калима), ки (5-6) калимаи нав дорад, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад | 4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (350-500 калима), ки (7- |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | дарк карда, хулоса мебарорад | | 8) калимаи нав дорад, дарк карда мавзуъ ва фикри асосии онро муайян мекунад |
| | | Навиштан | | |
| А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиш танро тибқи нишондиҳандаҳ о риоя мекунад | 1.4.1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳанд аҳо риоя мекунад | 2.4.1 Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳанд аҳо риоя мекунад | 3.4.1. Қоидаҳои бештари навиштанро тибқи нишон диҳандаҳо риоя мекунад | 4.4.1. Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишон диҳандаҳо риоя мекунад |
| А.1.4.2.Стратеги я (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода мебарад | 1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад | 2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад. | 3.4.2. Стратегия (тарз,роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои ҳаҷман калонро менависад | 4.4.2.Стратеги я (тарз,роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро исти- фода бурда, матнҳои ҳаҷман калонтарро менависад. |
| А.1.4.3.Фикр (ақида, андеша)-и худро дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ менависад | 1.4.3. Фикр ( ақида, андеша)-и худро дар қолаби матни хурд) менависад. На камтар аз се ҷумлаи ду-чоркалимадор . | 2.4.3.Барои баёни мақсадҳои худ мавзуъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад. | 3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзуъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурд ва нисбатан калонтари сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, таб-рикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад | 3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногуни мавзуъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хаттии ҳаҷман калонтари сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, таб рикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад |

Омӯхтан ва аз худ кардани маънои ҳар як калима ҳамон вақт аҳамият пайдо мекунад, ки агар талаба рӯ ба ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ оварда, дар ӯ малака ва маҳорати ҷумласозӣ пайдо шавад. Кор бо ҷумла воситаи асосиест, ки талабагонро ба нутқи алоқанок, нақл ва иншонависӣ тайёр мекунад. Дар натиҷаи кӯшишҳои мунтазам талабагон тарзи аз матн ҷудо кардани ҷумлаҳоро омӯхта, онҳоро ба калимаҳо ҷудо мекунанд. Дар охири ҷумла, ин ё он аломатро дида мефаҳманд, ки ҷумла ба охир расидааст. Худи талабагон тартиб додани ҷумлаҳоро машқ мекунанд. Ба ҳамин васила, дониши нав мегиранд. Аз давраи саводомӯзӣ талабагон бо элементҳои нутқ шинос карда мешаванд. Аз ин рӯ, омили асосии инкишофи нутқи талабагон ин кор бо ҷумла мебошад. Масалан, муаллим дар

раванди дарс чунин амалҳоро бо талабагон иҷро мекунад: а) чудо кардани ҷумлаҳои ҷудогонаи нутқи алоқанок; б) тартиб додани ҷумлаҳои алоҳида; в) аз худ намудани истилоҳи “ҷумла”. Барои расидан ба ин мақсад усулҳои зерин ба муаллим ёрӣ мерасонанд:

1.***Суҳбати аёнӣ.*** Муаллим ягон талабаро назди тахтаи синф даъват намуда, мефармояд, ки тахтаи синфро тоза кунад, бурро гирифта, хат мекашад ва аз шеъре ду–се мисраъ аз ёд гуфта медиҳад. Муаллим ба аҳли синф савол медиҳад. “Раҳим ҳозир чӣ кор кард?” Талабае ҷавоб медиҳад: Раҳим тахтаро тоза кард, бурро гирифт, хат кашид, шеър гуфт.” Чунин тартиби кор маҳорату малакаи ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ ва забондонии шогирдонро рушд мебахшад.

***2.Истифода бурдани расми мазмуннок:*** Масалан, муаллим расмеро нишон медиҳад, ки дар он духтарак тасвир ёфтааст. Ба расм ном мегузоранд (Лола). Расми дигареро нишон медиҳад, ки дар он духтарак мерақсад, ё менавозад. Талабагон ҷумла тартиб медиҳанд. Духтарак мерақсад. Лола пианино менавозад.

Бо супориши муаллим талабагон аз рӯйи расмҳо мустақилона ҷумла тартиб медиҳанд. Масалан, муаллим дар тахтаи синф расмҳои гуногунеро, ки мазмуни ягон воқеаро ифода мекунанд, овезон карда, аз талабагон хоҳиш мекунад, ки аз рӯйи расмҳо мазмуни ҳикоя ё афсонаро нақл кунанд. Дар тахтаи синф расми буз, хона, бачаҳои буз, расми гург, расми усто ва ғайраро мечаспонад. Дар охир аз рӯйи расмҳо мазмуни афсонаи машҳури “ Бузаки ҷингилапо” нақл карда мешавад. Хонандагони синфи якум бо мафҳуми ҷумла ва ҷумласозӣ шинос шуда, дар бораи ҷумла тасаввурот пайдо мекунанд. Дар синфи дуюм мафҳумҳои мазкур мустаҳкам карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар аввали соли таҳсил заминаи донишҳои мавҷудаи хонандагон санҷида шуда, машқу супоришҳои санҷишии гуногун пешниҳод мегардад. Мисол:**Аз калимаҳои пароканда тартиб додани ҷумла**:

**1.Дорад, се, парчам, Тоҷикистон, ранг.2.Дӯст, Ватан, ман, худро, медорам.3.рӯз, 9сентябр. Тоҷикистон, аст, истиқлолият** [10, с.39].

Аввал, намунаи супориш аз тарафи муаллим пешниҳод карда мешавад. Вақте ки талабагон дар тартиб додани ҷумла малака пайдо карданд, супоришҳоро худи онҳо барои ҳамдигар тайёр ва пешниҳод менамоянд. Намуна: **Беминнат, китоб, аст, дӯст, инсон**. Китоб дӯсти беминнати инсон аст.

2.Мисоли дигар: Мисраъҳои шеъри поён пароканда шудаанд.Онҳоро ҷобаҷо карда нависед**: Зимистони ҷонона**

Чӣ овардӣ тӯёна, Зимистони ҷонона,
Мӯзаи гарм овардам, Ҷомаву шарф овардам.
Бозӣ бикун шодона. Кӯрпаи барф овардам,
Гилеми нарм овардам, Болои барфи ёна, [11, с.148].

**Аз ҷумлаҳои пароканда тартиб додани матн.**

Мисол: Вилояти Суғд

Хуҷанд шаҳри калону зебои вилоят буда, заводҳову фабрикаҳои замонавӣ дорад. Маркази вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд аст. Вилояти Суғд дар соҳили дарёи Сир воқеъ гардидааст [1,с.78]. Намунаи ҷумлаҳои имлои интихобӣ ва имлои эҷодӣ.

Ҷумлаҳо барои имлои интихобӣ:

1.Халқи мо заминҳои бекорро ба гулу гулзор табдил медиҳад.

2 Дар боғи мактаб ниҳолҳои гуногун шинонда шудаанд.

3.Диёри Варзоб ба боғи хуррам монанд аст.

Бачаҳо аз ин ҷумлаҳо ибораҳои **заминҳои бекор**, **ниҳолҳои гуногун** ва **боғи хуррамро** навишта мегиранд ва бо супориши муаллим аз ҳамин ибораҳо имлои эҷодӣ менависанд. Вале пеш аз навиштан муаллим нақшаи корро пешниҳод мекунад.Масалан: Мавзуъ: “ Боғи хуррам”

Нақша :

1.Замини бекор.

2.Ниҳолҳои гуногун.

3.Баъди ду сол...

Талабагони синфи III ба нақша такя карда, матни нутқи алоқаноке тартиб медиҳанд. “Дар назди мактаби мо як порча замини бекор буд. Дар маҷлиси синфӣ қарор додем, ки он ҷоро шудгор карда гул ва ниҳолҳои гуногун шинонем.Бачаҳо ниҳол ва гулҳо оварданд. Ниҳолҳоро шинонида, ҳар рӯз нигоҳубин мекардем, об медодем, бехашонро нарм ме- намудем.Баъди ду сол он замини бекор ба боғи хуррам табдил ёфт [5, с. 414].

Мақсади фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ин аст, ки омӯзгор бояд супоришҳои кори мустақилонаро тавре омода созад, ки хонандагонро ба фикрронӣ, ҷустуҷӯ водор созад. Дар натиҷаи мушоҳида ва таҳлил, муқоисаву муҳокимаҳо натиҷабардориву хулосабарорӣ имконпазир бошад.

**Муқарриз:** ***Иззатова М.Н.*** **–д.и.п, профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**


**АДАБИЁТ**

1. Абдуллоев И. Забони модарӣ барои синфи 3 /И.Абдуллоев [гурӯҳи мураттибон]. - Душанбе, 2010. -375с.
2. Давлатова Р. Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ / Р.Давлатова, Р.Мирзоев. -Душанбе, 1990. - 104 с.
3. Лутфуллоев М. Стандарти таҳсилоти ибтидоии фанни забони модарӣ /М.Лутфуллоев [ гурӯҳи мураттибон]. -Душанбе, 2012. -110 с.
4. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик /М.Лутфуллоев. Душанбе, 2015. -700 с.
5. Лутфуллоев М.Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ /М.Лутфуллоев. -Душанбе, 2007. -463 с.
6. Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ /М.Лутфуллоев. -Душанбе, 1985. -248 с.
7. Маҳмудова М. Материалҳои дидактикӣ доир ба грамматика, имло ва инкишофи нутқ барои синфҳои ибтидоӣ /М.Маҳмудова. -Душанбе, 1987. -74 с.
8. Ниёзов Ф. Маҷмуи модулҳо оид ба муносибати босалоҳият ба таълим /Ф.Ниёзов, М.Зиёев. -Душанбе, 2016. -226 с.
9. Шарифзода Ф. [гурӯҳи мураттибон] Ҳадафи фикр кашфи асрор аст. -Хуҷанд, 2021. -250 с.
10. Шарифзода Ф. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2. /Ф.Шарифзода, М.Лутфуллоев. -Душанбе, 2014. - 355 с.
11. Шарифзода Ф. Забони модарӣ барои синфи 2 /Ф.Шарифзода, М.Лутфуллоев. -Душанбе, 2017. -327 с.
12. Шарифзода Ф. Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим /Ф.Шарифзода,М.Лутфуллоев. -Душанбе, 2020. - 463 с.
13. Шарифзода Ф., Каримова И.Х. Педагогика. (Курс лекций). [Текст].– Душанбе: «Ирфон», 2008. – 284 с.
14. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва фарҳанги ҷомеа./Ответ.ред.С.Сулаймони; АОТ[Текст].–.Душанбе; 2010. – 544 с.


## МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЪЛИМӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ


Мақола ба баррасии мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар раванди таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Инкишофи нутқи бошуурона дар раванди таълими забони модарӣ барои аз худ намудани тарафҳои гуногуни забон (дар ҳамбастагӣ бо вазифаҳои таълимию тарбиявии забони модарӣ, тарзи талаффуз, луғат, сохти грамматикӣ, нутқи алоқанок), таълим дода мешавад. Барои он ки инкишофи нутқи бошууронаи талабагон аз тарафи педагог устокорона ва дуруст ба роҳ монда шавад, методҳое лозим аст, ки ба фаъолона аз худ намудани тарафҳои гуногуни забон ба талабагон ёрӣ расонад. Бо ҳамин мақсад, дар барнома боби грамматика ва имло барои ҳар як чор қисм: овоз ва ҳарф, калима, ҷумла, нутқи алоқанок ҷудо шудааст, инчунин дар дарсҳои хониши эзоҳӣ, таълими савод ва машқи хат нутқи бошууронаи талабагон инкишоф дода мешавад. Мазмуни кори муаллим нисбат ба инкишофи нутқи бошуурона хеле васеъ аст. Дарсе нест, ки муаллим дар он нисбат ба талаффузи дуруст, интихоби калимаҳо, ҷумласозӣ, алоқаи калимаҳо дар ҷумла ва алоқаи байни ҷумлаҳо дар баёни фикр эътибор надиҳад.



**Калидвожаҳо:** вазифаҳои таълимию тарбиявии забони модарӣ,и фаъолияти мустақилонаи талабагон, рушди инкишофи нутқи бошуурона, низоми муносибати босалоҳият ба таълим.

## ЦЕЛИ И ОБЯЗАННОСТИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ РОДНОМУ ЯЗЫКУ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

Статья посвящена рассмотрению цели и задач самостоятельной учебной деятельности в процессе обучения родному языку в начальных классах. Развитие осознанной речи преподается в процессе обучения родному языку с целью овладения разными сторонами языка (в комплексе с учебно-воспитательными задачами родного языка, произношения, лексики, грамматического строя, связной речи). Для того чтобы развитие сознательной речи учащихся умело и правильно управлялось педагогом, необходимы методы, помогающие учащимся активно осваивать разные стороны языка. Для этого в программе предусмотрен раздел по грамматике и орфографии для каждой из четырех частей: звук и буква, слово, предложение и связная речь, а также на уроках объяснительного чтения, обучения грамоте и письменных упражнениях учащиеся развивается осознанная речь. Содержание работы учителя очень широко в отношении развития сознательной речи. Нет урока, на котором учитель не обращал бы внимания на правильное произношение, выбор слов, построение предложений, связь слов в предложении и связь между предложениями при выражении мнения.

**Ключевые слова**: учебные задачи родного языка, самостоятельная деятельность учащихся, развитие осознанного речевого развития, система компетентностного подхода к обучению.

## GOALS AND RESPONSIBILITIES OF INDEPENDENT LEARNING ACTIVITIES IN THE PROCESS OF TEACHING THE NATIVE LANGUAGE IN PRIMARY SCHOOL

The article is devoted to the consideration of the goals and objectives of independent learning activities in the process of teaching the native language in primary school. The development of conscious speech is taught in the process of teaching the native language in order to master different aspects of the language (in combination with the educational tasks of the native language, pronunciation, vocabulary, grammatical structure, coherent speech). In order for the development of conscious speech of students to be skillfully and correctly managed by the teacher, methods are needed to help students actively master different aspects of the language. To do this, the program provides a section on grammar and spelling for each of the four parts: sound and letter, word, sentence and connected speech, as well as in the lessons of explanatory reading, literacy and writing exercises, students develop conscious speech. The content of the teacher's work is very broad in relation to the development of conscious speech. There is no lesson in which the teacher would not pay attention to the correct pronunciation, choice of words, construction of sentences, the connection of words in a sentence, and the connection between sentences when expressing an opinion.

**Key words**: learning tasks of the native language, independent activity of students, development of conscious speech development, system of competency-based approach to learning.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бозоров Хушвахт*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16

**Сведение об авторе:** ***Бозоров Хушвахт*** - Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16

**Information about the author:** ***Bozorov Khushvakht*** - Kulyab State University named after. Abuabdulah Rudaki, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16

УДК:37.150

# ХУДТАНЗИМКУНИЮ ХУДИДОРАКУНӢ ДАР РАВАНДИ ПЕДАГОГӢ

***Ғафурова Д.Ҷ.***

**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Дар ҷараёни педагогӣ алоқамандии бозгашт ё баргарданда, ки барои қабул кардани қарорҳои фаврии роҳбарӣ хизмат мекунад, хеле аҳамиятнок аст. Алоқаи баргарданда асоси сифати идора кардани ҷараёни педагогӣ аст. Аз ин рӯ, ҳар як педагог бояд ба мустаҳкам гардидани он диққати асосӣ диҳад. Танҳо бо роҳи ба ин алоқамандӣ такя кардан таносуби самаранокии идоракунии педагогӣ ва идоракунии фаъолияти шахсии тарбиягирандагонро ёфтан муяссар мегардад.

Фаҳмидан лозим аст, ки дар ин алоқамандӣ системаи ҷараёни педагогӣ дар сатҳи муайяни системаи худбатартибдорорию худидоракунӣ аст, зеро одам ба он дохил шуда, имкониятҳои интихоби озодонаи иродаю озодии худро дарёфт мекунад. Алоқаи баргардандаи фаврӣ дар раванди ҷараёни педагогӣ барои сари вақт ислоҳ кардану ба тартиб даровардан ёрӣ расонида, ба ҳамкории педагогӣ фасеҳӣ медиҳад. Сикли ҷараёни педагогӣ бо таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда (зинаи таҳлил) анҷом меёбад. Ин зина барои он лозим аст, ки дар оянда камбудиҳо дигар такрор нашаванд, зеро мумкин аст, ки ҳатто дар ҷараёни фаъолияти хуб ташкилёфта, пайдо гардад ва ин ҳолат дар сикли оянда ба ҳисоб гирифта шавад. Таҳлили ҷӯяндагӣ ва худтаҳлилкунӣ роҳи дурусти ба қуллаи баланди педагогӣ расидан аст. [1,с.55].

Дар муассисаҳои таълимӣ ҳар шахсе, ки ба таълиму тарбия сарукор дорад, бояд аз педагогика ва психология ва методикаи таълим, ки роҳу усул ва тарзи дарсдиҳӣ, аз он ҷумла муносибат ба хонандагон, муносибат ба тарбиятгирандагон ва донишҷӯёну толибилмонро дар бар мегирад, маълумоту дониши пурраву саҳеҳи педагогию психологиро дошта бошанд.

Педагоги намоёни Чех Ян Амос Каменский (1592-1670) дидактикаро “санъати ҳаматарафа таълим додани ҳама, ҳамагиро” номидааст.

Дар асри XIX педагоги немис И.Ф. Гербарт ба дидактика ҳолати (статуси) пурра ва безиддияти назарияи таълими тарбиядиҳандаро додааст [1, с.82].

Педагоги барҷастаи рус К.Д. Ушинский таълимотро дар бораи моҳияти ҷараёни таълим асоснок карда, дар бой гардидани назарияи маълумот ҳиссаи сазовор гузоштааст. Минбаъд дар ҳаматарафа асоснок кардану бой гардонидани мазмуни дидактика олимони соҳаи педагогикаи замони шуравӣ саҳми арзанда гузоштаанд.Масалан, аз ҷиҳати педагогӣ ва психологӣ асоснок кардани ҷараёни таълим аз тарафи П.П. Блонский ба таври васеъ кор карда баромадани масъалаҳои назариявии соҳаи дидактика ёрии калон расонид ва ба баланд гардидани сифати дарс дар синфҳои ибтидоӣ асоси илмӣ гузошт.

Консепсияи кор карда баромадаи А.С. Виготский дар кор карда баромадани асосҳои психологии таълим таъсири калон расонид. Назария ва амалияи педагогии А.С. Макаренко оид ба алоқаманд намудани таълим ба меҳнати истеҳсолӣ ва баланд бардоштани нақши таълиму тарбия, ба рушди дидактика бевосита ёрии калон расонид. Тадқиқоти олимони намоён Н.А. Менчинская, В.В.

Давидов, Д.Б. Элконин, И.Я. Лернер, М.Н. Скаткин, Б.П. Есилов, М.И. Махмутов, Ю.К. Бабанский ва дигарон ҳамаи масъалаҳои соҳаи дидактикаро, аз ҷумла моҳияти ҷараёни таълим, принсипҳои таълим, методҳои таълим, мазмуни маълумот, шаклҳои кори таълимро аз нуқтаи назари фалсафӣ, педагогию психологӣ ба таври назариявию амалӣ асоснок гардонидаанд.

Донистани дидактика барои ҳар як педагог ё барои фаъолияти педагогӣ намудан зарур аст, зеро дар замони ҳозира ягон масъалаи муҳимро бе такя кардан ба ин илм ва донишҳои назариявӣ мумкин нест. Дидактика яке аз соҳаҳои мустақилу аҳамиятноки илми педагогика буда, дар баланд бардоштани сатҳи сифати таълим нақши муассир дорад аст.Вазифаҳои асосии дидактикаи муосир аз замони Ратхия то имрӯз бетағйир мондаанд, ки ин кор карда баромадани масъалаи чиро омӯзонидан, чӣ тавр омӯзонидан; кай, дар куҷо, киҳоро ва барои чи омӯзонидан лозим аст.

Маънои пурраи ин мафҳумҳо маънои моҳияту мақсади таълим, методҳои таълим, принсипҳои таълим, вақт ва ҷойи таълим додани хонандагонро дар назар дорад [5, с.95].Ба омӯхтани масъалаҳои гузошташуда қисмҳои мушаххаси дидактика бахшида шудаанд:Дидактикаи муосир дорои аппаратҳои бойи фаҳмишу мафҳумҳо мебошад. Мафҳумҳои асосӣ категорияҳои дидактикӣ мебошанд. Дар категорияҳо хусусиятҳои асоситарин ва муносибатҳои ҳақиқии дидактикӣ инъикос гардидаанд.Категорияҳои асосии дидактикӣ инҳо мебошанд: омӯзиш, таълим додан, омӯзонидан, маълумот, дониш, маҳорат, малака, мақсад, мазмун, ташкилӣ, намуд, шакл, метод, восита, натиҷаи (маҳсули) таълим, моҳияти ҷараёни таълим, принсипҳои таълим, методҳои таълим, шаклҳои кори таълим, санҷишу баҳогузорӣ ба дониш ва маҳорату малакаҳо, ҷараёни (протсесси) таълим.

Донистани категорияҳои педагогӣ ба муаллим имконият медиҳад, ки ҷараёни таълимро самаранок ба роҳ монад.Омӯзиш ҷараёнест, ки дар раванди он дар асоси дарккунӣ, машққунӣ ва таҷрибаи бадастовардашуда шакли нави рафтор ва фаъолият пайдо мешавад, чизҳои (хубтараш донишҳои) пеш аз худ кардашуда тағйир меёбанд.

Таълим ин ҷараёни батартиб даровардашудаи фаъолияти якҷояи муаллиму хонанда буда, барои ба даст овардани мақсади гузошташуда равона карда шудааст. Ба ибораи дигар, таълим ҷараёни мақсадноку мунтазами фаъолияти якҷояи муаллиму хонандагон аст, ки дар раванди он хонандагон бо дониш, маҳорату малакаҳо мусаллаҳ гардонида мешаванд ва шууру ҷаҳонбиниашон ташаккул меёбад [12, с.78].Ҷараёни таълим звеноҳои зерину асосии ҳамкории муаллиму хонандагонро дар бар мегирад, аз ҷумла:Фаъолияти муаллиму хонандагон:

- ба хонандагон фаҳмонидани фаъолият барои пайдо намудани мақсаду вазифаҳои таълим ва мақсади он (мотиватсияи мусбат нисбат ба таълиму донишгирӣ);
- бо донишҳои нав шинос намудани хонандагон (ҳодисаҳо, воқеаҳо, қоидаҳо, қонуниятҳо, мафҳумҳо);
- идора кардани раванди фаҳмидагирию азхудкунии донишу маҳорат;
- роҳбарӣ кардани раванди дарк кардани қонуну қонуниятҳои илмӣ;

- роҳбарӣ намудани раванди аз назария ба амалия гузаштан;
- ташкил намудани фаъолияти эвристикӣ ва тадқиқотӣ.

Дарк намудани донишу маҳоратҳои нав, таҳлил, синтез, муқоисакунӣ, басистемадарорӣ, дарк гардидани қонуну қоидаҳо, фаҳмидани аломатҳои сабабу натиҷа, аз худ намудани донишу малакаҳо ва басистемадарории онҳо фаъолияти амалӣ оид ба мустақилона ҳал намудани масъалаҳои бамиёномада.

Санҷишу баҳо додан ба тағйиротҳои дар тараққиёту таълимгирии хонанда баамаломада.Маълумот ин системаи дониш, маҳорат, малака ва тарзҳои тафаккури дар ҷараёни таълим бадастовардашуда мебошад.Дониш ин маҷмуи идеяҳои инсон мебошад, ки дар онҳо ба тарзи назариявӣ аз худ кардани фанҳо инъикос ёфтааст [12, с.76].Баибораи дигар, дониш дар маънои маҳдудаш ин бошуурона аз худ намудани қонуну қонуниятҳо, қоида ва мафҳумҳои асосӣ мебошад, ки дар ин ё он соҳаи илм ё фанни таълимӣ баён гардидаанд.Маҳорат ин аз худ намудани тарзи (усул, амал) дар амалия истифода бурдани донишҳои азхудкардашуда мебошад.Малака ин маҳорати то ба дараҷаи автоматикӣ овардашуда, дараҷаи баланди такмилёфта мебошад.

Мақсад (таълимгирӣ, маълумотгирӣ) он чизест, ки таълим барои ба даст овардани он кӯшиш мекунад, ояндаест, ки кӯшишу ғайрат ба он нигаронида шудааст.Мазмун (таълим, маълумот) ин системаи дониш, маҳорату малакаҳои амалӣ, тарзи фаъолияту тафаккур мебошад, ки хонандагон бояд дар ҷараёни таълим аз худ намоянд.Шакл ин тарзи вуҷуддории ҷараёни таълим, парда барои моҳияти дохилии он, мантиқ ва мазмун аст. Шакл, пеш аз ҳама, ба миқдори хонандагон, вақт ва ҷойи таълим, тартиби татбиқгардонии он вобаста аст.

Метод ин роҳи ба даст овардани мақсад ва вазифаҳои таълим аст.

Ба воситаҳои таълим педагог, маҳорати педагогии ӯ дар маънои васеаш, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, воситаҳои таълимӣ, аёният, воситаҳои ҳозиразамони техникии таълим ва ғайра дохил мешаванд.

Натиҷа (махсус) ин он чизест, ки таълим ба он нигаронида шудааст, натиҷаи охирини ҷараёни таълим, дараҷаи татбиқгардидаи мақсад аст.

Дидактика ҳамчун илм қонуниятҳои дар соҳаи предмети худи он бударо меомӯзад, сабабияти бавуҷудовардани вобастагии раванд ва натиҷаи таълимро таҳлил менамояд, методҳо, шаклҳо ва воситаҳои амалӣ гардонидани мақсаду вазифаҳоро таъмин менамояд, муайян мекунад.

❖ Дидактика системаи таълимро дар мавзуъ аз ҳамаи фанҳо ва дар ҳамаи зинаҳои фаъолияти таълимӣ дар бар мегирад. Аз рӯйи андозаҳои омӯзиши ҳақиқат дидактикаи умумӣ ва дидактикаи хусусӣ ҷудо карда шудааст.

✓ Дидактикаи умумӣ ҷараёни таълимро дар якҷоягӣ ба омилҳои ба он таъсир мерасондагӣ, шароитҳоеро, ки таълим дар он мегузарад ва натиҷаеро, ки таълим ба он меорад, меомӯзад.

✓ Дидактикаи хусусӣ методҳои таълимдиҳии фанҳои алоҳидаро меомӯзад. Дидактикаи хусусӣ қонуниятҳои гузаштани ҷараёни таълим, мазмун, шакл ва методҳои таълим додани фанҳои гуногунро меомӯзад.

Ҳар як фанни таълимӣ методикаи таълимдиҳии худро дорад.

Дар замони ҳозира даҳҳо намудҳои гунонгуни намунаҳо (модел) барои тасвир, фаҳмонидан, ба ҳисоб гирифтани ҷараёни таълим ё худ самтҳои он коркард шудааст.

Ҳоло намунаи (модели) дар сиклҳои алоҳида гузоштани таълимро дида мебароем. Асоси ин намунаро (моделро) ҳанӯз хело барвақт Каменский ва Гербарт гузошта буданд, ки ҳоло он барои фаҳмонидани рушди ҷараёни таълим, ҷудо намудани зинаҳои он, фаҳмидани суръати зиёд шудани маҳсули он хизмат мекунад [9, с.80]. Асоси намуна (модел)-ро зинаҳо ё худ давраҳои ҷараёни таълим ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали №1 Давраҳои инкишофи дидактика**




Намунаи мазкур (ҷадвали №1) хелҳои зиёди тағйирёфта дорад. Баъзан онро ҳамчун дарк кардани дониш, фаҳмидани дониши даркгардида, ташкилёбии мафҳум, дониши азхудкардашуда, аз худ кардани дониш, дар хотир нигоҳ доштани чизҳои фаҳмида, татбиқи донишу маҳоратҳои азхуд кардашуда қабул менамоянд.

Пайдарҳамии давраҳои (зинаҳои) азхудкардашударо баъзан мантиқи рушди ҷараёни таълим низ меноманд. М. А. Данилов лаҳзаҳои (компонентҳои) сохти пайдарҳамии давраҳоро чунин муайян кардааст:

- ❖ пешниҳод кардани масъала, мушкилӣ (проблема) ва фаҳмидани вазифаҳо ё худ супоришҳои таълимӣ;
- ❖ пешниҳод кардан ва фаҳмидани супоришҳои таълимӣ;
- ❖ омӯхтани фан ва воқеаҳо, хаёлу тафаккури муаллим;
- ❖ мустаҳкам гардонидану ташаккул додани дониш, ташаккули маҳорату малакаҳои зарурӣ;
- ❖ истифодабарӣ, татбиқи маҳорату малакаҳо;
- ❖ таҳлили муваффақиятҳои бадастовардаи хонандагон, санҷишу баҳо додан ба онҳо, муайян кардани дараҷаи рушди фикрии мактаббачагон.

Ҳама гуна таълим аз мақсад гузоштан дар назди хонандагон сар шуда, минбаъд дарки муташаккилонаи ахбороти нав ва фаҳмидану аз худ кардани онҳо давом мекунад; дар давраи навбатӣ мустаҳкамкунии маводҳои дарккардашуда ва фаҳмидани ахборотҳо давом мекунад; лаҳзаи алоҳидаи санҷиш сифати аз худ гардидани донишу маҳорат аст [11, с.102]. Назарияи ҳозиразамони таълим мунтазам ҷамъбасткунии донишу маҳоратҳои азхудкардаи хонандагонро талаб мекунад ва ин бо ҷамъбасти ташхиси таълими гирифташуда анҷом меёбад. Оид ба дидактика (назарияи таълим) чунин саволҳо ба миён меоянд:

- ✓ Аз рӯйи тасаввуротҳои ҳозиразамон рушд таълим чӣ гуна тараққӣ меёбад?
- ✓ Иштирокчиёни ҷараёни таълим дар ҳар як давраи он чӣ корҳоро иҷро мекунанд?

Одатан, ҳар як порчаи бaанҷомрасида, як дарсеро (моделро) ташкил медиҳад. Барои дар ҳар як порчаи таълим муваффақият ба даст овардан, муаллим бо шогирдонаш давраҳои асосиро мегузаронад.

Ҳоло дар назди омӯзгор масъалаҳои ба миён омадаанд;

- ➢ Чӣ тавр фаъолияташро ба роҳ монад, ки ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад?
- ➢ Чӣ гуна донишҳои навро (маводҳои таълим) барои хонандагон фаҳмою дастрас баён намояд?
- ➢ Чӣ гуна ҷараёни таълимро роҳбарӣ намояд то, ки ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардад.
- ➢ Чӣ гуна роҳҳои назорат ва санҷиши сифати таълимро (барои беҳтар шудани сифати таълим) ҷустуҷӯ намояд?

Дидактикаи муосир дар маркази ҷараёни таълим муаллимро мегузорад. Нақши муаллим аз он иборат аст, ки мураккабии фан, шароитҳои мушаххаси таълимдиҳӣ, синну соли хонандагонро ба ҳисоб гирифта, ба хонандагон ёрии зарурӣ расонад, ҳамроҳи онҳо ҳамаи давраҳои омӯзишу дарккуниро гузарад ва дар ин амал ба мустақилияту фаъолиятнокии худи хонанда такя намояд. Фаъолияти ҳозиразамони муаллиму хонандагон ба давраҳои асосӣ ва зерин ҷудо карда мешавад (ҷадвали №2).




Дар ҳар як давра ҳам муаллим ва ҳам хонандагон вазифаҳои фаъолияти худро доранд, вале мақсади фаъолият умумӣ буда, ҳарду фаъоланд, яке меомӯзад дигаре аз худ мекунад.Моҳият ё худ мазмуни фаъолияти муаллим чунин аст: идоракунии хонандагон, яъне таълим додан;-азхудкунии дониш; -маҳорату малакаҳо; истифода ва иҷроиши дурусти тарзу усулҳо (методҳо) дар раванди таълим;фаъолияти таълимӣ ва истифодабарии донишҳои назариявӣ дар амалия; мақсади гузошташуда;далеловарӣ; асоснокқунӣ; ҳавасманд гардонидани хонандагон; тарбияи меҳнатии кӯдакон;

Муаллим пеш аз тайёрӣ ба дарс кӯшиш мекунад, фаҳмад:

-чиҳо аз маводҳои таълимии пеш омӯхташуда барои омӯхтани маводҳои нави таълимӣ ҳамчун такягоҳӣ хизмат карда метавонад;

-кадоме аз маҳорату малакаҳои аллакай ташаккулёфта барои ташаккулёбии маҳорату малакаҳои нав асос шуда метавонанд;

-кадом маҳорату малакаҳоро аз нав ба хотири хонандагон овардан лозим аст, кадом саволҳоро гузоштан лозим меояд;

-барои мушоҳида кадом маводҳову аёниятҳоро интихоб кардан лозим аст, кадом машқҳоро ба хонандагон пешниҳод кардан лозим меояд;

-хонандагонро чӣ тавр аз ҷиҳати ҳиссӣ (эмотсионалӣ) тайёр кардан лозим мешавад, ки нисбат ба аз худ кардани маводҳои нави таълимот хоҳиш пайдо кунанд.

Бо актуалӣ гардонидани зинаи аввали донишазхудкунӣ ва пайдо намудани аввалин донишу маҳорат аз таълимгиранда ё тарбиятгиранда саъю кӯшиш талаб карда мешавад. Дар ин давра мақсади асосии хонандагон аз худ кардани донишу маҳоратҳо мебошад. Бе қабули вазифаҳо ё худ супоришҳои таълимӣ азхудкунӣ ғайриимкон аст. Ин, дар навбати худ, аз тайёрии хонандагон ва аз худ кардани супоришҳои таълимӣ вобаста мебошад.

**Муқарриз: Мирзоев А.Р. – д.и.п., профессори ДБССТ**

**АДАБИЁТ**

1. Коджаспирова Г.М. Педагогика / Г.М. Коджаспирова. -М., 2004.
2. Лутфуллоев М. Дарс / М.Лутфуллоев -Душанбе, 1995.
3. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир / М. Лутфуллоев -Душанбе, 2001.
4. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам / М. Лутфуллоев -Душанбе,1997.
5. Отахонов Т. Очеркҳои педагогӣ / Т. Отахонов, М.Лутфуллоев, Ф. Шарифов. – Душанбе, 2005. – 226 с.
6. Расулов Д. Дидактика / Д.Расулов, Д.Ғафурова. -Душанбе, 2012. с270
7. Раҳимов Х. Педагогика / Х. Раҳимов. -Душанбе,1997.
8. Раҳимов Х. Педагогика / Х.Раҳимов, А.Нуров -Душанбе,2000.
9. Раҳмонов Э. Суханронӣ дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар / Э. Раҳмонов //Паёми Душанбе. -№47-49.-26.12.06.
10. Раҳмонов Э.Ш. Таджики в зеркале истории / Э.Ш. Раҳмонов. - Душанбе, 1996. - С.32-33.
11. Расулов Д. Инъикоси масъалаҳои таълиму тарбия дар «Қобуснома»-и Кайковус / Д. Расулов. – Кӯлоб, 1996. – 67 с.
12. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ.-Душанбе, 1991.
13. Шоев Н.Н. Вариативные воспитательно-образовательных технологиии и инновационные модели обучения в высшей школе / Н.Н. Шоев. -Душанбе: Ирфон, 2005. -310с.
14. Шоев Н.Н. Педагогикаи муваффақият ва идораи эҷодкоронаи вақт / Н.Н. Шоев. – Душанбе: Ирфон, 2015. -586 с.
15. Шоев Н.Н. Педагогические доминаты воспитательно-образовательных технологий в системе высшего образования / Н.Н. Шоев. -Душанбе: Ирфон, 2004. -304 с.
16. Шоев Н.Н. Усул ва манбаъҳои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои олии таълимӣ / Н.Н. Шоев. -Душанбе: Ирфон, 2003. -178 с.
17. Шоҳиён Н.Н. Рақобатшиносӣ ва худташаккулёбии шахсӣ / Н.Н. Шоҳиён, Х.И.Икромӣ, А.Н.Шоев, А.С. Ҷаъфаров. – Душанбе, 2016. -447 с.

**ХУДТАНЗИМКУНИЮ ХУДИДОРАКУНӢ ДАР РАВАНДИ ПЕДАГОГӢ**

Дар мақолаи мазкур аз ҷиҳати педагогӣ-психологӣ асоснок кардани ҷараёни таълим аз тарафи олимон ва педагогҳои барҷаста ба таври васеъ кор карда баромадани масъалаҳои назариявии соҳаи дидактика оварда шудааст, ки барои дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва ба баланд гардидани сифати дарс дар синфҳои ибтидоӣ асосӣ илмӣ гузошта, мавқеи хосса дорад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар муассисаҳои таълимӣ ҳар шахсе, ки ба таълиму тарбия сарукор дорад, бояд аз педагогика ва психология ва методикаи таълим, ки роҳу усул ва тарзи дарсдиҳӣ, аз он ҷумла муносибат ба хонандагон, муносибат ба тарбиятгирандагон ва донишҷӯёну толибилмонро дар бар мегирад, маълумоту дониши пурраву саҳеҳи педагогию психологиро дошта бошанд. Инчунин дар мақола ба он ишора мешавад, ки дар ҳар як давра ҳам муаллим ва ҳам хонандагон вазифаҳои фаъолияти худро доранд, вале мақсади фаъолият умумӣ буда, ҳарду фаъоланд, яке меомӯзад дигаре аз худ мекунад.Моҳият ё худ мазмуни фаъолияти муаллим чунин аст:идоракунии хонандагон, яъне таълим додан;-азхудкунии дониш; -маҳорату малакаҳо; истифода ва иҷроиши дурусти тарзу усулҳо (методҳо) дар раванди таълим;фаъолияти таълимӣ ва истифодабарии донишҳои назариявӣ дар амалия; мақсади гузошташуда;далеловарӣ; асосноккунӣ; ҳавасманд гардонидани хонандагон; тарбияи меҳнатии кӯдакон.

**Калидвожаҳо:** илм, маълумот, раванди таълим, сифати таълим, дидактика, назарияи таълим, навоварӣ, донишҷӯ, рӯзмарра, мутахассис, ворид намудани навгониҳо.

**САМОРЕГУЛИРОВАНИЕ И САМОКОНТРОЛЬ В ПЕДАГОГИЧЕСКОМ ПРОЦЕССЕ**

В данной статье широко разработано педагогико-психологическое обоснование образовательного процесса выдающимися учеными и педагогами по теоретическим вопросам в области дидактики, что необходимо для правильного осуществления образовательного процесса и повышения качества уроков. Автор отмечает, что в общеобразовательных учреждениях каждый человек, занимающийся воспитанием, должен знать педагогику и психологию и методы обучения, к которым относятся приемы и методы обучения, в том числе отношение к учащимся, отношение к учащимся и учащимся, иметь полное и точное педагогические и психологические знания. В статье также указывается, что в каждый период и у учителя, и у учащихся свои задачи, но цель деятельности общая, оба активны, один учится, другой учится Сущность или содержание деятельности учителя заключается в том, что включает: управление обучающимися т. е. обучение; - приобретение знаний; - умения и способности; правильное использование и реализация методов (методов) в образовательном процессе, образовательная

деятельность и использование теоретических знаний на практике; установить цель; доказательства; обоснование; мотивация студентов; трудовое воспитание детей;

**Ключевые слова**: наука, информация, образовательный процесс, качество образования, дидактика, теория образования, инновации, студент, повседневная жизнь, специалист, внедрение инноваций.

**SELF-REGULATION AND SELF-CONTROL IN THE PEDAGOGICAL PROCESS**

This article has widely developed the pedagogical and psychological justification of the educational process by outstanding scientists and teachers on theoretical issues in the field of didactics, which is necessary for the correct implementation of the educational process and improving the quality of lessons. The author notes that in general educational institutions, every person involved in education should know pedagogy and psychology and teaching methods, which include teaching techniques and methods, including attitudes towards students, attitudes towards students and students, have complete and accurate pedagogical and psychological knowledge. The article also states that in each period, both the teacher and the students have their own tasks, but the goal of the activity is common, both are active, one is studying, the other is studying. The essence or content of the teacher's activity lies in the fact that it includes: education; - acquisition of knowledge; - Skills & Abilities; correct use and implementation of methods (methods) in the educational process, educational activities and the use of theoretical knowledge in practice; set a goal; proof of; justification; student motivation; labor education of children;

**Key words**: science, information, educational process, quality of education, didactics, theory of education, innovations, student, everyday life, specialist, introduction of innovations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғафурова Дилором Ҷаборовна*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психология. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Хатлон ноҳияи Данғара, кӯчаи. Марказӣ, 25. Телефон: **+992 934337676** E-mail: **dilorom.gafurova.76@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Гафурова Дилором Джаборовна*** **-** Дангаринский государственный университет, кандидат педагогических наук, декан факультета инновационной педагогики и психологии. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Хатлонская область, Дангаринский район, ул. Маркази, 25. Телефон: **+992 934337676** E-mail: **dilorom.gafurova.76@mail ru**

**УДК:370.34**

# МАСЪАЛАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШИ ҶАВОНОН ДАР МЕҲВАРИ СИЁСАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

*Шарипов Ш.Б*

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Ҷавонон дар ҳар кишвари дунё қишри асосиро ташкил медиҳанд. Дар Тоҷикистон, ки мувофиқи омори расмӣ беш аз ҳафтод фисади аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 1,3) "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" омадааст, ки "ҷавонон –шахси синни аз 14 то 30-сола мебошад" ва дар ин марҳила шахсият аз ҳама ҷиҳат ба камол мерасад, мафкураи ҷавон ташаккул меёбад [1, с. 6].

Мавқеи ҷавонон ва тарбияи онҳо дар ҷомеа яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, сиёсати давлат дар самти дастгирии ҷавонон назаррас буда, дар ҳама соҳаҳои ҳаёт ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Эътимоду боварӣ, ташаббусу ибтикороти муҳтарам Пешвои миллат вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва масоили рушду инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ҷавонон неруву тавони тозаро дар ҷодаи ҳифзу гиромидошти арзишҳои миллӣ, афзун намудани дастовардҳои замони соҳибистиқлолии кишвар ва муаррифии шоистаи ҷумҳурӣ дар ақсои олам ба вуҷуд меорад.

Таваҷҷуҳ ва ғамхории падаронаи Сарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ возеҳу равшан ба назар мерасид. Новобаста аз сахтиҳо ва нокомиҳои пайдарпайи пешомада Пешвои миллат ба баррасии масъалаҳои марбут ба ҷавонон ва сиёсати ҷавонон афзалият медод. Дар ин давра яке аз дастовардҳои арзишманд он ба ҳисоб меравад, ки новобаста аз вазъияти ногувор (ҷанги шаҳрвандӣ) мулоқоти нахустини расмии Роҳбари мамлакат – Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ дар 70-ум рӯзи сарварӣ – 2 феврали соли 1993 баргузор мегардад.

Ҳамчунин, бо мақсади ҷалби насли ҷавон ба фаъолнокии сиёсӣ ва беҳтар гардонидани вазъи сиёсию иҷтимоӣ дар кишвар 17 марти соли 1994 дар доираи Анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон мулоқоти аввалини Сарвари мамлакат (он вақт Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони кишвар баргузор гардид. Ин ҳамоиш дар шароите баргузрор мегардад, ки кулли ҷомеа, бахусус ҷавонон, дар фикри зинда мондан буданд... Дар натиҷаи мулоқот таваҷҷуҳи ҷомеа ба ҷавонон хеле зиёд гашта, мувофиқан ҳавасмандии ҷавонон барои бунёди давлати навин баланд гашта, ҳаракатҳои нахустини ҷамъияти ҷавонон, маҳфилҳо ва гурӯҳҳои худфаъол ташаккул меёбанд [3,с. 182-183].

Профессор С. Ятимов муътақид аст, ки беш аз дувуним ҳазор сол қабл Аристотел дар асари маъруфаш "Сиёсат" навишта буд: "Магар бошад касе шубҳа кунад, ки қонунгузор (давлат, ҳукумат- С.Я.) бояд ба масъалаи тарбияи ҷавонон

бо таваҷҷуҳи фавқулода муносибат кунад, зеро дар давлате, ки чунин ғамхорӣ нест, худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад" [11, с.2].

Бо назардошти талоботи замон ва амалӣ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон", Сарвари давлат таъкид намуда буданд, ки, ман имрӯз фармонро барои таъсис додани Кумитаи кор бо ҷавонон имзо кардам. Умедворам, ки ин сохтори давлатӣ аз уҳдаи идора кардани фаъолияти ҷавонон мебарояд" [4,с.155]. Дар ҳақиқат, минбаъд бо ибтикори Пешвои миллат ба воситаи Кумитаи кор бо ҷавонон, ки мақоми асосии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон маҳсуб мешавад, корҳои зиёде анҷом дода шуданд, барномаҳои давлатӣ оид ба рушди ҷавонон барои солҳои 1999-2000, 2001-2003, 2004-2006, 2007-2009 ва барномаи вижаи "Тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон" барои солҳои 2006-2010", "Барномаи ҷумҳуриявӣ оид ба дастгирии соҳибкорони ҷавонони Тоҷикистон", инчунин "Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлати ҷавонон" [1, с.6-7], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш" [2,с. 8-14] қабул шуданд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон , ки дар вохӯрӣ бахшида ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳуриии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" чунин баён доштааст: " Ҳоло равиши тарбиявии қисми зиёди падару модар ҳамон равиши тарбиявии суннатиест, ки дар гузашта дар фазои он худашон тарбия ёфтаанд. Бо ин равиш намешавад фарзандро барои замони муосир, замони рушди босуръати техника ва технологияи нав тарбия кард. Дар ин маврид, дар шароити ҷаҳонишавӣ моро зарур аст, ки на танҳо тарҳи тарбия, инчунин тарҳи таълимро ба таври куллӣ таҷдиди назар намоем" [7, с.311].

Сарвари давлат дар мулоқот бо ҷавонон 23 майи соли 1997 таъкид намуда буданд, ки фақат шахсият қодир аст ба ташаккул ва пешрафти шахсияти дигар таъсир расонад. Фақат муҳити одоб метавонад фазои ахлоқии ҷомеаро солим, мукаммал ва устувор гардонад [4,с.147]. Баробари он наврас танҳо вақте ташаккул ёфта, ба камол мерасад, ки барои худаш ва волидонаш ҷавобгариро ҳис намояд. Он ҷавоне, ки дар кори пурарзиши ҷомеа иштирок надорад, ҷунин масъулияту ҷавобгариро дарк карда наметовонад [4, с.153].

Ҷолиб ин аст, ки Президенти кишвар "тарбия" ва "таълим"-ро ҳамчун ду фарояндаи алоҳида арзёбӣ менамояд. Зеро ин ду мафҳум –таълим ва тарбия фарояндҳои гуногун мебошанд.

Таълим дар луғат ба маънои ёд додан аст ва дар истилоҳ ба фароянде гуфта мешавад, ки вазифаи интиқоли донишро бо равишҳои гуногун бар уҳда дорад. Таълим, ки вожаи сохта аз калимаи илм аст, маънои интиқоли донишу иттилоъро аз устод ба шогирд, аз китобҳо ба мутоилакунанда ва, умуман, аз касе ифода менамояд. Бино бар ин, амри таълим ба ин маънӣ, ки ба ҷуз омӯхтани маърифат нақши дигаре надорад, фароянди маҳдуде ба ҳисоб меояд. Аммо тарбия фароянди бисёр густурда аст ва густураи он тамоми истеъдодо, қобилиятҳо ва ҳамаи ҷанбаҳои ҳастии инсонро ва ҳар гуна иқдомеро, ки барои покизаву беҳтар кардани ахлоқу рафтор сурат мепазирад, дар бар мегирад. Тарбия бахшҳои фаровоне, монанди тарбияи баданӣ, тарбияи ақлонӣ, тарбияи ахлоқӣ, тарбияи равонӣ,

тарбияи маданӣ, тарбияи динӣ ва ғайра дорад, ки аз ин миён тарбияи ахлоқӣ барои такомули фард аҳамияти вижа дорад ва ба ҳамин сабаб ҳам аст, ки тарбия, пеш аз ҳама, фароянде марбут ба ахлоқ дарёт мешавад [7,с.311-312].

Барои эмин нигоҳ доштани ҷавонон ва умуман, аҳли ҷомеа аз макру фиреби ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, онҳоро дар руҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ тарбия намудану ба кору амалҳои нек ҷалб кардан аст. Дар ин самт, алалхусус, ташкили озмунҳои бонуфузи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва тарғиби варзиш дар байни ҷавонон хеле муҳим мебошад.

Қобили қайд аст, ки варзиш яке аз воситаҳои беҳтарини муаррифӣ кардани давлат ва миллат мебошад. Ҳамчунин, дар баробари ин тарбияи ҷисмонӣ барои беҳдошти саломатӣ ва ташакули ҷисмониву маънавии инсон аз замонҳои қадим мусоидат менамояд. Ниёгон ҷавононро ба хотири тавоноии маънавию ҷисмонӣ аз овони хурдӣ бо машқҳои гуногуни варзишӣ омода месохтанд.

Гӯштин аз қадимтарин намуди варзиши олимпӣ мебошад. Мусобиқа оид ба гӯштин аз аввалин Бозиҳои олимпии соли 1896 дар Афинаи Юнон ба барномаи Бозиҳои олимпӣ ворид гардидааст (ғайр аз бозиҳо Париж-1900).

Аввалин мусобиқа оид ба гӯштин дар вазни озод, равияи юнонӣ –римӣ дар Олимпиадаи соли 1904 дар Сент Луис сурат гирифтааст. Қаблан дар ин намуди варзиш (Бозиҳои олимпии Афина) вориди барномаҳои бозиҳо гардид.

Дар Тоҷикистон гӯштини тарзи озод, юнонӣ-римӣ яке аз намудҳои маъмули варзишӣ мебошад, ки пас аз соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ рӯ ба рӯ рушд ниҳода, соли 1999 Федератсияи гӯштини Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд.

Ба гӯштин таваҷҷуҳи ҷавонону варзишгарон зиёд аст дар рӯзҳои идҳои баҳорӣ, дар Наврӯзи байналмилалӣ паҳловонони тоҷик бо паҳлавонони хориҷ қувваозмоӣ менамоянд. Дар таърихи бозиҳои миллӣ гӯштин, гӯштингирӣ –навъи варзиш, ки иборат аз зӯрозмоии ду ҳариф барои ғалтондани якдигар аст, гӯштӣ: гӯштингирии тарзи миллӣ, тарзи озод, самбо, дюздо, классикӣ. Дар гӯштингирӣ (самбо) беш аз ҳазор усули муҳофизат, мубориза, усул, ҳила ҳаст. Гӯштини самбо, ки бо истиснои баъзе усулҳои озорбахш ба гӯштини миллии тоҷикӣ монанд аст, ба ин монанд: “гюлеш”-и озарӣ, “кохе”- арменӣ, “курес”-и қазоқӣ, “тринте”-и молдавӣ , “гореш”-и туркманӣ, “чидаоба”-и гурҷӣ, “кураш”-и ӯзбекӣ ва бисёр гӯштинҳо дар мусобиқаҳо бо қоидаҳои асосӣ, пӯшидани либос ва бастани миёбанд мавҷуд аст [8,с.122].

Абулқосим Фирдавсӣ дар шоҳасари худ “Шоҳнома” дар симои қаҳрамонии Рустам, Сӯҳроб, Эраҷ, Гарсеваз, Исфандиёр ва дигарон майдондории тоҷиконро басо таърифу тавсиф намудааст. Маълумотҳои кофие низ нисбати паҳлавонони пилтан дар асарҳои Абуалӣ ибни Сино, Саъдии Шерозӣ, Зайниддигни Восифӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ мавҷуданд.

Паҳлавонон шахсони некботин, бофаросат, боинтизом, зӯру тавоно ва дар шарҳи маънои гӯштингир ҳаматарафа обутобёфта мебошад. Гӯштин қувваро барзиёд, суръатро тез, инчунин тоқатоварии ҷисмро меафзояд.

Бинобар ин гӯштингирӣ ҳам яке аз намудҳои варзиши қадимии дӯстдоштаи халқи тоҷик буда, таърихи бисёрасра дорад. Агар гӯштингирӣ қаблан фақат дар рӯзҳои Иди Наврӯз ва тӯю маросимҳои оилавӣ барпо мегардид, ҳоло аз рӯйи

барномаи махсус мусобиқаҳои ноҳивӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ гузоронида мешаванд. Соли 1970 барои гӯштингирон додани унвони Устоди спорти Тоҷикистон қарор карда шуд, ки боиси боз ҳам зиёд шудани ҳавасмандони гӯштини тоҷикӣ гашт (10, с.24]. Боиси ифтихор аст, ки солҳои охир ҷавонони тоҷик дар озмунҳову мусобиқаҳои байналмилалӣ ширкат варзида, ҷойҳои намоёнро ишғол менамоянд. Ба шарафи варзишгарони ҷумҳурӣ ҳар сол чанд маротиба парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар гӯшаву канори олам парафшон мегардад, ки ин ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ мебошад. Ҳамчунин, нахустин маротиба мусобиқаи байналмилалӣ оид ба гӯштини миллӣ (гӯштингирӣ) бахшида ба рӯзи Ваҳдати миллӣ, 2-юмин мусобиқаи байналмилалӣ оид ба гӯштини миллӣ (гӯштингирӣ) бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ, мусобиқаи байналмилалӣ оид ба теннис барои дарёфти Ҷоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоронида шуд.

Дар ин соҳаи варзиш соли 2013 варзишгорони тоҷик, аз он ҷумла, Комроншоҳи Устопирёни 20-сола моҳи декабр дар чемпионати ҷаҳон дар риштаи гӯштии кураш дар вазни то 90 кг дар Туркия барандаи медали тилло, дар риштаи самбои варзишӣ дар Санкт–Петербург медали биринҷӣ, дар Универсидаи ҷаҳонӣ дар Қазон медали нуқра гашт, дар мусобақаи қаҳрамонии самбои ҷаҳон байни ҷавонон дар Юнон ғолиб шуд. Ҳамчунин, дар ду давраи мусобиқоти байналмилалии дюздо –Гран-при дар шаҳрҳои Алмаато ва Тошканд ду медали биринҷӣ ба даст овард. Дар Ҷоми Аврупо оид ба дюздо байни ҷавонон дар Киев бо медали тилло мукофотонида шуд. Саидҷалол Саидов – қаҳрамони ҷаҳон дар риштаи гӯштии кураш дар вазни то 81 кг дар Туркия ва барандаи медали нуқраи Бозиҳои Осиёӣ дар иншооти сарпӯшида ва ҳунарҳои Кореяи Ҷанубӣ; Искандари Рустам – барандаи медали нуқраи чемпионати Осиё оид ба гӯштини озод дар вазни то 96 кг дар Ҳиндустон; Абдуазим Бойназаров – барандаи медали нуқраи Универсиадаи ҷаҳонӣ дар Қазон дар риштаи гӯштии камарбандӣ дар вазни 68 кг ба комёбиҳо баланд ноил гаштанд.

Гӯштини миллии тоҷикӣ яке аз варзишҳои маъмул ба ҳисоб рафта, дар замонҳои пеш ин намуди гӯштинро бештар дар тӯю маъракаҳо барпо мекарданд. Пешвои миллат дар анҷоми тантанаҳои идонаи наврӯзии соли 2016 пешниҳод намуда буданд, ки минбаъд ҳамасола дар кишвар 22 март Рӯзи гӯштингирон эълон карда шавад. Мусаллам аст, ки нафари варзишгар дар ҳамаи намудҳои варзиш, аз ҷумла гӯштингирӣ бояд чолок, чақон, чандир, пурқувват ва босабр бошад. Ҳоло гӯштини миллӣ яке аз воситаҳои муҳимми оммавӣ гардонидани варзиш, инчунин тайёр намудани варзишгарони баландмаҳорат оид ба гӯштини дзю-до, самбо, гӯштини тарзи озод ва ғайра гаштааст. Дар ин ҷода паҳлавонони зиёде, ба монанди Саидмуъмин Раҳимов, Искандаршоҳи Раҳматулло, Худойназар Боқиев, Саид Шариф, Манон, Ҷалол Хонов, Бобоҷон Ҳаитов, Ғозӣ Шодмонов, Раҷаб Тешаев, Қиёмиддин Ибрагимов, Талбак Ҷурахонов, Маҳмадулло Гадоев, Ҷамшед Ибронов, Урозалӣ Мамадалиев, Амон Намозов ва садҳо паҳлавонони ҷасур номбардори миллати тоҷик мебошанд. Дар ин радиф Набимуҳаммад Хоркашев, Комроншоҳи Устопирён, Саидҷалол Саидов, Беҳрӯз Хоҷазода, Фаррух Муродов,

Ғазалшоҳ Давлатов, Шамшод Абдуллоев, Ориф Додов ва садҳои дигарро ҳамчун давомдиҳандагони ин анана метавон ном бурд.

Дар таърихи фарҳанги миллӣ, ки варзиш ҷузъе аз он маҳсуб меёбад, обутоб додани бадан ва муҳимтар аз ҳама, таҳрики фикру андеша ҳадафи асосӣ дониста мешудааст. Аз ин ҷост, ки варзиш додани тафаккур ва зеҳн дар баробари тамрини бадан аз аслҳои фарҳанги варзишӣ дар ҳавзаҳои фарҳангии бумӣ пазируфта мешавад. Варзиш додани тафаккуру зеҳн ба василаи бозии шоҳмот, ки маъмултарини бозиҳои варзиши ақлонӣ ё зеҳнӣ аст, дар тамаддуни ориёӣ мавқеи аввалиндараҷа доштааст.

Аз тадқиқотҳо маълум мешавад, ки шоҳмот бо номи "чатуранга" аввалин бор аз тарафи ҳиндуҳо ихтироъ карда шудааст. Олимон ин ақидаро ҳанӯз дар замонҳои қадим тасдиқ кардаанд.

Чатуранга аз забони қадимии ҳиндуҳои санскрит гирифта шуда, маънои чор аъзоро дорад. Яъне "чатур" – чор ва "анг" қисм, қӯшун, даста омадааст. Сабаби чунин ном гирифтани бозӣ дар он аст, ки артиши қадимаи ҳиндуён аз чор қисм – пиёдааскарон, аспсаворон, филсаворон ва аробаҳои ҷангӣ иборат буданд.

Чатурангро дар як вақт чор кас бозӣ мекарданд. Дар ҳар як гӯшаи тахтаи 64 хонадор чор аскари қаторӣ (пиёда), як савора (асп), фил, ароба (рух) ва сарлашкар (шоҳ) ду қатор чида мешуд [6,с. 38]. Ҳамчунин, "шоҳмот" дар забони тоҷикӣ "мағлуб шудан", ё таслим шудани "Шоҳ"-ро ифода мекунад. Калимаи "шатранг"-шатранҷ", "ранг" –намуд, тарз, равиш, як навъ, як ранг ва чандин маъноҳо омадааст ва "шатранҷ" шакли арабишудаи "шатранг" мебошад [6,с.387].

Бозии шоҳмот қадимтарин ҷузъи таърих, фарҳанг ва тамаддуни халқи тоҷик мебошад. Тавассути ин бозӣ метавон таваҷҷуҳи кӯдакон, наврасон ва ҷавононро ба илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ ҷалб намуд.

Шоҳмот бозии шавқовари рӯи мизӣ буда, ба сифати бозии зеҳнҳо маъмул аст. Солҳои соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ ба бозии шоҳмот зиёд гардида, ҷавонону наврасон ва калонсолон ба ин намуди варзиш майли зиёд пайдо намудаанд. Қобили қайд аст, ки солҳои охир дар Тоҷикистон аз рӯйи ин намуди варзиш варзишгарони зиёд мамлакатро берун аз ҷумҳурӣ муаррифӣ ва парчами Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон парафшон намуданд.

Дар Тоҷикистон варзиши шоҳмот аз соли 1932 хусусияти муташаккил пайдо кард, дар байни занон солҳои панҷоҳум васеъ паҳн гардид. Ирина Брегер солҳои (1951, 1953, 1954, 1956), Луиза Нигел (1955), Галина Маркович Григорева (1958-1958), Евгения Гусева (1960-1971) чемпиони панҷум Гулчеҳра Самадова (1972) гардид (10,30-31).

Дар байни ҷавонон дар мусобиқаи шоҳмотбозӣ (соли 1979) Р. Асабина, Л. Корчагина чемпионҳои ҷумҳурӣ гардиданд.

Дар оянда, яъне соли 1983, Л. Носирова, соли 1984- Е. Крикунова ва соли 1985 –М. Иванова чемпионҳои республика шуданд.

Соли 1983 Марат Мамадшоев чемпиони республика, дар байни наврасон хонандаи синфи 10 (Душанбе) Илҳом Юнусов (1985) чемпиони республика мешавад [6,с.33-36].

Дар замони муосир ба тарзи ҳаёти солим ва варзиш, махсусан ба намуди шоҳмот ҷалб намудани қишрҳои гуногуни ҷомеа аҳамияти муҳим дошта, ин

намуди варзиш баҳри рушди зеҳни наврасону ҷавонон ва калонсолон мусоидат хоҳад кард.

Соли 1992 дар Тоҷикистон Федератсияи шоҳмотбозон ташкил ёфт, ки дар айни замон сарвари Федератсияи шоҳмоти мамлакатро муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид ба уҳда дорад. Мавриди зикр аст, ки аз соли 1966 инҷониб ҳамасола санаи 20 июл дар тамоми ҷаҳон ҳамчун "Рӯзи байналмилалии Шоҳмот" таҷлил карда мешавад. Ин ид бо қарори Федератсияи байналмилалии шоҳмот (ФИДЕ), ки соли 1924 дар ин сана таъсис ёфтааст, баргузор мегардад.

Аз соли 2019 мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба шоҳмот барои дарёфти "Ҷоми Пешвои миллат" баргузор мешавад ва маблағи умумии он 100 (сад) ҳазор сомонӣ аз ҷониби Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, барои ҷойи якуми даставӣ 30 000 сомонӣ, ҷойи дуюми даставӣ 25 000 сомонӣ, ҷойи сеюми даставӣ 20000 сомонӣ ва барои ин намудҳои инфиродӣ аз рӯйи се синну сол 25000 сомонӣ пешниҳод мегардад.

Соли 2019 дар Чемпионати Осиёи Ғарбӣ оид бо шоҳмот миёни наврасон, ки дар шаҳри Деҳлии давлати Ҳиндустон ҷараён гирифт, шоҳмотбози навраси тоҷик Сабрина Абророва дар равияи рапид миёни духтарони то 14-сола медали нуқра ба даст овард. Соли 2020 Мутриба Ҳотамӣ дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ барои дарёфти "Ҷоми Пешвои миллат" шоҳҷоизаро соҳиб гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олӣ бо натиҷагирӣ аз дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ зикр намуданд, ки шумораи умумии иншооти ба ифтихори 30-солагии истиқлолияти давлатӣ сохта шуда, 23 фоизашро соҳаи варзиш ташкил медиҳад. Яъне, дар мамлакат танҳо солҳои 2011-2020-ум қариб 3000 иншооти варзишӣ сохта шудааст [5,с. 23].

Мусаллам аст, ки соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар маркази таваҷҷуҳи махсуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Бинобар ин, бо мақсади таблиғи тарзи ҳаёти солим, роҳандозии, тадбирҳои мақсаднок ҷиҳати пайваста машғул шудани наврасону ҷавонон ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши касбӣ шароити созгори инфрасохторию ташкилӣ дар саросари мамлакат муҳайё мегардад.

**Муқарриз: Хоҷамбердиев Ч.Т.– н.и.п., дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон". ш. Душанбе, 17 декабри соли 2021, №203. "Ҷавонони Тоҷикистон". - №01 (9739), 06.01.2022. -С. 6-7.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш" ш. Душанбе, 17 декабри соли 2021, №204."Ҷавонони Тоҷикистон". - №01 (9739), 06.01.2022. -С. 8-14.
3. Миралиён Қ. Эълон гардидани соли 2017 "Соли ҷавонон" амри таърихист // Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди XVIII "Истеъдод", 2017. -464 с.
4. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. -Ҷ. 2. –Душанбе: Ирфон, 2001. -512 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21 декабри 2021. -29 с.

6. Сабуров М. А. Инкишофи шоҳмот дар Тоҷикистон / М. А. Сабуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. - 143 с.
7. Сайидзода З.Ш. Тоҷикистони муосир: масъалаҳои мубрами истиқлоли миллӣ / З.Ш. Сайидзода. - Душанбе:ЧДДМ “Контраст”, 2016. -608 с.
8. Сафаров Ш. А. Фарҳанги варзиш ва тафсири бозиҳои миллӣ воситаи рушди шахсияти донишҷӯён / Ш. А. Сафаров. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. -408 с.
9. Сафаров Ш.А. Таърихи бозиҳои милли халқи тоҷик / Ш.А. Сафаров. –Душанбе: Нашри мубориз, 2015 .-525 с.
10. Турсунов Н. Бозиҳои миллиИ тоҷикӣ / Н. Турсунов. -Душанбе: Ирфон, 1983.- 56 с.
11. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007.-200 с.
12. Ятимов С. Дар бораи як китоби дарсӣ / С. Ятимов // Илм ва ҷомеа. - №1 (28). - 2022. -С.2-8.

## МАСЪАЛАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШИИ ҶАВОНОН ДАР МЕҲВАРИ СИЁСАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Мақола оид ба рушду тарбияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш миёни ҷавонон ва аҳамияти он дар сиёсати Пешвои миллат сухан меравад. Зимнан зикр мегардад, ки Сарвари давлат аз оғози роҳбарии худ ба кишвар ба тарбияи ҷавонон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, онҳоро дастгирӣ ва ғамхорӣ мекунад. Барои фароҳам овардани шароити мусоид дар ҷомеа барои такмили ҳамаҷонибаи шахсият як қатор барномаҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд. Таъкид карда мешавад, ки ҷавононро дар рӯҳияи худогоҳӣ, худшиносӣ, анъанаҳои миллӣ бо дарназардошти вижагиҳои тафаккур тарбия намуда, онҳоро ба фаъолияти наҷиби созандагӣ ҷалб намудан зарур аст. Дар он инчунин мавқеъ ва нақши варзиш дар ҳаёти ҷавонон, аз қабили гуштӣ – гуштингри ва шоҳмот – қадимтарин бозии тоҷикон, пайдоиши онҳо, дастовардҳои даврони шӯравӣ ва даврони истиқлол мавриди таҳлил қарор гирифтааст.Мусаллам аст, ки соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар маркази таваҷҷуҳи махсуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Бинобар ин, бо мақсади таблиғи тарзи ҳаёти солим, роҳандозии, тадбирҳои мақсаднок ҷиҳати пайваста машғул шудани наврасону ҷавонон ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши касбӣ шароити созгори инфрасохторию ташкилӣ дар саросари мамлакат муҳайё мегардад.

**Калидвожаҳо**: Пешвои миллат, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, ҷавонон, ҷомеа, маориф, тарбия.

## ВОПРОСЫ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ И СПОРТА - ПРИОРИТЕТНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ ПОЛИТИКИ ЛИДЕРА НАЦИИ

В статье рассматриваются вопросы развития и воспитания физической культуры и спорта среди молодёжи и его значение в политике Лидера нации. Отмечается, что Глава государства с самого начала своего руководства страной уделяет особое внимание воспитанию молодёжи, поддерживает и заботится о ней. Были приняты ряд программ и законов РТ для создания благоприятных условий в обществе для всестороннего усовершенствования личности. Подчеркивается, что нужно воспитывать молодёжь в духе самопознания, самосознания, национальных традиций, учитывая особенности менталитета, привлекать к благородной созидательной деятельности. Также анализируется статус и роль видов спорта в жизни молодёжи, таких как борьба -гуштингри и шахматы -древнейшая игра таджиков, их возникновение, достижения советского периода и периода независимости. Анализируется участие и достижения таджикских спортсменов на республиканских и международных соревнованиях. Понятно, что сфера физического воспитания и спорта находится в центре особого внимания Основателя национального мира и единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона. Поэтому в целях пропаганды здорового образа жизни, реализации адресных мер по постоянному привлечению подростков и молодежи к занятиям физической культурой и профессиональным спортом по всей стране будут созданы благоприятные инфраструктурные и организационные условия.

**Ключевые слова:** Лидер нации, физическая культура, спорт, молодёжь, общество, образование, воспитание.

## POLICY OF THE LEADER OF THE NATION

The article deals with the development and education of physical culture and sports among young people and its importance in the policy of the Leader of the Nation. It is noted that the Head of State from the very beginning of his leadership of the country pays special attention to the education of young people, supports and takes care of them. A number of programs and laws of the Republic of Tajikistan were adopted to create favorable conditions in society for the comprehensive improvement of the individual. It is emphasized that it is

necessary to educate young people in the spirit of self-knowledge, self-awareness, national traditions, taking into account the peculiarities of the mentality, to involve them in noble creative activity. It also analyzes the status and role of sports in the life of young people, such as wrestling - gushtingri and chess - the oldest game of Tajiks, their emergence, achievements of the Soviet period and the period of independence. The participation and achievements of Tajik athletes in republican and international competitions are analyzed. It is clear that the field of physical education and sports is in the focus of special attention of the Founder of National Peace and Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. Therefore, in order to promote a healthy lifestyle, implement targeted measures to constantly involve adolescents and young people in physical education and professional sports, favorable infrastructural and organizational conditions will be created throughout the country.

**Key words**: Leader of the nation, physical culture, sports, youth, society, education, upbringing.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Шарипов Шодимурод Бегмуродович* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллими калони кафедраи варзиш ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведение об авторе:** ***Шарипов Шодимурод Бегмуродович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры физического воспитания и методики его преподавания. **Адрес**:735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова,1.

**Information about the author:** ***Sharipov Shodimurod Begmurodovich*** - Khujand State University named after Academician B.Gafurov, Senior Lecturer of the Department of Physical Education and Teaching Methods. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1.

УДК:371.851

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР РАВАНДИ ТАДРИСИ ФАННИ АЛГЕБРА

*Саидзода И.М., Саидҷаҳфаров А.И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Яке аз зинаҳои аввалиндараҷаи ба илмомӯзӣ ҷалб намудани хонандагон, боғча ва муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб мераванд. Ҷомеаи мо, ки имрӯз ҷомеаи иттилоотӣ аст, аз қадамҳои аввалини илмомӯзӣ ба ҳамаи муҳассилин фарҳанг ва методикаи дурусти истифода намудани дастгоҳҳои мобилӣ, компютерҳо ва шабакаи умумиҷаҳонии интернетро омӯзонидан лозим аст. Чунки дар ҷомеаи имрӯза донистан ва роҳҳои самаранок истифодабарии компютер яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар як фард ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки тамоми давлатҳои пешрафтаи дунё, пеш аз ҳама, ба технологияи компютерӣ рӯ овардаанд ва дар раванди тадриси ҳамаи фанҳои таълимӣ аз технологияҳои муосири компютерӣ самаранок истифода мебаранд. Бояд гуфт, ки мо танҳо бо истифода аз технологияҳои муосири компютерӣ дар раванди ҳаллӣ масъалаҳои татбиқию амалӣ ба ҳадафҳои судманд ва мақсаднок ноил мешаваем. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, омӯзгорони фаннӣ дар раванди тадриси ҳамаи фанҳои таълимӣ бояд аз технологияҳои муосири компютерӣ самаранок истифода намоянд [1,с.7].

Технологияҳои компютерӣ ва истифодаи онҳо дар раванди дарс ба омӯзгор афзалиятҳои зиёдеро фароҳам оварда, имконият медиҳанд, ки дар якҷоягӣ бо хонандагон аз раванди ҳаяҷонбахши дарс лаззат бурда, таассуротҳои муҳассилинро боз ҳам нисбати мавзуи баррасишаванда зиёдтар намояд. Масалан, дар раванди дарси география нишон додани глобус дар шакли 3D ва ё дар раванди дарси биология нишон додани расмҳои гуногуни табиат, дар раванди дарси математика дар як муддати муайян ҳал намудани якчанд мисолу масъалаҳо ва ғайра. Ҳамаи ин имкониятҳоро дар раванди дарс ба мо технологияҳои компютерӣ фароҳам меоранд, агар мо ин технологияҳоро самаранок ва дуруст истифода бурда тавонем [4, с.8].

Технологияҳои компютерӣ, захираҳо аз махзанҳои иттилоотӣ, шабакаи интернет ва барномаҳои чандрасонаӣ, агар дар раванди дарс дуруст истифода бурда шаванд, ҳам ҷаҳонбинӣ ва ҳам салоҳиятнокии хонандагону омӯзгорон боло меравад. Инчунин, ин технологияҳо дар сурати дуруст истифодабарӣ ҷанбаҳои маърифатию тарбиявӣ ва дастрасии озодро ба иттилооти зарурӣ муҳайё месозанд.

Имрӯз вақти он расидааст, ки дар раванди дарсҳо новобаста аз шакли таълим, аз технологияҳои компютерӣ самаранок истифода намоем.

Саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна мо метавонем технологияҳои компютериро дар раванди дарсҳо самаранок истифода барем? Аз ҷумла, дар раванди таълими дарсҳои математика ва алгебра. Барои расидан ба ин ҳадаф якчанд метод ва омилҳои муҳимтаринро ҷиҳати истифодаи технологияҳои компютерӣ дар раванди дарсҳои математика ва алгебра баён намудан мумкин аст.

Аз нуқтаи назари методӣ, вақте дар бораи омӯзиш сухан меравад, ҳар як омӯзгор бояд дарк намояд, ки вазифаи омӯзиш на танҳо ба хонандагон додани миқдори муайяни дониш аст, балки дар раванди донишомӯзӣ ҳамаҷониба бедор намудани шавқу завқи маърифатӣ, ташаккули малакаҳои эҷодӣ, малакаҳои омӯзишии корҳои мустақилона ва дар амал татбиқ намудани онҳо мебошад. Ҳар як хонанда имрӯз муҳиммият ва дар куҷо татбиқ шудани мавзуи аз ҷониби омӯзгор баёншавандаро бояд дарк намояд, дар ин сурат шавқу рағбати илмомӯзии хонанда боло меравад [9,с.14].

Ба ҳамагон маълум аст, ки фанҳои дақиқ аз ҷумла математика, алгебра, геометрия ва ғайра фанҳои аз ҳама заҳматталаб буда, аз хонанда малакаҳои эҷодӣ ва вақти зиёдеро талаб мекунанд. Масалан: корҳои мустақилонаи доимӣ, корҳои санҷишӣ, корҳои лабораторӣ ва дигар намуди корҳои инфиродӣ. Аз ин лиҳоз, яке аз вазифаҳои асосии омӯзгорони фанҳои дақиқ ташаккул додани малакаи омӯзиши хонандагон нисбат ба ин фанҳо ва маданияти омӯзиши онҳо дар раванди таълим мебошад.

Ҳадафҳои асоситарини истифодаи технологияҳои компютерӣ дар раванди дарсҳои алгебра инҳо мебошанд:

- ✓ рушди робитаи байнифаннии алгебра ва дигар фанҳо;
- ✓ ташаккул додани дониши хонандагон тавассути барномаҳои компютерӣ;
- ✓ инкишофи малакаҳои эҷодии хонандагон дар раванди иҷроиши корҳои мустақилона;
- ✓ нишон додан ва дар амал татбиқ намудани масъалаҳои дар раванди дарс пешниҳодшуда (дар намуди амсилаҳои гуногуни компютерӣ) [8, с.11].

Бинобар ин, ҳангоми истифодаи технологияҳои компютерӣ дар раванди дарсҳо ҳар як омӯзгор вазифаҳои махсуси худро дорад, ки инҳо мебошанд:

- ✓ ба хонандагон талқин намудани омӯзиши фундаменталии донишҳои риёзӣ ва ҷалби онҳо ба корҳои эҷодкорона;
- ✓ рушд додани фарҳанги иттилоотии хонандагон ва гузаронидани машваратҳо ҷиҳати самаранок истифода намудани компютер дар раванди дарсҳо;
- ✓ ба хонандагон бо мисолҳои мушаххас фаҳмонидан лозим аст, ки имрӯз бе донистани технологияҳои компютерӣ дар ягон самт ба пешравиҳо ноил шудан мумкин нест. Дар ин сурат, ҳар як хонанда нисбати омӯзиши илмҳои дақиқ ва технологияҳои компютерӣ ба таври ҷиддӣ муносибат менамояд.

Истифодаи ТИК дар раванди дарсҳои алгебра ба муҳассилин ва омӯзгорон имкон медиҳад, ки ба таври аёнӣ суръати омӯзишро тез ва вақтро сарфа намоянд. Инчунин, дониши хонандагонро дар реҷаи интерактивӣ тавассути барномаҳои махсусгардонидашудаи бозиҳои мантиқию тестӣ ба таври фаврӣ баҳогузорӣ намояд, ки ин салоҳиятнокии таълимро зиёд мекунад. Масалан, тавассути барномаҳои компютерӣ дар як муддати муайян баҳогузории ҳамаи хонандагони гурӯҳ, ки ин яке аз бартариҳои татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим аст, имконпазир мегардад.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки истифодаи ТИК дар раванди таълим ба баланд бардоштани сифати таълим ва зиёд намудани малакаю шавқи хонандагон ба донишҳои замонавии техникию дақиқ мусоидат мекунад.

Истифодаи ТИК дар раванди таълим ба мо имкониятҳои зеринро медиҳад:

✓ раванди дарсро ҷолиб гардонида, тавассути имкониятҳои барномаҳои чандрасонаӣ ба таври возеҳ хонандагонро ба дарки мавзуъ водор месозад;

✓ бо таври сода ва оммафаҳм ҳал намудани масъалаҳое, ки онҳо ҳисобкуниҳои зиёдро талаб мекунанд. Инчунин, тавассути захираҳои иттилоотии интернетӣ дастрасӣ доштани хонандагон ба маводҳои дарсӣ ва озодона ҷустуҷӯ намудани маводҳои таълимӣ;

✓ роҳандозӣ намудани фаъолиятҳои мустақилонаи таълимӣ- таҳқиқотӣ (амсиласозӣ, лоиҳакашӣ, таҳияи презентатсияҳо ва ғайра) ва ташаккули фаъолияти эҷодии муҳассилин;

✓ мутобиқкунонии вазъиятҳои тағйирёбанда дар раванди дарс, мустақилона омода намудани лоиҳаҳо ва бо иттилооти зарурӣ моҳирона кор кардан;

✓ бо таври инфиродӣ ва гурӯҳӣ машғул шудан ба машғулиятҳои дарсӣ дар раванди таълим, худомӯзӣ, мустақилона пайгирӣ намудани роҳи ҳалли масъалаҳо, дарки иттилооти лозимии ба мавзуи дарсӣ рабтдошта, ки онҳо ба дар ташаккули дониши хонандагон нақши муҳим доранд;

✓ ҳангоми саволу ҷавоб тавассути барномаи компютерӣ муайян намудани савияи дониши хонандагони сустхон ва аълохон, инчунин сабти натиҷаҳои баҳогузории компютерӣ дар низоми худкор, бо таври мустақилона таҳлил ва ислоҳи хатогиҳои ҷойдошта ва ғайра [4-5, с.9-11].

Яке аз асоситарин роҳи татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълими алгебра истифодабарии рӯнамоҳо мебошад. Рӯнамоҳои таълимӣ ба мо имконият медиҳанд, ки раванди дарсро ҷолиб ва он формула ва фигураҳои лозимие, ки ба мавзуи дарсӣ вобастаанд, пайдарпай ба хонандагон нишон диҳем. Бо истифода аз рӯнамоҳои таълимӣ аёниятҳои зиёдеро ба хонандагон нишон додан имконпазир аст. Масалан, тасвири аёнии мафҳумҳо, формулаю теоремаҳо, расмҳои босифат, супоришҳо, тасвири визуалии ҳаракаткунандаи объектҳо ва садҳо имкониятҳои дигар, ки онҳо салоҳиятнокии дониши муҳассилинро боло мебаранд.

Дар раванди дарсҳои алгебра компютерҳои фардиро дар се реҷа истифода намудан мумкин аст:

1. **Реҷаи намоишӣ.** Тавассути ин реҷа, имконият фароҳам меояд, то он ҳисобкуниҳои шифоҳие, ки дар оғози дарс тавассути проектори чандрасонаӣ ҳал карда мешаванд, нишон дода шаванд. Инчунин, ҳангоми шарҳи маводҳои навин, хангоми санҷиши вазифаи хонагӣ ба таври умумӣ тавассути проектор ислоҳи хатогиҳо ва ғайра.

2. **Реҷаи инфиродӣ.** Дар ин ҳолат, ҳар як хонанда ба таври инфиродӣ тавассути барномаҳои махсусгардонидашудаи омӯзишию санҷишӣ ба ҳолати масъалаҳои дар наздаш гузошташуда баҳогузорӣ менамояд. Натиҷаи санҷишро на омӯзгор, балки компютер пешниҳод мекунад. Ғайр аз ин, дар ин реҷа имконият фароҳам меояд, то хонанда масъалаҳои дар наздаш гузошташударо мустақилона тавассути имкониятҳои компютер ҳал намояд.

3. **Реҷаи фосилавӣ.** Реҷаи фосилавӣ, яке аз реҷаҳои маъмултарин ба ҳисоб меравад, ки имрӯз дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ва донишгоҳҳои

тараққикардаи олам ба роҳ монда шудааст. Барои истифодаи ин реҷа, пеш аз ҳама, дастрасӣ доштан ба шабакаи интернет масъалаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Тавассути ин реҷа дар низоми мустақим ва ё ғайримустақим ташкил намудани дарсҳои семинарӣ, лабораторӣ, лексионӣ, конфронсҳо, санҷиши дониш, машваратҳои илмию амалӣ ва ғайра имконпазир аст. Инчунин, ба фаъолияти ҳар як хонанда баҳогузорӣ намудан ва пайваста дар иртибот будан бо волидони хонандагон [4,11,13].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки истифодаи ҳамаҷонибаи компютер дар раванди дарсҳои математика дар бисёр мавридҳо мушкилоти дар раванди дарс бавуҷудояндаро бартараф мекунанд. Махсусан дар раванди ҳисобкунии масъалаҳо. Ғайр аз ин, бо истифода аз компютер имконияти гузаронидани таҷрибаи компютерӣ дар раванди дарс фароҳам меояд. Таҷрибаҳои компютерӣ дорои чунин бартариятҳо мебошанд:

- ✓ **мушоҳидаҳои компютерӣ** – дар раванди дарс ҳангоми баёни маводи нав ба хонандагон як ва ё якчанд маводҳои мушоҳидавиро пешниҳод намудан мумкин аст. Омӯзгор бо истифода аз амсила, тавассути асбоби проексионӣ метавонад маводҳои зарурииро намоиш диҳад;
- ✓ **вазифаҳои таҷрибавӣ** –вазифаҳое, ки дар раванди ҳалли онҳо параметрҳои мувофиқи тағйирёбандаҳо иваз карда мешаванд. Масалан, мувофиқи тағйирёбии параметрҳо пешниҳод намудани якчанд намуди графики функсияҳо, ки ба таври амалӣ вақти зиёдеро талаб мекунад. Бо истифодаи компютер бошад, дар як лаҳзаи муайян пешниҳоди якчанд графики функсия вобаста аз қиматҳои гуногун. Чунин таҷрибагузарониҳо дар раванди дарс хеле муфиданд, зеро онҳо ба хонандагон имконият медиҳанд, то робитаи мустақими байни таҷрибаи компютерӣ ва ҳалли масъаларо мушоҳида намоянд;
- ✓ **масъалаҳои ҳисобкунӣ-** яке аз бартариятҳои асоситарин санҷиши аналитикии ҳалли масъала бо натиҷаҳои компютерӣ мебошад. Хонанда дар раванди ҳисобнамоӣ масъалаи додашударо мустақилона бе истифодаи компютер ҳал менамояд ва пас аз он ҷавоби гирифташударо бо натиҷаҳои компютерӣ муқоиса мекунад [7, с.16].

Таҷрибагузарониҳои компютерӣ яке аз усулҳои самарабахши амалисозӣ дар раванди таълим мебошанд. Чунки ба воситаи гузаронидани таҷрибаҳо маҳз хонандагон ба фаъолиятҳои таҳқиқотӣ ва амалӣ ҷалб карда мешаванд. Таҷрибагузарониҳо на танҳо дониш ва малакаи хонандагонро оиди мавзуъ зиёд мекунанд, балки фикррони ва фаъолияти мустақилона эҷод намудани масъалаҳои навинро ба вуҷуд меоранд. Таҷрибаҳои компютерӣ на танҳо усули пешбари таҳқиқот дар илмҳои риёзӣ мебошанд, балки яке аз муҳимтарин усулҳои таълим дар пешбурди салоҳиятнокии дониши хонандагон ба ҳисоб мераванд [9].

Бояд қайд намуд, ки таҷрибаҳои математикӣ ҳам, дар раванди таълим нақши муҳимро мебозанд. Дар ҳолати гузаронидани таҷрибаҳои математикӣ, донишҳои математикии хонандагон амиқ ва пурра карда мешаванд. Инчунин, маҳз тавассути таҷрибагузарониҳои математикӣ алоқамандии дигар фанҳо бо фанни математикаю алгебра ба хонандагон фаҳмотар мегардад.

Барои фаҳмо шудани масъалаи додашуда, ҳоло мо татбиқи ҷадвали электронии MS Excel-ро дар раванди сохтани графики функсияҳо ва гузаронидани таҷрибаҳои компютерӣ барои қиматҳои гуногун дида мебароем.

**Мисоли 1**. Гарфики функсияи $y = x^2, x\epsilon[-5; 5]$ сохта шавад.

Дар қисмати аввал графики функсияи додашударо бе истифода аз ҳисобкуниҳои компютер месозем. Барои ин, дар аввал ҷадвали қиматҳои функсияро тартиб медиҳем:

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **x** | -5 | -4 | -3 | -2 | -1 | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| **y** | 25 | 16 | 9 | 4 | 1 | 0 | 1 | 4 | 9 | 16 | 25 |

Паз аз ин, графики функсияи додашударо бо истифода аз додаҳои ҷадвал месозем, ки он намуди зеринро мегирад(Расми 1).




**Расми 1. Гарфики функсияи $y = x^2, x\epsilon[-5; 5]$.**

Дар раванди ҳисобкуниҳо ва тасвири графики функсия муайян намудем, ки барои сохтани графики функсияи мазкур ба ҳисоби миёна 10 дақиқа вақт сарф шуд. Акнун графики функсияи додашударо бо ёрии имкониятҳои ҷадвали электронии MS Excel месозем (расми 2).




**Расми 2. Натиҷаи компютерии графики функсияи $y = x^2, x\epsilon[-5; 5]$ дар MS Excel.**

Яке аз имкониятҳои асоситарини ҷадвали электронии MS Excel дар раванди тасвири графики функсияҳо ва ҳисобкуниҳо дар он аст, ки бо иваз намудани қиматҳои додаҳо ҳамаи ҳисобкуниҳо дар низоми худкор амалӣ мешаванд. Барои исботи ин гуфтаҳо графики функсияи $y = x^2$ –ро бо қиматҳои дигар мавриди ҳисобкунӣ ва тасвир қарор медиҳем (расми 3):



| | A | B |
|---|---|---|
| 1 | x | y |
| 2 | -10 | 100 |
| 3 | -8 | 64 |
| 4 | -6 | 36 |
| 5 | -4 | 16 |
| 6 | -2 | 4 |
| 7 | 0 | 0 |
| 8 | 2 | 4 |
| 9 | 4 | 16 |
| 10 | 6 | 36 |
| 11 | 8 | 64 |
| 12 | 10 | 100 |

| | A | B |
|---|---|---|
| 1 | x | y |
| 2 | -9 | 81 |
| 3 | -7 | 49 |
| 4 | -5 | 25 |
| 5 | -3 | 9 |
| 6 | -1 | 1 |
| 7 | 0 | 0 |
| 8 | 1 | 1 |
| 9 | 3 | 9 |
| 10 | 5 | 25 |
| 11 | 7 | 49 |
| 12 | 9 | 81 |

**Расми 3. Натиҷаи компютерии графики функсияи $y = x^2$, вобаста аз қиматҳои гуногуни $x$.**

Дар раванди ҳисобкуниҳо муайян намудем, ки барои сохтани графики функсия тавассути ҷадвали электронии MS Excel танҳо 5 дақиқа вақт сарф шуд, ки ин яке аз бартариятҳои татбиқи ҷадвалҳои электронӣ дар раванди дарсҳои алгебра мебошад. Аз раванди ҳисобкуниҳо бармеояд, ки дар раванди тадриси алгебра истифодабарии технологияҳои компютерӣ, махсусан ҷадвалҳои электронӣ, раванди ҳисоббаробаркуниҳоро осон ва салоҳиятнокии хонандагонро ташаккул медиҳад.

**Мисоли 2**. Гарфики функсияи $y = 2x + 5, x\epsilon[-5; 5]$ сохта шавад.

Дар ин ҳолат, ҳам чун мисоли 1. дар қисмати аввал графики функсияи додашударо бе истифода аз ҳисобкуниҳои компютер месозем.

| x | -5 | -4 | -3 | -2 | -1 | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| y | -5 | -3 | -1 | 1 | 3 | 5 | 7 | 9 | 11 | 13 | 15 |

Графики функсияи додашударо месозем, ки он намуди зеринро мегирад (Расми 4).




**Расми 4. Гарфики функсияи $y = 2x + 5, x\epsilon[-5; 5]$.**

Графики функсияи додашуда бо ёрии имкониятҳои ҷадвали электронии MS Excel (расми 5).



| x | y |
|---|---|
| -5 | -5 |
| -4 | -3 |
| -3 | -1 |
| -2 | 1 |
| -1 | 3 |
| 0 | 5 |
| 1 | 7 |
| 2 | 9 |
| 3 | 11 |
| 4 | 13 |
| 5 | 15 |

**Расми 5. Натиҷаи компютерии графики функсияи $y = 2x + 5$, дар MS Excel.**

Бояд қайд намоем, ки бо иваз намудани қиматҳои гуногуни $x$ мо ба таври худкор тавассути имкониятҳои ҷадвали MS Excel гарфикҳои гуногуни функсияи мазкурро чун мисоли 1 сохта метавонем(Расми 6).



| x | y |
|---|---|
| -10 | -15 |
| -8 | -11 |
| -6 | -7 |
| -4 | -3 |
| -2 | 1 |
| 0 | 5 |
| 2 | 9 |
| 4 | 13 |
| 6 | 17 |
| 8 | 21 |
| 10 | 25 |

| x | y |
|---|---|
| -25 | -45 |
| -20 | -35 |
| -15 | -25 |
| -10 | -15 |
| -5 | -5 |
| 0 | 5 |
| 5 | 15 |
| 10 | 25 |
| 15 | 35 |
| 20 | 45 |
| 25 | 55 |

**Расми 6. Графики функсияи $y = 2x + 5$, вобаста аз қиматҳои гуногуни $x$.**

Имрӯз дар баъзе ҳолатҳо баҳсҳое ба миён меоянд, ки агар ҳамаи ҳисоббаробаркуниҳоро тавассути имкониятҳои компютерӣ ба роҳ монем, қобилияти фикррони хонандагон паст мешавад, ки ин фикр тамоман нодуруст аст. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди ҳалли масъалаҳо, ҳангоми муқоисаи натиҷаҳои дастӣ бо натиҷаҳои компютерӣ, хонанда ҳама вақт кӯшиш менамояд, то натиҷаи ҳосилнамудаи худро бо натиҷаҳои компютерӣ баробар намояд. Инчунин, дар раванди сохтани графики функсияҳо бо иваз намудани қиматҳои имконпазири $x$ якчанд ҳолатҳои нави сохтани графики функсияҳо пеш меояд, ки ҳамаи ин имкониятҳо ба болобарии салоҳиятнокии дониши хонандагон мусоидат менамоянд [7, с.9].Ҳамин тариқ, бояд қайд намоем, ки истифодаи ТИК ба азхудкунии амиқ ва бошууронаи маводи омӯхташавандаи дарсӣ мусоидат мекунад, зеро хонанда маҳз тавассути технологияҳои навини компютерӣ мафҳумҳои асосии дарсиро аз худ карда, дар онҳо қобилияти муқоисанамоӣ ташаккул меёбад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорони фанниро зарур аст, то шаклҳои навтарини таълимро бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ба роҳ монанд.

**Муқарриз: Одиназода С.- н.и.ф.м, дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. Аствацатуров Г.О. Дизайн мультимедийного урока / Г.О. Аствацатуров //Методика, технологические приемы, фрагменты уроков. - Волгоград, 2009. –С.133.
2. Безусова Т.А. Некорректные задачи как средство развития культуры математического и естественнонаучного мышления школьников: Автореф. Дисс. к.п.н. / Т.А. Безусова. -Тюмень, 2008.
3. Воронина Т.П. Образование в эпоху новых информационных технологий / Т.П.Воронина, В.П.Кашицин, О.П. Молчанова. - М.: Информатика, 1995.-С. 220 .
4. Раджабов Б. Ф. Значение информационных технологий в системе среднего профессионального медицинского образования Таджикистан / Б.Ф. Раджабов // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – 2016. – № 2/3 (40). – С. 7-12.
5. Раджабов Б. Ф. Современные информационные методы дистанционного обучения в медицинских вузах Таджикистана / Б.Ф. Раджабов, Ф.С. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – № 2. – С. 305-310. – ISSN 2074-1847.
6. Роберт И.В. Современные информационные технологии в образовании: дидактические проблемы; перспективы использования / И.В. Роберт. - М.: Школа-Пресс, 1994.-С. 205 .
7. Саидзода И.М. Методика организования уроков информационной технологии в общеобразовательных школах/ И.М. Саидзода, Қ.Ҳайётов // Вестник Таджикского национального университета. Серия педагогический наук. - Душанбе, 2021. -№3. -С. 293-300.
8. Саидов И.М. Использование компьютерных технологий в образовательной деятельности/ И.Саидов, А.И. Саидҷаҳфаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия педагогический наук. - Душанбе, 2021. -№4. -С. 220-227.
9. Саидов И.М. Изучение информационных технологий как фактора развития познавательной компетенции учащихся / И.М.Саидов, С. Мирзоев, Қ.Ҳайётов // Вестник института развития образования. Серия педагогики и психологии. -2021. -№1,(33). -С. 60-64. ISSN 2617-5620.
10. Саидов И.М. Роль информационных технологий в дистанционном образовании/ Саидов И.М. // Вестник института развития образования. №1,(29). ISSN 2617-5620.-Душанбе, 2020. -С. 161-166.
11. Саидов И.М. Услуги компьютерных технологий как фактор развития дистанционного образования/ И.М. Саидов Қ. Ҳайётов // Вестник Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Серия педагогики и психологии, методологии гуманитарных и естественных наук, №4(4). -Душанбе, 2020. -С. 160-164.
12. Селевко Г.К. Педагогические технологии на основе информационно-коммуникационных средств / Г.К. Селевко. – М.: НИИ школьных технологий, 2010. 208 с.(Серия «Энциклопедия образовательных технологий».)
13. Селевко Г.К. Педагогические технологии на основе информационно-коммуникационных средств / Г.К. Селевко. – М.: НИИ школьных технологий, 2010. –С.208. (Серия «Энциклопедия образовательных технологий».)
14. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии: Учебное пособие / Г.К. Селевко. – М.: Народное образование, 1998. – С. 256 .
15. Сергеева Т. Новые информационные технологии и содержание обучения / Т. Сергеева // Информатика и образование. -М., 1991. -№1. -С. 3-10.
16. Якушина Е. В. Электронно-образовательные ресурсы: педагогические качества, достоинства и недостатки / Е. В. Якушина //Народное образование. -2011. -№2. -С. 151.


## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР РАВАНДИ ТАДРИСИ ФАННИ АЛГЕБРА


Мақолаи мазкур ба мавзуи истифода ва татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди дарсҳои алгебра бахшида шудааст.Истифодаи ТИК дар раванди дарсҳои алгебра ба муҳассилин ва омӯзгорон имкон медиҳад, ки ба таври аёнӣ суръати омӯзишро тез ва вақтро сарфа намоянд. Инчунин дониши хонандагонро дар реҷаи интерактивӣ тавассути барномаҳои махсусгардонидашудаи бозиҳои мантиқию тестӣ ба таври фаврӣ баҳогузорӣ намоянд, ки ин салоҳиятнокии хонандагонро ташаккул медиҳад.Имрӯз дар баъзе ҳолатҳо баҳсҳое ба миён меоянд, ки агар ҳамаи ҳисоббаробаркуниҳоро тавассути имкониятҳои компютерӣ ба роҳ монем, қобилияти фикррони хонандагон паст мешавад, ки ин фикр тамоман нодуруст аст. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди ҳалли масъалаҳо, ҳангоми муқоисаи натиҷаҳои дастӣ бо натиҷаҳои компютерӣ, хонанда ҳама вақт кӯшиш менамояд, то натиҷаи ҳосилнамудаи худро бо натиҷаҳои компютерӣ баробар намояд.Яке аз усулҳои асосии татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълими алгебра истифодабарии рӯнамоҳо мебошад. Рӯнамоҳои таълимӣ ба мо имконият медиҳанд, ки раванди дарсро ҷолиб ва он формула ва фигураҳои лозимие, ки ба мавзуи дарсӣ вобастаанд, пайдарпай ба хонандагон нишон диҳем.Ҳамин тариқ, бояд қайд намоем, ки истифодаи

ТИК ба азхудкунии амиқ ва бошууронаи маводи омӯхташавандаи дарсӣ мусоидат мекунад, зеро хонанда маҳз тавассути технологияҳои навини компютерӣ мафҳумҳои асосии дарсиро аз худ мекунад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорони фанниро зарур аст, то шаклҳои навтарини таълимро бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ба роҳ монанд.

**Калидвожаҳо**: салоҳият, омӯзиш, технология, компютер, иттилоот, таълим, дониш, мавод, дарс, муҳассилин, мустақилият, омӯзгор функсия, таҷриба.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ПРОВЕДЕНИЯ УРОКОВ АЛГЕБРЫ

Данная статья посвящена использованию и применению компьютерных технологий в процессе роведения уроков алгебры.Использование ИКТ на уроках алгебры позволяет ученикам и учителям визуально ускорить обучение и сэкономить время. А также оценивать знания учащихся в интерактивном режиме с помощью специализированных программ логических и тестовых игр, что повышает компетентность учеников.Сегодня ведутся споры о том, что если все расчеты производить с использованием возможностей компьютера, то способность мыслить у учащихся снизится, что совершенно неверно. Эксперименты показывают, что в процессе решения задач, при сравнении результатов, полученных вручную, с результатами компьютера, ученик всегда пытается сопоставить полученный результат с результатами компьютера.Одним из основных способов применения компьютерных технологий в процессе обучения алгебре является использование презентаций. Учебные презентации позволяют сделать процесс урока интересным и показать учащимся необходимые формулы и цифры, связанные с темой урока.Таким образом, следует отметить, что использование ИКТ способствует углубленному и осознанному усвоению учебного материала, так как учащийся усваивает основные понятия урока и приобретает умение сравнивать посредством новейших компьютерных технологий. Поэтому учителю-предметнику необходимо внедрять новейшие формы обучения с использованием компьютерных технологий.

**Ключевые слова:** компетентность, обучение, технология, компьютер, информация, обучение, знания, материал, урок, обучаемый, самостоятельность, функция учителя, опыт.

## THE USE OF COMPUTER TECHNOLOGY IN THE PROCESS OF ALGEBRA LESSONS

This article is devoted to the use and application of computer technology in the process of algebra lessons.The use of ICT in algebra lessons allows students and teachers to visually speed up learning and save time. And also to evaluate students' knowledge in an interactive mode using specialized programs of logic and test games, which increases the competence of students.Today, in a number of cases, there are disputes that if all calculations are made using the capabilities of a computer, then the ability to think in students will decrease, which is completely wrong. Experiments show that in the process of solving problems, when comparing the results obtained manually with the results of a computer, the reader always tries to compare the result obtained with the results of the computer.One of the main ways to use computer technology in the process of teaching algebra is the use of presentations. Educational presentations allow you to make the lesson process interesting and show students the necessary formulas and numbers related to the topic of the lesson.Thus, it should be noted that the use of ICT contributes to an in-depth and conscious assimilation of educational material, as the student learns the basic concepts of the lesson and learns the ability to compare using the latest computer technologies. Therefore, the subject teacher needs to introduce the latest forms of education using computer technology.

**Key words:** competence, learning, technology, computer, information, learning, knowledge, material, lesson, learner, independence, teacher's function, experience.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Саидзода Исроил Маҳмад** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи информатика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 904485555**, E-mail: **isroil-84@list.ru.**

***Саидҷаҳфаров Аҳлиддин Илёсович*** - омӯзгори калони кафедраи информатика-барномасозии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт,кӯчаи Э.Муҳиддинов, 63. Телефон: **(+992) 985929200**_E-mail: **ahlidin_5111@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Саидзода Исроил Махмад*** **–** Таджикский нациолнальный университет, кандидат технических наук, доцент кафедры информатики. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан, город Душанбе, проспектРудаки. Телефон:**904485555**, E-mail**: isroil-84@list.ru**.

***Саиджахфаров Ахлиддин Илёсович*** **–** Таджикский педагогический институт в Раштском районе, старший преподаватель кафедры информатики, программист. Адрес: Республика Таджикистан, район Рашт, улица Э.Мухиддинова, 63. Телефон**: (+992)985929200**, E-mail: **ahlidin_5111@mail.ru**

**Information about authors:** ***Saidzoda Isroil Mahmad* -** Tajik National University, Candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of Informatics. Address: 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue. Phone: **904485555, *E-mail:* isroil-84@list.ru.**
**Saidjahfarov Akhliddin Ilyosovich -** Tajik Pedagogical Institute in the Rasht region, senior lecturer of the Department of Informatics, programmer. **Address**: Republic of Tajikistan, Rasht district, E. Mukhiddinov street, 63. Phone: **(+992) 985929200,** E-mail: **ahlidin_5111@mail.ru**

УДК:37.018.15

# МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

*Каримова М.М.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар ҳама давру замон дар таълиму тарбия ва такмили ахлоқу маънавиёти инсон (фарзанд) масъулияти асосӣ ба дӯши падару модар буд ва мемонад. Чунки маҳз падару модар дар саргаҳи ташаккул ва рушди хислатҳои неки инсонӣ, ҷаҳонбинӣ ва худшиносиву худогоҳии кӯдак қарор доранд, фарзандон аз хурдсолӣ дунёро бо чашму дили онҳо мебинанду дарк мекунанд ва муносибати худро ба олами гирду атроф, пеш аз ҳама, аз рӯйи фаҳму диди падару модар баҳо медиҳанд.

Фарзанд маҳз тавассути сатҳи дониш, ақлу фаҳм, ҷаҳонбинӣ, дараҷаи худогоҳиву худшиносии падару модар соҳиби саводу дониш, тафаккуру ҷаҳонбинии солим, ақлу заковати расо, инсонпарвару башардӯст, эҳтирому арҷгузор ба ниёгон ва соҳиби меҳру муҳаббати бепоён ба Ватан ва миллати худ мегардад. Аз ин рӯ, ба падару модар зарур аст, ки дар оила, дар муносибатҳои хеш меҳру муҳаббат, якдигарфаҳмӣ, дӯстӣ, ҳурмату эҳтиромро доимо риоя намуда, дар оила муҳити солимро ба вуҷуд оваранд.

Бояд зикр кард, ки меҳру муҳаббат, ҳурмату эҳтироми тарафайн, риояи ҳуқуқи зану шавҳар ва фарзандон дар хонавода, дар замири кӯдак эҳтиром ба шахсияти худ, арҷгузорӣ ба инсон ва ба ҷамъияту табиатро парвариш менамояд.

Дар ин мавзуъ пайғамбари ислом Муҳаммад (с) чунин таъкид кардааст: «Фарзандони худро эҳтиром ва ба онҳо ба одобу рафтори нек бархӯрд намоед, ба фарзандони худ дар анҷоми некӣ ва ҳашр ёрӣ расонед» [16, с. 5].

Дар ин росто таълиму тарбияи дурусти фарзандон вазифаи аввалиндараҷаи падару модар ба ҳисоб меравад. Хусусан, дар замони муосир ин арзишҳо бояд боз ҳам хубтару беҳтар амалӣ гашта, фарзандон ҳамчун шахси бофарҳангу бомаърифат, худшиносу худогоҳ, бунёдкору созанда ва ватандӯсту инсонпарвар парвариш ёбанд.

Чи тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, аз бемасъулиятиву беназоратии қисме аз падару модарон гурӯҳе аз наврасону ҷавонон аз таълиму тарбия дур монда, ба корҳои ношоиста даст мезананд, дар кӯчаву хиёбонҳо аз субҳ то шом гаштугузор менамоянд ва бо нафарони бадрафтор ҳамроҳ мешаванд.

Падару модаронро лозим аст ба он нуқта диққат диҳанд, ки на ҳамаи наврасон ҳоло мазмуну муҳтавои рафтори худро ба пуррагӣ, ба таври бояду шояд, дарк мекунанд ва миёни сиёҳу сафед фарқ гузошта метавонанд. Бинобар ин, дар бисёр ҳолатҳо фирефтаи амалҳои нафарони ҷинояткор гашта, оқибат худашон низ ҷинояткор мегарданд, ки ин, албатта, хеле ташвишовар аст.

Чи тавре маълум аст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар моддаи 8 падару модарро уҳдадор кардааст, ки «ба ҷалб намудани фарзанд ба корҳои хавфнок ва вазнини ба саломатии ӯ зараровар ва ҳамчунин дигар корҳое, ки ба инкишофи муътадили ҷисмонӣ ва равонии фарзанд халал мерасонад, иҷозат надиҳанд» [4, с. 6].

Дар тарбияи фарзанд баъзе волидайн бемасъулиятӣ нишон дода, рафтору кирдори фарзандонро зери назорати доимӣ намегиранд, ҳатто рафтору кирдори зишти онҳоро дидаву дониста маҳкум накарда, худро ба нодонӣ мезананд. Чунин рафтор ва муносибати ин гуна волидайн нисбати фарзандон ба он оварда расонидааст, ки баъзе ҷавонон гурӯҳ- гурӯҳ ба корҳои ношоиста даст мезананд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин қабил ҷавонон оқибат на ба панду насиҳатҳои волидайн ва на калонсолон гӯш медиҳанд, балки худсарию худписандӣ карда, ба авбошию ҷинояткорӣ даст мезананд ва на танҳо ба дигар ҷавонон, балки

умуман ба ҷамъият таъсири бад мерасонанд.

Ин қабил падару модарон хатои худро дар тарбияи фарзандон дар ҳамон ҳолат ба зимма мегиранд, ки фарзандонашон ҷиноят содир карда, аз тарафи мақомоти ҳуқуқию маъмурӣ ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Баъди чунин ранг гирифтани кор волидайн ба ташвиш меафтанд, аммо ин талошҳои падару модар дигар суде намебахшанд.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи дар назди ҷамъият оид ба тарбияи фарзандон ҳис намудани масъулият аз тарафи падару модарон ба дараҷаи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Дар натиҷа проблемаҳои зиёди тарбиявие дар назди оила ба вуҷуд омаданд, ки ҳаллу фасли худро интизоранд. Барои он ки оила аз уҳдаи ҳалли ин масъалаҳои тарбиявӣ бароянд, ба он ёрии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва педагогию психологӣ расондан зарур аст. Чунки дар ин вазъият танҳо худи оила дигар аз уҳдаи ҳалли ин масъалаҳо баромада наметавонад.

Имрӯз барои бартараф намудани масъалаи мазкур Ҳукумати Тоҷикистон аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, дар ин ҷода ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст.

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани кори таълиму тарбия соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба тасвиб расид. Мақсади асосии Қонуни мазкур аз баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, инчунин худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, эҳтироми арзишҳои милливу умумибашарӣ, омода намудани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва ба роҳи рост ҳидоят намудани онҳо иборат мебошад.

Оид ба нақш ва мақоми падару модар, дар таълиму тарбия ва ҳуқуқи фарзанд ва ё баръакс, вазифаи фарзанд дар бобати арҷу эҳтиром гузоштан ба падару модар гузаштагони бузурги мо аз худ асарҳои зиёде мерос мондаанд. Дар ин боб «Насиҳатнома»-и Имоми Аъзам, «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғазолӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Даввонӣ ва даҳҳо панду насиҳатномаҳои дигар таълиф шудаанд.

Яке аз чунин мутафаккирони бузурги форсу тоҷик Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳам дар асари бузургтарини худ «Захират-ул-мулук» ақидаҳои хешро дар ин мавзуъ иброз намудааст.

Бояд қайд кард, ки Алии Ҳамадонӣ нақши оиларо дар таълиму тарбияи инсон таъкид намуда, дар баробари ин, ҳуқуқҳои фарзандро муайян карда, дар ин бобат чунин овардааст:

«Абуҳурайра ривоят кард, ки шахсе пеши Расул алайҳиссалом омад ва гуфт: - Эй, расули Худой, некӣ бо кӣ кунам? Гуфт: Бо модар ва падари худ. Гуфт: Ман модар ва падар надорам. Гуфт: Бо фарзандони худ, чунонки модар ва падарро бар ту ҳақ аст, ҳамчунон фарзандонро бар ту ҳақ аст» [9, с. 93].

Чи тавре ки аз ривоят маълум мегардад, ҳар як инсон дар зиндагӣ бояд, пеш аз ҳама, ба падару модари худ некӣ кунад, яъне тамоми ҳуқуқҳои эшонро ба ҷой биорад. То он рӯзе, ки онҳо дар қайди ҳаёт мебошанд, ҳамеша дар хидмати падару модар бошад.

Чи тавре ки дар ривоят омадааст, шахс дар ҳолати падару модар надоштан, бояд ба риояи ҳуқуқҳои фарзандони хеш бипардозад. Яъне, ҳамаи ҳуқуқҳои онҳоро риоя намояд, ин маънои онро дорад, ки ба онҳо шароити мусоид фароҳам оварад, то ин ки фарзандон таълиму тарбияи замонавӣ гиранд. Ҳар як падару модар барои ҳифзи саломатӣ, таъмини ғизо, сарулибос ва дигар зарурати зиндагии фарзандони хеш то ба воя расидани онҳо вазифадоранд, ки ҳамаи ин ҳуқуқҳои фарзандонашонро риоя намоянд.

Тибқи Қонунҳои ҷории ҷомеаи муосир низ падару модар бо мақсади ҳифзи саломатӣ, рушди ҷисмонию маънавӣ ва ахлоқии фарзанд дар оила бояд шароити

мусоид фароҳам биоранд. Масалан, дар моддаи 7, сархати 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ишора рафтааст, ки падару модар барои саломатӣ, рушди ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзандонашон бояд ғамхорӣ зоҳир намоянд.

Чи тавре ки маълум мегардад, ин ақидаи мутафаккир дар замони мо низ аҳамияти ҳуқуқию тарбиявии худро на танҳо аз даст надодааст, балки мубрамияти хосса касб карда, дар шароити ҷомеаи муосир ба шакли қонун даромадааст. Аз ин моддаи қонун чунин бармеояд, ки дар оила ҳуқуқҳои фарзандон, ки дар синну соли ноболиғ қарор доранд, аз ҷониби падару модар бояд риоя карда шаванд.

Дар моддаи 7, сархати 11-и Қонуни мазкур падару модар вазифадор карда шудаанд, ки дар оила ҳуқуқҳо ва шаъну шарафи фарзандонро эҳтиром намоянд ва муомилаи бераҳмонаро нисбат ба онҳо раво набинанд. Дар Қонун ин ақида таъкид шудааст: «шаъну шарафи фарзандро эҳтиром карда, ба муомилаи бераҳмона нисбат ба онҳо роҳ надиҳанд» [4, с. 5].

Таҷриба ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар замони мо низ падару модароне ҳастанд, ки нисбати ҳуқуқҳои фарзандони хеш бепарвоӣ зоҳир карда, ҳатто онҳоро барои ба даст овардани қути лоямут дар корҳои вазнину зарарнок истифода мебаранд.

Ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки як қабил падару модарон барои иҷро накардани коре ё супорише нисбати фарзандон дағалӣ ва ҳатто зӯровариро раво мебинанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар осори хеш гаштаю баргашта ба падару модар таъкид менамояд, ки фарзандон дар назди падару модар амонатест аз Худои азза ва ҷалл ва дар рӯзи қиёмат аз иҷрои ин амонат аз онҳо пурсиш карда хоҳад шуд. Ва амонат бошад, барои Худои таоло оинаест дар шакли ҷамъи гуногуни бандагон ва ҳақиқат дар назди Ҳақ таоло ҷилвагар аст. Пас, падару модар дар зиндагӣ дар иҷрои ин амонат худро масъул ҳисобида, дар амалӣ намудани он тамоми ғайрати хешро равона намоянд.

Ин ақидаи худро Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи «Захират-ул-мулук» чунин овардааст: «Эй азиз, бидон, ки фарзанд амонати Ҳақ аст назди модар ва падар ва мутолабаи ҳуқуқи ин амонат дар маҷмаи қиёмат хоҳад буд ва вуҷуди ин амонат оинаест, ки сувари ҷамеи нақоис ва камолотро қобил аст ва ҷавҳари ҳақиқати ӯро ба ҳар чи майл диҳанд, бад-он моил гардад» [9, с. 94].

Дар ин мавзуъ, ҷоиз аст ақидаи мутафаккири бузурги асрҳои миёнаи халқи тоҷик Муҳаммад Ғазолиро ба хотир биёрем, ки чунин гуфта буд: «Фарзанд амонат аст дар падару модар ва дили поки фарзанд нафис асту нақшпазир, ҳар нақше, ки ба ӯ гузорӣ, чун мушк ба худ бигирад ва чун замин пок аст, ҳар тухме, ки дар вай бикорӣ, бирӯяд. Агар тухми хайру некӣ аст, ба саодати дину дунё расад ва падару модару муаллим дар он савоб шарик бошанд. Агар тухми бадӣ афканӣ ва ӯро ба ҳолаш гузорӣ, то ҳар чӣ хоҳад кунад ва бо ҳар кӣ хоҳад нишинад, ҳаргиз аз вай умеди некӣ накунӣ» [16, с. 6].

Мутаассифона, бояд ҳамин нуктаро зикр намуд, ки то имрӯз падару модароне вомехӯранд, ки дар таълиму тарбияи фарзандон ба таври бояду шояд масъулият ҳис намекунанд. Ҳол он ки масъалаи таълиму тарбияи фарзанд дар оила ва масъул будани падару модар дар ин раванд дар моддаи 34-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр возеҳу равшан омадааст: «Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини падару модар масъуланд» [1, с. 14-15]. Ҳамин чиз дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар (моддаҳои 7, 8) низ бори дигар таъкид карда шудааст.

Нуктаи дигаре, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таъкид кардааст, аз ҷиҳати педагогию равоншиносӣ хеле муҳим аст. Ба ақидаи ӯ, вақте ки кӯдак ба дунё меояд, аз ҳар ҷиҳат пок аст. Ҳама хислатҳои неку бадро онҳо аз падару модар ва

дигар шахсони ӯро дар оила иҳотакарда ёд мегиранд. Яъне, кӯдак вақте ки ба дунё меояд, аз ҳама ҷиҳат поку тоза мебошад. Ахлоқ, маънавиёт, ҷаҳонбинӣ рафтор ва муносибати кӯдак ҳамон тавре ташаккул меёбад, ки дар кадом руҳия, ба кадом тарзу усул ва дар кадом муҳит таълиму тарбият мегирад. Падару модар ба кадом дину мазҳаб ва забон мансубанд, пас кӯдак низ дар ҳамон дину мазҳаб ва забон қавӣ гашта, парвариш меёбад. Ва агар падару модар ҷуҳудонанд, ӯро ҷуҳуд мегардонанд ва агар муғанд, ӯро муғ мегардонанд. Ин ақида барои педагогикаи Ғарб ҳам характернок буд. Ҳамадонӣ ин фикрро чунин овардааст:

«...ҳазрати рисолат алайҳиафзалуссаловот фармуд, ки ...ҳар фарзанде, ки таваллуд мешавад, дар ҳолати валодат бар офариниш пок аст ва дин ва мазҳаб сироти неку бад аз модару падар мегирад. Ва агар эшон ҷуҳудонанд ӯро ҷуҳуд мегардонанд ва тарсоанд, тарсо мегардонанд ва агар муғонанд (оташпарастанд) он фарзандро муғ мегардонанд» [9, с. 94].

Ба падару модар зарур аст, ки ба фарзандоне, ки ба дунё меоянд, пеш аз ҳама, номи накуе интихоб намоянд. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки дар замони мо низ падару модароне ёфт мешаванд, ки дар интихоби номи фарзанди худ бемасъулиятӣ нишон медиҳанд.

Бузургони гузаштаамон беасос ба мо номи нек гузоштанро талқин накарда буданд. Онҳо бар ин ақида буданд, ки номи инсон ба ӯ, пеш аз ҳама, руҳи тозаю болида мебахшад, кӯдак аз хурдсолӣ ба он мекӯшад, ки сазовори номи худ бошад, агар номи қаҳрамоне бошад, дорои хислатҳои ахлоқии ӯ гардад ва ба ӯ монанд шавад, яъне номи нек дар ташаккули характери кӯдак ёрии калон расонида, дар зиндагӣ ҳамеша ӯро ба роҳи рост ҳидоят мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ақидаҳои бузургони гузаштаро тақвият бахшида, падару модаронро уҳдадор мекунад, ки ба фарзандони худ номи нек гузоранд. Дар ин хусус дар моддаи 7, сархати 2-и Қонуни мазкур чунин омадааст:

« ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ ном гузоранд» [4, с. 5].

Ба ақидаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, баъди он ки ба фарзанд номи нек гузоштед «ва чун ба шашсолагӣ расад, ӯро адаб кунед».

Дар ин ғояе, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар мутафаккирони бузурги халқи форсу тоҷик, дар таълиму тарбияи фарзанд ба миён гузоштаанд, маънии бениҳоят бузурге нуҳуфтааст.

Дар раванди тарбияи фарзанд мақом ва манзалати хонаводаи муттаҳиду устувор ва мустаҳкам ҳамчун маҳаки асосии ҷамъият бениҳоят бузург аст. Аз ин рӯ, ба падару модар лозим аст, ки тамоми ақлу хирад ва таҷрибаи худро баҳри таълиму тарбияи фарзандон равона созанд.

Чи тавре аз таъкидҳои ниёгон бармеояд, фарзанди баору номус, боақлу заковат, бомаърифату бофарҳанг, худогоҳу худшинос ва меҳанпарасту меҳнатдӯст давомдиҳандаи умри падару модар ва номбардори эшон мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, падару модар дар таълиму тарбия ва ба камол расидани онҳо ва муҳайё сохтани шароити мусоид ҳеҷ чизро дареғ надоранд. Зеро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» падару модарро вазифадор намудааст, ки барои саломатӣ, рушду такомули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанди худ ғамхорӣ намоянд. Дар Қонуни мазкур ин ақида чунин баён шудааст: «барои саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанди худ ғамхорӣ намоянд» [4, с. 5].

Алии Ҳамадонӣ ба падару модар таъкид менамояд, ки онҳо дар ниҳоди кӯдакони худ аз синни тифлӣ хислатҳои неки инсониро ташаккул дода, парвариш намоянд. Ва кӯдак, ки ба ҳадди тамиз расид, пеш аз ҳама, дар замири ӯ ҳисси шарму ҳаёро парвариш кардан зарур аст. Зеро ки ҳаё нишонаи саодат аст ва инро рушд додан ғанимат ва кори хайр мебошад.

Ба қавли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, яке аз сифатҳои аввалине, ки дар кӯдак аз синни тифлӣ пайдо мешавад, майл ба бисёр хӯрдан аст. Аз ин лиҳоз, падару модар бояд ба кӯдак одоби таом хӯрданро таълим диҳанд, бисёр хӯрданро дар чашми ӯ зишт кунанд ва аз захира ва ҷамъ кардани таом манъ кунанд ва кӯдакони бисёрхӯраро дар пеши ӯ сарзаниш кунанд, то вақте ки ин сифат дар вуҷуди вай шикаста шавад. Падару модар, ба ақидаи файласуф, бояд ба он бикӯшанд, ки фарзандон аз синни тифлӣ майл ба пӯшидани либосҳои рангоранг накунанд, онҳоро фаҳмонанд, ки ин пӯшиши занон ва муханнасон аст. Ва фарзандро аз суҳбати кӯдаконе, ки либос ва ҷомаҳои рангоранг мепӯшанд, нигоҳ доранд, чунки вайроншавии ахлоқи бештари кӯдакон аз ҳамин сар мезанад.

Ба ақидаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар ҳолате ки майлу рағбати кӯдак бештар ба либосу ҷомаҳои рангоранг дода шуд, ӯ аз сифатҳои ахлоқӣ ва маънавӣ дур мемонад. Яъне, мутафаккир ҷонибдори он ақида мебошад, ки падару модар бояд бештар ба тарбияи ахлоқӣ ва маънавии кӯдак диққат диҳанд, на ба пӯшидани либосу ҷомаҳои рангорангу бисёр хӯрдани хӯрок. Ба қавли файласуфи бузург, агар падару модар дар раванди тарбияи ахлоқии кӯдак пеши ин корро нагиранд ва ӯ бештар ба пӯшидани либосу ҷомаҳои рангоранг, хӯрдани хӯроки зиёд ва захира кардани таом майл намояд, дар натиҷа ҳамаи ин сабабгори он мегардад, ки дар ниҳоди кӯдак сифатҳое, ба монанди дурӯғгӯӣ, ҳасад, кибр, ҳирс, бухл, макр ва ғадр рушд меёбад. Ин ақида дар осори мутафакир чунин омадааст: «Ва аввал сифате аз сифоти замима, ки дар тифл зоҳир мешавад, шараҳ аст бар хӯрдан. Бояд ки одоби таом хӯрдан ӯро таълим кунанд ва бисёр хӯрданро дар чашми ӯ зишт гардонанд ва аз захира кардани таом манъ кунанд ва ба эсор фармоянд ва кӯдакони бисёрхӯраро дар пеши ӯ сарзаниш кунанд ва бисёр хӯрдан, то он сифат дар вай шикаста шавад. Ва аз пӯшидани ҷомаҳои рангин ва абрешимин манъ кунанд ва ӯро огоҳ кунанд, ки ин пӯшиши занон ва муханнасон аст. Ва фарзандро аз суҳбати кӯдаконе, ки бо ҷомаҳои рангин ва абрешимин пӯшидан ва танаъум одат карда бошанд, албатта, нигоҳ доранд, ки фасоди ахлоқи бештари атфол аз ин аст. Ва бад-ин сабаб бештари сифат муҳлика аз дурӯғ ва намима ва ҳасад ва уҷб ва кибр ва ҳирс ва бухл ва макр ва ғадр дар ниҳоди кӯдак русух меёбад» [9, с. 95].

Ба ақидаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, вақте ки кӯдак ба ҳадди таълим расид (аз синни 6-солагӣ), падару модар бояд ба таълими ӯ бипардозанд. Падару модар барои таълими фарзанд дар навбати аввал, устодеро интихоб намоянд, ки дорои ахлоқи ҳамида ва илму дониши замонавӣ бошад. Ба фикри Алии Ҳамадонӣ, таълимиро кӯдакро, пеш аз ҳама, аз таълими Қуръон оғоз карда, сипас ба таълими ахбор ва аҳодис ва мавоиз ва ҳикоёт дар бораи машоиху авлиёҳо машғул гардонанд. Алии Ҳамадонӣ ҷонибдори чунин ақида буд, ки агар кӯдак дар бораи шайххо, авлиёҳо, сулаҳо ва дигар бузургони ниёгон худ таълим гирифта, соҳибмаълумот шавад, дар ботини ӯ нисбат ба гузаштагони хеш меҳру муҳаббате пайдо мешавад, аммо мутафаккир падару модарро таъкид менамояд, ки фарзанди худро аз хондани ғазалҳо, ки дар он зикри ишқ ва зулф ва хол бошад, манъ кунанд, ки он дар ниҳоди кӯдак тухми фаҳшу фасод мепарварад.

Дар «Захират-ул-мулук» ин ақидаи хешро Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чунин шарҳ медиҳад: «Ва чун ба ҳадди таълим расад (ин ҷо сухан дар бораи фарзанд меравад), ба ҷиҳати таълими Қуръон устоде талаб кунад, ки ба салоҳ ва тақво мавсуф ва ба илми махориҷ устод бувад. Баъд аз таълими Қуръон ба таълими ахбор ва аҳодис ва мавоиз ва ҳикоёти машоих ва сулаҳо ва авлиё машғул гардонад, то муҳаббати аҳли салоҳ дар ботини ӯ мунғарис гардад ва аз хондани ғазалҳо, ки дар он зикри ишқ ва зулф ва хол бошад, манъ кунад, ки он тухми фасод дар дили атфол роста мегардонад» [9, с. 95].

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба мавзуи таълими фарзанд дар оила, намунаи ибрат будани волидайн ва устод барои кӯдак то замони имрӯза аҳамияти педагогии худро гум накарда, дар

таълими фарзандон, баланд бардоштани савияи дониш, маърифатнокӣ, ташаккул ва такомули ҷаҳонбинӣ, худшиносию худгоҳии фарзандон, рушди маънавию фарҳангӣ ва устувор намудани вазъи руҳию равонии оила дучанд афзудааст.

Ин ақидаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, то даврони мо дар раванди таълиму тарбияи фарзандон дар оила яке аз мавзуъҳои муҳимми ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад.

Бояд зикр намуд, ки имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳар чи бештар ба таълиму тарбия фаро гирифтани наврасону ҷавонон ҳамаи шароитҳоро фароҳам оварда истодааст, ки онҳо бештар ба таълим ва аз худ намудани техникаву технология ва илмҳои замонавӣ машғул шаванд.

Мутаассифона, баъзе падару модарон бошанд, таълиму тарбияи фарзандони хешро пурра бар дӯши мактаб гузоштаанд ва чунин ақида доранд, ки гӯё кори таълиму тарбия танҳо вазифаи мактаб мебошад.

Имрӯз дар ҷомеаи мо падару модароне ёфт мешаванд, ки ҳатто аз таълиму тарбия ва чӣ тавр таҳсил кардани фарзандони худ хабар надоранд, дар маҷлисҳои падару модарон тамоман иштирок намекунанд ва умуман назорат ҳам намебаранд. Аммо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бошад, дар навбати худ волидайнро уҳдадор кардааст, ки «-ба таълим фаро гирифтани фарзандро таъмин намуда, ба таҳсили ӯ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ монеъ нашаванд;

- дар маҷлисҳои падару модарон ва дигар чорабиниҳои мактабӣ бо даъвати маъмурияти муассисаи таълимӣ ҳатман иштирок намоянд» [4, с. 5].

Аз ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чунин бармеояд, ки тавсияҳое, ки ӯ ба падару модар додааст, дар ҷомеаи муосири мо низ мубрам ба ҳисоб меравад. Он ақидае, ки падару модар бояд фарзандони хешро аз хондани ғазалҳо, ки дар он зикри ишқ ва зулф ва хол аст, манъ кунанд, ин ақида дар замони мо ин корро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, яъне қонун падару модарро уҳдадор кардааст, ки масъалаи мазкурро ҳал намоянд. Масалан, дар моддаи 8-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар ин хусус чунин омадааст: «- ба фарзанд мутолиа ва паҳн кардани сабтҳои электронӣ (аз ҷумла тариқи телефонҳои мобилӣ), китобҳо, варақҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводи чопии дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва терористиро манъ намоянд;

- ба фарзандон тамошои филмҳои дорои хусусиятҳои шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро манъ намоянд» [4, с. 6].

Дар ин чо тафовут байни ақидаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва нишондоди қонун, яъне талаботи ҷомеаи муосири мо дар он аён мегардад, ки ҳафтсад сол қабл агар дар бораи манъ кардани «хондан» сухан мерафт, пас имрӯз бошад дар бораи манъ кардани «тамошо» сухан меравад. Вале мақсад ва мароми ҳарду фикру ақида як аст, яъне аз роҳи бад гардонидан ҳифз намудани фарзандон мебошад.

Мусаллам аст, ки дар ҷаҳони муосир нисбат ба давраи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ техника ва технология хеле тараққӣ карда, яке аз омилҳои асосии пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ва дар раванди таълиму тарбияи насли ҷавон нақши ниҳоят калонро мебозад ва имрӯз инсон ҳаёти худро бе телевизион, телефони мобилӣ, почтаи электронӣ, алоқаи интернетӣ ва дигар воситаҳои техникӣ тасаввур карда наметавонад.

Бояд қайд кард, ки Алии Ҳамадонӣ яке аз роҳҳои асосии пешравии тарбияи фарзандонро дар оила дар баланд бардоштани савияи донишҳои педагогию психологии худи волидайн, ташаккули маънавиёти оила ва дуруст ба роҳ мондани раванди таълим медид. Ӯ бо мақсади аз хурдсолӣ ташаккул додани сифатҳои ахлоқии кӯдак ба падару модарон таъкид мекард, ки таълимро маҳз аз Қуръон, ахбор, ҳадисҳо ва ҳикоёт оғоз намоянд. Чунки Алии Ҳамадонӣ ба хубӣ дарк менамуд, ки мазмуни Қуръон, ахбор, ҳадисҳои Муҳаммад (с) ва ҳикояҳо пур аз

панду ахлоқ буда, дар ғанӣ ва тозаю покиза гардонидани ҷаҳони маънавию ахлоқии инсон нақши бениҳоят бузургро мебозад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо ин суханони хеш таъкид ба он дорад, ки падару модар дар оила бояд ки ба таълиму тарбияи фарзанд ба таври ҷиддӣ машғул шаванд. Ба қавли ӯ, агар падару модар ба фарзандонаш тарбияти хуб диҳад, вақте ки ӯ ба балоғат расад, баракаташро мебинад, яъне, фарзанд, ки таълиму тарбияи нек гирифт, нишонаи ӯ дар замираш дида мешавад ва ба ҷуз ба аҳли хайр ва салоҳ унс нагирад ва ҳамеша ба корҳои хайр бикӯшад. Ва агар таълиму тарбияти ӯ баръакси ҳол шавад, ӯ аз овони кӯдакӣ ба аҳли ғафлат ва шарр унс гирад ва фаҳш, бешармӣ, макр, ҳирс ва бисёр хӯрдан ва пӯшидани либосҳои зинатдиҳанда одати ӯ шавад. Ва дар синни балоғат, ки расид, аз қабули Ҳақ бегона шавад ва ваъз ва насиҳат ба дили ӯ таъсир нарасонад ва ба фисқу фасод ва шурур ва маосӣ гирифтор гардад ва вуболи ҳамаи ин оқибат ба девони падару модар бозгардад.

Ҳамин тариқ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба масъалаи таълиму тарбияи фарзандон дар оила диққати махсус дода, аз падару модар талаб намудааст, ки таълиму тарбияи кӯдакро аз синни хурдсолӣ оғоз намоянд. Ба ақидаи ӯ, дар таълиму тарбияи фарзандон падару модар танҳо ҳамон вақт ба комёбиҳо ноил мегарданд, ки худ намунаи ибрат бошанд. Бо мақсади дар оила таъмин намудани талаботи ягонаи маънавӣ ва муҳайё кардани фазои солими ахлоқӣ бо фарзандон ва бо мақсади баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва ташаккули сифатҳои олии ахлоқи неки инсонӣ дар кӯдакон, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз волидайн ва омӯзгору мураббӣ талаб намудааст, ки дар раванди таълиму тарбияи фарзандон ва шогирдони худ таҷрибаи якдигарро омӯхта, таҳлил карда, дар амал эҷодкорона истифода намоянд ва худ намунаи ибрати эшон гарданд.

**Муқарриз:Ашурова Ш.К.- н.и.п., дотсенти ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2012.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 2012.
3. Константинов Н.А. Таърихи педагогика / Н.А.Константинов, Е.Н. Мединский. - Душанбе, 1982. – 502 с.-С. 48.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». - Душанбе, 2012. - 160 с.
5. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). - Душанбе: Ирфон, 2007. - 616 саҳ., -С. 99
6. Лутфуллоев М. Мирзохоҷа Д. Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ /М.Лутфуллоев Д. Мирзохоҷа. - Д., 2011. -320 с.
7. Мавлоно Нуриддин Ҷафар Бадахшӣ. Хулосат-ул-маноқиб. Трактат. – В343 (б).
8. Мирзо Азизӣ. Таърихи мухтасари Хатлон. - Кӯлоб, 1992.
9. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. (таҳиягарон Ҳ. Асозода, Турдиев Қ.). - Душанбе: Ирфон, 2008. - 372 с.
10. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Асноди ҳолия. 229 (б) тоҷикӣ.
11. Маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон». Май, 2014/www.bonuvon.tj. с. 22.
12. Ҳотам Асоев. Алии Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар фарҳанги Шарқ. - Душанбе: Ирфон, 2006, 144 с.
13. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи Қуддусия. (таҳиягар А.Кучаров). - Кӯлоб, 1993. С. 8.
14. Насиҳатномаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Таҳияи Ҳ. Асозода. – Кӯлоб, 1993, 160 с.
15. Нуров А. Ҳамкории оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ. -Д., 1989.
16. Суханронии Э. Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» 14 декабри 2010. Душанбе: Шарқи Озод. - 31 саҳ.


**МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ**


Муаллиф дар таълифоти хеш қайд кардааст, ки таълиму тарбияи дурусти фарзандон вазифаи аввалиндараҷаи падару модар ба ҳисоб меравад. Хусусан, дар замони муосир ин арзишҳо бояд боз ҳам хубтару беҳтар амалӣ гашта, фарзандон ҳамчун шахси бофарҳангу бомаърифат, худшиносу худогоҳ, бунёдкору созанда ва ватандӯсту инсонпарвар парвариш ёбанд.Ҳамчунин муаллиф таъкид

намудааст, ки аз бемасъулиятиву беназоратии қисме аз падару модарон гурӯҳе аз наврасону ҷавонон аз таълиму тарбия дур монда, ба корҳои ношоиста даст мезананд, дар кӯчаву хиёбонҳо аз субҳ то шом гаштугузор менамоянд ва бо нафарони бадрафтор ҳамроҳ мешаванд. Дар мақола андешаҳо аз осори илмию адабии яке аз мутафаккирони бузурги форсу тоҷик Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ гирд оварда шудаанд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба масъалаи таълиму тарбияи фарзандон дар оила диққати махсус дода, аз падару модар талаб намудааст, ки таълиму тарбияи кӯдакро аз синни хурдсолӣ оғоз намоянд.Аз мазмуну мундариҷаи мақола бармеояд, ки дар тарбияи фарзанд баъзе волидайн бемасъулиятӣ нишон дода, рафтору кирдори фарзандонро зери назорати доимӣ намегиранд, ҳатто рафтору кирдори зишти онҳоро дидавуดониста маҳкум накарда, худро ба нодонӣ мезананд. Чунин рафтор ва муносибати ин гуна волидайн нисбати фарзандон ба он оварда расонидааст, ки баъзе ҷавонон гурӯҳ- гурӯҳ ба корҳои ношоиста даст мезананд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин қабил ҷавонон оқибат ба панду насиҳатҳои волидайн ва калонсолон гӯш намедиҳанд, балки худсарию худписандӣ карда, ба авбошию ҷинояткорӣ даст мезананд ва на танҳо ба дигар ҷавонон, балки умуман ба ҷамъият таъсири бад мерасонанд.

**Калидвожаҳо**: таълиму тарбияи фарзанд, масъулияти падару модар, оила, волидайн, муносибат, муошират, ахлоқ, панду андарз, меҳру муҳаббат, якдигарфаҳмӣ, дӯстӣ, ҳурмату эҳтиром, бофарҳангу бомаърифат, худшиносу худогоҳ.

## ОТВЕТСТВЕННОСТЬ РОДИТЕЛЕЙ В ВОСПИТАНИИ И ОБУЧЕНИИ ДЕТЕЙ, С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МИР САЙИДА АЛИИ ХАМАДАНИ

Автор в своей статье пишет, что правильное воспитание и обучение детей является одной из первейших задач родителей. Особенно в новых условиях, когда родители обязаны воспитывать культурных, грамотных, сознательных и созидательных патриотов и гуманистов. Но, к сожалению, по причине безответственности некоторых родителей, подростки и юноши остаются вне воспитания и обучения, и в этой связи оставаясь беспризорными с утра до вечера на улице, связываются с плохой компанией и совершают противоправные действия. Автор, говоря об ответственности родителей в воспитании и обучения детей, опирается на взгляды одного из таджикско-персидских ученых мудрецов Мир Сайида Алии Хамадани и приводит много примеров о его высказывания по поводу ответственности родителей в воспитании и обучению детей. Мир Сайид Алии Хамадани уделяет особое внимание воспитанию детей в семье и требует от родителей, чтобы они начинали воспитание и обучение своих детей с раннего возраста. Из статьи ясно, что некоторые родители безответственно относятся к воспитанию своих детей и оставляют их без присмотра и даже не осуждают их по поводу плохого поведения. Ведут себя таким образом, как будто ничего не происходит. Такое безответственное отношение к детям привело к тому, что некоторые подростки, создавая группы, совершают противоправные деяния. Наблюдение за такими подростками показывает, что впоследствии такие подростки игнорируя всё и всех, совершают преступления и своими поступками наносят себе и обществу большой вред.

**Ключевые слова:** обучение и воспитание, ответственность родителей, семья, родители, отношение, нравственность, нравоучение, любовь, взаимопонимание, дружба, уважение, культурный и грамотный,

## THE RESPONSIBILITY OF PARENTS IN THE EDUCATION AND EDUCATION OF CHILDREN FROM THE POINT OF VIEW OF THE WORLD OF SAYYID ALIA HAMADANI

The author writes in his article that the correct upbringing and education of children is one of the primary tasks of parents. Especially in new conditions, when parents are obliged to educate cultural, literate, conscious and creative patriots and humanists.But unfortunately, due to the irresponsibility of some parents, adolescents and young men are not in the field of education and training, and in this regard, remaining homeless from morning to evening on the street get in touch with bad company and commit illegal actions.The author, speaking about the responsibility of parents in the upbringing and education of children, relies on the views of one of the Tajik-Persian learned sages Mir Sayyid Aliya Hamadani and gives many examples of his statements on the responsibility of parents in the upbringing and education of children. Mir Sayyid Aliya Hamadani pays special attention to raising children in a family and requires parents to start raising and educating their children from an early age.The article suggests that some parents are irresponsible in raising their children and leave them unattended, and do not even condemn them for bad behavior. They behave in such a way as if nothing is happening. Such a lack of responsible attitude towards children has led to the fact that some adolescents, creating groups, commit illegal acts. Observation of such adolescents shows that as a result, such adolescents, ignoring everything and everyone, commit a crime and by their actions bring great harm to themselves and to society.

**Key words**: education and upbringing, parental responsibility, family, parents, attitude, morality, moral teaching, love, mutual understanding, friendship, respect, cultural and literate.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Каримова Махфират Маҳмадалиевна* -** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои педагогӣ, устоди кафедраи педагогика. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи С.Айнӣ, 67.. Телефон: **(+992) 900-35-35-51.**

**Сведение об авторе:** ***Каримова Махфират Махмадалиевна*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры педагогики.
**Адрес**: 7351040, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица С.Айни, 67.
Телефон: **(+992) 900-35-35-51.**

**Information about the author:** ***Karimova Makhfirat Makhmadalievna* -** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, candidate of pedagogical sciences, teacher of the department of pedagogy. **Address:** 7351040, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, S. Aini street, 67.**Phone: (+992) 900-35-35-51.**.

УДК:370.3.30

# САЛОҲИЯТНОКИИ ИТТИЛООТИВУ ИРТИБОТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ САМАРАНОКИИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

*Хайруллоев Д.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар марҳилаи муосири рушди ҷомеа истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва иртиботӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолият ба тағйирёбии низоми маориф оварда расонидааст. Раванди иттилоотонии маориф, аз бисёр ҷанба, бо сатҳи салоҳиятҳои касбии донишҷӯён дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ муайян карда мешавад. Дар алоқамандӣ бо ин, тайёр намудани мутахассисон, ки метавонанд дониши худро дар истеҳсолот бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ татбиқ намоянд, вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба масъалаи мазкур миқдори зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бахшида шуда бошанд ҳам, таҳқиқотҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои иттилоотиву иртиботии донишҷӯён, омили ҳалкунанда будани технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар таъмини самарнокии таҳсилоти касбӣ ба таври маҷмӯавӣ гузаронида нашудаанд. Аз ин хотир, дар шароити имрӯза, зарурати таҳқиқи ҷанбаҳои асосии муносибатҳои методологӣ ва назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ба миён омадааст. Таҳқиқи масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотиву иртиботӣ, ва омили ҳалкунанда будани он, бо назардошти хусусиятҳои марҳилаи муосири иттилоотонии ҷомеа ва маориф, мазмуну мундариҷаи тайёр намудани мутахассисони техникӣ бо истифода аз техноогияҳои иттилоотиву иртиботӣ талаб карда мешавад.

Тайёр намудани мутахассиси рақобатпазир ва мувофиқ ба ҳаёту фаъолияти муосири касбӣ, дониш ва маҳорату малакаҳои мутобиқро дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ талаб менамояд. Истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар раванди таълим самаранокии таҳсилоти касбиро таъмин менамояд. Талаботҳои нав дар низоми маориф зарурати баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии омӯзгорон ва донишҷӯёнро пешниҳод менамоянд, ки дониш, малака ва маҳоратро дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ талаб мекунанд.

Ба хотири муайян намудани салоҳият ва салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботӣ ҳамчун омили самаранокии таҳсилоти касбӣ, зарур мешуморем, ки дастгоҳи мафҳумӣ дар ин самт мавриди тасниф ва баррасӣ қарор дода шавад. Дар сарчашмаҳои илмӣ миқдори зиёди таснифоти мафҳумҳои “салоҳият” ва “салоҳиятнокӣ” мавҷуд аст, ки ба мушкил гардидани фаҳми воқеии он оварда расонидааст. Аввалин маротиба мафҳуми “салоҳият” аз тарафи Н.Хомский барои ифода намудани қобилият дар иҷроиши фаъолияти муайян, махсусан фаъолияти забонӣ ва зеҳнӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Н.Хомский мафҳуми “салоҳият”–ро ҳамчун низоми қобилиятҳои зеҳнӣ, низоми донишҳо ва ақидаҳо, ки

дар ҳамбастагии тарафайн бо дигар омилҳо инкишоф менамояд, тасниф намудааст [15, с. 84].

Сипас, миқдори зиёди таснифот ба миён омаданд, ки ба ҷанбаҳои мухталифи мафҳуми "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" нигаронида шуда, боиси ташаккули муносибатҳои мухталифи илмӣ гардиданд. Дар доираи чунин муносибатҳои илмӣ салоҳият ва салоҳиятнокӣ ҳамчун дониш ва таҷриба дар ин ё он соҳа, ҳамчун имконияти шахсӣ, дониш ва таҷриба, ки имконияти иштирок дар коркарди доираи муайяни қарорҳо ё ҳалли масъаларо дар асоси мавҷудияти дониш ва таҷриба таъмин менамуд, баррасӣ мегардид.

Л.Н.Давидова мафҳуми "салоҳиятнокӣ"-ро ҳамчун сатҳи маълумотнокӣ, ки бо қобилияти ҳалли вазифаҳо дар соҳаҳои мухталифи фаъолият дар асоси донишҳои назариявӣ алоқаманд аст, тасниф намудааст [3,с.7]. М.Н. Горюнова салоҳиятнокиро ҳамчун қобилияти шахсият дар ҳалли доираи васеи вазифаҳои воқеӣ; омодагии қонеъкунанда ба фаъолият тасниф намудааст [2,6]. Муҳаққиқони тоҷик М.Лутфуллозода ва Ғ. Бобизода салоҳиятро ҳамчун ҷабидани дониш, маҳорату малака, таҷрибаи амалӣ, технологияи педагогӣ, маънавиёт ва фарҳанг, ки дар мустақилияти иҷтимоӣ-робитавӣ, ахбор, тафаккури интиқодӣ, таҳқиқотӣ, тафаккури эҷодӣ, эҳсос, арҷгузорӣ ва ғайра ифода мегардад, тасниф намудаанд [11,с.7-8].

Таҳлили таснифоти мафҳумӣ нишон медиҳад, ки дар амалияи таҳсилотии муосир мафҳуми салоҳиятнокӣ ба сифати мафҳуми "марказӣ" баромад менамояд, ки на танҳо унсурҳои маърифатӣ ва амалиётиву технологӣ, балки унсурҳои ҳавасмандӣ, этникӣ, иҷтимоӣ ва рафториро фарогир мебошад [10,с.15]. Чунин мешуморем, ки ин унсурҳо натиҷаи таҳсилот, низоми самтгириҳои арзишӣ, одат ва рафторро муттаҳид менамоянд.

Илова бар ин, фаҳми салоҳиятнокӣ на танҳо ҳамчун мавҷудияти дониш ва таҷриба, балки қобилият ва истифодаи он ҷой дорад, ки ба қобилияти суъбект дар амалнамоӣ мувофиқи шароити мавҷуда оварда мерасонад. И.А.Колесников чунин мешуморад, ки мафҳуми салоҳиятнокӣ дар муайян намудани андозаи касбияти инсон истифода мешавад ва дар чунин ҳолат салоҳиятнокии касбии мутахассисро дар назар дошта, инкишоф ва самгирии онро дар фаъолияти амалӣ таъкид менамояд [6,с.240]. Е.В. Михеева қайд менамояд, ки салоҳиятнокии касбӣ ин маҷмуи сифат ва хусусиятҳое мебошад, ки бо самтгирии инфиродӣ ба ин соҳаи фаъолият мувофиқ буда, инсон онро дар раванди фаъолияти касбӣ ба даст меорад [12,с.240].

Дар сохтори салоҳиятнокии субъект, асосан чор унсури зарурӣ ҷудо карда мешавад:

-унсури ҳавасмандӣ-мақсаднокӣ, ки бо мавҷудияти шавқу рағбат ба кор бо технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ, сабабҳои омӯзиши онҳо, гузориш ва дарки мақсади фаъолияти иттилоотӣ тасниф карда мешавад;

- унсури маърифатӣ-мундариҷавӣ, ки ҳамчун мавҷудияти маҷмуи донишҳо оид ба метод ва воситаҳои кор бо иттилоот, қобилияти истифода намудани онҳо дар фаъолияти касбӣ ошкор карда мешавад;

-унсури амаливу фаъолиятӣ, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, фаҳмиши принсипи кор бо онҳо, имконият ва маҳдудияти воситаҳои технологиро дар бар мегирад;

-унсури рефлексивӣ, ки ҳамчун истифодаи донишҳои мавҷуда ва донишҳои нав азхудшуда барои ҳалли масъалаҳои пайдошуда ва вазифаи ислоҳи фаъолияти иттилоотӣ дар асоси худтаҳлилнамоӣ ва худтанзимнамоӣ фаҳмида мешавад [4,с.69].

Таҳлили сохтори салоҳиятнокӣ нишон медиҳад, ки он ҳамчун омили асосӣ ва зарурии таъмини самаранокии таҳсилоти касбӣ баромад менамояд. Маҳз чунин нақш ва мақоми салоҳиятнокӣ буд, ки аз тарафи Шурои Аврупо панҷ салоҳияти калидӣ муайян карда шудааст, ки бояд ҷавонон дар раванди таълим аз худ намоянд:-салоҳиятҳое, ки бо афзудани ҷанбаи иттилоотонии ҷомеа алоқаманд мебошанд;- салоҳиятҳои муошırати хаттӣ ва шифоҳӣ;- салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ;- салоҳиятҳое, ки бо мавҷудият дар ҷомеаи серфарҳанг алоқаманд мебошанд;- қобилияти омӯзиш ва худтакмилдиҳӣ дар тули тамоми ҳаёт [13,с.44].

Дар шароити муосир салоҳиятнокии касбӣ ба сифати омили воқеии рақобатпазирӣ баромад менамояд. Муносибатҳои гуногуни илмиро ба масъалаи мазкур баррасӣ намуда, метавон қайд намуд, ки рақобатпазирӣ, мобилияти касбӣ, салоҳиятнокии касбӣ – ин сатҳи баланди донистани ин ё он шакли фаъолият, ин низоми донишҳо, малакаву маҳорат, ташаккули бунёдии ҷаҳони дохилии шахсият: талаботҳо, муқаррарот, сабабу омилҳои фаъолият, тасаввурот оид ба худ мебошад. Аксарияти муаллифон масъалаи тайёр намудани кадрҳои педагогиро, ки метавонанд дар раванди таълим технологияҳои навтарини иттилоотиро истифода намоянд, таҳқиқ намуда, асосан, мафҳуми “омодагии касбӣ”-ро истифода менамоянд [8,с.25].

Аз рӯйи мазмуну мундариҷа мафҳуми “салоҳиятнокии касбӣ” бо мафҳуми “омодагии касбӣ” наздик аст. Омадагии касбӣ ба фаъолият ҳамчун хусусияти устувори шахсият, маҷмуи ягона, ки аз унсурҳои ҳавасмандӣ, маърифатӣ ва ҳиссиётиву иродавӣ иборат аст ва ба талаботҳои фаъолият ҷавобгӯ мебошанд, тасниф карда мешавад [8,с.27].

Тафовути ин падидаҳо дар он зоҳир мегардад, ки омодагӣ ин вазъияти тайёр будани тамоми ҷанбаҳо, яъне донишҳо, малакаву маҳорат, сифатҳои касбӣ аст, салоҳиятнокӣ бошад, ин иҷро намудани омодагӣ аст, ки дар раванди фаъолияти касбӣ бо назардошти шароити махсуси фаъолият тасҳеҳ карда мешавад.

Таҳлили сарчашмаҳои назариявӣ нишон медиҳад, ки аксарияти муаллифон дар таснифоти мафҳуми “салоҳиятнокӣ”, ба сифати ҷанбаи калидӣ – истифодаи дониш дар фаъолияти амалиро ҷудо менамоянд. Ҳамин тариқ, дар шароити таҳсилот сифатҳои касбиро метавон унсури омодагии касбӣ шуморид, дар шароити фаъолияти касбӣ бошад, сифатҳои касбӣ ҳамчун унсури салоҳиятнокии касбӣ баромад менамоянд. Яке аз шаклҳои асосии салоҳиятнокӣ – салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ба ҳисоб меравад. Салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ яке аз шаклҳои калидии салоҳиятнокии инсони муосир ба ҳисоб меравад, ки дар ҳалли вазифаҳои

мухталиф бо истифодаи компютер, воситаҳои телекоммуникатсионӣ, интернет ва ғайраҳо зоҳир мегардад.

Шахсоне, ки мехоҳанд ба талаботҳои муосири раванди таълимӣ мувофиқ бошанд, саъю кӯшиш менамоянд, ки дар тули тамоми фаъолияти касбӣ ба омӯзиш ва худтакмилдиҳӣ машғул шаванд, ки самаранокии ин раванд бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотиву иртиботӣ таъмин карда мешавад. Бо салоҳият ва салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботӣ шаклҳои дигари салоҳиятнокӣ алоқаманд мебошанд. Дар ҷаҳони муосир бе салоҳият ва салоҳиятнокии пурраи иттилоотиву иртиботӣ ташаккули шаклҳои дигари салоҳиятнокӣ мушкил аст.

Дар таҳқиқотҳои О.И.Кочурова салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботиро ҳамчун низоми донишҳо ва малакаву маҳорати компютерӣ, ки дар касби мушаххас сатҳи зарурии бадасторӣ, коркард, интиқол, нигоҳдорӣ ва пешниҳоди иттилооти муайянкунандаи касбиро таъмин менамояд, тасниф намудааст [7,с.14].

О.Н. Ионова салоҳиятнокии иттилоотиро ҳамчун сифати интегративии шахсият, бунёди низоми донишҳо, маҳорату қобилияти субъект дар соҳаи иттилоот ва технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ, таҷрибаи истифодаи онҳо, инчунин қобилияти такмили донишҳо ва малакаву маҳорати худ, қабули қарорҳои нав дар шароити тағйирпазирӣ ё вазъияти ногаҳонӣ бо истифодаи воситаҳои технологии муосир муайян намудааст [4,с.69].

В.Г. Первутинский мафҳуми “салоҳиятнокии иттилоотӣ”–ро ҳамчун синтези донишҳо ва маҳорати махсуси мавзуӣ тасниф намудааст, ки дар фаъолияти касбии педагогӣ имконияти кори мақсаднокро бо иттилооти босуръат тағйирёбанда ва қобилияти ҳалли вазифаҳои ғайристандартиро дар асоси донишҳои мавҷуда таъмин менамояд [16,с.55-61].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар сарчашмаҳои илмӣ мафҳуми “салоҳиятнокии иттилоотӣ”, “салоҳиятнокии компютерӣ” истифода мешаванд, лекин як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки мантиқан истифодаи “салоҳиятнокӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ” дуруст аст, зеро ин мафҳум ҳамон калимаҳои калидиро, ки ба таври пурра мундариҷаи мафҳумро ошкор менамоянд, дар бар мегирад. Мақсади асосии таҳсилоти касбӣ аз тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат, салоҳиятнок, масъулиятнок, донандаи касби худ, дорои қобилияти инкишофи доимии касбӣ, аз мобилияти иҷтимоӣ ва касбӣ, аз қонеъ намудани талаботи шахсият дар бадастории маълумоти касбӣ иборат аст [1,с.70]. Албатта, ба даст овардани чунин мақсад бе истифодаи воситаҳои муосири иттилоотиву робитавӣ ғайриимкон аст.

Дар шароити имрӯза, омӯзгорон дорои имкониятҳои васеи истифодаи технологияҳои мухталифи иттилоотиву робитавӣ дар раванди таълим мебошанд. Дар ин самт метавон маҷмуи маълумотҳо, иттилоот аз шабакаи интернет, воситаҳои сершумори электронии таълимӣ, луғатҳо ва маълумотномаҳо, маводҳои дидактикӣ, презентатсияҳо ва барномаҳоро махсусан қайд намуд. Ба шарофати ин воситаҳои иттилоотиву иртиботӣ мундариҷаи таҳсилот, имконияти босуръати иваз намудани иттилоот бо шарикон таъмин карда мешавад [9,с.37].

Имрӯз, ҷаҳон бештар аз технологияҳои иттилоотӣ вобаста гардидааст ва оянда аз омӯзгорон ва мутахассисон захираи бузурги донишҳои мухталиф, аз он

ҷумла донистани технологияҳои иттилоотиро талаб менамояд. Бозор донишҳои васеъ ва коркардҳои босуръатро дар асоси воситаҳои мавҷуда талаб менамояд. Дар чунин ҳолат омӯзгор на танҳо ба хонадагон таълим медиҳад, онҳоро тарбия менамояд ва рушди шахсии онҳоро таъмин мекунад, балки бо ворид гардидани технологияҳои иттилотиву иртиботӣ ба раванди таълим ҳавасмандии бузургро дар самти худомӯзӣ, рушди касбӣ ва эҷодӣ ба даст меорад.

Омӯзгор тарзи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникативиро аз худ менамояд, онҳоро дар раванди таълим дар тайёр намудани мутахассисони оянда, ки дар ҷомеаи нави иттиллотӣ фаъолият менамоянд, истифода мекунад. Бо чунин васила омӯзгори фанҳои тахассусӣ сифати таҳсилот, сатҳи тайёр намудани мутахассисониояндаро баланд менамояд.

Шароити зарурии ташаккули салоҳиятнокии мутахассиси оянда дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ салоҳиятнокии омӯзгор дар соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад. Ворид ва дуруст истифода намудани технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар раванди таълим яке аз омилҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки чунин имкониятро таъмин менамояд. Аз ин хотир, барои муносибат ва ҳалли самараноки вазифаҳои муҳимми касбӣ, зарур аст, ки тамоми кормандони соҳаи маориф дорои салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ бошанд [5,с.48].

Технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар фазои таълимӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани маҳорати касбӣ баромад менамоянд. Барои идораи самараноки фаъолияти донишҷӯён дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар фаъолиятиояндаи касбӣ, дорои салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ будани омӯзгор зарур аст, ки қисми таркибии маҳорати касбии омӯзгори муосир ба ҳисоб меравад.

Салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботии омӯзгор ҳамчун омодагӣ ва қобилияти ӯ дар истифодаи технологияҳои муосири иттилоотиву иртиботии муосир дар фаъолияти педагогӣ барои ҳалли доираи васеи вазифҳои таълимӣ ва банақшагирии баланд бардоштани тахассус дар ин соҳа фаҳмида мешавад [14,с.51]. Ба сифати нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ҷанбаҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

-дарки ворид гардидани низоми маориф ба равандҳои глобалии иттилоотӣ;

-тайёрӣ ба азхудкунии дастрасии самаранок ба ҳаҷми номаҳдуди иттилоот, таҳлил ва коркарди иттилоот;

-ташаккул ва рушди сифатҳои шахсӣ, ки имконияти тавлиди ғояҳоро дар муҳити нави иттилотиӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои инноватсионӣ пешниҳод менамояд;

-мавҷудияти сатҳи баланди фарҳанги иртиботӣ, яъне коммуникатсия тариқи воситаҳои иттилоотӣ, тасаввуроти назариявӣ ва таҷрибаи амалии ташкили ҳамкориҳо, ки дар доираи муоширати фаъол амалӣ мегардад;

-азхудкунии таҷрибаи илмӣ ва иҷтимоии корҳои якҷоя;

-азхудкунии фарҳанги интихоб, нигоҳдорӣ, таҷдид, пешниҳод ва ҳамгироии иттилоот дар соҳаи интихобгардида;

-истифодаи технологияҳои муосири интерактивии телекоммуникатсионӣ ҳамчун ҷанбаи зарурии рушди касбият дар ҷараёни маълумотгирӣ дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ;

- қобилият ба моделсозӣ ва бунёди муҳити иттилоотиву таълимӣ, ояндабинии фаъолияти касбии худ.

Салоҳиятнокии донишҷӯён ҳамчун омодагӣ ва қобилият дар истифодаи мустақил ва масъулиятноки технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар фаъолияти касбӣ баррасӣ карда мешавад. Аз тарафи донишҷӯён имконият ва маҳдудиятҳо, ки аз нишондиҳандаҳои технологии воситаҳои иттилоотиву иртиботӣ ва хусусиятҳои муҳити таълимиву иттилоотӣ бармеояд, ҷудо карда мешаванд. Донишҷӯён дар чунин муҳит фаъолият менамоянд, ки барои ташаккул ва инкишофи салоҳият ва салоҳиятнокии онҳо дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ шароити муфидро таъмин менамояд. Илова бар ин, вазифаҳои таълим ва тарбия, ки бо хусусиятҳои касбиву шахсии донишҷӯён алоқаманд мебошанд, мушаххас гардонида мешаванд. Дар чунин ҳолат сохтори салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ чунин арзёбӣ карда мешавад:

-донишҳо оид ба имконияти технологияҳо, истифода ва маҳдудияти онҳо барои ҳалли вазифаҳо;

-қобилияти истифода намудани технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар фаъолияти касбӣ;

-таҷрибаи истифодаи маҷмуи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар фаъолияти касбӣ, зоҳир намудани мустақилият ва ташаббускорӣ;

-такмили қобилият, пурра намудани донишҳо ва рушди таҷриба дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ, истифодаи малакаву маҳорат дар фаъолияти касбӣ.

Г.А.Кручинина қайд менамояд, ки салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотиву иртиботии донишҷӯёнро ҳамчун қисми таркибии салоҳият як қатор шартҳои иловагии фаъолияти касбӣ муайян менамоянд:

-омодагӣ, ҷустуҷӯ ва коркарди иттилоот дар шакли электронӣ;

-баланд бардоштани салоҳиятнокии касбии худомӯзӣ бо истифода аз захираҳои таълимӣ;

-гузаронидани машғулятҳои амалӣ бо истифода аз технологияҳои компютерӣ;

-истифодаи захираҳо ва муошират дар Интернет, истифодаи технологияҳои телекоммуникатсионӣ дар ташкили фаъолияти таълимӣ ва илмиву таҳқиқотии донишҷӯён [8,с.15].

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза, салоҳият ва салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ яке аз омилҳои муҳимми таъмини самаранокии таҳсилоти касбӣ ба ҳисоб рафта, диққати махсусро талаб менамояд. Тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат аз истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ва мутобиқан ташаккул ва инкишофи салоҳият ва салоҳиятнокии мутахассисони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ вобаста аст.

**Муқарриз: Мирзоев А.Р.- д.и..п., профессори ДБССТ**

**АДАБИЁТ**

1. Беспалько В.П. Образование и обучение с участием компьютеров (педагогика третьего тысячелетия) / В.П. Беспалько. – М.: МПСИ, 2002. –352 с.
2. Горюнова М.А. Распределенная модель повышения квалификации педагогов в сфере информационных и коммуникационных технологий / М.А. Горюнова. – СПб: Питер, 2006. – 122 с.
3. Давыдова Л.Н. Различные подходы к определению качества образования / Л.Н. Давыдова // Качество. Инновация. Образование. – М., 2005. -№2. - С. 5-8.
4. Ионова О.Н. Формирование информационной компетентности взрослых в процессе дополнительного образования / О.И.Ионова. – Великий Новгород: Академия, 2007. – 173 с.
5. Кобенкулова Ж.Т. Основные структуры ИКТ-компетенции учащихся специальных дисциплин / Ж.Т. Кобенкулова // Психология и образование. – М., 2016. – №5 (23). –С. 44-51.
6. Колесникова И.А. Коммуникативная деятельность педагога / И.А. Колесникова. – М.: Академия, 2007. – 336 с.
7. Кочурова О.И. Система обучения взрослых по использованию компьютерных технологий в профессиональной деятельности / О.И. Кочурова. –СПб: Питер, 996. – 242 с.
8. Кручинина Г.А. Дидактические основы формирования готовности будущего учителя к использованию новых информационных технологий обучения / Г.А. Кручинина. – М.: Педагогика, 1996. – 40 с.
9. Кулик, Е.Ю. Система формирования готовности учителей к конструированию информационной образовательной среды предметного / Е. Ю. Кулик. – М.: РГБ, 2005. – 169 с.
10. Куликова Ю.К. Формирование информационно-коммуникационной компетенции преподавателей специальных дисциплин в среднем профессиональном учебном заведении / Ю.К. Куликова. – Нижний Новгород: Академия, 2008. – 199 с.
11. Лутфуллозода М. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо / М.Лутфуллозода, Ғ.Бобизода. –Душанбе, 2017. -86 с.
12. Михеева Е.В. Практикум по информационным технологиям в профессиональной деятельности / Е.В. Михеева. – М.: Академия, 2006. – 256 с.
13. Роберт И.В. Толковый словарь терминов понятийного аппарата информатизации образования / И.В. Роберт. – М.: БИНОМ, 2012. – 69 с.
14. Урсова, О.В. Развивающий потенциал информационно-коммуникационных технологий в системе повышения квалификации учителей-предметников / О. В. Урсова. – Новгород, 2006. – 195 с.
15. Хомский, Н. Язык и мышление. –М.: Изд-во Московского университета, 1972. -123 с.
16. Хуторской А.В. Ключевые компетенции. Технология конструирования / А. В. Хуторской // Народное образование. – 2003. – № 5. -С. 55-61.

## САЛОҲИЯТНОКИИ ИТТИЛООТИВУ ИРТИБОТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ САМАРАНОКИИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

Дар мақолаи мазкур масаъалаи салоҳиятнокии иттилоотиву иртиботӣ ҳамчун омили асосии таъмини самаранокии таҳсилоти касбӣ баррасӣ карда шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки раванди иттилоотонии маориф дар асоси сатҳи салоҳиятнокии касбии донишҷӯён дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ муайян карда мешавад. Дар алоқамандӣ бо ин, тайёр намудани мутахассисон, ки метавонанд дониши худро дар истеҳсолот бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ истифода намоянд, вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад. Дар амалияи таҳсилотии муосир мафҳуми салоҳиятнокӣ ба сифати мафҳуми “марказӣ” баромад менамояд, ки на танҳо унсурҳои маърифатӣ ва амалиётиву технологӣ, балки унсурҳои ҳавасмандӣ, этникӣ, иҷтимоӣ ва рафториро фарогир мебошад. Чунин унсурҳо натиҷаи таҳсилот, низоми самтгириҳои арзишӣ, одат ва рафторро муттаҳид менамоянд. Рақобатпазирӣ, мобилияти касбӣ, салоҳиятнокии касбӣ – ин сатҳи баланди донистани ин ё он шакли фаъолият, ин низоми донишҳо, малакаву маҳорат, ташаккули бунёдии ҷаҳони дохилии шахсият: талаботҳо, муқаррарот, сабабу омилҳои фаъолият, тасаввурот оид ба худ мебошад. Мақсади асосии таҳсилоти касбӣ аз тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат, салоҳиятнок, масъулиятнок, донандаи касби худ, дорои қобилияти инкишофи доимии касбӣ, аз мобилияти иҷтимоӣ ва касбӣ, аз қонеъ намудани талаботи шахсият дар бадастории маълумоти касбӣ иборат аст. Тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат аз истифодаи сатҳ ва сифати технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ва мутобиқан ташаккул ва

инкишофи салоҳият ва салоҳиятнокии мутахассисони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ вобаста аст.

**Калидвожаҳо:** салоҳият, маълумоти олӣ, масъулиятнок, технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ, мутахассиси рақобатпазир, низоми маориф, дониш ва таҷриба.

## ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННАЯ КОМПЕТЕНТНОСТЬ КАК ФАКТОР ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В данной статье рассматривается проблема информационно-коммуникационной компетентности как ключевого фактора обеспечения эффективности профессионального образования. Автор отмечает, что процесс информатизации образования определяется, исходя из уровня профессиональной компетентности студентов в использовании информационно-коммуникационных технологий. В связи с этим подготовка специалистов, способных применять свои знания на производстве с использованием современных информационных технологий, является приоритетной задачей вузов.В современной образовательной практике понятие компетентности выступает как «центральное» понятие, которое охватывает не только когнитивные и операционно-технологические элементы, но и мотивационные, этнические, социальные и поведенческие элементы. Такие элементы объединяют результаты обучения, систему ценностных ориентаций, привычки и модели поведения. Конкурентоспособность, профессиональная мобильность, профессиональная компетентность - это высокий уровень знания той или иной формы деятельности, это система знаний, навыков и умений, конструктивное формирование внутреннего мира личности: требования, установки, мотив деятельности и представление о себе. Основной целью профессионального образования является подготовка конкурентоспособных, компетентных, ответственных специалистов на рынке труда, знающих свою профессию, способных к непрерывному профессиональному развитию, социальной и профессиональной мобильности, отвечающих потребностям личности при получении профессионального образования. Подготовка конкурентоспособных специалистов на рынке труда зависит от уровня и качества использования информационно-коммуникационных технологий и, соответственно, формирования и развития компетенций и компетентности будущих специалистов в сфере высшего образования.

**Ключевые слова:** компетенция, высшее образование, ответственность, информационно-коммуникационные технологии, конкурентоспособный специалист, система образования, знания и опыт.

## INFORMATION AND COMMUNICATION COMPETENCE AS A FACTOR IN THE EFFECTIVENESS OF PROFESSIONAL EDUCATION

This article examines the problem of information and communication competence as a key factor in ensuring the effectiveness of professional education. The author notes that the process of informatization of education is determined based on the level of professional competence of students in the use of information and communication technologies. In this regard, the training of specialists capable of applying their knowledge in production using modern information technologies is a priority task for universities. In modern educational practice, the concept of competence acts as a "central" concept that covers not only cognitive and operational-technological elements, but also such as motivational, ethnic, social and behavioral elements. These elements combine learning outcomes, value systems, habits and behaviors. Competitiveness, professional mobility, professional competence is a high level of knowledge of a particular form of activity, it is a system of knowledge, skills and abilities, a constructive formation of the inner world of a person: requirements, attitudes, motive of activity, and self-image.The main goal of professional education is to train competitive, competent, responsible specialists in the labor market, who know their profession, capable of continuous professional development, social and professional mobility, meeting the needs of the individual in obtaining vocational education. The training of competitive specialists in the labor market depends on the level and quality of the use of information and communication technologies and, accordingly, the formation and development of the competence of future specialists in the field of higher education.

**Key words:** competence, higher education, responsibility, information and communication technologies, competitive specialist, education system, knowledge and experiences.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хайруллоев Диловар Шамсуллоевич*** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯй. **Суроға:**735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи С.Айнӣ, 67.

**Сведение об авторе:** ***Хайруллоев Диловар Шамсуллоевич*** - Бохтарский государственый университет имени Носира Хусрава, соискатель. **Адрес**: 7351040, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица С.Айни, 67.

**Information about the author:** ***Khairulloev Dilovar Shamsulloevich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant. Address: 7351040, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, S. Aini street, 67.

УДК:370.34

# ҶАНБАИ ИҶТИМОӢ-ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ФАРҲАНГИ ИНСОН

*Шарипов Р.С.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Тибқи нишондоди адабиёти муосири илмӣ ва педагогӣ, педагогикаи иҷтимоӣ дар ибтидои асри ХХ пайдо шудааст. Баъзе муҳаққиқон пайдоиши онро бо номи муҳаққиқи олмонӣ Ф.Дайтервег мепайванданд. Ӯ чунин мешуморид, ки таҳсил бояд на танҳо бо табиати кӯдак, балки бо сатҳи фарҳанги замон ва давлати муайян, яъне бо дарназардошти тағйири шароити иҷтимоию таърихӣ баррасӣ карда шавад [8, с.4]. Муҳаққиқ П.Наторп чунин мешуморид, ки вазифаи асосии педагогика муайян кардани шароити иҷтимоӣ мебошад, ки барои рушд, тарбия ва ташаккули шахсияти инсон бештар мусоид мекунад [8;5].

Бояд зикр кард, ки ҳатто мутафаккирони Юнони қадим Демокрит, Протагорас, Суқрот, Афлотун, Арасту алоқаи зичи байни маориф ва сохтори сиёсии давлатро таъкид кардаанд [10].

Педагогикаи иҷтимоӣ бар хилофи тамоюлҳое, ки дар педагогикаи умумӣ вуҷуд доштанд, ташаккул ва рушд ёфт ва тарафдорони он мустақилияти принсипҳо ва хусусиятҳои тарбияро аз сиёсати давлатӣ ҳимоят карданд (Ж.Ж.Руссо, Г.Спенсер, Л.Н.Толстой, С.Холл ва дигарон). Сарфи назар аз тафовутҳои консепсияи ин олимон, ҳама эътироф мекунанд, ки раванди тарбия бо хусусиятҳои психологии кӯдак муайян карда мешавад ва набояд аз низомҳои иҷтимоӣ вобаста бошад. Ин ғояҳоро намояндагони педагогикаи таҷрибавӣ (В.А.Лай, Е.Мейман, А.П.Нечаев ва дигарон) ба таври муфассал баён кардаанд [11].

Далели илмии функсияи иҷтимоии маорифро К.Г.Маркс ва Ф.Энгелс ҳамчун раванди тавоное баррасӣ намудаанд, агар он ба ҳалли масъалаҳои ҳаёт ва таърих равона карда шуда бошад.

Дар солҳои 20-уми асри ХХ педагогикаи иҷтимоӣ дар шакли кӯшиши амалӣ кардани ғояи алоқаи байни таҳсилоти мактабӣ ва муҳити иҷтимоӣ таҳия карда шуда буд. Ғояи мазкур дар асарҳои муҳаққиқ С.Т.Шатский, ки ягонагии назария ва амалияи педагогиро ҳамчун асоси педагогикаи иҷтимоӣ зикр кардааст, баён гаштааст: «Аз мавқеи назариявӣ, масъалаи асосӣ таъсири муҳити атроф ба инсон (нақши омилҳои тарбия); аз ҷиҳати амалӣ мо ба мундариҷа, шаклҳо ва усулҳои кори муштарак бо муҳити калонсолон ва муҳити муҳассилин манфиатдорем. Дар ин муҳит, назария бо амалия зич алоқаманд аст ва пояи педагогикаи иҷтимоиро ташкил медиҳад» [15].

Дар солҳои аввали баъди Инқилоби Октябр ғояҳои педагогӣ дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар робита бо ҷомеашиносии марксистӣ рушд карданд. Аммо таносуби ғояҳои илмӣ байни ҷомеашиносӣ ва педагогика якбора пайдо нашуд. Ҳангоми ташаккули педагогикаи шуравӣ акидаҳои гуонгун пайдо шуданд. Ҳамин тавр, муҳаққиқон В.Н.Шулгин ва М.В.Крупенин кӯшиш карданд, ки педагогикаро ба ҷомеашиносӣ ва сиёсат дохил кунанд, аммо намояндагони ақидаи «тарбияи озод» ин робитаро нодида гирифта, намунаҳои амалияи тарбияро дар асоси психологияи инсон баррасӣ карданд. Ҳарду нуқтаи назар аз ҷониби педагоги машҳур А.С. Макаренко шадидан интиқод карда шуд.

Дар Иттиҳоди Шуравӣ ва кишварҳои хориҷӣа таваҷҷуҳ ба проблемаи педагогикаи иҷтимоӣ дар солҳои 70-ум зиёд шуд. Дар асри ХХ механизмҳои кор бо муҳассилин дар ҷойи истиқомат ва таҳияи тавсияҳои зарурии методӣ таҳия шуданд (В.Г.Бочарова, М.М.Плоткин ва дигарон). Солҳои 80-уми асри гузашта муҳаққиқон М.А.Галагузов, В.Д.Семенов ва ҳамкорони онҳо мустақиман дар

соҳаи тафаккури иҷтимоӣ ва педагогӣ ба таҳқиқоти илмӣ шуруъ намуда, худи ин мафҳум ва ҳамчунин соҳаҳои дахлдори таҳқиқоти илмиро эҳё карданд [9].

Дар нимаи дуюми асри XX як қатор олимони шуравӣ дар соҳаи педагогикаи иҷтимоӣ тадқиқот гузаронданд. Муҳаққиқ М.М.Плоткин дастгирии иҷтимоию педагогии муҳаққиқони оилаҳои камбизоат, шароити офиятбахшии иҷтимоии наврасон ва омӯзиши тавсияҳои методологиро дар асоси ин таҳқиқотҳо таҳия менамояд.Муҳаққиқони тоҷик Ф.Шарифзода ва Миралиозода А.М. раванди комили педагиро бо иҷроиши вазифаҳои зерин марбут донистаанд: «-сохторӣ, мушаххас сохтани мақсадҳои таълиму тарбия; -табдили муҳтавои таҳсилот ба маводи таълиму тарбия; - таҳлили иртиботи байнифаннӣ ва дохилифаннӣ; - интихоби шева, восита ва шаклҳои ташкилии раванди педагогӣ; -таҳлили натиҷаҳо ва самаранокии раванди педагогӣ» [14, с. 37].

Муҳаққиқ Ю.В.Василкова мафҳумҳои «педагогикаи иҷтимоӣ» ва «хусусиятҳои кори омӯзгори иҷтимоӣ»-ро аз «оилаҳои хавфнок», «мушкил» ва муҳаққиқони маъюб баррасӣ мекунад. Гузашта аз ин, муаллиф пайдоиш ва рушди ғояҳои инфиродии педагогикаи иҷтимоиро аз замонҳои қадим то охири асри XX дар таърихи таълимоти хориҷӣ ва дохилӣ, ҳамчунин нақши таълим, мактабҳо, муҳити зист дар тарбияи иҷтимоӣ, иҷтимоии шахсро таҳқиқ кардааст.

Муҳаққиқ В.Г.Бочарова оид ба асосҳои методологӣ ва назариявии омӯзиши муҳити иҷтимоӣ дар раванди ташаккули шахсият таҳқиқот анҷом додааст [3]. Муҳаққиқ Б.Н.Алмазов дар пажӯҳиши худ асосҳои назариявии таҳия ва татбиқи технологияҳои иҷтимоию педагогӣ, ҳамчунин равишҳои гуногуни технологиро барои ҳалли мушкилоти маъмулии иҷтимоию педагогӣ муаррифӣ кардааст [7].

Муҳаққиқ Н.Г.Крилова се самти асосии тарбияи иҷтимоиро баррасӣ кардааст: ташкили таҷрибаи иҷтимоӣ, таълим, кумаки инфиродӣ ва ҳамчунин типологияи шаклҳои ташкили фаъолияти муштараки омӯзгорон ва хонандагон [6].

Муҳаққиқ Э.И.Тихомирова оид ба технологияи дастгирии педагогӣ барои худмаблағгузории муҳассилин дар як гурӯҳ, усулҳои ин корро мавриди оиӯзиш қарор додааст [13].

Муҳаққиқ Борисова Т.Ф. фазои таълимиро ҳамчун омили тарбияи иҷтимоии муҳассилин, шаклҳо ва усулҳои кори тарбиявӣ бо онҳо дар фазои кушоди таълимӣ баррасӣ менамояд, оид ба ташаккули фазои инфиродии таълимӣ барои донишҷӯ маълшумот додааст [2].

Муҳаққиқ Е.В.Козлов шароити педагогии тарбияи иҷтимоии муҳассилинро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионии худ ӯ ҷанбаҳои назариявии тарбияи иҷтимоиро дар чорабиниҳои беруназсинфӣ баррасӣ намуда, роҳҳои беҳтар кардани мундариҷаи ин навъи фаъолияти муҳассилинро пешниҳод кардааст [5].Муҳаққиқ Н.Ф.Басов раванди ташаккули тафаккур ва амалияи иҷтимоӣ ва педагогиро аз марҳилаҳои ибтидоии рушди инсон то замони мо таҳқиқ кардааст. Вай ба таҳлили ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва анъанаҳои гуманистии таълими давлатӣ дар асрҳои XIX-XX диққати хосса зоҳир намудааст [1].

Муҳаққиқ Н.Ф.Голованова таърихи рушди мушкилоти иҷтимоии кӯдакро дар фалсафаи ғарбӣ ва русӣ, психологияи иҷтимоӣ ва педагогикаи асри XX муаррифӣ кардааст, мафҳумҳои муосири педагогии ҷараёни сотсиализмро асоснок карда, асосҳои психологӣ ва педагогии ташаккули таҷрибаи иҷтимоии кӯдакро ифшо кардааст, имконоти ташкили таълими муосирро ҳамчун раванди иҷтимоии ҷомеа тавсиф намудааст [4].Дар кишварҳои хориҷӣ таҳқиқот дар соҳаи проблемаҳои педагогикаи иҷтимоӣ дар солҳои 50-уми асри XX гузаронида шуданд, аммо, дар Аврупо, аз ҷумла Олмон ва дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, аз охири асри XIX фаъолияти амалие, ки ба истилоҳ «кори иҷтимоӣ» таъин шуда буд ва аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои динӣ ва ҷамъиятӣ ташкил ба роҳ монда шуда буд, ба шиддат рушд кард. Ин кор барои кумак ба оила, ҳамчунин гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ва ҳамгироии механизмҳои таълимии мактаб ва дигар

ташкилотҳо ва ғ. равона карда шуда буд.Яке аз объектҳои педагогикаи иҷтимоӣ ҷараёни иҷтимоӣ мебошад. Баъзе муҳаққиқон муаллифи истилоҳи «сотсиализатсия»-ро сотсиологи фаронсавӣ Г.Тарде медонанд, дигарон - сотсиологи амрикоӣ Ф.Г. Гиддинг, ки китоби «Таърихи сотсиализм»-ро соли 1887 нашр кардааст.

Дар педагогикаи ватанӣ педагоги рус П.Ф.Каптереваро муаллифи истилоҳи «сотсиализатсия» эътироф мекунанд. Дар солҳои 1920-ум муҳаққиқони зерин оид ба назарияи тарбия аз нуқтаи назари ташаккули иҷтимоии шахсият кор кардаанд: П.Блонский, Л.В.Луначарский, А.С. Макаренко, С.Т.Шатский, В.Н.Шулигин ва дигарон.

Дар солҳои 60-уми асри XX олимони рус О.С.Богданов, В.Б.Гмурман, Б.Т.Лихачев, Г.Н.Филонов ва дигарон масъалаи мазкурро мавриид баррасӣ қарор доданд. Тибқи назарияи педагоги машҳур В.А.Сухомлинский, «моҳияти иҷтимоишавӣ аз ҳамбастагии мустақими шахсияти кӯдак бо ҷаҳони беруна иборат аст ва сатҳи иҷтимоии шахс хусусияти хосси маҷмуи муносибатҳои динамикӣ бо воқеият мебошад» [12].

Дар Ғарб назарияи иҷтимоии шахсиятро Ж.Н.Алантай, О.Г.Брим, В.Бронфен-Бреннер, С.Н.Кули, М.Мид, Т.Парсонс, И.Таллман, Э.Эриксон ва дигарон такмил додаанд.

3. дар бозӣ бояд хусусиятҳои синнусолии талабагон ба назар гирифта шаванд. Он бояд эҳсосоти мусбатро ба вуҷуд орад, яъне кайфияти хуб, аз ҳалли масъала қаноатмандӣ пайдо мекунад, бинобар ин мақсади бозӣ бояд дастрас бошад ва бозӣ ҷолиб бошад [5].

Вобаста аз он ки дар бозӣ кадом намуди амалияи инсон аз нав ба вуҷуд оварда мешавад ва мақсадҳои иштирокчиёни он чӣ гуна аст, бозиҳои тиҷоратӣ ба истеҳсолӣ (идоракунӣ), таълимию тадқиқотӣ ва ташхисӣ (аттестатия) тасниф мешаванд.

*Бозии тиҷоратии истеҳсолӣ* - шакли моделсозии предмет ва мазмуни иҷтимоии фаъолияти касбии мутахассис бо мақсади аз худ намудани меъёрҳои фаъолияти ҷамъиятию истеҳсолӣ ва ҷустуҷӯи роҳи мувофиқтарини ҳалли вазъи соҳибкорӣ аст. Ба ибораи дигар, ин таҷдиди фаъолияти ташкилотҳо ва роҳбарон, инчунин моделсозии бозии низомҳои идоракунӣ мебошад [12].

Бозиҳои тиҷоратии истеҳсолӣ ба ҷустуҷӯи роҳҳои мувофиқтарини масъала ё вазифаи мушаххас, ки дар фаъолияти амалии роҳбарон, мутахассисон ва коргарон ба миён меоянд, асос ёфтаанд. Чунин бозиҳо имкон медиҳанд, ки фаъолияти роҳбарон ва мутахассисон пурратар такрор карда шавад, душвориҳо ва сабабҳои онҳо муайян карда шаванд, вариантҳои бартараф намудани онҳо кор карда ва баҳо дода шаванд, қарорҳо қабул карда, механизмҳои амалӣ муайян карда шаванд.

Ҳар як иштирокчии бозии тиҷоратии истеҳсолӣ дар он дар доираи вазифае, ки дар сохтори идоракунӣ ишғол кардааст, амал мекунад. Дар ин ҷо самараи бевоситаи такмили ихтисос ба амал меояд, ки дониш, маҳорат ва малакаи ҳосилшуда бевосита ба фаъолияти амалӣ мегузарад. Чунин таълими роҳбарон ва мутахассисон метавонад муҳлати кор карда баромадан ва ба амал баровардани масъалаи мушаххасро дар дохили корхона хеле кӯтоҳ карда, сифати иҷрои онро хеле беҳтар намояд.

*Бозии бизнеси таълимӣ* имкон медиҳад, ки матнҳои субъектӣ ва иҷтимоии фаъолияти касбии ояндаро дар омӯзиш муайян карда шаванд ва бо ин дар муқоиса бо таълими анъанавӣ шароити бештар мувофиқи ташаккули шахсияти мутахассисро тақлид кунанд.

Дар ин шароит азхудкунии донишҳои нав ба нақшаи фаъолияти касбии оянда гузошта мешавад. Омӯзиш характери муштарак, коллективӣ пайдо мекунад. Шахсияти мутахассис дар натиҷаи итоат ба ду намуди меъёрҳо - амали салоҳиятноки моддӣ ва муносибатҳои иҷтимоии коллектив ташаккул меёбад. Дар чунин таълими ноил шудан ба мақсадҳои дидактикӣ ва тарбиявӣ ба як ҷараёни фаъолияти хонандагон, ки хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар шакли фаъолияти бозӣ амалӣ мегардад, муттаҳид мегардад.

Ҳар як бозии тиҷоратӣ хусусиятҳои худро дорад, бинобар ин, принсипҳои асосии психологӣ ва дидактикии гузаронидани бозиҳои тиҷоратӣ дар раванди таълим таҳия шудаанд:

1) принсипи моделсозии шароити мушаххас ва динамикаи истеҳсолот. Моделсозии шароити воқеии фаъолияти касбии мутахассис дар ҳама гуна робитаҳои расмӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ асоси усулҳои интерактивии таълим мебошад;

2) принсипи моделсозии бозии мазмун ва шаклҳои фаъолияти касбӣ. Татбиқи ин принсип шарти зарурии бозии таълимӣ мебошад, зеро он вазифаҳои тарбиявӣ дорад;

3) принсипи фаъолияти якҷоя. Дар бозии тиҷоратӣ ин принсип татбиқро тавассути ҷалби якчанд иштирокчиёни фаъолияти маърифатӣ тақозо мекунад. Он аз таҳиякунанда талаб мекунад, ки нақшҳоро интихоб ва тавсиф кунад, ваколатҳо, манфиатҳо ва воситаҳои фаъолиятро муайян кунад. Дар баробари ин намудҳои характерноки ҳамкории касбии «мансабдорон» муайян ва модел карда мешаванд;

4) принсипи муошırати диалогӣ. Ин принсип барои ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ шарти заруриро муқаррар мекунад. Фақат муколама, мубоҳиса бо иштироки максималии ҳамаи бозингарон метавонад боиси кори ҳақиқатан эҷодӣ шавад. Муҳокимаи дастаҷамъонаи маводи таълимӣ аз ҷониби хонандагон ба онҳо имкон медиҳад, ки муаррифии ҳамаҷонибаи равандҳо ва фаъолиятҳои касбиро анҷом диҳанд.

5) принсипи дунақшагӣ. Принсипи дунақшагӣ раванди инкишофи хислатҳои шахсии воқеии мутахассисро дар шароити «хаёлӣ», бозӣ инъикос мекунад. Таҳиягар барои хонанда ду намуди мақсад мегузорад, ки матнҳои воқеӣ ва бозиро дар фаъолияти таълим инъикос мекунанд;

6) принсипи мундаричаи муаммоии моделиронӣ ва раванди ҷойгиркунии он дар фаъолияти бозӣ.

Бо истифода аз ин принсипҳо бозии корӣ ба ташаккули сифатҳои шахсӣ ва тиҷоратии иштирокчиёни бозӣ мусоидат мекунад. Бозиҳои тиҷоратӣ метавонанд ҳамчун воситаи ташхис ва пешгӯии рафтори шахс дар ҳолатҳои гуногуни мушкилот истифода шаванд [10].

Дар ниҳоят, бозӣ бояд ба инҳо мусоидат кунад:

- дониш ва малакаҳои касбиро дар фанҳои махсус амиқ ва таҳким бахшидан;
- шавқу рағбат ба касб;
- такмил додани дониш ва маҳорати касбии худ;
- ҷаҳонбинии худро бо маълумоти нав васеъ кунанд;
- шахсони ташаббускор, қатъӣ ва эҷодкор тарбия карда шаванд.

Дар баробари ин, дар омӯзиши фанни технология кор оид ба лоиҳаҳои эҷодӣ бештар маъмул мегардад. Лоиҳаҳои эҷодӣ ба ташаккули тафаккури иқтисодии хонандагон мусоидат мекунанд. Вобаста ба самт ва мавзуи лоиҳа асоснокии дахлдори иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Хонандагон хароҷотро ҳисоб мекунанд, тадқиқоти маркетингӣ мегузаронанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки дар бораи аҳамияти иқтисодии лоиҳаи худ хулосаҳои муайян бароранд.

Бо усулҳои лафзӣ сифатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ муҳимми одамро тарбия кардан амалан имконнопазир аст. Хонандагонро ба навъҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ ва хоҷагӣ ҷалб кардан лозим аст. Агар хонандае, ки кор карда истода бошад, ба вазъияте дучор шавад, ки бе дониши иқтисодӣ вазифаҳои дар наздаш гузоштаашударо иҷро карда натавонад, дар он сурат аз худ кардан, пурра кардан ва инкишоф додани онҳо талаботи табиӣ мегардад.

Омӯзиши иқтисодӣ инчунин метавонад ба конеъ гардондани ҳадафҳои шахсӣ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон нигаронида шавад. Бинобар ин хеле муҳим аст, ки тарбия бо ахлоқи баланд пайваста бошад. Дар хонандагон тарбия намудани ахлоқи мадании фаъолияти меҳнатӣ ва хоҷагӣ муҳимтарин вазифаи муаллим мебошад.

Ҳамин тавр, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки усулҳои таълими фанни технология бисёранд, ки ба муаллим дар ташаккули маданияти иқтисодии хонандагон ёрӣ мерасонанд.

**Муқарриз: Исломов О.А. – д.и.п., профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**


**АДАБИЁТ**

1. Азизов, А.А. Методикаи ташаккули салоҳиятнокии соҳибкории хонандагон дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) / А.А. Азизов, Ш.Ю. Азизов, А.А. Усмонов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. – No S1-4-2(80). – P. 129-134. – EDN NYFDIS.
2. Азизов, Ш. Ю. Трудолюбие и творческий подход учащихся к жизни и труду / Ш. Ю. Азизов, Ш. Х. Бобоева // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2021. – № 4(69). – С. 129-137. – EDN FTSMCN.
3. Азизов, Ш.Ю. Таърих ва ташаккули таълими технология (таълими меҳнат) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш. Ю. Азизов // Номаи донишгоҳ”-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – 2021. – No 3(68). – P. 136-143. – EDN UQGIWS.

4. Активные методы обучения в высшей школе: Учебно-методические материалы по программе повышения квалификации «Современные педагогические и информационные технологии» / Под ред. Е.Ю.Грудзинской и В.В.Марико.- Нижний Новгород, Изд-во ННГУ им. Н.И.Лобачевского, 2009.
5. Бабанова И. А. Деловые игры в учебном процессе / И. А. Бабанова // Научные исследования в образовании. -2012. -№7. -С.19-24.
6. Влазнев А. И. Интерактивные методы обучения в экономической подготовке студентов вуза / А. И.Влазнев, С. А. Влазнева // Известия ПГУ им. В.Г. Белинского. -2012. -№28. -С.714-719.
7. Исоева Д.С. Формирование экономически значимых качеств учащихся в процессе обучения технологии: дисс... канд...пед. наук: 13.00.01 / Д.С. Исоева.- Душанбе, 2016.- 152 с.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", аз 14.03.2014 № 1081 (42) [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content (санаи истифодабарӣ: 1.03.2022).
9. Литова З.А. Формирование экономического мышления школьников в процессе преподавания технологии / З.А. Литова // Ученые записки. Электронный научный журнал Курского государственного университета. -2012. -№2 (22). -С.167-174.
10. Медведева Ч.Б. Деловая игра как метод интерактивного обучения студентов / Ч.Б.Медведева, И.В.Цивунина, Г.Ю. Климентова // Вестник Казанского технологического университета. -2012. -№2. -С.196-198.
11. Нематов Л.Х. Педагогические основы экономического воспитания учащихся 5-7 классов на уроках технологии: на материалах школ Согдийской области: диссер... канд. пед. наук: 13.00.01 / Л.Х. Нематов - Душанбе, 2014.- 181 с.
12. Радионов Н.В. Предпринимательство / Н.В.Радионов, О.О.Читанова, В.Е. Аганеев. Социально-экономическое управление Издательство Юнити-Дана Единство, 2002. - 384 с.
13. Самохвалов М.И. Сущность и содержание экономической культуры старшеклассника / М.И. Самохвалов // Педагогика и психология образования. -2011. -№3. -С.28-31.
14. Харханова Г.С. Интерактивные методы обучения как средство формирования мотивации конфликта у школьников: дис. на соис. учен. степ. канд. пед. наук. 13.00.01 / Г.С. Харханова. - Калининград, 1999. -142 с. РГБ ОД, 61:00-13/868-3
15. Хлимановская О.В. Формирование экономической культуры как условие социализации личности учащихся старших классов / О.В.Хлимановская // Вестник ЧГПУ. -2010. -№10. -С.229-237.

## МЕТОДИКАИ ТАШАККУЛИ ДОНИШ ВА МАЛАКАИ ИҚТИСОДИИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯ

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои мубрами таҳсилоти муосир- методикаи ташаккули дониш ва малакаи иқтисодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди дарсҳои технология (таълими меҳнат) баррасӣ шудааст.Дар мақола қайд мегардад, ки ҷавонони имрӯза бе дониши иқтисодӣ дар ҷомеаи муосир мақоми худро ёфта наметавонанд. Аз ин лиҳоз, муаллиф аз давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ таълими самарбахши унсурҳои иқтисодиёт ва асосҳои соҳибкориро зарур мешуморад. Мақоларо ҷиҳати пешбурди таълими фанни технология (таълими меҳнат) як навъ раҳнамо ҳисобидан мувофиқи матлаб аст. Дар он оид ба мазмун ва мундариҷаи раванди таълим дар самти иқтисодиёт ва соҳибкорӣ, фаъолияти хонанда ва нақши омӯзгор маълумот дода шудааст.Муаллиф дар таълими унсурҳои иқтисодӣ истифода аз методҳои интерактивиро тавсия кардааст. Методҳои интерактивии таълимро шартан ба се гурӯҳ тақсим намуда, оид ба методҳои муҳокимаи гурӯҳӣ, таҳлили вазъиятҳои мушаххас, бозиҳои дидактикӣ ва семинар-тренингҳо маълумотҳои мушаххас оварда, оид ба мақсади истифодаи ин методҳо ҷиҳати ташаккули дониш ва малакаи иқтисодии хонандагон дар дарсҳои технология ибрози назар намудааст. Ҳамчунин, асарҳои олимони соҳа зикр шуда, аз манбаъҳои илмӣ ҷиҳати тасдиқи вазъиятҳои гуногун иқтибосҳо оварда шудаанд. Ҳамин тариқ, мақола муаммои мубрами самти таҳсилоти иқтисодиро фаро гирифта, тадқиқоти арзишманд мебошад.

**Калидвожаҳо:** технология, таълими меҳнат, методика, диниши иқтисодӣ, хонанда, таҷриба, принсип, интерактивӣ.

## МЕТОДЫ ФОРМИРОВАНИЯ ЗНАНИЙ И ЭКОНОМИЧЕСКИХ УМЕНИЙ УЧАЩИХСЯ НА УРОКАХ ТЕХНОЛОГИИ

В данной статье одним из важнейших вопросов современного образования является способ формирования знаний и экономических умений учащихся общеобразовательных учреждений в процессе уроков технологии (трудового обучения).В статье отмечается, что без экономических знаний современная молодежь не может найти свое место в современном обществе. С этой точки зрения автор

считает необходимым эффективно обучать азам экономики и основам предпринимательства еще с периода обучения в общеобразовательной школе. Статью целесообразно рассматривать как своеобразное пособие по продвижению технологического образования (трудового воспитания). Она содержит обширный анализ содержания и содержания образовательного процесса в сфере экономики и предпринимательства, деятельности учащегося и роли преподавателя. Автор рекомендует использовать интерактивные методы в обучении экономическим элементам. Он разделил интерактивные методы обучения на три группы, дал конкретную информацию о методах группового обсуждения, разборе конкретных ситуаций, дидактических игр и семинаров-тренингов, а также высказал свое мнение о целях использования этих методов для развития экономических знаний и навыков учащихся на уроках технологии. Также упоминаются работы ученых в данной области и приводятся цитаты из научных источников для подтверждения различных ситуаций.Таким образом, статья освещает актуальную проблему экономического образования и представляет собой ценное исследование.

**Ключевые слова:** технология, трудовое обучение, методика, экономическая теория, ученик, опыт, принцип, интерактив.

## METHODS FOR THE FORMATION OF KNOWLEDGE AND ECONOMIC SKILLS OF STUDENTS IN TECHNOLOGY LESSONS

In this article, one of the most important issues of modern education is the method of formation of knowledge and economic skills of students of educational institutions in the process of technology lessons (labor training).The article notes that without economic knowledge, modern youth cannot find their place in modern society. From this point of view, the author considers it necessary to effectively teach the basics of economics and the basics of entrepreneurship from the period of study at a secondary school. It is advisable to consider the article as a kind of manual for the promotion of technological education (labor education). It contains an extensive analysis of the content and content of the educational process in the field of economics and entrepreneurship, the activities of the student and the role of the teacher.The author recommends using interactive methods in teaching economic elements. He divided the interactive teaching methods into three groups, gave specific information about the methods of group discussion, case studies, didactic games and training seminars, and also expressed his opinion on the goals of using these methods to develop economic knowledge and skills of students in technology lessons. The work of scientists in this field is also mentioned and citations from scientific sources are given to confirm various situations.Thus, the article highlights the actual problem of economic education and is a valuable study.

**Keywords:**technology, labor training, methodology, economic theory, student, experience, principle, interactive.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Усмонов Аҳадҷон Аҳмадҷонович*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, унвонҷӯи кафедраи технология ва методикаи таълим. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: **samson1193@mail.ru** Телефон: **93-885-84-84**

**Сведение об авторе:*****Усмонов Ахаджон Ахмадджонович*** **-** Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, соискатель кафедры технологии и методики преподавания. **Адрес**:735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова,1. E-mail: **samson1193@mail.ru** Телефон**: 93-885-84-84**

**Information about the author:*****Usmonov Ahadjon Ahmadjononovich*** **-** Khujand State University named after academician B. Gafurov, scientist applicant of the Department of technology and teaching methods. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov passage, 1. E-mail: **samson1193@mail.ru** Phone: **93-885-84-84**

УДК: 811.512.8'22

# АСАРҲОИ МАНЗУМ ВА АҲАМИЯТИ ОНҲО ДАР ТАЪЛИМИ ИБТИДОӢ

*Тоҳирова М.F.*

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Пешрафти ҷомеаи муосир дар назди ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ ва миёнаи махсуси омузгорӣ вазифа гузоштааст, ки сифати таълимро беҳтар гардонида, тайёрии назариявӣ ва амалии кормандони ояндаи кӯдакистону мактабро таъмин намоянд. Иҷро гардидани ин вазифа ба китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, аёниятҳо ва дигар маводҳои илмию методӣ вобастагӣ дорад.

Шавқ нисбати китоб дар кӯдак барвақт пайдо мешавад. Дар аввал ба ӯ варақгардон кардан, гӯш кардани хониши калонсолон, тамошои расмҳо шавқовар аст. Баробари пайдо шудани шавқи тамошо дар ӯ хоҳиши хондан низ пайдо мешавад. Баробари бурдани корҳои муайян аллакай дар синни сесолагиаш шавқи китобхонӣ, бетараф набудан нисбати тақдири қаҳрамон, пайгирӣ намудани ҳодисаҳои асар ва ғайраро бедор намудан мумкин аст.

Яке аз хусусиятҳои хосси дарки асари бадеӣ ин дилсӯзӣ нисбати қаҳрамон маҳсуб меёбад. Дарк кардан характери фаъолро касб намуда, кӯдак худро ба ҷойи қаҳрамон тасаввур мекунад, фикран амал мекунад, бо душман мубориза мебарад. Дар саҳнаи театри лӯхтак кӯдакон гоҳо ба рафти намоиш дахолат намуда, мекӯшанд ба қаҳрамон ёрӣ диҳанд, ба таври якҷоя (хор) чӣ кор кардани қаҳрамонро мегӯянд.

Е.А.Флерина қайд мекунад, ки чунин хусусият, ин зудбоварии кӯдакон аст: кӯдакон интиҳои нохубро дӯст намедоранд, қаҳрамон бояд муваффақ бошад [16, с.303].

Дарки асари бадеии хонандагон дар синни хурди мактабӣ инкишоф ва такмил меёбад.

Таълими адабиёти бадеӣ дар тарбияи насли наврас нагши калидӣ дорад. Маҳз тавассути он шахс метавонад бо таърихи бойи худ, фарҳанг, одоби ҳамидаи инсонӣ ошноӣ пайдо кунад.

Аз қадимулайём назм ба ҳар як фарди соҳибдил руҳу тавон бахшида, барои кайфияти зиндагии ӯ кумак мерасонд. Мардуми тоҷик таърихи назми зиёда аз ҳазорсоларо доро буда, ин хазинаи ганҷи мадании хешро чун гавҳараки чашм нигоҳ медоранд. Агар ба мероси мадании ниёгонамон назар афканем, боварӣ ҳосил менамоем, ки мавқеи назм нисбат ба наср волотар аст [4, с.102].

Масъалаи дарки асарҳои бадеӣ дар тадқиқоти Л.С.Виготский, С.Л.Рубинштейн, Б.М.Теплов, О.И.Никифорова, Е.А.Флерина ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Классикони бузурги мо дар ашъори дилангез ва шеъру достонҳои худ як силсила мавзуъҳои дорои аҳамияти умумиинсонӣ ва иҷтимоӣ, ба мисли ватанхоҳӣ, қадри инсон ва зарурати дӯст доштани он, манфиати илму дониш, ахлоқи нек, муҳаббат ба шеъру шоирӣ ва монанди инҳоро ба хотири ҳамаи наслҳо, пеш аз ҳама насли наврас ва ҷавон, эҷод кардаанд. Масалан, панду ҳикматҳои Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, «Қобуснома»-и Кайковус, «Муш ва гурба»-и Убайди Зоконӣ, «Баҳориёт»-и Сайидо, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Баҳориёти меваҳо»-и Сӯфӣ, осори Восифӣ, А.Дониш, Шоҳин, Асирӣ дар тарбияи насли наврас нақши муассир доранд.

Маорифпарварони тоҷик А.Дониш, Т.Асирӣ, С.Айнӣ, Т.Зеҳнӣ ва дигарон дар соҳаи ислоҳи усули таълиму тарбияи кӯдакон, ба миён омадани мактабҳои усули нав, барномаи нави таълим, китобҳои махсуси дарсӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Тайи ҳазорсолаҳо нобиғаҳои оламшумули форсу тоҷик, аз қабили Рӯдакию Фирдавсӣ, Кайковусу Ибни Сино, Омулию Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигар донишмандони ширинсухан дар ин хусус асарҳои илмию бадеӣ навиштаанд, ки имрӯз хазинаи маданияти тоҷиконро ғанӣ гардонидаанд. Вале, мутаассифона, имрӯзҳо бо он шахсоне вохӯрдан мумкин аст, ки аз риояи қоидаҳои одоби сухангӯӣ садҳо фарсаххо дур монда, латофату назокати нутқро фаромӯш карда, дар кӯчаю бозор, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва хусусан дар оила, аз алфози дағалу қабеҳ истифода менамоянд, ки ин гуна муносибати онҳо боиси асабонию озурдагии садҳо нафари дигар мешавад.

Асоси ин ҳолатҳо, аз илму фарҳанг, яъне мутолиаи асарҳои пурқимати адабиёти хеш дур мондани қисми зиёди мардум аст. Ҳамагонро мебояд бештар рӯ ба осори гаронбаҳои ниёгони худ оварда, барои тозагии забони хеш саъю кӯшиш намоем. Зеро дар сухан камолоту нуқсон, зебогию зиштии мо инъикос мегардад. Сарфи назар аз ин, ба қадри имкон риоя намудани қоидаҳои муайяни сухан гуфтан ба ҳар як фарди ҷумҳурӣ, новобаста аз синну сол ва касбу кор, аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Таълими адабиёт ба он бештар марбут аст, ки омӯзгор адабиётро чӣ тавр пешкаши хонандагон менамояд?

Чи тавре ки медонем, кӯдакон шеър ва сурудхониро дӯст медоранд. Ана, ҳамин сурудхонӣ, шавқу рағбат ба шеър онҳоро ба олами дониш, меҳри Ватани маҳбуб раҳнамун месозад. Вале бояд гуфт, ки ин меҳр худ аз худ ба амал намеояд. Ин ба оила, мураббӣ ва омӯзгорон вобастагии қавӣ дорад.

Маҳз агар дар ҳамин синну сол аз хониби муаллим дар вақту меъёраш қобилияти фикрии бачагон дастгирӣ наёбад, минбаъд неруи шеър, маъноҳои барҷастаи он барои наврасон чун «ганҷи ниҳон» дастнорас мегардад. Дар натиҷа, наврасон ба шеър сатҳӣ назар афканда, аз дарки он, баёни мазмуни он бебаҳра хоҳанд монд.

Дар фаъолгардонии кӯдак нақш ва мавқеи омӯзгор муҳим аст. Зуҳури фаъолнокии хонанда, пеш аз ҳама, ба хислатҳои шахсии муаллим вобастагӣ дорад. Дар ин бобат, ақидаи Ш.А.Амонашвили ҷоизи қайд аст: дӯстдорӣ, фаҳмидани бача ва қарзи худ дар назди ҷомеа [7, с.256].

Яке аз жанрҳои адабиёти бадеӣ назм воситаест, ки дар хонандагон чунин хусусиятҳо: ҳақиқатдӯстӣ, накукорӣ, ахлоқи ҳамида ва зебоиро парварида тавонад.

Мисол, «Дар роҳат расонидан ва накуӣ хостан»-ро, ки ин андарз аз Носири Хусрав аст, дида мебароем. Шеъри мазкур дар бобати некуӣ ва накукорӣ буда, бачагонро ба фикр кардан, хулоса баровардан, накукор будан, ба хидмати падару модар тайёр будан, дасти ёрӣ дароз кардан ба бечорагон ва қадр кардани меҳнати дигарон ҳидоят менамояд.

Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накухоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.

Дар поёни ҳар як матну шеърҳо луғату калимаҳои душвор ва ҳам машқу супоришҳо дода шудаанд, ки барои бой намудани захираи луғавии хонандагон ва ҳам баланд бардоштани сатҳи дониши онҳо кумак мерасонанд.

Бачагон бояд мафҳумҳои азбаркардаашонро дуруст идрок намоянд, аз они худ кунанд, вагарна дар нутқ аз онҳо истифода намекунанд. Бой гардидани

захираи луғати хонандагон ба инкишофи тафаккур низ мусоидат намуда, кори инкишофи тафаккурро метезонад.

Олим Кожинов В.В. масъалаи ҳавасмандкунии хонандагонро дар муайянкунии захираи луғавию ашёҳои шиноси онҳо ва зимни он гузориш ба мафҳумҳои ношинос сахт марбут медонад. Бисиёр муҳим аст, ки талабагон маънои калимаҳои нав азбаркардаашонро дарк намоянд. Маҳз дар ҳамин ҳолат алоқаи нутқ ва тафаккур таъмин мегардад [8, с.304].

Аз мутолиа ва таҳлили китоби дарсии забони модарии синфҳои ибтидоӣ бармеояд, ки дар онҳо ҷойи асосиро асарҳои бадеӣ ишғол менамоянд. Маҳз дар асарҳои бадеӣ воситаҳои образноки забон, аз қабили ташбеҳу ташхис, муболиғаву киноя, тавсифу тасвир ва ғайра васеъ истифода мешаванд.

Ҷой доштани чунин унсурҳои забон дар маводи таълим муаллимонро водор менамояд, ки эзоҳи онҳоро ба нақшаи тавзеҳии дарс дохил намоянд, роҳу усулҳои фаҳмонидани маънои аслии онҳоро фикр кунанд, зебоиву таъсирбахшии онҳоро равшан карда, дар нутқи зиндаи бачагон истифода шудани онҳоро таъмин намоянд.

Дар барнома ва китобҳои таълимӣ на ҳама вақт хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии хонандагон ба инобат гирифта мешаванд. Алоқамандии синфҳои ибтидоӣ бо синфҳои миёна (V-VIII) ва болоӣ ғариб ки ба инобат гирифта намешавад. Ҳамин тафовутро айнан мо дар байни омӯзиши адабиёти классикӣ ва муосир мушоҳида мекунем. Ҳол он ки адабиёти муосир бояд давоми адабиёти классикӣ бошад ва аз ин сарчашма доиман ғизо бигирад. Роҳҳои асосии бозсозии таълими адабиёт инҳоянд:

-ташкил ва батанзимдарории ягонагии таълими адабиёти тоҷик аз муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ то хатми мактаби миёна;

-таълими тафриқавии адабиёт: синфҳое, ки бо омӯзиши амиқи адабиёт фаро гирифта мешаванд; факултативҳо бо ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ, талабот ва шавқу ҳаваси хонандагон; дар ҳамин ҳамбастагӣ дар шаклу намудҳои мухталиф устувор гардонидани барнома, адабиётҳои таълимӣ ва методӣ, воситаҳои аёнии таълим;

-таҷдиди барнома ва ба инобат гирифтани адабиёти классикӣ, муосир ва ҷаҳонӣ, пурқувват намудани ҷанбаҳои ахлоқӣ-эстетикии таълими адабиёт;

-зимни таҳлили асарҳои бадеӣ, мутаваҷҷеҳ гардонидани хонандагон ба моҳият ва ҷанбаҳои гуманистӣ, аҳамияти таърихӣ ва мазмуни баланди онҳо;

-ҷустуҷӯ ва навовариҳо оид ба корҳои мустақилонаи хонандагон дар хондани асарҳои бадеӣ;

Омӯзгор бояд адабиётро бо дигар фанҳои гуманитарӣ алоқамандона биомӯзонад, алалхусус, забон, мусиқӣ, санъати рассомӣ, таърих, ҷуғрофия ва амсоли он. Ҳар як омӯзгор бояд барномаи ягонаи инкишофи нутқ дошта бошад, ки нақшаи солонаи ҳар як синфро муайян созад. Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки кӯдакон шеър ва сурудхониро дӯст медоранд. Аз кӯдакистонҳо баъзан садои хониши дилнишини онҳо ба гӯш мерасад. Алалхусус, ба хурдсолон шеърҳои равон ва савтӣ хуш меоянд. Ана ҳамин сурудхонӣ, шавқу рағбат нисбат ба шеър онҳоро ба олами дониш, меҳри Ватани маҳбуб раҳнамун месозад. Вале бояд гуфт, ки ин худ аз худ ба амал намеояд. Ин ба мураббиён ва омӯзгорон вобастагии қавӣ

дорад, то бо маҳорати том ба шавқу рағбати наврасон нисбат ба шеър, боз меҳру муҳаббат зам намоянд.

Бачагоне, ки дар синфҳои IV таҳсил доранд, оид ба бисёр масъалаҳои моддӣ-маишӣ мароқ зоҳир менамоянд. Онҳо тавассути пурсишҳои худ аз муаллимон мехоҳанд ба бисёр саволҳои худ ҷавоб бигиранд, бисёр кунҷкобанд. Танҳо омӯзгори бомаҳорат ва босалиқа метавонад ба воситаи таҳлили асарҳои адабӣ ба бисёр саволҳои хонандагон ҷавоб гуфта, барои дуруст ба камол расонидани онҳо кумак расонад.

Дар шеърҳои асили шоирона калимаҳо чунон бамаврид кор фармуда мешаванд, ки ҳатто партофтани як ҳиҷо, вожа мантиқи тамоми шеърро халалдор мекунад. Мавқеи зада бошад, боз устувортар аст. Шиносоӣ бо шеър на танҳо захираи луғавии хонандагонро ғанӣ мегардонад, балки онҳоро аз муҳити якранги такрори бемавқеъ раҳо мекунад [12, с.272].

Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки назм қувваи бузургро дорост. Вале, мутаассифона, аксарияти наврасон аз ин ганҷинаи бебаҳои санъати сухан бенасиб ба воя мерасанд. Аксар вақт дар дасти мактаббачагон китоби афсонаҳо, латифаҳо ё ҳикояҳои фантастикиро мушоҳида кардан мумкин аст. Табиист, ки дар ин синну сол онҳо ба мустақилона хонда фаҳмидан малакаи хуб доранд. Сабаб чӣ ки мо дар дасти онҳо китоби маҷмуаи шеърҳои ин ё он адибро кам мушоҳида мекунем.

Тадқиқоти дар мактабҳо гузаронидашуда гувоҳи онанд, ки хонандагон ба таври бояду шояд ба моҳияти шеър, ғояи он сарфаҳам намераванд. Масалан, ба саволи «Чаро ту ин шеърро дӯст медорӣ?», аксарияти хонандагон дар ҷавобаш оҷиз мемонанд. Баён кардани он ки ин ё он шеър ба кадом ҷиҳаташ маъқул меафтад, ба хонанда мавҳум менамояд. Албатта, дар ҳар як синф хонандае пайдо мешавад, ки калимаҳоро шарҳу эзоҳ дода, мазмуни онро баён созад. Вале, агар хонанда танҳо ба хондану фаҳмидан одат карда бошад чӣ, он вақт ба ҳеҷ хулосае омада наметавонад.

Борҳо шоҳиди он гардидаем, ки бачагони синфҳои III-IV дар шарҳу эзоҳ додани шеърҳои одӣ мушкилӣ мекашанд ва рӯирост иқрор мешаванд, ки фаҳмидани маъниҳои шеър барои онҳо дастрас нест.

Бисёр муҳим аст, ки ба ёрии онҳо ёрдамчии бохирад, маслиҳатгари боэътимод, шахси аз илму фарҳанг бархӯрдор дасти мадад дароз намояд. Бисёр хуб мешуд, ки ин кумакро ба шогирд муаллим-донандаи хуби каломи бадеъ расонад.

Қонуну қоидаҳои махсуси назм аз наср ва дигар жанрҳои адабӣ ба куллӣ фарқ карда меистад. Ғайр аз ин, ҳар як намуди жанри лирика қонуниятҳои хосси худро дорад. Услуби баён, образофарӣ, матлаъ ва мақтаъ, радиф ва қофия дар ҳар намуди жанрҳои номбурда мухталиф мебошад. Ба инобат гирифтани чунин хусусиятҳои характерноки асарҳои назмӣ аз омӯзгорон дақиқкориро тақозо дорад.

Омезгорон бояд дар хотир дошта бошанд, ки агар таҳлил якранг бошаду аз синф ба синф аз сода ба мураккаб шакл нагирад, оид ба пешрафту маҳорати хонанда фикр ҳам набояд кард. Пас лозим меояд, ки аз синфи IV тариқи дараҷабандӣ аз осон ба душвор, аз сода ба мураккаб ва аз маълум ба мавҳум

бурдани фаҳмиш ва дарки шогирдони мактабӣ-низоми асосии таълими шеър дар мактабҳои имрӯза бошад. Равоншиносон собит намудаанд, ки гузариш аз як категорияи синнусолӣ ба дигар фардӣ, инкишофёбанда буда, зимни таълим ва тадриси шеър омилҳои зайлро бояд дар мадди назар қарор дод:

–шавқу ҳаваси амиқи хонанда нисбати хондани асарҳои бадеӣ;

–тарз ва роҳҳои гуногуни таълими асарҳои аз ҷиҳати жанр ва шаклу намуд мухталиф, вусъат додани таҷрибаи сабақомӯзии шогирдон;

–ташаккули дарки зебоипарастии онҳо;

–таълими баъзе унсурҳои таҳлил, қадр намудани осори адиб ва баҳо додан ба он;

–пайваста инкишоф додани нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ.

Дар равиши таълим ба инкишофу ташаккули фардияти онҳо, тарбия ва таваҷҷуҳ баҳри دониста гирифтани олами гирду атроф, хештаншиносӣ, муносибат ва рафоқати байниинсонӣ, ҷамъият ва табиат бештар бояд диққат дод. Омӯзгор зимни таҳлили асар кулли рукнҳои фавқро бояд дар мавридҳои лозима ва мавқеи муносиб ҳаллу фасл намояд [15, с.217].

Пас, ҳангоми тадриси асарҳои манзум ба кадом ҷиҳат бояд диққат дод?

1.Зимни омӯзиши порчаҳои манзум бо шогирдон дар синф чунин вазъияте фароҳам овардан лозим аст, ки хонанда аз образҳои лирикӣ мутаассир гардад. Тасаввурот, ҷаҳонбинии онҳо инкишоф ёбад. 2.Хонандагон ба вазъият ва ҳодисаҳои равонии дар асар баамаломада бигузор худашон баҳогузорӣ намоянд.

3.Дар рафти таҳлил ба ҷанбаҳои эмотсионалии асар, муносибати адиб бо ҳаёти дар он аксгардида диққат додан лозим аст.

4.Ба он муваффақ бояд шуд, ки хонанда эҳсосоти аз порчаҳои шеърӣ гирифтаи худро ба дигарон нақл карда тавонад.

Таҳлили ҳар як шеъри дар барномаи мактабӣ ҷойдошта ба мақсаду матлабе нигаронида шудааст. Қабл аз ҳама, хонандаро ба қадр, ҳурмату эҳтиром намудани меҳнати шоир даъват мекунад. Бинобар ин, дар назди хонандагон вазифа меистад, ки ба шахсияти шоир ва инъикоси ақидаву андешаҳои ӯ дар шеъри офарида, муносибати ӯ нисбат ба образи лирикӣ ба таври эҷодкорона ва аз мавқеи эстетикӣ назар кунанд.

Барои боз ҳам хубтар фаҳмидан ва аз бар намудани порчаи шеърӣ ҳатман аз рӯйи матни он гузаронидани мусоҳиба, шарҳу тавзеҳ ва таҳлили он бамаврид аст. Сухани муқаддимавӣ дар бобати таҳлили матни асари бадеӣ низ ба ҳамин асос меёбад. Сухани муаллим зимни мусоҳиба бояд образнок, мантиқан хуб ва намунавӣ бошад, қудрату маҳорати фаҳмидани тасвироти шоирро бо суханҳои боварибахш ба хонанда дастрас гардонида тавонад. Масалан, ҳангоми омӯзиши шеър хониши бурро ва намунавии муаллим мавқеи асосиро мебозад. Бо он ки шеър аҳамияти бузурги тарбиявӣ-ахлоқиро дорад ва танҳо хониши хуб моҳияти онро муайян менамояд, муаллим баъди хониши шеъри номбурда диққати хонандагонро ба ҷанбаҳои гуногуни он бояд ҷалб намояд. Натиҷаи дурусти хониши бадеӣ ба истеъдоду дониши муаллим ва маҳорати шогирдони ӯ вобаста мебошад. Агар матни шеърӣ мувофиқи қоида хонда шавад, ҳодисаю воқеа, рафтору кирдори қаҳрамонони асар бевосита намудор мегардад. Дар хониши

бадеии матнҳои шеърӣ ба задаи мантиқӣ, ист, ритм, синтагма риоя намудан аҳамияти калон дорад. Ба ин восита тобиши мазмуни мисраъ ва байтҳо равшану возеҳ намудор шуда, ба ҳиссиёти шунаванда таъсир мерасонад.

Ҳамин тариқ, бо чунин тарз ва усулҳои таълим ба роҳ мондани таълими жанрҳои адабӣ, махсусан, назм дар синфҳои ибтидоӣ ба дониш, малакаю маҳорат ва таҷрибаи бойи ҳар як омӯзгор вобаста буда, он бешубҳа шавқу завқи хонандагонро нисбати асарҳои манзум хониши ифоданоки онҳо на танҳо бедор менамояд, балки боиси ташаккули завқи зебоипарастии эшон хоҳад гашт.

**Муқарриз: Ахмедова З. – н.и.п., дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Арзамасцева И. Н. Детская литература: Учеб. пособие / И. Н. Арзамасцева, С. А. Николаева. – М.: Академия, 2000. – 512с.
2. Байзоев А. Забони модарӣ. Китоби дарсӣ барои синфи якум / А. Байзоев, А. Аҳмадбекова ва дигарон. — Душанбе, 2012.
3. Волченко Т.В. Некоторые приемы работы с художественным произведением на уроках литературы в начальной школе: Система Д.Б.Эльконина и В.В.Давыдова / Т.В. Волченко // Начальная школа. - 2009. - №11. - С.34-38.
4. Гужова И.В. Уроки литературного чтения в начальной школе / И.В. Гужова // Начальная школа. - 2003. - № 2. - с.89-102.
5. Залевская А.А. Текст и его понимание / А.А. Залевская. - Тверь: Тверский гос. университет, 2007.
6. Зиёев М. Роҳнамои фанни «Забони модарӣ» барои синфи 3-юм / М. Зиёев , Ф.Ниёзов, И. Абдуллоев. –Душанбе: Маориф, 2016.- 248 с.
7. Зиёев М. Роҳнамои фанни «Забони модарӣ» барои синфи 4-ум / М. Зиёев , Ф.Ниёзов, Ҳ.Ҷумъаева, М.Одилова. –Душанбе: Маориф, 2016.- 256 с.
8. Кожинов В.В. Стихи и поэзия / В.В. Кожинов. -М.: Сов. Россия, 1980. -304 с.
9. Кондратьева Д.Ф. Цветовое восприятие слога как приема обучения чтению первоклассников / Д.Ф. Кондратьева // Начальная школа. -1989, -№ 5. -С. 50-51.
10. Кубасова О.В. Развитие воссоздающего воображения на уроках чтения / О.В. Кубасова // Начальная школа. -1991, -№ 9. -С. 26-30.
11. Минькова В.Н. Достучаться до сердца ребенка: Работа на уроках литературного чтения с лирическими стихотворениями / В.Н. Минькова // Начальная школа. - 2007. - № 11.- С.26-30.
12. Нефедова Е.А. Литературное чтение для начальной школы / Е.А. Нефедова, О.В. Узорова. - М.: Аквариум, 1997. - 272 с.
13. Нефедова Л.К. Пушкинская строка в начальной школе / Л.К. Нефедова // Начальная школа. - 1993. - №6.- С.10-15.
14. Никифорова О.И. Психология восприятия художественной литературы / О.И. Никифорова. - М.: Книга, 1972. - 150 с.
15. Холшевников В.Е. Основы стиховедения: Русское стихосложение / В.Е. Холшевников. - Л.: Изд-во ЛГУ, 1972. - 217 с.
16. Флерина Е.А. Эстетическое воспитание детей дошкольного возраста / Е.А. Флерина / Хрестоматия: учебное пособие / Москва: Просвещение, 1980. – С. 303-307.


## АСАРҲОИ МАНЗУМ ВА АҲАМИЯТИ ОНҲО ДАР ТАЪЛИМИ ИБТИДОӢ


Дар мақолаи мазкур доир ба мавқеи таълими асарҳои манзум ва нақши онҳо дар таълими синфҳои ибтидоӣ сухан рафта, муаллиф кӯшидааст нақши онро дар асоси маводи китоби дарсии синфҳои ибтидоӣ, хусусан, забони модарии синфи чаҳор муайян намояд. Муаллифи мақола таъкид менамояд, ки ба воситаи адабиёти бадеӣ шахс метавонад бо таърихи бойи миллати худ, фарҳанг, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ошноӣ пайдо кунад. Шиносоӣ бо шеър на танҳо захираи луғавии хонандагонро ғанӣ мегардонад, балки онҳоро аз муҳити якрангӣ, такрори бемавқеъ раҳо мекунад. Муаллиф бар он ақида аст, ки бачагон бояд мафҳумҳои азбаркардаашонро дуруст дарк намоянд, аз худ кунанд. Бой гардидани захираи луғавии хонандагон ба инкишофи тафаккур низ мусоидат менамояд. Аз ҷониби муаллифи мақола якчанд адабиёт таҳлил карда шуда, аз тадқиқоти гузаронидашуда мисолҳо оварда шудаанд. Барои боз ҳам беҳтар фаҳмидан ва аз бар намудани порчаи шеърӣ ҳатман аз рӯйи матни он гузаронидани мусоҳиба, шарҳу тавзеҳ ва таҳлили он бамаврид аст. Сухани муқаддимавӣ дар бобати таҳлили матни асари бадеӣ низ ба ҳамин асос меёбад. Сухани муаллим зимни мусоҳиба бояд образнок, мантиқан дуруст ва намунавӣ бошад.

Натиҷаи хониши бадеӣ ба истеъдоду дониши муаллим ва маҳорати шогирдони ӯ вобаста мебошад. Агар матни шеърӣ мувофиқи қоида хонда шавад, ҳодисаю воқеа, рафтору кирдори қаҳрамонони асар бевосита намудор мегарданд.

**Калидвожаҳо:** адабиёти бадеӣ, захираи луғавӣ, синфҳои ибтидоӣ, мероси мадании ниёгон, асарҳои манзум, қобилияти фикрии бачагон.

## ПОЭЗИЯ И ЕЁ ЗНАЧЕНИЕ В НАЧАЛЬНОМ ОБРАЗОВАНИИ

В данной статье рассматривается вопрос преподавания поэзии и их роль в начальном школьном образовании, и автор пытается определить его роль на основе учебников для начальной школы, в частности, родного языка четвертого класса. Автор статьи подчеркивает, что через художественную литературу человек может познакомиться с ее богатой историей, культурой, общечеловеческой этикой. Знакомство с поэзией не только обогащает словарный запас читателей, но и освобождает их от монотонного, неуместного повторения.Автор считает, что детям необходимо понимать и осваивать усвоенные ими языковые понятия, иначе они не будут использовать их в своей речевой деятельности. Обогащение словарного запаса учащихся также способствует развитию мышления и ускоряет развитие мышления.Автор статьи проанализировал ряд источников и привел примеры из исследований. Чтобы лучше понять и прочитать стихотворение, необходимо провести интервью, прокомментировать и проанализировать его по тексту. На этом же построена вступительная речь по анализу текста художественного произведения. Речь педагога во время беседы должна быть образной, логически стройной и образцовой, должна уметь убедительными словами передать читателю силу и умение понять описание поэта. Правильный результат художественного чтения зависит от таланта и знаний учителя и умений его учеников. Если текст стихотворения прочитан в соответствии с правилами, в нем непосредственно отражаются события и поведение главных героев произведения.

**Ключевые слова:** художественная литература, словарный запас, начальная школа, культурное наследие предков, поэзия, интеллектуальные способности детей.

## POETRY AND ITS SIGNIFICANCE IN PRIMARY EDUCATION

This article discusses the issue of teaching poetry and their role in primary school education, and the author tries to define its role on the basis of textbooks for primary school, in particular, the fourth grade native language. The author of the article emphasizes that through fiction a person can get acquainted with its rich history, culture, universal ethics. Acquaintance with poetry not only enriches the vocabulary of readers, but also frees them from monotonous, inappropriate repetition.The author believes that children need to understand and master the language concepts they have learned, otherwise they will not use them in their speech activity. Enriching students' vocabulary also contributes to the development of thinking and accelerates the development of thinking.The author of the article analyzed a number of sources and gave examples from studies. In order to better understand and read the poem, it is necessary to conduct an interview, comment on and analyze it according to the text. The introductory speech on the analysis of the text of a work of art is also built on this. The speech of the teacher during the conversation should be figurative, logically coherent and exemplary, should be able to convey to the reader the power and ability to understand the description of the poet with convincing words. The correct result of artistic reading depends on the talent and knowledge of the teacher and the skills of his students. If the text of the poem is read in accordance with the rules, it directly reflects the events and behavior of the main characters of the work.

**Key words:** fiction, vocabulary, elementary school, cultural heritage of ancestors, poetry, intellectual abilities of children.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тоирова Мавҷуда Ғафуровна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллими калони кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: **toirova.71@mail.ru**

**Сведение об авторе**: ***Тоирова Мавджуда Гафуровна*** – – Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова», старший преподаватель кафедры теории и методики преподавания родного языка факультета начального образования и специальной педагогики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлонбекова 1. E-mail: **toirova.71@mail.ru**

**Information about the author:** ***Toirova Mavjuda Gafurovna*** - State Educational Institution "Khujand State University named after Academician B. Gafurov", Senior Lecturer of the Department of Theory and Methods of Teaching the Native Language, Faculty of Primary Education and Special Pedagogy. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Avenue 1. E-mail**: toirova.71@mail.ru**

**УДК 37.091.3:004**

# МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ БАРНОМАНАВИСИИ ШАЙЪГАРО БО ИСТИФОДА АЗ ДОНИШҲОИ МАТЕМАТИКАИ ЭЛЕМЕНТАРӢ

*Арабов М.Қ., Розиқов П.Ш., Мусоев С.С.*
**Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз қисмҳои асосии барноманависӣ - барноманависии ба объектҳо нигаронидашуда (БОН) ё барноманависии шайъгаро (БШ) ба ҳисоб меравад, ки дар замони муосир барои амалӣ намудани намунаҳои асосии лоиҳакашӣ корбурди зиёд дорад. Аксари забонҳои барноманависӣ ин навъ барноманависиро пуштибонӣ мекунанд. Ҳатто забонҳои ҳастанд, ки пурра дар забонҳои БОН ба ҳисоб рафта, одитарин барнома дар онҳо бо ин усул навишта мешавад. Ба сифати намуна метавон забонҳои Java ва C# - ро мисол овард. Новобаста аз оне ки бахши мазкур асоситарин бахш аст, вале мутаассифона, дар баъзе муассисаҳои олии кишвар, бинобар сабаби норасоии мутахассисон ва дар нақшаи таълимӣ ҷой надоштан, дарс дода намешавад. Бинобар ин, донишҷӯён донишгоҳҳоро бе донистани ин қисми муҳимми барноманависӣ хатм мекунанд. Дар натиҷа ёфтани кори муносиб барои онҳо душвор мегардад.

Мавриди зикр аст, ки БОН равиши нави барноманависӣ аст, ки дар он метавон қисмати як барномаро дар барномаҳои дигар истифода кард. Масалан, барои сохтани як компютер бояд қисматҳои онро алоҳида-алоҳида таҳия карда, сипас дар якҷо ҷамъ намуд, ки дар натиҷа компютери комил пайдо мешавад. Ҳадафи БОН - ин аст, ки бояд барномаҳои калон аз якчанд қитъаҳои бо ҳам вобаста таҳия карда шаванд. Бо ин тартиб, қобилияти иҷроиши барномаҳои бо ин равиш навишташуда тез буда, ҷустуҷӯ ва ислоҳи хатогиҳо дар онҳо осон аст. Забони C++, ки такомулёфтаи забони C аст, дорои хосиятҳое аст, ки дар он БОН амал мекунад. Тавре ки қаблан зикр кардем, забонҳои дигар, ба монанди Java ва C# пурра забонҳои БОН мебошанд.

Ибтидо истилоҳи БОН-ро мавриди баҳс қарор медиҳем. Пеш аз ин як бор ба атрофи худ назар мекунем. Ба ҳар ҷое, ки нигоҳ накунем, ашёеро мебинем: одамон, ҳайвонот, гиёҳҳо, автомобилҳо, ҳайвонҳо, компютерҳо ва монанди онҳо. Инсон бар асоси ашё фикр мекунад ва дорои тавоноии аҷиб аз абстракт мебошад, ки ӯро қодир месозад, то ба ҷойи ин ки тасвирҳои сафҳои намоишро ба сурати нуктаҳои гуногунранг (ки дар график пиксел номида мешаванд) дар назар бигирад, онҳоро ба монанди ашёи мисли одамон, ҳавопаймоҳо, дарахтҳо ва кӯҳҳо тасаввур кунад. Дар ҳолати лозимӣ метавонад ба ҷойи ин ки дар бораи заррачаҳои рег фикр кунад, дар бораи соҳил фикр мекунад, ба ҷойи ин ки дар бораи дарахтҳо фикр кунад, дар бораи ҷангал фикр мекунад, ба ҷойи ин ки дар бораи ҳуҷраҳо фикр кунад, дар бораи сохтмонҳо фикр мекунад.

Ашёҳоро метавонем ба ду даста тақсим кунем: ашёи беҷон ва ашёи ҷондор. Ашёи ҷондор зиндаанд, ҳаракат мекунанд ва корҳоеро анҷом медиҳанд. Ашёи беҷон монанди санг, хок ва ғайра ба назар намерасанд, ки кореро анҷом диҳанд.

Тамоми ашё (чи ҷондор ва чи беҷон) баъзе характер ё сифатҳои якхела доранд. Ин сифатҳо (attributes) монанди андоза, вазн, шакл ва ғайра мебошанд. Ҳамаи ашё рафторҳоеро аз худашон нишон медиҳанд. Масалан, тӯб меафтад, боло ва поён мешавад, пурбод мешавад ё боди он холӣ мегардад. Кӯдак гиря мекунад, ханда мекунад, роҳ меравад, бозӣ мекунад ва чашмак мезанад. Мошин шитоб мекунад, меистад, чароғҳояшро равшан, сӯзишвориаш тамом мешавад, обаш меҷӯшад ва ғайра.

Инсон ашёро аз рӯйи сифат ва рафторҳои онҳо мешиносад. Ашёи гуногун метавонанд сифатҳои якхела дошта, аз худ рафторҳои монандро нишон диҳанд, масалан, кӯдакон бо калонсолон, инсон бо ҳайвон, мошинҳои саворӣ ва боркаш низ чизҳои бо ҳам монанд доранд.БОН дунёи воқеиро ҳамчун барномаи муносибе моделсозӣ намуда, аз имконияти муносибати байни классҳо истифода мекунад, ки дар он объектҳои якчанд класс метавонанд чизҳои бо ҳам монанд дошта бошанд. Аз имконияти меросӣ ва ҳатто меросии чандгона низ истифода мекунад, ки дар он классҳои наве, ки сохта мешаванд, додаҳо мушаххасот (рафторҳо ва сифатҳо)-и классҳои мавҷудро ба ирс мебаранд. Ҳамон тавре ки инсонҳо ба ҳам паём мефиристанд, объектҳо низ метавонанд аз тариқи ирсоли паём бо якдигар робита барқарор кунанд. Яъне, барноманависии ба объектҳо нигаронидашуда муносибати байни объектҳоро низ моделсозӣ мекунад.

БОН додаҳо (сифот) ва функсия (рафторҳо)-ро дар бастае бо номи объект бастабандӣ (encapsulation) мекунад. Объект дорои хосияти пинҳонсозии иттилоот мебошанд.

Дар барноманависии сохтаёфта барноманавис барои коркарди додаҳои муайян барнома менависад ё дар мавридҳои зарурӣ функсия ва протседура менависад. Функсия ва протседура дар ин навъ барноманависӣ воҳиди асосии барнома ба ҳисоб мераванд. Дар БОН барномаҳо аз навъи наве бо номи class навишта мешаванд. Тавре медонем, баъзе аз навъҳо монанди int, double, bool ва ғайра дар забонҳои барноманависии мавҷуд буда навъҳои ибтидоӣ ё стандартӣ номида мешаванд. Барноманавис низ метавонад, бо истифодаи ин навъҳо, барои моделсозии объектҳои дунёи воқеӣ навъи нав эҷод кунад, ки class номида мешавад. Дар ҳар class рафтори объектҳо мушаххас карда мешавад, илова бар ин, class майдонҳо дорад, ки сифати оъектҳоро мушаххас менамояд. Додаҳои навъҳои ибтидоиро тағйирёбанда мегӯянд, додаҳои навъи class-ро объект меноманд. Нисбати нақша ба сохтмон монанди нисбати class ба объект аст. Яъне, ҳамон тавр ки аз як нақша метавон чандин бино эҷод кард, аз як class низ метавон чандин объектро ба вуҷуд овард. Class дорои тағйирёбандаҳо ва функсияҳо (procedure ва function) аст. Протседураҳо барои коркарди тағйирёбандаҳо амал мекунанд. Функсияҳои (функсия ва проседура)-и class-ро метод ва тағйирёбандаҳои class-ро аъзо меноманд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки аъзоҳои class ба ду даста тақсим мешаванд:методҳо;додаҳо.

Аъзоҳои class дар дохили class бастабандӣ (encapsulation) мешаванд, ба тавре ки фақат методҳо метавонанд ба онҳо дастрасӣ дошта бошанд. Албатта, метавон коре кард, ки аъзои класс дар берун аз class қобили дастрасӣ бошанд, аммо ин амал чандон ҷолиб нест, зеро мафҳуми class ва бастабандӣ аз байн меравад.

Барои эҷод намудани БОН бояд қоидаҳои зеринро иҷро намуд:

1) муайян намудани ниёзмандиҳои масъала;
2) таҳлили масъала;
3) тарроҳии классҳое, ки бояд масъаларо ҳал кунанд:

a) амалӣ намудани классҳои вуҷуддошта ва ислоҳшуда;
b) ислоҳ намудани классҳое, ки ба ислоҳ намудан ниёз доранд;
c) дар ҳолати лозимӣ эҷод намудани классҳои нав;

4) амалӣ намудани классҳои нав;
5) тест ва баррасӣ намудани барнома;
6) нигоҳдорӣ ва бозсозии барнома.

Ниёзмандиҳои масъала. Муайян намудани ниёзмандиҳои масъала сабаб мегардад, ки мо масъаларо бехато ҳал кунем. Моҳияти ин амал аз он иборат аст, ки баъзе хусусиятҳои масъала, ки аҳамият надоранд ё камаҳамиятанд, ба назар гирифта нашаванд.

Таҳлил. Таҳлил ин додаҳои вурудӣ ва хуруҷӣ аст, ки бо онҳо кор мекунем. Дар ин марҳила, шиносоии классҳое, ки дар ҳалли масъала иштирок мекунанд, муҳим аст. Барои ин, бояд масъала пурра дарк карда шуда, классҳои он ба таври дақиқ пешнамуна гарданд.

Тарроҳӣ - Тарроҳии классҳои барои ҳалли масъала ин аст, ки классҳои мавҷудбудае, ки метавонанд барои ҳалли масъала истифода бурда шаванд, бояд мушаххас гарданд. Илова бар ин, классҳои мавҷудбудае, ки пас аз тағйирот мехоҳем аз онҳо истифода намеом, бояд муаррифӣ гарданд.

Ин марҳила, маъмулан, марҳилаи мушкилтар барои ҳалли масъала ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо, кӯшиш ба харҷ додан лозим нест, ки аз аввал ҳамаи қисматҳои масъала ҳал карда шаванд, бинобар ин, тарроҳии аз боло ба поён истифода бурда шавад, беҳтар аст. Мувофиқи тарроҳии аз боло ба поён, ибтидо бояд марҳалаҳои аслӣ мушаххас карда шуда, масъала ба қисматҳои хурд тақсим карда, барои ҳар қисм барнома навишта шавад. Бо ҳал шудани ҳар яке аз қисматҳои хурд, масъала пурра ҳалли худро мeёбад.

Барои ҳар class бояд он додаҳое, ки class бо онҳо сарукор доранд, мушаххас карда, методҳо ё функсияи аъзоҳои асосӣ муайян карда шаванд. Дар охир бояд, муайян карда шавад, ки барои ҳалли масъала усуле, ки истифода шудааст, чӣ гуна метавонад умумият пайдо кунад, то барноманависони дигар аз он истифода намоянд.

Амалисозӣ. Дар амалисозии роҳи ҳалли масъала классҳое, ки эълон карда шудаанд, бояд дар ягон забони барноманависӣ навишта шаванд.

Тест. Дар ин марҳила бояд бо додаҳои гуногун санҷида шавад, ки барнома дуруст кор мекунад ё не.

Нигоҳдорӣ. Ба ин марҳила ислоҳи барнома барои нест намудани хатогиҳое, ки пештар ошкор намудаанд, шомил мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар БОН се хосияти асосӣ бо номҳои воросат (Inheritance), чандшаклӣ (Polymorphizm) ва махфисозӣ (Incapsulation) мавҷуд аст. Хосияти меросӣ ё воросат (Inheritance)-ин равандест, ки дар он як объект хосиятҳои хосси объектҳои мавҷудро грифта, дар худ истифода мебарад. Дар ин равиш классҳои нав рафторҳо ва хосиятҳои классҳои мавҷудбударо ба ирс бурда,

дар асоси онҳо объектҳои худро месозанд. Ин равиш то андозае коди барномаро кӯтоҳ мекунад. Мо дар олами воқеӣ бо ин мафҳум шинос ҳастем, дар олами барноманависӣ низ мафҳуми мазкур ба он монанд ба кор бурда мешавад.

Чандшаклӣ (Polymorphizm), ин хосияте, ки истифодабарии ҳамон як номро барои якчанд масъалаҳои техникӣ имконият медиҳад. Хосияти мазкур имконият медиҳад, ки як объект дар ҷойҳои гуногун рафторҳои гуногунро аз худ зоҳир кунад. Ба сифати намуна, метавон тугмачаи Power-ро, ки барои ба кор андохтани таҷҳизоти гуногун истифода бурда мешавад, ба назар гирифт.

Махфисозӣ (Incapsulation) механизмест, ки хосият ва рафторҳои объектҳоро пинҳон намуда, аз таъсири истифодаи нодуруст ҳифз мекунад. Амали мазкурро бастабандӣ низ мегӯянд ва он имконият медиҳад, ки объектҳо бе донистани амали объекти дигар бо он кор кунанд.

Яке аз хосиятҳои муҳим хосияти варосат (inheritance) ба ҳисоб меравад, ки дар он метавон class-ҳои навро дар асоси class-ҳои мавҷудбуда таҳия намуд. Варосат истифодаи нави class-ҳоро фароҳам меорад.

Ҳангоми сохтани class-ҳои нав ба ҷойи аз сари нав муаррификунии тамоми аъзои додаҳо ва методҳои он class, барноманавис метавонад онҳоро аз class-ҳое, ки пештар навишта шуда буданд, интихоб ва мавриди истифода қарор диҳад. Class-и мавҷударо, ки метавон сифат ва рафторҳои онро ба ирс бурд, class-и поя ё асос (меросдеҳ) ва class-и наверо, ки рафторҳо ва сифатеро аз ин class ба ирс мебарад, class-и меросбар ё ворис меноманд.

Class-и ворис илова бар сифат ва рафторҳое, ки аз class-и асос ба ирс мебарад, метавонад рафторҳо ва сифатҳои барои худ хосро муаррифӣ кунад. Бинобар ин, class-и ворис метавонад бузургтар аз class-и асос бошад. Class-и ворис гурӯҳи камтари объектҳоро дар бар мегирад. Ба сифати мисол, агар ғизоро ба сифати як class ба назар гирем, мева бахше аз ин class ба ҳисоб меравад, ки метавон аз class-и ғизо ворис шавад, мисоли дигар себ бахше аз class-и мева ва себи сурх бахше аз class-и себ аст.

Оиди методикаи омӯзиши БОН корҳои илмии зиёде ба сомон расонида шудаанд. Асосҳои назариявии БОН ва лоиҳасозии ба объектҳо нигаронидашуда (ЛОН) дар корҳои Буч Г., Грэхем И., Кей А., Максимчук Р., Мейер Б., Рамбо Ҷ., Хюстон К., Энгла М., Якобсон А., Янг Б. ва дигарон дида баромада шудаанд. Ҳангоми таҳлили корҳои илмӣ ва педагогии дар ин самт баанҷомрасида метавон бо се равиши омӯзиши БОН ошно шуд.

- ✔ Омӯзиши принсипҳои БОН дар асоси интерфейси графикии истифодабар (Бабушкина И.А., Иванова Г.С., Ничушкина Т.Н., Пугачев Е.К.);
- ✔ дида баромадани БОН-ҳамчун қисми иловагии барноманависии сохтаёфта (Аржанов И.Н., Мешерякова Н.А.);
- ✔ омӯзиши БОН дар асоси ЛОН (Бадд Т., Буч Г.).

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар корҳои илмии дар ин самт ба анҷом расида, мисолҳои зиёде оварда шуда, методикаи омӯзиш мавриди баҳс қарор дода шудааст. Дар ин мақола бошад, усули нав ва содаи омӯзиш ва дарки асосҳои БОН бо истифодаи як мисоли математикаи мактабӣ: муодилаҳои хаттӣ ва квадратӣ дида баромада мешавад.

Тавре ки маълум аст, ибтидо инсонҳо усули ҳалли муодилаҳои хаттии шакли $ax + b = 0$ –ро ёд гирифтанд. Ҳоло класси онро дар забони Java меорем, ки шакли зеринро дорад:

```
package equation;
public class MuodilaiKhatti{
 protected double a;
 protected double b;
 MuodilaiKhatti(){
 a = 0;
 b = 0;
 }
 MuodilaiKhatti(double a, double b){
 this.a = a;
 this.b = b;
 }
 public double getA() {
 return a;
 }
 public void setA(double a) {
 this.a = a;
 }
 public double getB() {
 return b;
 }
 public void setB(double b) {
 this.b = b;
 }
 public void hal(){
 if (getA() != 0){
 double x = -getB()/getA();
 System.out.println(x);
 }
 else {
 System.out.println("Муодила ҳал надорад.");
 }
 }
}
```

Дар ин ҷо аз ду конструктор (конструктори бепараметр ва параметрдор) ва як метод барои ҳисоб намудани решаи муодилаи хаттӣ истифода шудааст. Бо якчанд шакл истифодабарии конструктор хосияти чандшаклиро ифода менамояд. Илова бар ин, дар ин ҷо геттернҳо ва сеттернҳо мувофиқан барои бахшидани қимат ба коэффитсиентҳои муодила ва ба даст овардани онҳо муаррифӣ шудаанд. Ин навъ методҳо хосияти махфисозиро пиёдасозӣ мекунанд. Дар функсияи асосӣ ба сурати зерин нусхаҳои класси мазкур сохта шуда, аз методҳо ва конструкторҳои сохташуда истифода бурда мешавад:

```
package equation;
public class Equation {
 public static void main(String[] args) {
 //Истифодаи конструктори параметрдор
 MuodilaiKhatti muodila1 = new MuodilaiKhatti(5,15);
 muodila1.hal();
 //Истифодаи конструктори бепараметр
 MuodilaiKhatti muodila2 = new MuodilaiKhatti();
```

```
//Истифодаи сеттернҳо
muodila2.setA(4);
muodila2.setB(26);
muodila2.hal();
//Ба даст овардани коэффитсиентҳои муодилаи хаттӣ
System.out.println("a="+muodila2.getA()+" b="+muodila2.getB());
}
}
```

Тавре ки дида мешавад, ба андозае хосиятҳои чандшаклӣ ва махфисозӣ истифода карда шудаанд. Акнун, барои амалисозии хосияти меросӣ класси нав бо номи MuodilaiKvadrati месозем. Аён аст, ки муодилаи квадратӣ пас аз муодилаи хаттӣ омӯхта шуда, дар он як коэффитсиенти дигар бо номи c мавҷуд буда, барои ёфтани решаҳои он аз дискриминант истифода бурда мешавад.

```
package equation;
public class MuodilaiKvadrati extends MuodilaiKhatti{
 private double c;
 public double getC() {
 return c;
 }
 public void setC(double c) {
 this.c = c;
 }
 MuodilaiKvadrati() {
 super();
 c = 0;
 }
 public MuodilaiKvadrati(double c, double a, double b) {
 super(a, b);
 this.c = c;
 }
 @Override
 public void hal(){
 double d = b*b*a*getC();
 if (d >= 0) {
 double x1 = (-b+Math.sqrt(d))/(2*a);
 double x2 = (-b-Math.sqrt(d))/(2*a);
 System.out.println("x1="+x1+" x2="+x2);
 }
 else {
 System.out.println("Муодила решаҳои ҳақиқӣ надорад");
 }
 }
}
```

Тавре ки дида мешавад, дар класси сохтаамон майдонҳои a,b муаррифӣ нашуда, барои онҳо низ конструктор, геттерн ва сеттерн муаррифӣ нашудааст. Дар натиҷа коди барнома ба андозае мухтасар гардида, аз класси базавӣ истифода шудааст. Ҳамин тариқ, хосияти меросӣ дар ин ҷо татбиқ гардидааст. Илова бар ин, дар класси сохташуда методи Hal аз сари нав муаррифӣ гардида, хосияти чандшаклӣ дар вақти иҷроишро низ амалӣ карда шудааст. Дар функсияи асосӣ нусхаҳои класси MuodilaiKvadrati ба шакли зерин сохта мешаванд:

```
package equation;
public class Equation {
 public static void main(String[] args) {
```

```
//Истифодаи конструктори параметрдор
MuodilaiKvadrati muodila1 = new MuodilaiKvadrati(1,4,4);
muodila1.hal();
//Истифодаи конструктори бепараметр
MuodilaiKvadrati muodila2 = new MuodilaiKvadrati();
//Истифодаи сеттернҳо
muodila2.setA(3);
muodila2.setB(8);
muodila2.setC(5);
muodila2.hal();
//Ба даст овардани коэффитсиентҳои муодилаи хаттӣ
System.out.println("a="+muodila2.getA()+"b="+muodila2.getB()+" c="+muodila2.getC());
}
}
```

Дар ин мисол низ метавон интерфейсҳо ва ба таври динамикӣ диспечеризатсиякунонии методҳо ё полиморфизм дар вақти иҷроишро амалӣ намуд. Барои иҷрои ин амал ибтидо бояд бо номи Muodila интерфейс сохт.

```
package equation;
public interface Muodila {
 void hal();
}
```

Сипас, қисми аввали класси MuodilaiKhatti-ро ба сурати зерин тағйир медиҳем:

```
package equation;
public class MuodilaiKhatti implements Muodila{
 protected double a;
 protected double b;
…….
```

Пас аз иҷрои ин амалҳо хосияти полиморфизм дар вақти иҷроишро амалӣ месозем. Барои иҷрои ин амал дар методи асосӣ нусхаи интерфейс, муодилаи квадратӣ ва муодилаи хаттиро таҳия намуда, ба сурати зерин истифода мекунем:

```
package equation;
public class Equation {
 public static void main(String[] args) {
 //Нусхаи интерфейс
 Muodila muodila;
 //Нусхаи класси MuodilaiKhatti
 MuodilaiKhatti muodila1=new MuodilaiKhatti(3,18);
 //Нусхаи класси MuodilaiKvadrati
 MuodilaiKvadrati muodila2=new MuodilaiKvadrati(1,4,4);
 //Истифодаи хосияти чандшаклӣ дар вақти иҷроиш
 muodila=muodila1;
 muodila.hal();
 muodila=muodila2;
 muodila.hal();
 }
}
```

Тавре ки дида мешавад, дар ин ҷо бо як мисоли на он қадар душвор қариб ҳамаи хосиятҳои БОН амалӣ карда шудаанд. Чунин навъ мисолҳо хело зиёд мебошанд. Бинобар ин, ҳангоми бо ин равиш дарс додан донишҷӯён метавонанд ба содагӣ асосҳои БОН-ро аз худ намуда, заминае барои омӯхтани бахшҳои дигари барноманависӣ пайдо кунанд.

**Муқарриз: Саидзода И.М.- н.и.ф-м., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. Буч Г. Объектно-ориентированный анализ и проектирование приложений на Си++ /Г. Буч. –М.: Бином. - СПб.: Невский диалект, 2001. -560 с.
2. Дал У. Структурное программирование / У. Дал, Э. Дейкстра, К. Хоор. –М.: Мир, 1975. -247с.
3. Дейтел, П. Android для программистов: создаём приложения / П. Дейтел, Х. Дейтел, Э. Дейтел, М. Моргано. – СПб.: Питер, 2013. – 560 с.
4. Достова, А. А. Анализ нововведений в объектноориентированном языке программирования Java / А. А. Достова, В. В. Тынченко // Актуальные проблемы авиации и космонавтики. – 2014. – № 10. – URL: http://cyberleninka.ru/article/n/analiz-novovvedeniy-v-obektnoorientirovannom-yazyke-programmirovaniya-java (дата обращения: 20.06.2020).
5. Ломазова, И. А. Почему Java? О выборе языка программирования при обучении будущих учителей информатики // Ученые записки РГСУ. – 2008. – № 5. – URL: http://cyberleninka.ru/article/n/ pochemu-java-o-vybore-yazyka-programmirovaniya-pri-obucheniibuduschih-uchiteley-informatiki (дата обращения: 20.06.2020).
6. Петров А.Н. Проблемы обучения студентов объектноориентированному программированию /А.Н. Петров //Вестник университета Российской академии образования. -М., 2008 г. - № 3. - С. 99-100.
7. Рагулина, М.И. Исследовательский аспект применения компьютерных систем в обучении математике / М. И. Рагулина // Информатика и образование. - 2008. - № 10. - С. 83- 88.
8. Шкарбан, Ф.В. Обучение бакалавров прикладной информатике основам объектноориентированного программирования: описание методики с использованием визуальных учебных сред / Ф.В. Шкарбан // Известия Южного федерального университета. – 2018. – № 5. – С. 62–70.
9. Мейерс С. Эффективное использование С++. 50 рекомендаций по улучшению наших программ и проектов. Серия для программистов. Пер. с англ. — М.: ДМК Пресс, 2000. — 240 с.
10. Одинаев Р.Н. Создание мотивации к изучению предметов информатики и программирования в школах ,вузах на примере компьютерного моделирования движения автомобилей на языке программирования **С++** / Р.Н. Одинаев, З.Б.Гафоров // Вестник Таджикского нaҷионального университета. Серия естественных наук. - 2020. -№ 4. -С. 101-109.
11. Одинаев Р.Н. Развитие мотивации на уроках информатики и программирования как средство повышения уровня обученности учащихся в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Р.Н. Одинаев, З.Б.Гафоров // Вестник института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикстана. - 2021. -№ 2. -С. 184-190.
12. Шарипов Ф.Ф. Особенности обучения языкам программирования в образовательных учреждениях Республики Таджикистан/ Ф.Ф.Шарипов, З.Б.Гафоров //Вестник Таджикского национального университета. - 2020. -№ 4. -С. 161-167.
13. Козлов С. В. Вопросы внедрения и использования образовательных автоматизированных систем в учебном процессе // Инфокоммуникационные технологии в региональном развитии: Сборник трудов шестой ежегодной межрегиональной научно-практической конференции. – Смоленск: СПЭК, 2013. – С.129-133.
14. Козлов С. В. Функциональные назначения и возможности информационно-образовательного ресурса «AdvancedTester» // Горизонты науки. –2011. –№2 (6). –С. 9–12.
15. Липпман С. Б. Основы программирования на С++. Серия С++ InDepth, т. 1. Пер. с англ. — М.: Вильяме, 2002. — 256 с., ил.
16. Маслоу, А.Г. Мотивация и личность / А.Г. Маслоу. - СПб.: Питер, 2007. - 352 с.

## МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ БАРНОМАНАВИСИИ ШАЙЪГАРО БО ИСТИФОДА АЗ ДОНИШҲОИ МАТЕМАТИКАИ ЭЛЕМЕНТАРӢ

Яке аз қисмҳои асосии барноманависӣ - барноманависии ба объектҳо нигаронидашуда (БОН) ё барноманависии шайъгаро (БШ) ба ҳисоб меравад, ки дар замони муосир барои амалӣ намудани намунаҳои асосии лоиҳакашӣ корбурди зиёд дорад. Аксари забонҳои барноманависӣ ин навъ барноманависиро пуштибонӣ мекунанд. Ҳатто забонҳои ҳастанд, ки пурра дар забонҳои БОН ба ҳисоб рафта, одитарин барнома дар онҳо бо ин усул навишта мешавад. Ба сифати намуна метавон забонҳои Java ва C# - ро мисол овард. Новобаста аз оне ки бахши мазкур асоситарин бахш аст, вале мутаассифона, дар баъзе муассисаҳои олии кишвар, бинобар сабаби нарасидани мутахассисон ва дар нақшаи таълимӣ ҷой надоштан, дарс дода намешавад. Бинобар ин, донишҷӯён донишгоҳҳоро бе донистани ин қисми муҳимми барноманависӣ хатм мекунанд. Дар натиҷа ёфтани кори муносиб барои онҳо душвор мегардад. Дар мақола методикаи омӯзиши барноманависии ба объектҳо нигаронидашуда (БОН) бо истифода аз имкониятҳои математикаи мактабӣ мавриди баҳс қарор дода шудааст. Дар замони муосир роҳҳо ва методҳои гуногуни омӯзиши БОН мавҷуд буда, корҳои зиёди илмиву методӣ ба анҷом расонида шудаанд. Дар ин

мақола бошад, бо истифода аз муодилаҳои маъмули математикӣ, хусусан муодилаҳои хаттӣ ва квадратӣ методикаи омӯзиши БОН бо забони сода мавриди баҳс қарор дода шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар замони муосир БОН яке аз бахшҳои асоситарин ва нисбатан душвори барноманависӣ ба ҳисоб рафта, донистани он аз ҳар як барноманавис талаб карда мешавад, зеро дар аксари забонҳои барноманвисии муосир барнома ба сурати БОН навишта мешавад. Бинобар ин, масъалаи омӯзиши он дар муассисаҳои олии кишвар яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо**. барноманависӣ, БОН, класс, объект, меросӣ, чандшаклӣ, махфисозӣ, интерфейс, лоиҳа, забонҳои барноманависӣ, муодилаи квадратӣ, муодилаи хаттӣ, алгоритм, коди барнома.

## МЕТОДИКИ ОБУЧЕНИЯ ООП С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ЭЛЕМЕНТАРНЫХ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ

Одним из основных компонентов программирования является объектно-ориентированное программирование (BON) или объектно-ориентированное программирование (HS), которое широко используется в наше время для реализации основных шаблонов проектирования. Большинство языков программирования поддерживают этот тип программирования. Есть даже языки, которые полностью считаются БОН-языками и на них так пишется простейшая программа. Примеры — Java и C#. Несмотря на то, что этот сектор является основным, но, к сожалению, некоторые высшие учебные заведения страны не преподают из-за нехватки специалистов и нехватки мест в учебном плане. Поэтому студенты заканчивают университеты, не зная этой важной части программирования. В результате им трудно найти подходящую работу.В статье рассматривается методология обучения объектно-ориентированному программированию (ООП) на математических примерах. В наше время существуют разные способы и методы обучения ООП, и была проведена большая научно-педагогическая работа. В этой статье, используя простые математические уравнения, особенно линейные и квадратные уравнения, обсуждается методика обучения ООП на простом языке.Следует отметить, что сегодня ООП является одной из наиболее важных и относительно сложных областей программирования, и это необходимо знать каждому программисту, поскольку большинство современных языков программирования работают в стиле ООП. Поэтому вопрос его изучения в высших учебных заведениях страны является одним из ключевых вопросов.

**Ключевые слова:** программирование, ООП, класс, объект, наследование, полиморфизм, инкапсуляция, интерфейс, проект, языки программирования, квадратные уравнения, линейные уравнения, алгоритм, программный код.

## OOP LEARNING METHODS USING ELEMENTARY MATHEMATICAL KNOWLEDGE

One of the main components of programming is Object Oriented Programming (BON) or Object Oriented Programming (HS), which is widely used today to implement basic design patterns. Most programming languages support this type of programming. There are even languages that are completely considered BON-languages and the simplest program is written in them like that. Examples are Java and C #. Despite the fact that this sector is the main one, but, unfortunately, some higher educational institutions of the country do not teach due to a lack of specialists and a lack of places in the curriculum. Therefore, students graduate from universities without knowing this important part of programming. As a result, it is difficult for them to find suitable jobs.The article discusses the methodology of teaching object-oriented programming (OOP) using mathematical examples. Nowadays, there are different ways and methods of teaching OOP, and a lot of scientific and pedagogical work has been done. This article discusses a methodology for teaching OOP in a simple language using simple math equations, especially linear and quadratic equations.It should be noted that today OOP is one of the most important and relatively complex areas of programming, and every programmer needs to know this, since most modern programming languages work in the OOP style. Therefore, the issue of his education in higher educational institutions of the country is one of the key issues.

**Keywords.** Programming, OOP, class, object, inheritance, polymorphism, encapsulation, interface, project, programming languages, quadratic equations, linear equations, algorithm, program code.

**Маълумот дар бораи муаллифҳо:** ***Арабов Муллошараф Қурбонович*** **-** Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи информатика ва системаҳои иттилоотӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30. Телефон **(+992) 907-38-00-99**, E-mail**: cool.araby@mail.ru**

***Розиков Парвизҷон Шарифбекович*** - барномасози калон, ЧДММ "Развитие" **Суроға:** 117105: Федератсияи Русия, ш. Москва, кӯчаи Варшавский 1 бинои 6, идораи 401В; ошёнаи 4. Телефон **(+992) 555-55-87-87, (+7) 983-003-72-29**, E-mail: **rozikovp@gmail.com**

***Мусоев Суҳайлӣ Сайвалиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии факултети механикаю математика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **(+992) 907–88–88–57;** E–mail: **suhaily94@mail.ru**.

**Сведение об авторах:** ***Арабов Муллошараф Курбонович*** **-** Российско-Таджикский (славянский) университет, кандидат физико-математических наук, доцент кафедры информатики и информационных систем. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзода, 30. Телефон: **(+992) 907-38-00-99,** E-mail: **cool.araby@mail.ru**
***Розиков Парвизҷон Шарифбекович*** - старший разработчик, ООО ”Развитие”.**Адрес:** 117105:, Российская Федерация г. Москва, Варшавское шоссе, 1 ст. 6, 401В офис, 4 этаж. Телефон**: (+992) 555-55-87-87, (+7) 983-003-72-29**, E-mail: **rozikovp@gmail.com**
***Мусоев Сухайли Сайвалиевич*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры информационных и коммуникационных технологий механико-математического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **907–88–88–57;**
E–mail: **suhaily94@mail.ru**.

**Information about the authors:** ***Arabov Mullosharaf Kurbanovich*** - Russian-Tajik Slavic University, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor, Department of Informatics and Information Systems.**Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Mirzo Tursunzoda, 30. Phone: **(+992) 907-38-00-99,** E-mail: **cool.araby@mail.ru**
***Rozikov Parvizjon Sharifbekovich*** - Senior developer, OOO(limited liability company). **Address**: 734025, Russian Federation, Moscow, Varshavskoe shosse, 1 building 6, 401B office, 4th floor. Phone**: (+992) 555-55-87-87, (+7) 983-003-72-29,** E-mail**: rozikovp@gmail.com**
***Musoev Suhaili Sayvalievich*** **-** Tajik National University, Assistant of the Department of Information and Communication Technologies, Faculty of Mechanics and Mathematics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **(+992) 907-88-88-57**; **E-mail: suhaily94@mail.ru.**

**УДК:371.857**

# ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ЛЕКСИЯҲОИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

***Баротзода К.А.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Имрӯзҳо дар назди донишгоҳҳои омӯзгории кишвар вазифаи умдаву мубрам истодааст, ки ин баланд бардоштани сатҳу сифати тайёр кардани омӯзгорони оянда мебошад. Ин вазифа барои он умдаву мубрам аст, ки дар ҷомеа имрӯз дигаргуниҳои куллии иҷтимоиву иқтисодию маданӣ ба амал омада истодаанд. Дар ҷомеаи зудтағйирёбанда омӯзгоре лозим аст, ки раванди таълиму тарбияро ба он мутобиқ гардонида тавонад.

Омӯзгориояндаи биология бояд на танҳо аз рӯйи сикли фанҳои касбӣ-методӣ мувофиқи барномаи таълимӣ дониш аз худ кунаду бо методҳои фаъол таълим диҳад, балки аз манбаъҳои гуногун мустақилона маълумоти нави илмӣ дастрас карда тавонад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки аз тамоми роҳу воситаҳои ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотиро истифода бурда, барои ташаккули додани фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён тавсияҳои амаливу методӣ таҳия карда шаванд.

Маълумотҳо аз сарчашмаҳои ибтидоӣ имкон медиҳанд ба хулосае оем, ки равишҳои педагогии дар ташаккули омодагии донишҷӯёни ихтисосҳои педагогии донишгоҳ барои фаъолияти илмӣ истифодашавандаро ба се сатҳи методологӣ ҷудо намоем. Масалан, Г.К. Селевко инро дар тадқиқоти худ чунин тасниф мекунад: дидактикӣ (умумӣ- педагогӣ), фаннии махсус ва амалӣ. Ғайр аз ин, фаъолияти донишҷӯёнро ба шаклҳои таълимии академӣ, касбӣ ва таълимию касбӣ ҷудо мекунанд.

Барои бомуваффақият татбиқ намудани амсилаи интегративии ташаккул додани фаъолияти тадқиқотии омӯзгориояндаи биология, методи махсуси ташаккули омодагӣ ба ин навъи фаъолият тарҳрезӣ шудааст, ки онро ҳамчун як системаи муайян муаррифӣ кардан мумкин аст. Он мақсад, мазмун, воситаҳо, шаклу методҳои таълимро фаро мегирад. Мехоҳем ба он муфассалтар назар андозем.

Чуноне ки маълум аст, шаклҳои анъанавии ташкили таълими сикли фанҳои касбӣ-методӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ лексия, семинар, машғулиятҳои лабораторӣ-амалӣ ва кори мустақилонаи донишҷӯён мебошанд. Барои таълими шаклҳои лексионӣ ва семинарии устуворгардонии хотира ва ташаккул додани баъзе малакаҳои амалии мантиқии донишҷӯён хосанд. Масалан, ҷудо кардани маводи асосӣ ва муҳим аз сохтори маводи таълимӣ, таснифи далелҳо, назарияҳо, қонунҳо, таърифҳо ва ғайра.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар раванди ташкили лексияю семинарҳо як андоза номувофиқат ба назар мерасад. Масалан, дар лексияҳои умумӣ, шакли гурӯҳии машғулиятҳо тибқи ҷадвали дарсӣ амалӣ мегарданд, ки дар онҳо омӯзгор вазифаи роҳбариро иҷро мекунад ва фаъолияти донишҷӯён репродуктивӣ ба ҳисоб меравад. Инро зимни таълими анъанавии донишҷӯён дар шароити донишгоҳи омӯзгорӣ мушоҳида кардан мумкин аст. На ҳамаи донишҷӯён метавонанд дар дарсҳо дониши зарурӣ ва салоҳиятҳои касбиро ба даст оранд, гарчанде ки дар донишгоҳҳои олии омӯзгории муосир низоми анъанавӣ аҳамияти худро гум накардааст.

Таҷрибаи чандинсолаи мо дар амалигардонии тайёрии касбию методии омӯзгорони ояндаи биология дар донишгоҳи омӯзгорӣ нишон медиҳад, ки тайёрии донишҷӯён ба фаъолияти илмӣ-методӣ бо назардошти ҳалли он масоиле, ки барои ӯ дар фаъолияти касбии ояндааш заруранд, ба роҳ монда мешавад. Ин амал на бо роҳи аз худ кардани донишҳои тайёр, балки зимни мустақилона аз худ кардани донишҳо ва татбиқ намудани онҳо барои ошкор сохтани проблемаҳои мавҷуда амалӣ гардонида мешавад [10.11].

Низоми таълими кредитӣ дар донишгоҳи омӯзгорӣ татбиқи ҳадафҳои навро барои тайёр кардани омӯзгорони оянда тақозо мекунад. Дар он ҳадафҳои фарққунандаи лексия, намудҳову усулҳои ташкил ва гузаронидани он пешбинӣ шудааст.Мо истисно намекунем, ки шаклҳои анъанавии гузарондани лексияҳо дар раванди ташаккули маҳорати тадқиқотии донишҷӯён низ муфид буда метавонанд, аммо лексияҳои таҳиякардаи мо, ба монанди: лексияҳои проблемавӣ, визуалӣ, лексияҳои бинарӣ дар амал санҷида шудаанд, ки дар иҷрои вазифаҳои гузошташуда нақши калон мебозанду самаранокананд. Масалан, лексияи проблемавӣ хусусияти масъалагузорие дорад, ки дар мазмуни маводи омӯхташудаванда робитаи гуфтугӯии байни омӯзгор ва донишҷӯён бояд баръало зоҳир гардад.Тибқи нақшаи таълим дар курси сеюм барои зинаи таҳсилоти бакалаврият фанни Методикаи таълими биология омӯхта мешавад. Лексияҳо аз фанни методикаи таълими биология бояд ба талаботи зайл ҷавобгӯ бошанд:

- сохтори аниқу возеҳи маводи омӯхташаванда;
- дастрас будан барои дарки донишҷӯён ;
- дар донишҷӯён бедор кардани шавқи муайяни маърифатӣ;
- инъикос намудани тамоили ҳозираи инкишофи методикаи таълими биология;
- дар мазмун ва рафти лексия ворид намудани маводи тасвирӣ (ҷадвалҳо, амсилаҳо, расмҳо, диаграммаҳо ва ғайраҳо);
- роҳнамоӣ намудан дар бедор кардани шавқи донишҷӯён ба корҳои мустақилонаи тадқиқотӣ.

Ин талабот барои баланд бардоштани фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён дар лексияҳо бо мақсади ташаккул додани шавқу рағбати онҳо ба омӯзиши методикаи таълими биология ва рушди малакаҳои тадқиқотӣ заруранд. Аз ин рӯ, омӯзгорро зарур аст, ки дар матни лексия барои донишҷӯён бояд пешакӣ саволҳои проблемавӣ омода ва пешниҳод намояд. Барои баҳогузорӣ ба донишҷӯён, ки дар раванди он худи онҳо низ фаъолона иштирок мекунанд, масъалаҳои хусусияти проблемавидоштаро ба миён гузорад, самтҳои гуногуни тадқиқотро нишон диҳад, нуқтаи назари олимон-методистони алоҳидаро шарҳ диҳад. Лексия оид ба методикаи таълими биология бояд фаъолияти маърифативу мустақилонаи донишҷӯёнро рушд диҳаду роҳнамоӣ кунад, ҷаҳонбинии илмии онҳоро ташаккул диҳад. Омӯзгор бояд мазмуни методикаи таълими фан ва самтҳои асосии тадқиқотии ин соҳаро аниқ донад.

Дар лексияҳо истифода бурдани вазъияти омӯзиши проблемавӣ ва методҳои фаъоли таълим ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки:

- мустақилона вазифаҳои мушкилотро таҳия намоянд;
- фарзия таҳия карда, роҳи ҳалли онро пешниҳод намоянд;
-дар асоси маълумоти зарурӣ маводро таҳлил ва коркард кунанд;
-хулосаҳои зарурӣ бароварда, вариантҳои имконпазири дар амал татбиқ намудани онҳоро нишон диҳанд;
- ҷанбаҳо ва марҳилаҳои ҳалли масъалаи методиро ошкор созанд.

Ҳангоми омӯзиши мушкилот омӯзгор набояд маводро дар шакли тайёр пешниҳод намояд, балки дар назди донишҷӯён масъалаҳои хусусияти проблемавидоштаро гузораду мувофиқи онҳо онҳоро барои ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои ҳалли мушкилот бедор созад. Ҳадафи лексияи анъанавӣ маҳв кардани майлу рағбати донишҷӯён барои мустақилона ҷустуҷӯ кардани роҳҳои ҳалли мушкилот нест. Дар лексияи анъанавӣ самти репродуктивии «аз дониш ба масъала» бартарӣ дораду дар лексияи проблемавӣ стратегияи эҷодии «аз масъала ба дониш».

Бо истифода аз шаклҳои фаъоли таълим пайдоиши шавқу завқи маърифатии донишҷӯёнро барои ҷустуҷӯи дониш мушоҳида кардан мумкин аст, ки одатан дар раванди тадқиқоти илмӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, лексияҳои проблемавиро ҳамчун воситаи бедоршавӣ ва инкишоф додани малакаҳои тадқиқотии донишҷӯён муаррифӣ кардан мумкин аст.Лексияи проблемавӣ ба вазъияти проблемавӣ асос меёбад, ки онро ба вазифаи проблемавӣ табдил додан мумкин аст. Табиист, ки ҳангоми ҳалли масъалаи проблемавӣ саволҳои тавсифоти зайл дошта ба миён меоянд: «Ин муамморо чӣ тавр ҳал кардан мумкин аст? Шумо чӣ гуна шарҳ дода метавонед?”. Чунин саволҳо барои пайдо кардани роҳи ҳалли мушкилот бо истифода аз восита ва методҳои гуногун кумак мекунанд[1.2.5].

Тадқиқоти сершумор оид ба ин масъала қадамҳои тахминии ҳалли масъаларо нишон медиҳанд, ки онҳоро чунин тасвир кардан мумкин аст: мушкилот ⟶ вазъият (муаммо) ⟶ҷустуҷӯ⟶фарзия ⟶исботи фарзия ⟶ санҷиши ҳал ⟶ ҳалли дуруст. Бинобар ин, дуруст тартиб додани масъала роҳҳои ҳалли онро нишон медиҳад.Омӯзгор роҳҳои ҳалли масъаларо медонад, аз ин рӯ вазифаи ӯ аз он иборат аст, ки донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯи ҳалли масъала ҳидоят намояд.

Самаранокии методҳои проблемавии таълими биология ба шартҳои зерин вобаста аст: ҳавасмандии донишҷӯён барои дастгирии бо мушкилот дар ҳар марҳалаи дастгирию ҳавасмандии донишҷӯён; таъмин намудани фаъолияти маърифатии донишҷӯён; аҳамияти иттилооти дастрасшуда барои ҳалли масъала.

Қобилияти банақшагирии мушкилот ва идоракунии раванди ҷустуҷӯи ҳалли он яке аз фаъолиятҳои асосии омӯзгор аст, ки ба азхудкунии технологияи омӯзиши мушкилот ва методҳои ҳалли он вобаста аст.

Омӯзгор бояд мушкилотро ба нақша гирифта, раванди ҷустуҷӯи ҳалли онро идора карда тавонад. Ин на танҳо донишҳои назарияи омӯзиши проблемавӣ, балки аз худ намудани технологияи азхудкунии он ва азнавсозии шаклҳои анъанавии фаъолияти методиро талаб мекунад. Самаранокии лексия аз истифодаи якҷояи методҳои анъанавӣ ва проблемавии мавод дар асоси маводи гузашта вобаста аст.Лексияҳо бо унсурҳои баёни мушкилот имкон медиҳанд, ки баъзе масоили таълимӣ ҳал карда шаванд. Ба монанди:

- донишҷӯён аз рӯйи методика маводи омӯхташавандаро мустақилона аз худ мекунанд;
- ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки ба фаъолияти тадқиқотӣ машғул шаванд;
- дар донишҷӯён малакаҳои зарурии ҳалли мушкилот (вазифаҳои мушкилот) ва ҳалли онҳо ташаккул меёбанд.

Ҳангоми гузаронидани лексия оид ба методикаи таълими биология сохтори дақиқи мавод дар мадди аввал гузошта мешавад, то донишҷӯён ба методикаи таълими биология ҳамчун илм шавқу рағбат дошта бошанд.

Шакли дигари лексия- лексияи визуалӣ буда, ин дарк кардан ва баҳо додан дар заминаи аёнӣ аз тарафи донишчуён мебошад. Омода намудани омӯзгорони

оядаи биология ба фаъолияти илмӣ дар донишгоҳи омӯзгорӣ, зимни хондани лексияҳои визуалӣ аз сикли фанҳои методӣ бо истифода аз воситаҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ (компютер, тахтаи электронӣ, слайдҳо ва ғайра) амалӣ карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки самаранокии таъсири онҳо ба донишҷӯёнро, аз ҳисоби ҳамбастагии методҳои аудиоӣ ва визуалии қабули иттилоот мушоҳида кунем.

Маводи дар рафти ин намуди лексияҳо истифодашаванда бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад: хусусияти проблемавии мазмуни мавод, истифодаи шаклҳои гуногуни визуализатсия, такя ба конуниятҳои психофизиологии пешниҳод ва дарки иттилоот.

Лексияи бинарӣ оид ба методикаи таълими биология аз омӯзгор талаб мекунад, ки сенарияҳо тартиб дода, машқҳо гузаронад ва онҳоро самарабахш ташкил намояд. Хусусияти хосси лексияи бинарӣ ин муколамаи субъектҳои раванди таълим мебошад, ки ҷустуҷӯи муштарак барои ҳалли мушкилот равона карда мешавад. Дар ҷараёни гузаронидани лексияи бинарӣ донишҷӯён саволҳо медиҳанд, муносибати худро ба маводи муҳокимашаванда баён карда, ба ҳодисаи рӯйдода вокуниш нишон медиҳанд, таҳлил ва баҳодиҳии нуқтаи назари мухталифро нисбати мавзуъҳои таълимиро меомӯзанд, мавқеи худро муайян намуда, баҳс мекунанд ва қарорҳои худашонро мебароранд.

Намунаи истифодаи лексияи бинарӣ баррасии масъалаи афзалиятҳо ва норасоиҳои истифодаи компютер дар таълим ҳангоми омӯзиши мавзуи «Истифодаи технологияҳои информатсионӣ дар раванди таълими биологияи МТМУ» мебошад. Ин лексия вазъи муҳокимаи масъалаи мазкурро аз тарафҳои гуногун - тарафдор ва муқобилони истифодаи ТИК дар раванди таълимро ҳамчун намуна нишон медиҳад.Лексияи бинарӣ як шакли омӯзиши контекстӣ буда, хамзамон як навъи лексияи проблемавӣ низ мебошад, зеро принсипи проблемавӣ ҳам дар мазмуни он ва ҳам дар тарзи пешниҳодаш амалӣ мегардад. Бо ёрии лексияи бинарӣ на танҳо мазмун, балки шакли мушаххаси фаъолияти касбию методии омӯзгорон низ пешниҳод карда мешавад[4.8].

Имкониятҳои лексияҳо аз фанни методикаи таълими биологияро барои ташаккули фаъолияти илмии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ баррасӣ мекунем.Вобаста ба тағйирёбии парадигмаи таълимӣ вазифаҳои лексия низ то андозае тағйир ёфт, ки ин боиси муносибати дигар ба интихоби мазмун ва сохтори лексия гардид. Дар партави равишҳои нави таълимӣ вазифаҳои зерини лексияро аз фанни методикаи таълими биология қайд мекунем:

**Вазифаи методӣ.** Лексияро аз таҳлили қисмҳои таркибии системаи методӣ оғоз кардан лозим аст.

**Вазифаи иттилоотӣ.** Пештар лексия танҳо вазифаи ахбороти таълимӣ, муқаррароти асосии назариявии методикаи таълими биологияро иҷро мекард. Имрӯз лексия донишҳоро бо истифодаи далелҳои илмӣ васеъ бояд дар бар гирад, яъне интихобу пешниҳоди иттилооти таълимӣ, тақсимоти имконпазири он ба зинаҳо, инчунин дохил кардани супоришҳо барои синтез ва таҳлилкунӣ, ки дар кори мо муайян карда шудаанд, зарур аст.

**Вазифаҳои роҳнамо ва ҳавасмандкунанда.** Интихоби масоили тадқиқотӣ ва пешниҳоди маводи таълимӣ бояд ба ҳавасманд кардани шунавандагон барои ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилот ва масъалаи баррасишаванда нигаронида шуда

бошад. Дар ин ҳолат аз методҳои ташхис, таҷриба ва кори мустақилона истифода бурдан мумкин аст.

**Вазифаҳои тарбиявӣ ва инкишофдиҳанда.** Мундариҷаи иттилооти таълимӣ бояд ба қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯён ва сатҳи омодагии онҳо мутобиқ карда шавад. Маводи лексия бояд ба барқарор кардани муносибати ҳиссиётӣ (эмотсионалӣ)-баҳодиҳии шунавандагон ба мавзуи омӯхташаванда равона карда шавад.Лексияи анъанавӣ оид ба методикаи таълими биология марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

**Қисми муқаддимавӣ.** Дар ин марҳила лектор бо лексияи қаблӣ робита барқарор мекунад, ҳадафҳои лексияро мураттаб месозад. Дар ин ҷо ӯ дар бораи адабиётҳо оид ба мавзуъ маълумот медиҳад, аз рӯйи нақшаи лексия маъруза омода мекунад. Инчунин, ба шунавандагон масъалаҳоеро пешниҳод кардан мумкин аст, ки дар рафти дарс аз тарафи омӯзгор ҳал карда мешаванд.

**Қисми асосӣ.** Дар ин марҳила мазмуни асосии иттилооти таълимӣ ошкор карда шуда, мафҳумҳо таҳлил карда мешаванд. Аз асбобҳои аёнӣ истифода кардан мумкин аст. Ба диққати шунавандагон оид ба масъалаи баррасишаванда нуқтаҳои назари гуногун пешниҳод карда мешавад. Ин ҷо омӯзгор метавонад мавқеи худро асоснок карда, хулосаҳои хусусӣ баён кунад, робитаи маводи омӯхташавандаро бо амалия нишон диҳад.

**Қисминиҳоӣ.** Омӯзгор хулосаи асосиро баён карда, барои корҳои мустақилона дастурҳо пешниҳод менамояд ва оид ба иҷрои самаранокии онҳо маслиҳатҳо медиҳад. Барои ба танзим даровардани дониш ба шунавандагон саволҳо ва тестҳо пешниҳод карда мешаванд.

Дар шароити имрӯза лексияи анъанавӣ ба талаботи муосир пурра ҷавоб дода наметавонад, алалхусус, он ба амалӣ гардондани фаъолияти илмии донишҷӯён ба таври қаноатбахш нигаронида нашудааст. Баъзе норасоиҳои лексияи анъанавӣ бо ташкили лексияе, ки ба иҷрои вазифаи тадқиқотии методикаи таълими биология нигаронида шудааст, бояд бартараф карда шаванд.

Камбудиҳои лексияи анъанавӣ ва равишҳои навро ба дарс ба назар гирифта, омӯзгор бояд дар пешниҳоди мавод аз чунин методҳое истифода барад, ки дар он донишҷӯён на танҳо маълумоти тайёр гиранд, балки бо мантиқи дарёфти маълумот шинос шаванд ва аз иҷрои ҳалли масъалаи мушаххас бароянд.

Муқоисаи лексияи муосир ва лексияи анъанавӣ бо унсурҳои фаъолияти тадқиқотиро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

| № | Камбудиҳои лексияи анъанавӣ | Хусусиятҳои асосии лексияи тадқиқотӣ |
|---|---|---|
| 1. | Дар мазмуни лексия камбудихои ҷустуҷӯӣ-эҷодӣ мавҷуданд | Аз нуқтаи назари дидактика, аз ҷиҳати методӣ дуруст ва барои машғулияти ҳаррӯза мувофиқ аст |
| 2. | Мутобиқ накардани маводи таълимӣ ба хусусиятҳои дарккунӣ, фаҳмидан, азхудкунии он аз тарафи ҳар як донишҷӯ | Дар лексия тайёрии ахборӣ ва протсессуалии шунавандагон оид ба мавод ба назар гирифта мешавад |
| 3. | Якрангии гузаронидани лексияҳо дар машғулиятҳо | Дуруст муайян кардани шакли пешниҳоди лексияҳо бо назардошти имкониятҳои таълимӣ ва шавқу ҳаваси донишҷӯён (монолог, монолог дар асоси воситаҳои аудиовизуалӣ, монолог бо |

| | | |
|---|---|---|
| | | унсурҳои суҳбати эвристикӣ, (ҳалли масъалаҳои тадқиқотӣ), диалог – мубоҳисаи омӯзгору донишҷӯ, ки амалиётҳои мухолифро ифода мекунанд. Нуқтаи назар аз рӯйи проблемаи муҳокимашаванда) . |
| 4. | Муттаҳидкунии иттилоот дар дарс ҳангоми нақл, вобаста ба қисми иттилоотии лексия бе ба назар гирифтани имкониятҳои дарк ва азхудкунии донишҷӯён | Дар мазмуни лексия ҳатмӣ ҷой додани объекти азхудкунии доимӣ, таъмини самти амалии мундариҷа, фароҳам овардани имконият барои татбиқи донишҳои назариявии андухтаи донишҷӯён ва бо ин роҳ пешгирӣ намудани азхудкунии расмии онҳо |
| 5. | Интихоби каму маҳдуди методҳои таълим, ҳавасмандии яктарафа ба ин ё он метод | Донистани таснифоти системавии методҳои таълим, асоснокии интихоби комбинатсияи оптималӣ ва таносуби онҳо |
| 6. | Дар лексия фаъол набудани қисми зиёди донишҷӯён | Иҷрои кори банақшагирифташуда барои ҳавасмандии донишҷӯён. Ташаккулдиҳии фаъолияти маърифатии донишҷӯён |
| 7. | Ба назар гирифтани омилҳои шахсӣ ва муносибати мусоиди байни омӯзгор ва донишҷӯён | Муносибат бо донишҷӯён дар асоси омӯзиши талаботи баланд бо эҳтиром ба шахсияти онҳо |

Омӯзгор метавонад ҷиҳати таърихии ташаккулдиҳии назарияи муосирро ба назар гирифта, нофаҳмоиҳоеро, ки ҳангоми ҳалли мушкилот мушоҳида карда мешаванд, тавзеҳ дода, онҳоро бартараф намояд ва мантиқи тадқиқоти илмиро ба шунавандагон пешниҳод намояд. Барои ин нақшаи зерини мантиқиро татбиқ намудан мумкин аст: таҳлили мазмун, фарзия, интихоб, мубоҳиса, таҳлил, арзёбӣ. Масалан, ҳангоми хондани лексия дар мавзуи «Таърихи омӯзиши ҳаёт» аз таърихи пайдоиши ҳаёт бо истифода аз китобҳои дарсии биология ва дастурҳои иловагӣ ба донишҷӯён маълумот бояд дод.

Дар доираи тадқиқоти мавзуъ, таърихи омӯзиши ҳаётро дар асрҳои миёна ва назарияи ҳозираи пайдоиши ҳаётро баррасӣ бояд кард. Маводи китобҳои дарсии биологияи мактабиро, ки аз ҷониби муаллифони гуногун таҳия гардидаанд, ба назар гирифта, метавонем ақидаҳои дар ин китобҳо овардашударо муқоиса ва қайд кунем. Дар охири лексия аз донишҷӯён даъват карда мешавад, ки қонунҳои пайдоиши ҳаётро бо истифода аз китобҳои дарсии биология, ки муаллифони гуногун таҳия кардаанд, таъриф диҳанд, роҷеъ ба онҳо андешаи шахсии худро иброз намоянд.

Дар лексия бахшида ба мавзуи «Масъалаҳои ташкилии таълими биология» масъалаҳои зерин метавонанд хусусияти тадқиқотӣ дошта, омӯзгор дарсро ҳамчун қисмати пурра, мантиқан пайдарпай ва дар вақти маҳдуди раванди таълим пешниҳод мекунад. Дар он кори таълимӣ бо хонандагони синну сол ва дараҷаи тайёрии якхела тахминан амалӣ карда мешавад. Бо донистани ин нукта ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми дарси ғайримуқаррариро тавзеҳ

дода, хусусиятҳои фаъолияти методии омӯзгорро дар доираи он муайян намоянд[8-9].

Бояд гуфт, ки дарси лексионӣ имкон медиҳад, ки малакаҳои синтезкунӣ ва таҳлилкунии омӯзгорони оянда ташаккул дода шаванд. Ба лексия ворид намудани вазифаҳои тадқиқотии мувофиқ имкон медиҳад, ки он ҷанбаи тадқиқотӣ пайдо намояд.

Масалан, сохтори лексия аз фанни методикаи таълими биология чунин буда метавонад: а) методикаи таълим, таснифи методҳои таълим; б) методикаи таълими биология, шаклҳои таълим ва методҳои умумӣ-дидактикии таълими биология; в) системаҳои дидактикии таълим дар дарсҳои биология; г) меъёрҳои интихоби усулҳои таълим дар дарсҳои биология. Барои ҷалби донишҷӯён ба раванди тадқиқот, метавонем як масъалаи синтезкуниро барои интихоби роҳи ҳал пешниҳод намоем.

**Вазифаи методӣ.** Аз нуқтаи назари муосир методҳои таълими биология бо назардошти мазмун ва шакли фаъолияти омӯзгору хонандагон чӣ гуна бояд ба роҳ монда шавад?.

**Варианти А.** Таснифи методҳои таълим аз рӯйи сарчашмаҳо – методҳои шифоҳӣ, аёнӣ, амалӣ вуҷуд дорад.

**Варианти В.** Таснифи методҳои таълим аз ҷониби И.Я. Лернер ва М.Н. Скаткин пешниҳод карда шуда: методҳои тавзеҳотӣ - иллюстративӣ, репродуктивӣ, эвристикӣ, тадқиқотӣ вуҷуд доранд.

**Тарзи ҳал:** таснифоти методҳо аз рӯйи варианти А- фаъолияти бо ҳам алоқаманди омӯзгор ва донишомӯзон - мазмуни фаъолиятро инъикос менамояд.

**Ҷавоб** ба саволи пешниҳодшуда таснифоти методҳои таълим, ки Г.И. Сарансев пешниҳод кардааст, буда метавонад. Аз рӯйи таснифоти ӯ фаъолияти таълимию маърифатӣ ва пешниҳоди мазмуни мавод чунин навъҳои методҳоро аз ҳамдигар фарқ кардан талаб карда мешавад: методҳои индуктивӣ-репродуктивӣ, индуктивӣ-эвристикӣ, индуктивӣ-тадқиқотӣ, дедуктивӣ-репродуктивӣ, умумӣ-эвристикӣ, умумӣ-тадқиқотии таълим.

Дар лексияҳо шиносоии ибтидоӣ ба маводи нав сурат мегирад, аз ин рӯ дараҷаи фаъолияти тадқиқотии донишҷӯён аксар вақт репродуктивӣ, яъне танҳо такрори маълумот ва методҳои ҳалли мушкилот, иҷрои корҳо аз рӯйи саволҳо тестҳо, расм, назария, қонун ва ғ. мебошад. Дар ин навъи дарсҳо муоина кардани супоришҳои тавсифоти тадқиқотии дараҷаи баланди фаъолиятдошта мувофиқи мақсад нест, чунки барои ин вақти барои лексия ҷудокардашуда кифоя нест ва ҳамзамон сатҳи азхудкунии мавод ва шавқу ҳавас ба мавзуи лексия коста мегардад. Барои муайян кардани сатҳи масъалаҳое, ки бояд дар лексия ҳал карда шаванд, омӯзгор метавонад аз нақшаи корӣ истифода барад.

Вақте ки ба дарси лексия супоришҳои илмӣ дохил карда мешаванд, донишҷӯён иштирокчиёни фаъоли лексия гардида, бо омӯзгор муколама мекунанд. Машқҳои мантиқӣ ва ҳалли масъалаҳои проблемавӣ барои ташаккули малакаҳою маҳоратҳои тадқиқотӣ, ки имрӯз барои омӯзгор заруранд, имкониятҳои зиёд фароҳам меоранд.

Баъзе методистон тавсия медиҳанд, ки барои хондани лексияҳои проблемавӣ, ба ҷуз аз сохтори мантиқан пайдарпайи мундариҷа, шаклҳои гуногуни баҳодиҳии ҳиссиётии падидаҳо, рӯйдодҳо ва дастурҳои ташкили раванди таълимро, ба монанди : «биёед, пайравӣ кунем», «кӯшиш намоед, ки фикр кунед», «тахлил кунед», «тасаввур намоед, ки...» ва ғайраҳо истифода намоем.

Матни лексия бояд нишондодҳоеро фаро гирад, ки марҳилаҳои раванди таълим ва тадқиқотро пешакӣ муайян намоянд: “таҳлили фарзия”, “санҷидани кифоя будани шароит”, “ба танзим даровардани мушкилот”, “пешниҳоди мушкилот”, "интихоби методҳои тадқиқот", "гузаронидани тадқиқот", "санҷидани самаранокии тадқиқот", "ҷамъбаст кардани натиҷаҳои тадқиқот", "хулосабарорӣ" ва ғайра. Чунин дастурҳо барои идора кардани мантиқи тафаккур, роҳнамоии фикр, ташкили фаъолияти ҷустуҷӯи равонии донишҷӯён мусоидат мекунанд. Ҳангоми лексия баён кардани фикру мулоҳизаҳое, ки арзишмандии онҳо пурра собит нашудааст ва далелҳоеро, ки ҳалли масъаларо тасдиқ мекунанд, метавон истифода бурд.Дар ҷараёни лексия саволҳои проблемавӣ ва супоришҳои эҷодӣ пешниҳод карда мешаванд, ки супоришҳои назоратӣ ҳисоб меёбанд. Иҷрои ин супоришҳоро лектор барои минбаъд такмил додани лексия ба назар мегирад. Ин метод дар таълим самаранок аст, зеро он ба донишҷӯён барои дарки маводи таълимӣ таҳти роҳбарии омӯзгор кумак мерасонад.

Дарси лексионӣ ба ташаккулёбии малакаҳои тадқиқотии донишҷӯён нигаронида шуда, супоришоти тадқиқотиро дар бар гирифта метавонад. Ба сифати мисол нақшаи лексияро, ки ба омӯзиши консепсияи муосири таълими биологияи мактабӣ бахшида шудааст, муоина менамоем. Дар ҷараёни лексия пешниҳод карда мешавад, ки проблемаҳои ба мазмуни консепсияи таълими биологияи мактабӣ ва дурнамои инкишофи он алоқаманд, ошкор карда шаванд.

Бо мақсади ташвиқ намудани донишҷӯён ба таҳлили мустақилонаи таърихи инкишофи таълими биологияи мактабӣ ба онҳо саволҳои зеринро пешниҳод намудан мумкин аст:

1) Мақсадҳои таълимӣ, инкишофдиҳӣ ва тарбиявии таълими биология, дар партави консепсияи нави инкишофи таълими биология кадомҳоанд?

2) Самтҳои бунёдии азнавсозии МТМУ кадомҳоянд? Дурнамои онҳо чӣ гунаанд ва ин ба рушди таълими биология чӣ гуна таъсир мерасонад?

3) Ба назари шумо бо кадом роҳҳо гуманизатсияи таълимро дар дарси биология ташкил кардан мумкин аст?

4) Проблемаи гуманизатсияи таълимро чӣ тавр мефаҳмед?

5) Оё проблемаҳои роҳнамоии касбӣ дар мазмуни таълими биология инъикос ёфтаанд?

6) Таълими биологияро чӣ тавр инфиродӣ кардан мумкин аст?

Барои муҳокима ба донишҷӯён супоришҳо пешниҳод карда мешаванд, ки дар онҳо рушди таълими биологияи мактабӣ пешбинӣ шудааст. Вобаста ба онҳо бояд ҳадафҳои таълимӣ ва тарбиявии таълими биология аз нуқтаи назари муқаррароти мавҷуда, мураттаб карда шаванд. Таҳлили ҳалли он моҳирона амалӣ карда шуда, самтҳои асосии бозсозии сохтори маориф муоина мегарданд ва мафҳумҳои гуманизатсияи таълим ошкор карда мешаванд.

Ба он диққат дода мешавад, ки ҳадафи асосии таълими биологияи мактабӣ ташаккули шахсияти хонанда мебошад. Сипас омилҳое, ки ба қисмҳои системаи методии таълими биология таъсир мерасонанд, равшан карда мешаванд. Талаботе, ки имрӯз дар назди хатмкунандаи МТМУ ва ба ин муносибат ба тайёрии методии омӯзгори биология гузошта мешавад, дар кори якҷоя бо донишҷӯён муҳокима гардида, атрофи он муҳокимаронӣ карда мешаванд. Дар ин раванд аз маводи лексионӣ истифода карда, доир ба парадигмаи нави таълимӣ, оид ба тафриқаи таълими биологияи мактабӣ, усулҳои фаъолгардонии донишомӯзон ва ғайра маълумот медиҳанд.

Пас аз пешниҳоди маълумоти асосӣ, бояд ба саволҳои дар ҷараёни лексия гузошташуда баргашт ва онҳоро бо донишҷӯён муҳокима кард. Бо ҳамин кор

мазмуни асосии лексия ба охир мерасад. Ҷанбаи тадқиқотии қисми иттилоотии лексия аз инҳо иборат аст: тамаркузи таҳлили мазмуни лексия, гузоштани саволҳои проблемавӣ ба донишҷӯён, ташкил ва пешниҳод намудани саволҳо пеш аз лексия ва баъд аз он, таҳлили мундариҷаи маводи лексионӣ барои донишҷӯён.

Саволҳо бояд проблемавӣ бошанд: "Шумо чӣ гуна мефаҳмед...", "Фаҳмонед...", "Пешомадҳо чӣ гунаанд...", "Чӣ гуна душвориҳо...", "Чӣ гуна мушкилот доранд?.". Фарқияти байни маводе, ки донишомӯзон аз худ мекунанд ва фаъолиятҳое, ки бояд иҷро намоянд, воситаи асосии ташаккулёбии тафаккури онҳост[5.6.12].

Тартиб додани лексия аз ҷиҳати илмӣ яке аз роҳҳои муҳимтарини баланд бардоштани сифати он, инчунин методи фаъоли педагогӣ мебошад, ки боиси интенсификатсияи раванди таълим мегардад. Дар лексияҳо мо имкон дорем, ки дар донишҷӯён маҳорати асосан синтезкунӣ ва таҳлилкуниро ташаккул диҳем. Дараҷаи фаъолияти илмии донишҷӯён аксар вақт репродуктивӣ мебошад. Бояд гуфт, ки на ҳар як лексияро оид ба методикаи таълими биология ба таври проблемавӣ, тадқиқотӣ хондан ба мақсад мувофиқ аст. Яке аз камбудиҳои ин гуна лексия ин аст, ки он назар ба лексияи анъанавӣ вақти бештарро мегирад. Ғайр аз ин, на ҳар як мавзуи методикаи таълими биологияро ба таври проблемавӣ пешниҳод кардан имконпазир аст. Бо вуҷуди ин, қариб ҳар як лексия оид ба методикаи таълими биология супоришоти хурди хусусияти илмӣ-тадқиқотӣ дошта, бо ҳамин васила имкониятҳои онро барои ташаккул додани маҳорати илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён истифода бурдан мумкин аст.

**Муқарриз: *Умаров У.* –н.и.п., дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Бусыгин А.Г. Постановка вузовской лекции и оценка ее качества: научно-методическое пособие для преподавателей вузов и заведующих каферами / А.Г. Бусыгин, Т.А. Бусыгина. – Самара: Изд-во СГПУ, 2005. -25 с.
2. Баротзода К.А. Практическое значение педагогического опыта как диидактической основы профессиональной подготовки будущих учителей по двум специальности в условиях кредитного обучения / К.А. Баротзода //Вестник таджикского национального университета. -2021. -№8. -С. 245-251.
3. Вербицкий А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход / А.А. Вербицкий. – М.: Высшая школа, 1991. - 207 с
4. Виленский М.Я. Технологии профессионально-ориентированного обучения в высшей школе /М.Я. Виленский, П.И. Образцов, А.И. Уман. – М., 2005. – 192 с.
5. Гарунов М.Г. Пидкасиситый. Самостоятельная работа студентов / М.Г. Гарунов. - М.: Знание, 1978.
6. Гершунский Б.С. Методологическое знание в педагогике / Б.С.Гершунский, Н.Д. Никандров. – М.: Педагогика, 1986. – 110 с.
7. Горбашов В.Л. Научное познание (методы, формы, подходы) / В.Л.Горбашов, П.А. Романов. – Йошкор-ола: Мар. ГУ, 1995. – 81 с.
8. Горелова Г.Г. Педагогические условия подготовки студентов к творческой профессионально-педагогической деятельности во внеаудиторной исследовательской работе: Автореф. дисс. канд. пед. наук / Г.Г. Горелова. - Челябинск, 1983. – 23 с.
9. Доблаев Л.П. Смысловая структура учебного текста и проблемы его понимания / Л.П. Доблаев. - М.: Просвещение, 1987.
10. Еремкин А.И. Система межпредметных связей в высшей школе (Аспект подготовки учителя) / А.И. Еремкин. – Харьков: Изд-во при Харьковском гос. ун-те изд. объединения «Вища школа», 1984. – 152 с.
11. Загвязинский В.И. Методология и методика дидактического исследования / В.И. Загвязинский. – М.: Педагогика, 1982. – 160 с.
12. Никитина Е.Ю. Формирование готовности студентов педагогического вуза к научно-исследовательской деятельности средствами проблемного обучения: дис. … канд. пед. наук / Е.Ю. Никитина. - Новокузнецк, 2007. – 198 с.

13. Нугмонов М. Системное представление методической подготовки будущего учителя математики в педвузе /Профессиональная подготовка учителя математики средней школы: Тезисы докл. – Душанбе: ДГПУ, 1994. – С. 41-44.
14. Свиридова В.С. Научно-исследовательская работа студентов педагогического колледжа как средство формирования их готовности к педагогической деятельности /В.С. Свиридова: дисс. … канд. пед. наук. Кемерово, 2002. – 226 с.
15. Сауров Ю.А. Основы методологии методики обучения физики дисс. д-ра. пед. наук / Ю.А. Сауров. – М., 2003 – 346 с.
16. Шахматова Р.Р. Методическая подготовка будущего учителя в процессе педпрактики. Автореф. дисс. … канд / Р.Р. Шахматова. – Омск, 2003. – 22 с.

## ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ЛЕКСИЯҲОИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

Дар мақола оид ба ташаккули фаъолияти илмии донишҷӯён дар лексияҳои методикаи таълими биология маълумот дода шудааст.Имрӯзҳо дар назди донишгоҳҳои омӯзгории кишвар вазифаи умдаву мубрам истодааст, ки ин баланд бардоштани сатҳу сифати тайёр кардани омӯзгорони оянда мебошад. Ин вазифа барои он умдаву мубрам аст, ки дар ҷомеа имрӯз дигаргуниҳои куллии иҷтимоиву иқтисодию маданӣ ба амал омада истодаанд. Дар ҷомеаи зудтағйирёбанда омӯзгоре лозим аст, ки раванди таълиму тарбияро ба он мутобиқ гардонида тавонад. Омӯзгори ояндаи биология бояд на танҳо аз рӯйи сикли фанҳои касбӣ-методӣ мувофиқи барномаи таълимӣ дониш аз худ кунаду бо методҳои фаъол таълим диҳад, балки аз манбаъҳои гуногун мустақилона маълумоти нави илмӣ дастрас карда тавонад. Аз ин рӯ, аз тамоми роҳу воситаҳои ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ истифода бурда, барои ба роҳ мондани фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён бояд тавсияҳои амаливу методӣ таҳия карда шаванд. Барои бомуваффақият татбиқ намудани амсилаи интегративии ташаккул додани фаъолияти тадқиқотии омӯзгори ояндаи биология, методи махсуси ташаккули омодагӣ ба ин навъи фаъолият тарҳрезӣ шудааст, ки онро ҳамчун як системаи муайян муаррифӣ кардан мумкин аст. Он мақсад, мазмун, воситаҳо, шаклу методҳои таълимро фаро мегирад.

**Калидвожаҳо**: омӯзгори оянда, методикаи таълими биология, лексия, фаъолияти илмии донишҷӯён, тайёрии касбию методии омӯзгори оянда, донишҷӯён, дарс.

## ФОРМИРОВАНИЕ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ НА ЛЕКЦИОННЫХ ЗАНЯТИЯХ ПО МЕТОДИКЕ ОБУЧЕНИЯ БИОЛОГИИ

Повышение качества подготовки будущих учителей в педагогическом вузе всегда является актуальным. Особую остроту эта задача приобретает сегодня, когда интенсивные изменения в экономической и социокультурной жизни общества требуют профессионально-компетентного учителя. Будущий учитель биология не только должен получать знания по предметам профессионально-методического цикла в соответствии с учебным планом, учить методам исследовательской работы, но и уметь самостоятельно приобретать новые научные сведения из различных источников. Поэтому надо использовать всевозможные пути организации и проведения исследовательской деятельности, разработать учебно-методические рекомендации по формированию исследовательской деятельности со студентами. Данные первоисточников позволяют заключить, что педагогические подходы, используемые в формировании готовности студентов педагогических специальностей вуза к исследовательской деятельности, могут быть отнесены к трем методическим уровням. Например, Г.К. Селевко в своей работе классифицирует их по следующим уровням: общедидактический (общепедагогический), частно-предметный и локальный. Кроме того, он выделяет три базовые формы деятельности обучающихся в контекстном обучении: учебная деятельность академического типа, в связи с профессиональной деятельностью, и учебно-профессиональная деятельность. Для более успешной реализации интегративной модели формирования исследовательской деятельности будущего учителя биологии, в нашей роботе была спроектирована оссобая методика формирования готовности к такому виду деятельности, которая может быть представлена как определённая система, охватывающая цели, содержание, средства, формы и методы подготовки.

**Ключевые слова**: будущий учитель, методика обучения биологии, лекции, научная деятельность студентов, профессионально-методическая подготовка будущих учителей, студенты, уроки.

## FORMATION OF RESEARCH ACTIVITIES OF STUDENTS IN LECTURES ON THE METHODOLOGY OF TEACHING BIOLOGY

Improving the quality of training of future teachers in a pedagogical university is always relevant. This task is becoming especially acute today, when intensive changes in the economic and socio-cultural life of society require a professionally competent teacher. The future biology teacher should not only acquire knowledge in the subjects of the professional and methodological cycle in accordance with the curriculum, teach

using research methods, but also be able to independently acquire new scientific information from various sources. Therefore, it is necessary to use all possible ways of organizing and conducting research activities, to develop educational and methodological recommendations for the formation of research activities with students.The data from the primary sources allow us to conclude that the pedagogical approaches used in shaping the readiness of students of pedagogical specialties of the university for research activities can be attributed to three methodological levels. For example, G.K. Selevko in his work classifies according to the following levels: general didactic (general pedagogical), particular subject and local. In addition, he distinguishes three basic forms of students' activity in contextual learning: educational activities of an academic type, in connection with professional activities, and educational and professional activities. For a more successful implementation of the integrative model of the formation of the research activity of the future teacher of biology, in our work, a special methodology for the formation of readiness for this type of activity was designed, which can be represented as a certain system, covering the goals, content, means, forms and methods of training.

**Key words:** future teacher, biology teaching methodology, lectures, scientific activities of students, professional and methodological training of future teachers, students, lessons.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиѐбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Сведение об авторе:** ***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доцент. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Information about the author:** ***Barotzoda Kamoliddin Ashur*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, associate professor. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121..: **(+992) 934050446**.

УДК:371.851

# ДАР СИСТЕМАИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ТАШКИЛ НАМУДАНИ КУРСҲОИ ТАЪЛИМИ БАРНОМАСОЗӢ ТАВАССУТИ ИМКОНИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ИННОВАТСИОНИИ ПЛАТФОРМАИ LMS MOODLE

***Ҷонмаҳмадов И. Т.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Курси таълими фосилавӣ системаи дидактикии кушода мебошад, ки фаъолияти он ба консепсияи муаллиф оид ба омӯзиши фанни мушаххас асос ёфтааст ва ҷузъи педагогии курси таълими фосилавӣ бошад, ҳама вақт афзалиятнок буда метавонад. Дар мақолаи мазкур мо раванди ташкил намудани курси таълими фосилавиро оиди ташкил намудани курси таълими барномасозӣ бо методҳои нави таълими инноватсионӣ дар платформаи LMS Moodle татбиқ намудем. LMS Moodle платформаи махсусе мебошад, ки дар он муҳити васеи мувофиқ барои ташкил намудани таҳсилоти фосилавӣ пешбинӣ шудааст. Дар LMS Moodle имкониятҳои зиёди истифодаи файлҳои мултимедиавӣ барои сохтани курси таълимӣ мавҷуд аст ва инчунин платформаи ройгонро барои омӯзгорону хонандагон таъмин менамояд.

Дар шароити имрӯза раванди таълимро бе истифодаи системаи таҳсилоти электронии таълим ва технологияҳои муосири таълими инноватсионӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Системаи таҳсилоти фосилавиро дар замони муосир яке аз методҳои таълими инноватсионии дараҷаи олӣ барои таълим гирифтани хонандагон қабул намудаанд ва инчунин таҳсилоти фосилавӣ яке аз мавзуъҳои актуалии соҳаи методи таълими инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Ба маълумотҳои мултимедиявии курси таълими барномасозӣ, чун анъана, маълумоти рақамие дохил мешаванд, ки маълумоти аудио, графикӣ ва видео, инчунин матни онҳоро ҳамроҳикунандаро дар бар мегирад. Вақтҳои охир ба онҳо маълумоти аниматсионии видео ва намудҳои гуногуни воқеияти виртуалӣ илова карда шуданд.

*Воситаҳои мултимедиавӣ* – ин як қисми имкониятҳои таълимӣ инноватсионии платформаи LMS Moodle мебошад, ки маънои сахтафзор ва нармафзореро дорад ва барои кор бо намудҳои гуногуни иттилооти рақамӣ пешбинӣ шудааст: матн, графика, садо, графикаи 3-андоза, воқеияти виртуалӣ, аниматсия, маводҳои видеоӣ ва таркиби онҳо.

Дар системаи Moodle воситаҳои мултимедиявӣ мумкин аст, ки ҳам дар матни ҳуҷҷати системаи омӯзиши фосилавӣ (СОФ) ва ҳам дар ҳуҷҷатҳои форматҳои дигар (HTML, DOC, PDF), инчунин дар файлҳои беруна, ҷойгир шаванд:

СОФ Moodle форматҳои зерини ҳуҷҷатҳои берунаро дастгирӣ мекунад:

– Microsoft Office Word (*.doc )
– Open Office Write Open Document Format (*.odt)
– Adobe Portable Document Format (*.pdf)
– Саҳифаҳои интернетӣ (*.html )

Ҳар яке аз ин намуди ҳуҷҷатҳо маҷмуи файлҳои мултимедиавии дарунсохтаи худро дастгирӣ мекунад. Маълумоти графикӣ қариб барои ҳама воситаҳои таҳрири ҳуҷҷатҳо дастрас аст.

Рӯйхати калонтарини форматҳои файли мултимедиа PDF мебошад. Ғайр аз файлҳои графикӣ, он аниматсия, графикаи 3D ва воқеияти виртуалиро дастгирӣ мекунад.

*Графика.* Маълумоти графикӣ аз рӯйи шакли намоишдиҳии шаклҳои растрӣ, векторӣ ва якҷоя, ҷудо карда мешавад, ки дар шакли метафайлҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Маълумоти растрӣ- маҷмуи мунтазами нуқтаҳо (матритса)-ро дар бар мегирад. Ҳар як нуқта бо координатаҳо ва хусусиятҳои рангии он муайян карда мешавад. Мавқеи пикселҳоро ҷуфти (x,y) координатаҳо ва вокселҳоро координатҳои сегона (x,y,z ) муайян мекунанд.

*Маълумоти графикии омехта ё метафайлҳо*, ки маълумоти графикии якҷояро нигоҳ медоранд, ҳам маълумоти графикии растрӣ ва ҳам векториро дар бар мегиранд. Мувофиқи таърифи стандарти байналмилалӣ, метафайл ҳамчун маълумоти мустақилонаи графикӣ дар истилоҳҳои дастгоҳҳои намоишдиҳии графикии виртуалӣ фаҳмида мешавад. Ин стандарт барои муттаҳидсозӣ, интиқоли иттилооти графикӣ байни системаҳои гуногуни сахтафзор ва нармафзор бо намудҳои гуногуни дастгоҳҳои намоишдиҳӣ пешбинӣ шудааст.

Дар Moodle файлҳои графикии - и 3D - форматро истифода баред:

– GIF (Формати мубодилаи графикӣ)

– JPG/JPEG (JFIF - Joint Photographic Expert Group File Image Format)

– PNG (Portable Network Graphics)

Файлҳо бояд дар сервери Moodle бошанд.

GIF (Graphic Interchange Format) дар ду мушаххасот вуҷуд дорад - GIF 87 ва GIF 89a (аниматсионӣ).

Хусусиятҳои формати GIF, ин дастгирии рангубори рангӣ (то 256 ранг), ки истифодаи фишурдасозии беталаф, ҳузури рамзгузории сатрӣ ва ба қобилияти сохтани тасвирҳои аниме мебошанд.

*Афзалиятҳои формати GIF:* андозаи хурди файл, дастгирии шаффофият ва аниматсия, истифодаи фишурдасозии беталаф.

*Камбудиҳои формати GIF:* миқдори ками рангҳо, фишурдасозии ноком.

Ин омилҳо доираи формат *GIF-ро* муайян мекунанд - тасвирҳои схемавӣ, графика ва матн, пиктограммаҳо ва "смайликҳо" (табассум).

Формати PNG (Portable Network Graphics) дорои хусусиятҳои зерин мебошад: дастгирии тасвирҳои рангаи пурра (то 16 миллион ранг), нисфшаффоф (256 градатсияҳо - дараҷабандӣ), истифодаи бепатенти фишурдасозии беталаф ва рамзгузории сатракии пешрафта.

*Афзалиятҳои формати PNG:* дастгирии шаффофият ва амиқии рангҳои 64 бита/пиксела, алгоритми такмилёфтаи кушодашавии сатрӣ, фишурдасозии беталаф.

Формати JPEG/JFIF (Joint Photographic Expert Group File Image Format).

Дар айни замон, ду мушаххасоти (ҷиҳатҳои фарқкунанддаи) формати JPEG ва JPEG 2000 мавҷуданд, ки стандарти JPEG тасвирҳои рангинро дастгирӣ мекунад - то TrueColor - 16M ранг (24 бит/пиксел), ки фишурдани онҳо ба усулҳои муосири табдили косинусӣ-дискретӣ ё мавҷӣ-дискретӣ асос ёфтааст. Стандарт рамзгузории алоҳидаи тасвирҳои ахроматӣ (беранг) ва варианти рамзгузории тасвирро бидуни фишурдасозӣ (беталаф) пешбинӣ мекунад.

*Афзалиятҳои формати JPEG:* ҳаҷми хурд (барои тасвирҳои пурраи ранга), фишурдани дуандоза бо дарназардошти дарки ранг аз тарафи инсон, имконияти идоракунии фишурдасозӣ (гум шудани сифат), имконияти нишондиҳии аксҳо.

*Садо*. Дар *Moodle* файлҳои садоиро дар ду формат истифода баред:

– Mp3 - MPEG-1 (Motion Picture Expert Group) Audio Layer 3;

– RAM - Real Audio барои Audio Real Player.

Файлҳо бояд дар сервери СТФ *Moodle* ҷойгир шаванд.

*Видео.* Дар Moodle форматҳои зерини файли видеоӣ дастгирӣ карда мешаванд:

– avi - Microsoft Windows Audio Video Interleave;

– mpg - Гурӯҳи коршиносони Motion Picture ISO;

– wmv - ISO Motion Picture Expert Group;

– mov - Windows Media Video;

– flv - Apple Quick Time Movie Resource Format;

– rm - Nokia OneReal Player;

– YouTube – хизматрасонии интернетӣ барои маводи видеоӣ мебошад.

*Хусусияти асосии маводи видеоӣ* - ҳаҷми калони онҳост. Аз ин рӯ, тавсия дода намешавад, ки маводҳои видеоиро дар саҳифаи асосии курс ва саҳифаҳои асосии лексияҳо ҷойгир кунед. Онҳо бояд дар саҳифаҳои иловагӣ ҷойгир карда шаванд, ки гузариш ба он бо дархости донишҷӯ анҷом дода мешавад, масалан, бо истифода аз истинод. Ҳангоми сохтани истинод андозаи саҳифаро ба таври возеҳ нишон додан лозим аст - донишҷӯ бояд тасаввур кунад, ки кушодани ин саҳифа ба чӣ қадар вақт ва пул (трафик) оварда мерасонад.

– Материалҳои видеоиро дар шакли захираҳо (файлҳо) ба тартиб даровардан, ба ҳуҷҷатҳои курси таълимӣ илова кардан мувофиқи мақсад аст.

– Декодерҳо барои намоиши маводи видеоӣ бояд дар компютери шахсии донишҷӯ насб карда шаванд.

– Тавсия дода мешавад, ки онҳоро дар папкаи алоҳидаи сервери LMS Moodle нигоҳ доред, бо нишон додани ҷойгоҳашон ҳангоми пайвастшавӣ ба маводи видеоӣ.

– Барои насби аксари кодекҳо/декодерҳои видео ва аудио, бастаҳои ройгони K-Lite Codec, CCCP мувофиқанд.

– Барои намоишдиҳии файлҳои mov (Apple Quick Time), ба шумо барномаи ройгони *Quick Time* лозим аст.

*Аниматсия дар Moodle* метавонад дар формати swf пешниҳод карда шавад.

Барои омода кардани аниматсия шумо метавонед барномаҳои зеринро истифода баред: Macromedia Flash Professional, Adobe Flash Professional, Adobe AIR.

*Воқеияти виртуалӣ* (VR) дар Moodle метавонад дар шакли mov (Apple Quick Time) дар шаклҳои зерин пешниҳод карда шавад: объектҳои VR, VR - панорамаҳо (акс ва 3D), саёҳатҳои VR.

Бисёр барномаҳои моделсозии 3D метавонанд барои омода кардани файлҳои VR истифода шаванд, ба монанди AutoDesk 3D Studio MAX, Newtek Lightwave, 4D Cinema, ArchiCAD, BodyPaint 3D ва ғайра.

Намоишдиҳии файлҳои VR талаб мекунад, ки Apple Quick Time дар компютери донишҷӯ насб карда шавад.

***Воситаҳои барномавӣ барои омода кардани маводи мултимедиавӣ***

Дар маҷмуаи (пакети) касбии Adobe Creative Suite 5 ҳамаи барномаҳои мултимедиавии зарурӣ мавҷуданд ва ҳамкории (кори якҷояи) онҳоро кафолат медиҳанд. Маҷмуа (пакет) дар чор версия паҳн мегардад: Premium, Web Premium, Production Premium ва Master Collection.

**Маҷмуаи (пакети) Adobe Creative Suit 5 Master Collection:**

| | |
|---|---|
| • Photoshop CS5 Extended | • Мусоидат ба CS5 |
| • Illustrato CS5 | • Adobe Premiere Pro CS5 |
| • InDesign CS5 | • After Effects CS5 |
| • Acrobat 9 Pro | • Soundbooth CS5 |
| • Flash Catalyst CS5 | • Adobe OnLocation CS5 |
| • Flash Professional CS5 | • Encore CS5 |
| • Flash Builder 4 | • Bridge CS5 |
| • Dreamweaver CS5 | • Дастгоҳи Central CS5 |
| • Fireworks CS5 | |

Ғайр аз ин, мо барои алтернатива воситаҳои коркарди ройгонро тавсия медиҳем:

OpenOffice - барои сохтани ҳуҷҷатҳо ва коркарди иттилооти матнӣ (баста дорои муҳаррири матнии Writer, воситаи сохтани намоиш-презентатсияҳо - Impress, ҷадвали электронии Calc, таҳриргари графии Draw, СИМД Base, таҳриргари формулавии Math мебошад);

GIMP - барои сохтан ва таҳрири тасвирҳои растрӣ;

Inkscape - барои сохтан ва таҳрир кардани тасвирҳои векторӣ;

VirtualDub - барои коркарди маводҳои видеоӣ;

Audacity - барои коркарди садо (аудио).

Ғайр аз ин, бисёр муҳаррирони матнӣ (Microsoft Word, OpenOffice) асбобҳои графикии дарунсохт доранд

*Форматҳои дохилӣ* ва танзимоти курс

– *Шумораи бахшҳо* - шумораи умумии мавзуъҳои омӯзишӣ (бахшҳо, модулҳо) дар курс. Ба шумораи онҳо, инчунин мавзуъ (модул)-и дорои маълумоти хабарӣ дохил мешавад. Чун пешфарз, мавзуи (модули) сифрӣ (муқаддимавӣ) рақамгузорӣ карда намешавад ва ба шумораи муайяншуда илова карда мешавад.

– *Нишон додани бахшҳои пинҳонӣ* - нишон додани қисматҳои пинҳонӣ дар курси фосилавӣ, ки ҳоло барои донишҷӯ дастрас нест. Дар шакли васеъшуда - танҳо сарлавҳаҳои мавзуъҳои пинҳонӣ нишон дода мешаванд ё комилан ноаён.

– *Нишондиҳии курс* - имконияти намоиши ҳама мавзуъҳо (бахшҳо) дар як саҳифа (расми 1)-и курс ё як мавзуъ дар як саҳифа (расми 2)




**Расми 1. Формати курс – “Бахшҳо аз рӯйи мавзуъ” - намоиши ҳамаи мавзуъҳо дар як саҳифа**




**Расми 2. Формати курс – “Бахшҳо аз рӯйи мавзуъ” - намоиши як мавзуъ дар як саҳифа**

• **Бахшҳо аз рӯйи ҳафта.** Танзимот ба формати курс - *Бахшҳо аз рӯйи мавзуъ* монанд аст. Мавзуъҳо ҳар ҳафта тибқи ҷадвали таълим аз санаи оғози курс намоиш дода мешаванд (расми 3).




**Расми 3. Формати курси “Бахшҳо аз рӯйи ҳафта”**

• **Элементи ягонаи курс** - курс ҳамчун элементи ягона ташкил карда шудааст, ки дар танзимоти формат интихоб карда мешавад. Ба курс ворид шуда, донишҷӯ

фавран ба татбиқи ин элемент мегузарад, масалан, ба тест. Дар асл, ин курс нест, балки элементи алоҳида дар доираи система мебошад. Агар SCORM-курс истифода шавад, пас Moodle мазмуни курсро иҷро мекунад.

• **Форум** – дар курс ягона элементи *Форум* ҷойгир аст, ки дар доираи он муҳокимаи мавзуи муайян сохта мешавад.

**Форматҳои иловагӣ (плагинҳои форматҳои курс)**

• Бахшҳои ҷамъшаванда аз рӯйи мавзуъ (танзимот дар расми 4). Рӯйхати пурраи танзимот танҳо бо нақши *муаллим* дастрас аст:

– *Number of sections* (миқдори мавзуъҳо), намоиши бахшҳои пинҳонӣ, пешниҳоди курс – танзимот ба бахшҳо аз рӯйи мавзуъҳо монанд аст.

•*Display instructions* (дастурҳоро намоиш диҳед) - вақте ки ин параметр интихоб карда мешавад, дархост бо забони англисӣ нишон дода мешавад. Барои васеъ кардани рӯйхат истинодро бо ном зер кунед. *Не*-ро интихоб кунед.

*Set elements* (элементҳои намоишро фаъол гардондан):

▪ Toggle word, Topic x/Week x/Day x (калид-ивазкунаки пинҳонкунӣ/нишондиҳӣ, Бахш/Ҳафта/Рӯз) дар тавсифи мавзуъ;

▪ Toggle word and section number (калид-ивазкунаки пинҳонкунӣ/нишондиҳӣ, Бахш/Ҳафта/Рӯз) дар тавсифи мавзуъ;

▪ Topic x/Week x/Day x and section number (калид-ивазкунаки Бахш/Ҳафта/Рӯз ва рақами бахш) дар тавсифи мавзуъ;

▪ Toggle word (калид-ивазкунаки пинҳонкунӣ/нишондиҳӣ) дар тавсифи мавзуъ;

▪ Topic x/Week x/Day x (калид-ивазкунаки Бахш/Ҳафта/Рӯз) дар тавсифи мавзуъ;

▪ Рақами бахш;

▪ No additions (бе тавсиф).

– Set structure (сохтори намоиш) - мавзуъ, ҳафта, ҳафтаи ҷорӣ аввал (дар рӯйхат), мавзуи ҷорӣ аввал (бахши ҷорӣ аввал), рӯз (барои ҳар як мавзуъ, аз санаи оғози курс як рӯз ҷудо карда мешавад).

– Set columns (шумораи сутунҳо) - шумораи сутунҳо бо бахшҳо (мавзуъҳо / модулҳо, ҳафтаҳо) дар намоиши курс (аз 1 то 4).

– Set column orientation - (танзими ҷойгиршавии сутунҳо бо бахшҳо) - уфуқӣ/амудӣ.

– Set the toggle text alignment (баробаркунии калимаҳои “Бахши №” дар сарлавҳаи бахш) - left (чап), centre (марказ), right (рост).

– Set icon position (мавқеи нишона) - left (чап), right (рост).

– Set icon set (намуди нишона) - arrow (тир), bulb (чароғак ), cloud (абр), eye (чашм) ва ғайра.

– Set toggle all icon hover (бадалкунии символи нишона ҳангоми овардани курсор ба болои он).

– Toggle foreground (калид-ивазкунаки “Бахши №”) - ранги калимаи “Фасли “”.

– Toggle foreground hover (калид-ивазкунаки “Бахши №”, ҳангоми бадалкунӣ (инвертирование) - ранги калимаи “Бахши №”, ҳангоми овардани курсор ба болои он.

– Toggle background (заминаи рӯйхат) - ранги заминаи рӯйхат.

– Toggle background hover (заминаи рӯйхат ҳангоми бадалкунӣ) - ранги заминаи рӯйхат ҳангоми овардани курсор ба болои он.

– Show the section summary when collapsed - не, равзанаи ёварро нишон диҳед, агар мушкилот вуҷуд дошта бошад.




**Расми 4. Танзимоти формати “Бахшҳои ҷамъшаванда аз рӯйи мавзуъ”**




**Расми 4. Идома**

Дар расми 5 мавзуи «*Бахшҳои ҷамъшаванда аз рӯйи мавзуъҳо*» бо танзимоти зерин оварда шудааст: Number of sections – 10, Display instructions – не, Set elements – Toggle word, Topic x/Week x/Day x and section number, Set structure – Мавзӯъ, Set columns – 2, Set column orientation – Амудӣ, Set the toggle text alignment – centre, Set icon position – left, Set icon set – Cloud, Set toggle all icon hover – не.




Расми 5. Намуди мавзуи «*Бахшҳои ҷамъшаванда аз рӯйи мавзуъҳо»*

• Onetopic format - танзимот ба формати Бахшҳо аз рӯйи мавзӯъҳо шабеҳ мебошанд. Hide tabs bar [пинҳон кардани бандҳо бо мавзӯъҳо (топикҳо)] - не. Дар Расми 6 намоиши курсро дар ин формат оварда шудааст.




**Расми 6. Форум курс Onetopic format**

• Формати курс **Ҷадвал:**

– Танзимоти Number of sections, намоиши бахшҳои пинҳонӣ, *намоиши курс* ба танзимот барои мавзуи “Бахшҳо аз рӯйи мавзуъҳо” шабеҳ аст;

– Set the image container width (паҳнои контейнери (зарф) тасвири мавзуъро ҳамроҳкунанда) – чун пешфарз;

Set the image container ratio relative to the width (таносуби дарозӣ ба паҳнои тасвирҳои контейнер (зарф)) - 3-2, 3-1, 3-3, 2-3, 1-3, 4-3, 3-4;

– Set the image resize method (усули тағйирдиҳии андозаи расмро таъин кунед) - Scale (ҷадвали миқёсӣ), Crop (тира намоиш додан);

– Set the border colour - ранги сарҳади контейнер (зарф);

– Set the border width (паҳнои сарҳад) - 1-10;

– Set the border radius on / off - истифодаи яклухткунии кунҷҳои контейнери (зарф) тасвир;

– Set the image container background colour - ранги заминаи контейнери (зарфи) тасвир;

– Set the current selected section colour – ранги чорчӯбаи заминаи тасвир дар мавзуи (контейнер) ҷорӣ;

– Set the current selected image container colour - ранги заминаи контейнери тасвир барои мавзуи ҷорӣ;

– Show new activity notification image - огоҳиномаро дар бораи фаъолияти тасвири контейнер нишон диҳед (Не-ро таъин кунед). Grid reset options танзимот чун пешфарз - Ҳа.

Дар расми 7 курс дар формати *Ҷадвал* дар реҷаи таҳриркунӣ бо танзимот оварда шудааст: Number of sections – 10, Set the image container width – 210, Set the image container ratio relative to the width – 4- 3, Set the image resize method – Scale, Set the border width – 6.

Ҳангоми интихоби мавзуъ, мундариҷаи он ҳамчун равзанаи пешниҳодшуда дар қисми болои экран нишон дода мешавад (расми 8).




**Расми 8. Намоиши мавзуи курс дар формати *Ҷадвал,* дар реҷаи намоиш**

**Муқарриз: Мирзоев М.С.- д.п.н., профессор МГПУ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллаев С. Г. Оценка эффективности системы дистанционного обучения/ С. Г. Абдуллаев.- Телекоммуникации и информатизация образования. – 2007. - № 3. - С. 85-92.
2. Аверченко Л. К. Дистанционная педагогика в обучении взрослых / Л. К. Аверченко // Философия образования. - 2011. - № 6 (39). - С. 322-329.
3. Авраамов Ю. С. Практика формирования информационно-образовательной среды на основе дистанционных технологий / Ю. С. Авраамов.- Телекоммуникации и информатизация образования. – 2004. - № 2. - С. 40-42.
4. Андрюшин В. Не выходя из дома : информационные технологии в современных системах обучения / В. Андрюшин // Бухгалтер и компьютер. – 2005. - № 7. - С. 16-20.
5. Балашова Ю. В. Особенности личностного развития студентов при дневном и дистанционном обучении / Ю. В. Балашова // Среднее профессиональное образование. - 2009. - № 6. - С. 74-75.
6. Боброва И. И. Методика использования электронных учебно-методических комплексов как способ перехода к дистанционному обучению / И. И. Боброва// Информатика и образование. - 2009. - № 11. - С. 124-125.
7. Бочков В. Е. Учебно-методический комплекс как основа и элемент обеспечения качества дистанционного образования // В. Е. Бочков // Качество. Инновации. Образование. – 2004. - № 1. - С. 53-61.
8. Васильев В. Дистанционное обучение: деятельностный подход / В. Васильев // Дистанционное и виртуальное обучение. – 2004. - № 2. - С. 6-7.
9. Генне О. В. Дистанционное обучение - новый шаг в развитии системы образований / О. В. Генне // Защита информации. Конфидент. – 2004. - № 3. - С. 36-39.
10. Гомулина Н. Н. Методика дистанционной формы обучения учителей физики на курсах повышения квалификации / Н. Н. Гомулина // Дистанционное и виртуальное обучение. - 2011. - № 10. - С. 50-61.
11. Гриневич Е. А. Методика дистанционного изучения информатики студентами экономических специальностей / Е. А. Гриневич // Информатизация образования. - 2011. - № 1. - С. 36-44.
12. Галимуллина Э.З. Механизмы интеграции интерактивных форм и методов в учебный процесс высшей школы / Э.З. Галимуллина // Современные проблемы науки и образования. – 2014. – № 4.
13. Горячев М.Д. Применение сетевых ресурсов в современном образовании. Статья /М. Д. Горячев, М. М. Горячев, Н. В. Иванушкина, В. В. Мантуленко. - Изд: Народное образование. Педагогика. – Москва, 2014.
14. Иванушкина Н.В. Использование современных информационных коммуникационных технологий как фактор повышения качества образования в вузе / Н. В. Иванушкина // Вестник Самарского государственного университета. Гуманитарная серия. -2010. -№1 (75). Самара: Изд-во «Самарский университет», 2010. -С. 207. 211.
15. [Электронный ресурс]. http://studopedia.ru/13_162609_elektronnie-sredstva-obucheniya-i-ih-ispolzovanie-v-podgotovke-shkolnikov.html

## ДАР СИСТЕМАИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ТАШКИЛ НАМУДАНИ КУРСҲОИ ТАЪЛИМИ БАРНОМАСОЗӢ ТАВАССУТИ ИМКОНИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ИННОВАТСИОНИИ ПЛАТФОРМАИ LMS MOODLE

Дар мақолаи мазкур раванди ташкил намудани курси таълими фосилавӣ оид ба ташкил намудани курси таълими барномасозӣ бо методҳои нави таълими инноватсионӣ дар платформаи LMS Moodle татбиқ гардидааст. Дар LMS Moodle имкониятҳои зиёди истифодаи файлҳои мултимедиавӣ барои сохтани курсҳои таълимӣ мавҷуд аст ва инчунин платформаи ройгонро барои омӯзгорону хонандагон таъмин менамояд. LMS Moodle платформаи махсусе мебошад, ки дар он муҳити васеи мувофиқ барои ташкил намудани таҳсилоти фосилавӣ пешбинӣ шудааст. Дар курси таълими фосилавӣ намудҳои гуногуни файлҳоро дар як метафайле, ки дар курс ҳамчун маводи таълимӣ пешбинӣ шудааст, истифода намудаанд ва ин метод имконияти ба худ ҷалб намудани фикронии хонандагонро доро мебошад. Аз ин лиҳоз, имкониятҳои мултимедиавӣ оиди ташкил намудани курси таълими барномасозӣ бо методҳои нави таълими инноватсионӣ дар платформаи LMS Moodle хеле кумаки калон мерасонад.Дар шароити имрӯза раванди таълимро бе истифодаи системаи таҳсилоти электронии таълим ва технологияҳои муосири таълими инноватсионӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Системаи таҳсилоти фосилавиро дар замони муосир яке аз методҳои таълими инноватсионии дараҷаи олӣ барои таълим гирифтани хонандагон қабул намудаанд ва инчунин таҳсилоти фосилавӣ яке аз мавзуъҳои актуалии соҳаи методи таълими инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** системаи таҳсилоти фосилавӣ, платформаи LMS Moodle, таълими электронӣ, курси таълими барномасозӣ, метафайл, графика, воқеияти виртуалӣ, маводи мултимедиавӣ, форматҳои дохилӣ, форматҳои иловагӣ.

## СИСТЕМА ДИСТАНЦИОННОГО ОБРАЗОВАНИЯ И ОРГАНИЗАЦИЯ УЧЕБНЫХ КУРСОВ ПРОГРАММИРОВАНИЯ ЧЕРЕЗ ИННОВАЦИОННЫЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ВОЗМОЖНОСТИ ПЛАТФОРМЫ LMS MOODLE

В данной статье реализован процесс организации дистанционного обучения по учебного курса по программированию с помощью новых инновационных методов обучения на платформе LMS Moodle. LMS Moodle имеет множество возможностей для использования мультимедийных файлов для создания учебных курсов, а также предоставляет бесплатную платформу для преподавателей и студентов. LMS Moodle — это специальная платформа, предназначенная для широкого круга сред, подходящих для организации дистанционного обучения. В дистанционном курсе используются разные типы файлов в одном метафизическом файле, который предоставляется в курсе в качестве учебных материалов, и этот метод имеет возможность задействовать мышление учащихся. Поэтому мультимедийные возможности для организации курсов обучения программированию с помощью новых инновационных методик обучения на платформе LMS Moodle будут очень кстати.В современных условиях невозможно представить образовательный процесс без использования инновационных систем электронного обучения и современных образовательных технологий. Система современного дистанционного образования была принята как один из самых инновационных методов обучения студентов на самом высоком уровне, а дистанционное образование также является одной из самых актуальных тем в области инновационных методов обучения.

**Ключевые слова:** система дистанционного обучения, платформа LMS Moodle, электронное обучение, учебный курс по программированию, метафайл, графика, виртуальная реальность, мультимедийный контент, внутренние форматы, дополнительные форматы.

## IN THE DISTANCE EDUCATION SYSTEM, THE ORGANIZATION OF PROGRAMMING TRAINING COURSES THROUGH THE INNOVATIVE EDUCATIONAL CAPABILITIES OF THE LMS MOODLE PLATFORM

This article implements the process of organizing distance learning to organize a training course on programming with new innovative teaching methods on the LMS Moodle platform. LMS Moodle has many options for using multimedia files to create courseware and also provides a free platform for educators and students. LMS Moodle is a special platform designed for a wide range of environments suitable for organizing distance learning. The distance course uses different types of files in a single metaphysical file that is provided in the course as teaching materials, and this method has the ability to engage students' thinking. Therefore, multimedia opportunities for organizing programming training courses with new innovative teaching methods on the LMS Moodle platform will come in handy. In modern conditions, it is impossible to imagine the educational process without the use of innovative e-learning systems and modern educational technologies. The system of distance education in modern times has been accepted as one of the most innovative methods of teaching

students at the highest level, and distance education is also one of the most relevant topics in the field of innovative teaching methods.

**Keywords:** distance learning system, LMS Moodle platform, e-learning, programming training course, metafile, graphics, virtual reality, multimedia content, internal formats, additional formats.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷонмаҳмадов Исломиддин Тешаевич*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, докторанти PhD – и кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими инфоматика. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айни, 67. E-mail: **jonm96@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Джонмахмадов Исломиддин Тешаевич*** **–** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, докторант PhD кафедры информационных технологий и методики преподавания информатики. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, проспект Айни, 67. E-mail: **jonm96@mail.ru**

**Information about the author:** ***Dzhonmakhmadov Islomiddin Teshaevich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, PhD candidate of the Department of Information Technologies and Methods of Teaching Informatics. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini avenue, 67. E-mail: **jonm96@mail.ru**

УДК 372.8 (372.854)

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ТАЪЛИМИИ ХОНАНДАГОН АЗ ФАННИ ХИМИЯ БО ИСТИФОДА АЗ ТАҶРИБАҲОИ НАМОИШӢ

*Ахмедова З.С.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Ислоҳоти соҳаи маориф, ки имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ идома дорад, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани сатҳи таълим нигаронида шудааст. Босамар истифода намудани усулу технологияҳои нави таълим дар ин раванд нақши калидӣ дошта, таҳқиқу пажӯҳиши он дар самти фаъолияти таълимии хонандагон, тавассути таҷрибаҳои намоишӣ аз фанни химия муҳиммияти мавзуи тахқиқотро асоснок менамояд. Дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ таълими фанни химия ҷойгоҳи муайянро ишғол намуда, дар тавсеаи ҷаҳонбинии хонанда, ҷиҳати рағбат пайдо кардан ба улуми табиатшиносӣ заминаи муносиб фароҳам месозад. Нақши химия дар тарбияи ибтидоии табиатшиносии ҷавонон бузург буда, дар фаҳмиши онҳо тафаккури илмӣ-эҷодиро бедор мекунад.

Имрӯзҳо дар самти амалишавии таълими инфиродӣ, ҳангоми ташкили фаъолияти таҷрибавии хонандагон ва ба роҳ мондани таҷрибаҳо дар синфҳои болоӣ дар синфхонаи химия, бо истифода аз таҷҳизоти муосир, ки танҳо барои гузаронидани таҷрибаҳои фронталӣ пешбинӣ шудааст, як қатор мушкилиҳо мушоҳида мешаванд. Таълими химияро фақат дар намуди машғулиятҳои назариявӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст, гарчанде дар дарсҳои назариявӣ низ таҷрибаҳои намоишӣ истифода мешаванд. Корҳои озмоишӣ мароқи хонандагонро барои донистани муҳити атроф, ҳодисаҳо, дарки ҳодисаҳои химиявӣ зиёд. Ҳангоми машғулиятҳо, албатта, усули мустақилона иҷро намудани кори амалӣ аз тарафи хонандагонро истифода бурдан муфид аст. Барои баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии омӯзиши фанни химия бо роҳҳои такмили ташкилию методӣ, фаъолияти таҷрибавии хонандагон, иҷрои таҷрибаҳои намоишӣ дар синфхонаи химия ба мақсад мувофиқ аст.

Аз ин лиҳоз, дар мактаби миёна ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ аз фанни химия муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳангоми иҷро намудани корҳои лабораторӣ хонандагон он дониш ва қонунҳои химиявиеро, ба таври назариявӣ омӯхта буданд, хубтар аз худ менамоянд. Дар натиҷа дар онҳо малака ва маҳорати навишта тавонистани муодилаи реаксияҳои химиявӣ ва дар асоси қонун ва бақои массаи моддаҳо баробар кардан, мустақилона ҳал намудани масъалаҳои химиявӣ ва таҷрибавӣ пайдо гардида, онҳо хулосаҳои даркорӣ бароварда метавонанд.

Дар вақти гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ (лабораторӣ) дар хонандагон малакаю маҳорати мустақилона омӯхтан, аз худ намудани маводи таълимӣ ташаккул меёбад. Аз тарафи омӯзгорон ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки донишҳои назариявиеро, ки қаблан омӯхта буданд, мустаҳкам намоянд [1, с. 14-18]. Дар таълими химия, ҳангоми баёни мавзуи нав, ба хонандагон намоиш додани таҷрибаи химиявӣ ба мақсад мувофиқ аст. Аз он ҷумла, баъзе аз хосиятҳои химиявии моддаҳоро ба тариқи таҷрибавӣ фаҳмонидан хеле қулай аст.

Масалан, таҷрибаи химиявиро ҳангоми гузаштани аксарияти мавзуъҳо, тайёр кардани маҳлулҳо, ҳосил кардани оксиген, гидроген, оксидҳо, кислотаҳо, асосҳо, намакҳо барои хонандагони синфи 8, диссотсиатсияи электролитӣ, металлҳои ишқорӣ, ишқорзаминӣ, ҳосил кардани оксиди карбон (IV), аммиак барои хонандагони синфи 9-ум ва ғайраҳо истифода бурдан мумкин аст. Аз ин рӯ, бояд аз тарафи омӯзгорон мавқеъ ва мақсади намоиши таҷрибаҳои химиявӣ муайян карда шаванд. Методи эксперимент дар ҷараёни таълими фанни химия дар мактаби миёна хусусиятҳои махсус ва фарққунанда дорад, ки дар асоси талаботҳои педагогию дидактикӣ се вазифаи муҳимро иҷро менамояд: таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофи дониш. Дар вақти гузаронидани таҷрибаи химиявӣ ба якчанд самтҳои тарбия, ба монанди тарбияи меҳнатӣ, эстетикӣ, экологӣ ва ғайра диққати махсус додан лозим аст.

Дар ҷараёни таълими фанни химия гузаронидани тачрибаҳо, ба ҳалли масъалаҳои химиявӣ, омӯзиш, таҳқиқ, мустаҳкам гардидани дониш, ташаккул вамаҳорату малакаи онҳо мусоидат менамояд. Дар таърихи инкишофи марҳалаҳои илми химия, аввалин таҷрибаҳои химиявӣ дар озмоишгоҳҳои химиявӣ, дар осору ашъори муҳаққиқону поягузорони илми кимиёи форсу тоҷик, аз ҷумла Ҷобир ибни Хайёни Тӯсӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ ва амсоли онҳо руи қалам оварда шудаанд. Ба ақидаи Ҷобир ибни Хайён, дар ҷараёни омӯзонидани фанни химия гузаронидани корҳои озмоишӣ, амалӣ ба манфиати кор аст, зеро ҳангоми ба эътибор нагирифтани он тадқиқотчӣ ба ягон муваффақият ноил намегардад. Ба гуфтаи ӯ олимон ташаккули шавқу завқи худро на дар мавҷудияти таҷҳизот, балки дар заминаи истифодаи роҳу усулҳои таҷрибавӣ зоҳир менамоянд. Дар рафти таҷрибаҳои худ Ҷобир ибни Хайён аввалин шуда, кислотаҳои ғайриорганикиро ҳосил кардааст ва назарияи падид овардани металлҳои нав, аз ҷумла тиллоро ба миён гузошта, рангҳои гуногунро барои матоъ ва пӯст ихтироъ намудааст.

Ҷобир ибни Хайён яке аз талқинкунандагони шадиди тадқиқоти таҷрибавӣ буда, ба илми таҷрибавӣ, яъне химия замина гузошта, чунин навиштааст: «Агар ту хоҳӣ, ки кимиёгариро аз худ кунӣ, бояд корҳои таҷрибавиро бештар гузаронӣ» [2, с. 15]. Дониши ҳақиқӣ ва дақиқ, ба ақидаи Ҷобир ибни Хайён, дар асоси таҷриба ҳосил мешавад. Аз ин рӯ, ӯ чунин ёдрас намудааст: «Бузургии ҳар як кимиёгар на дар он аст, ки асарҳои навиштаи вай хоно бошанд, балки дар он аст, ки ӯ донишро бо роҳи таҷриба бояд ба даст оварда бошад». Ҷобир ибни Хайён аввалин муҳаққиқ ва кимиёдонест, ки пояи ибтидоии санъати химияро гузоштааст.

Дар асарҳои ба химия бахшидаи Ҷобир ибни Хайён асосан дар бораи моддаҳо ва роҳҳои кор карда баромадани онҳо, аз ҷумла усулҳои коркарди моддаҳо, ба мисли ҳалкунӣ, таҳшинкунӣ, софкорӣ, буғронӣ, тақтир ва амсоли онҳо маълумот дода шудааст. Олими дигари форсу тоҷик -Абубакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ дар асарҳои худ дар бораи тайёр намудани асбобҳои химиявӣ ва истифодаи онҳо, инчунин оид ба дар раванди омӯзиши фанни химия муҳим будани мавҷудияти лабораторияҳои химиявӣ маълумотҳои зиёде додааст. Лабораторияи ӯ бо асбобҳо, зарфҳо ва моддаҳои гуногуни химиявӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда буд. Дар соли 1948 олими англис Ҷ.Зингер дар бораи асбобҳои аз тарафи Закариёи Розӣ истифодабурдашуда чунин навишта буд: «Лабораторияи

англисии баъд аз ҳазор сол бавуҷудомада аз лабораторияи Розӣ он қадар ҳам фарқ намекард» [2, с.59].

Мазмун ва мундариҷаи таҷрибаҳои химиявӣ ба хонандагон имконият медиҳанд, ки маълумотҳои навро дар заминаи донишҳои андухтаашон ба даст оранд. Ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ боиси ташаккули тафаккури мантиқию эҷодии хонандагон мегардад. Аз ин лиҳоз, таҷрибаҳое, ки аз тарафи омӯзгор интихоб ва гузаронида мешаванд, бояд мазмун ва мундариҷаи ҷустуҷӯӣ, эҷодӣ ва татқиқотӣ дошта бошанд. Масалан, ба хонандагон чунин савол дода мешавад:

Саволи омӯзгор: Ҳангоми ба об таъсир кардани металли натрий, кадом модда ҳосил мешавад?

Посухи хонандагон ба савол чунин аст: ишқори натрий.

Ё худ саволи дигар: Ишқори ҳосилшударо чӣ тавр муайян кардан мумкин аст?

Ҷавоб: Ҳангоми таъсири фенолфталеин бо ишқори ҳосилшуда ранги бунафшро мегирад.

Ҳамин тавр, вобаста ба мазмуни таҷриба бо хонандагон саволу ҷавоб гузаронида, дониши онҳо мустаҳкам карда мешавад. Инчунин, хонандагон ҳангоми мушоҳида намудани раванди таҷрибаи химиявӣ маълумотҳои заруриро ба даст меоранд.

**Вазифаи асосии таҷрибаи намоишӣ аз инҳо иборат аст:**

1. фаҳмонидани моҳияти ҳодисаи химиявӣ;
2. ба хонандагон нишон додани моҳият ва вазифаи таҷҳизоти лабораторӣ (асбобҳо, дастгоҳҳо, зарфҳои химиявӣ, реактивҳо, мавод ва ғайра);
3. фаҳмондани роҳҳои иҷрои корҳои эксперименталӣ ва риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар лабораторияҳои химиявӣ.

Педагоги рус В.Н. Верховский талаботи эксперименти химиявии намоиширо бори аввал муайян кардааст, ки онҳо ба таври зайл арзёбӣ мешаванд:

1. ба ҳама дастрас бошанд;
2. дастрасии аёният;
3. аз нигоҳи техникӣ дуруст иҷро кардани таҷриба;
4. таъмини бехатарии муаллим ва хонандагон;
5. интихоби дурусти роҳу усулҳои гузаронидани таҷриба;
6. фаҳмондани моҳияти объект;
7. ташаккули шавқу завқ;
8. дурустии натиҷа;
9. кӯтоҳмуддатӣ;
10. тарбияи эстетикӣ;
11. техникаи одии иҷрои кор;
12. Тайёрии пешакӣ барои гузаронидани таҷриба.

Таҷрибаи химиявии намоишӣ имкон медиҳад, ки бо намуди зоҳирии объекти химиявӣ ва моҳияти он шинос шавем. Агар хонандагон хосиятҳои алоҳидаи тачрибаи лабораторӣ ва таҷҳизоти химиявиро омӯзанд, он гоҳ самтҳои гуногуни чунин машғулиятҳоро бо пуррагӣ меомӯзанд. Агар тачрибаҳои химиявӣ аз ҷониби худи муаллим гузаронида шаванд, дар ин маврид хонандагон мазмуни онҳоро хуб

дарк намекунанд. Аз ин рӯ, аз тарафи хонандагон ба таври мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ натиҷаи хуб медиҳад.

Мувофиқи талаботҳои барномаи таълимии фанни химияи мактаби миёна дар раванди омодагӣ ва гузаронидани таҷрибаҳо, хонандагон бояд бо моддаҳои химиявӣ (оксидҳо, кислотаҳо, ишқорҳо, намакҳо ва ғайраҳо), ҳолатҳои агрегатӣ, гармӣ, сардӣ ва ҳатто тамъи онҳо, яъне қанд, глюкоза, крахмал, глитсерин шиносоӣ пайдо намоянд. Масалан, хонандагон крахмалро дар байни ангуштонашон соиш дода, лағжонакии онро ҳис менамоянд. Ин амал нишон медиҳад, ки хонандагон дар рафти иҷрои корҳои лабораторӣ дар бисёр мавридҳо ба воситаи узвҳои ҳиссиёти худ, дар бораи ранг, бӯй ва тамъи моддаҳои химиявӣ низ маълумотҳои зарурӣ пайдо менамоянд.

Дар заминаи гузаронидани корҳои лабораторӣ дар ниҳоди хонандагон маҳорату малакаи шиносоӣ ва салоҳияти кор бо реактивҳо ва асбобҳои химиявӣ ташаккул меёбад. Ҳангоми ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ хонандагон бо сохт ва хосиятҳои моддаҳои газшакл, моеъ ва сахт шиносоӣ пайдо намуда, дар бораи фарқияти онҳо, маълумот пайдо менамоянд. Барои гузаронидани кор хонандагон, пеш аз ҳама, аз рӯйи расми дар китоби дарсӣ пешниҳодшуда асбобҳои аёнӣ тайёр намуда, таҷҳизотҳоро барои гузаронидани таҷриба омода менамоянд. Дар ин ҳолат хонандагон роҳу усулҳои ҳалли масъалаҳои таҷрибавиро дарк ва аз худ менамоянд.

Дар раванди таълими химия гузаронидани корҳои амалӣ низ хеле муфид мебошад. Корҳои амалиро, одатан, баъди анҷоми як ё якчанд мавзуъи барномаи таълимӣ гузаронидан мумкин аст. Ташкил ва гузаронидани корҳои амалӣ боиси ташаккули маҳорат, малака, донишандӯзӣ ва фаъолияти илмию эҷодии хонандагон мегардад. Масалан, агар дар машғулиятҳои лабораторӣ хонандагон танҳо бо як усули оксидшавии спиртҳо (бо ёрии перманганати калий) шиносоӣ пайдо намуда бошанд, пас дар вақти иҷрои корҳои амалӣ бо усули бо дихромати калий оксид кардани онҳо низ шинос шуда метавонанд. Гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ба хонандагон барои аз худ намудани маълумотҳои нав мусоидат мекунад [3, с.129, 4, 5с. 35-42]. Бо ин мақсад ба муаллим лозим меояд, ки масъалаҳоеро интихоб намояд, ки хонандагон роҳҳои мустақилона ҳал намудани онҳоро эҷодкорона ҷустуҷӯ намоянд. Ёдрас мешавем, ки машғулиятҳои амалӣ бо ҳамдигар зич алоқаманд мебошанд, аз ҷумла мавзуъҳои исбот намудани алоқаи генетикии моддаҳои органикӣ, синтези кислотаҳои органикӣ, бензол, нитробензол, анилин, оксидонидани спирт то алдегид, алдегид то кислота, синтези эфирҳои гуногун ва ғайра. Дар ҷараёни омӯзиши фанни химия аз тарафи хонандагон салоҳияти мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ яке аз муҳимтарин шаклҳои судманди таълим ба ҳисоб рафта, боиси ташаккулёбии фаъолияти ҷустуҷӯӣ, эҷодӣ ва тадқиқотии онҳо мегардад. Ташкил ва иҷрои корҳои мустақилонаи хонандагон, пеш аз ҳама, ба мазмуни маводи таълимӣ ва ба шароитҳои зерин вобаста аст [15, с. 64-69]:

- тайёрии пешакии хонандагон (кор бо китоби дарсӣ дар хона);
- мушоҳидаи таҷрибаи химиявӣ ва хулосабарорӣ (дар вақти дарс);

- истифодаи китоб ва дастурҳое, ки муаллим вобаста ба корҳои таҷрибавӣ тавсия медиҳад;

- омӯхтани моддаҳое, ки ба як синф тааллуқ доранд, санҷидану ба ҳам муқоиса кардани хосияти моддаҳо.

Таҷрибахои намоишӣ то дараҷаи муайян ҳамаи вазифаҳои таҷрибаҳои химиявиро ҳал намуда, воситаи асосии мустаҳкам намудани дониши назариявии хонандагон ба ҳисоб мераванд [5, с. 214-217; 6, с.59; 13, 145-149].

Барои муайян кардани мавқеи таҷрибаҳои намоишӣ дар таълими химия истифодаи дастури методии Л.А. Светков муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин дастур ба гузаронидани дарсҳои амалию лабораторӣ диққати махсус дода шудааст.

Дар асоси ин дастур тартиби гузаронидани таҷрибаҳоро чунин пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Баъзе аз масъалаҳо пеш аз оғози таҷриба бояд бо ҳамроҳии хонандагон ҳаллу фасл карда шаванд, то ки дар вақти гузаронидани таҷриба хонандагон ба он такя намуда, бо мақсад ва нақшаи таҷриба шинос шаванд.

2. Хонандагон бояд барои фаҳмидани ҳодисаҳои химиявӣ дониши омӯхтаашонро истифода бурда, хулосаи дуруст бароварда тавонанд.

3. Хонандагон бояд қисматҳои алоҳидаи асбоберо, ки дар он реаксияҳои химиявӣ мегузарад, инчунин бо хосиятҳои моддаҳои ба реаксия дохилшаванда шиносоӣ пайдо намуда, дар асоси мушоҳидаҳо пас ба охир расидани реаксияҳои химиявӣ доир ба ҳосил шудани моддаи нав хулоса бароранд.

4. Нақли муаллим дар вақти намоиш додани таҷриба бояд бо ҳодисаҳои рӯйдиҳанда алоқамандии зич дошта бошад.

5. Дар вақти гузаронидани таҷрибаҳои намоишӣ муаллим бояд иштироки фаъолонаи хонандагонро таъмин намояд. Дар ин кор тартиби муайяни саволҳои ба таҷрибаҳо алоқаманд ёрӣ расонида метавонад.

Ҳамин тавр, агар ҳар як намуди таҷрибаи химиявӣ дар алоқамандӣ ва бамаврид истифода гардад, он ҳамчун усули пешқадам татбиқ гардида, дар хонандагон салоҳияти аз худ намудани маводи таълимӣ ва шавқу ҳавас нисбати омӯзиши фанни химия пайдо мегардад. Дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ савияи дониши хонандагон боз ҳам баландтар шуда, фанни химияро хубтар аз худ менамоянд. Ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ, мустақилона, амалӣ ба ташаккули равияи илмӣ - назариявӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон таъсири мусбӣ мерасонад. Ба муаллимон лозим аст, ки аз рӯйи барномаи таълимии химияи мактабӣ ба таҷрибаҳои намоишӣ, корҳои лабораторию амалӣ шинос шуда, тарзи кор бо асбобу таҷҳизотро аз худ намоянд, барои гузаронидани таҷрибаҳо омодагӣ бинанд, донишу маҳорат ва малакаи ташкил ва гузаронидани онро баланд бардоранд [7, с.322; 8, 245, 14, с.123-129].

**Муқарриз: Ахмедова М.-н.и.п., дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ

1. Грабецкий А.А. Использование учебного оборудования на уроках химии / А.А. Грабецкий и др. - М.: Просвещение, 1988. -160с.
2. Зубайдов У. Химия Китоби дарси барои синфи 8 / У.Зубайдов, Ҳ.Иброҳимов, А.Тошев, А.Азизов, С.Ҳакимхоҷаев, Ҳ.Иброҳимов ва дигарон. –Душанбе: Маориф, 2015. - 263.с.

3. Зубайдов У.З. Корҳои амалӣ аз химия барои синфҳои VIII-IX / У.З. Зубайдов ва диг. –Душанбе: Маориф, 1994.
4. Зуева М.В. Обучение учащихся применению знаний на уроках химии / М.В. Зуева. - М., 1987. - 144с.
5. Иванов В.Г. Практикум по органической химии / В.Г.Иванов, О.Н. Гева, Ю.Г. Гаверова. - М., 2002. -288с.
6. Кузнецов Н.Е. Методика преподавания химии / Н.Е. Кузнецов и др. -М.: Просвещение, 1984. - 415 с.
7. Кузнецова Н. Е. Методика преподавания химии: [Учеб. пособие для пед. ин-тов по хим. и биол. спец. / Н. Е. Кузнецова, В. П. Гарпунов, Д. П. Ерыгин и др.]. Под ред. Н. Е. Кузнецовой. - М.: Просвещение, 1984. - 415 с.
8. Мария С. Пак Теория и методика обучения химии: учебник для вузов /М. С. Пак. – СПб: Изд-во РГПУ им. А. И. Герцена, 2015. – 306 с
9. Назарова Т.С. и др. Химический эксперимент в школе / Т.С. Назарова и др. -М.: Просвещение, 1987. (Б-ка учителя химии)
10. Парменов К.Я. Химический эксперимент в средней школе / К.Я. Парменов. - М.: АНИ РСФСР, 1959. -360с.
11. Платонов, Ф. П. Практикум по неорганической химии. Учебное пособие / Ф. П. Платонов. - 3-е изд., перераб. и доп. - М.: Высшая школа, 1985. 255с
12. Полосин B.C. Школьный эксперимент, но неорганической химии / B.C. Полосин. - М.: Просвещение, 1970. - 331с.
13. Цветков Л.А. Органическая химия. Учебник для 10-11 классов. Учебное пособие-практикум / Л.А. Цветков. Издательство Владос, 2017г. -272 с.
14. Зубайдов У. Методикаи таълими химия. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / У.Зубайдов, С.Холназаров. - Душанбе, 2011. -372 с.
15. Чернобельская Г.М. Методика обучения химии в средней школе / Г.М. Чернобельская. - М.: Ваадос, 2000. - 336с.

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ТАЪЛИМИИ ХОНАНДАГОН АЗ ФАННИ ХИМИЯ БО ИСТИФОДА АЗ ТАҶРИБАҲОИ НАМОИШӢ

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба ташаккули салоҳияти таълимии хонандагон бо истифода аз таҷрибаҳои намоишӣ дар омӯзиши фанни химия дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маълумот оварда шудааст. Барои дуруст ба роҳ мондани раванди таълими фанни химия, роҳҳои гуногуни ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои намоишӣ дар дарс пешниҳод гардидаанд. Зикр шудааст, ки ҳангоми гузаронидани корҳои амалӣ, таҷрибаҳои намоишӣ он донишҳое, ки ба тариқи назариявӣ хонандагон аз худ карда буданд, боз мустаҳкамтар гардида, шавқу ҳаваси хонандагон нисбати фанни химия зиёд гашта, сатҳу сифати донишандӯзии онҳо баланд бардошта мешавад. Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ хонандагон, инчунин бо тарзи истеҳсоли моддаҳои химиявӣ, хосияти модда, қоидаи техникаи бехатарӣ ҳангоми кор дар лабораторияи химиявӣ ва техникаи гузаронидани таҷрибаҳои намоишӣ шинос мешаванд. Исбот карда шудааст, ки истифодаи самараноки таҷрибаҳои намоишӣ аз фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, яке аз усулҳои ҳавасмандгардонии маърифатии хонандагон маҳсуб ёфта, ба ташаккули салоҳияти таълимӣ, тафаккури илмӣ, эҷодкорӣ, таҳаммулпазирӣ, матонат ва дигар хусусиятҳо мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** таҷрибаҳои химиявӣ, малака, маҳорат, таҷрибаи намоишӣ, мушоҳида, самтҳои тарбия, тарбияи меҳнатӣ, ташаккули маърифатӣ, ташаккули салоҳиятнокӣ, эҳсосот, ҷаҳонбинӣ, диққат, хотирот, тафаккур.

## РАЗВИТИЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧЕНИКОВ ПО ХИМИИ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ДЕМОНСТРАЦИОННОГО ОПЫТА

